2. Досиев М. Н. Особенности формирования и развития экологического предпринимательства, Дис. …канд. эконом. наук.: 08.00.05/ М. Н. Досиев; Душанбе,2019. – 168с
3. Досиев М. Н. Ташкил ва рушди соҳибкории экологӣ дар заминаи принсипи иқтисоди «сабз», [Текст] /М. Н. Досиев, Вестник, Государственное управление 2022 / №1 (55) Научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе 2022, с. 51-57
4. Закона Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» [Текст] // Постановление Правительства Республики Таджикистан Дешанбе-2011, №760
5. Закон Республике Таджикистан «Об экологической экспертизе» [Текст] // Постановление Правительства Республики Таджикистан от 22 апреля 2003 г., №20.
6. Закон Республики Таджикистан «Об экологическом аудите» [Текст] /[Текст] // Постановление Правительства Республики Таджикистан –Душанбе, 2011 г.
7. Кочигин, Н.В. Предпринимательская деятельность в целях охраны окружающей среды [Текст] / Н.В. Кочигин. –М., 2006. –С.8.
8. Мазурова, О.Г. [Текст] / О.Г. Мазурова // Автореф. дисс. …канд. экон. наук. - Санкт-Петербург, 2013. -24 с.
9. Очирова, Е.Л. Экономические и экологические аспекты устойчивого развития современной экономики [Текст] / Е.Д. Очирова. –Иркутск, 2009. –С.15-16.
10. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан (Электронный ресурс): http //http //www.prezident.tj (Accessed 20 Sept.2012).
11. Эшов, Д.К. Государственная поддержка развития малого предпринимательства [Текст] / Д.К. Эшов // Автореф. дисс. … канд. экон. наук. –Душанбе, 2006. –С.13-15.
12. Шоев, Н.Н. Инновационные воспитательно-образовательные технологии в контексте подготовки специалистов новой формации в высшей школе [Текст] / Н.Н. Шоев. –Душанбе, 2017. -С.288-294.

## РУШДИ ШАКЛҲОИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ ВА ДАСТГИРИИ СОҲИБКОРИИ ЭКОЛОГӢ

**ДОСИЕВ МАҲМАДШОҲ НАЗАРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-11-96-48. E.mail: dostiev68@mail.ru

*Дар мақола рушди шаклҳои танзими давлатӣ ва дастгирии соҳибкории экологӣ баррасӣ карда шудааст. Таъкид карда шудааст, ки мушкилоти ташаккул ва таъмини рушди устувор, ки нахуст аз талаботи аҳолӣ зоҳир гардида, яке аз вазифаҳои давлат ба шумор меравад, дар ҷаҳони муосир ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисод ва соҳибкорӣ мебошад. Бесабаб нест, ки*

*ходимони сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, иқтисоддонон ақидаҳои худро дар бораи зарурияти афзоиши иқтисоди «сабз», гузариши пай дар пай ба иқтисодиёти «сабз» ё экологӣ баён кардаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди устувор, соҳибкории экологӣ, сиёсати экологӣ, пардохтҳои экологӣ, ангезаҳои экологӣ, амнияти экологӣ, вазъи экологӣ, танзими давлатӣ, дастгирии давлатӣ, танзими рушди экологӣ ва иқтисодӣ.*

## DEVELOPMENT OF FORMS OF STATE REGULATION AND SUPPORT OF ENVIRONMENTAL ENTREPRENEURSHIP

**DOSIEV MAKHMADSHOKH NAZAROVICH,**
Candidate in Economic sciences, Associate Professor, Head of the Financial Management Department Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 918-11-96-48. E.mail: dostiev68@mail.ru

*The article presents the development of forms of state regulation and support of environmental entrepreneurship. It is emphasized that the problem of forming and ensuring sustainable development, which manifests itself initially from the needs of the population and is one of the functions of the state, in the modern world is an integral part of the economy and entrepreneurship. It is not in vain that political and public figures, economists have outlined the thesis about the necessary urgency of "green" economic growth, a consistent transition to a "green" or ecological economy.*

***Key words:*** *sustainable development, environmental entrepreneurship, environmental policy, environmental payments, environmental incentives, environmental safety, environmental situation, state regulation, state support, regulation of environmental and economic development.*

УДК: 004.75

# FASE CONTROLS: ЧӢ ГУНА ТЕХНОЛОГИЯИ ШИНОХТИ ЧЕҲРА ҶАҲОНРО ТАҒЙИР МЕДИҲАД

**ҚУРБОНОВ МАҲМАРАСУЛ АБДУҚОДИРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
сардори шуъбаи хизматрасонии техникӣ ва коммуникатсионии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 936-00-01-86. E-mail: kmahmarasul@gmail.com
**КЕНҶАЕВ АБДУРАСУЛ САИДАХТАМОВИЧ,**
мутахассиси пешбари шуъбаи хизматрасонии техникӣ ва коммуникатсионии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 934-76-15-15. E-mail: jeki102011@gmail.com
**САНГОВА ЛОЛА ФАЙЗУЛЛОЕВНА,**
мутахассиси шуъбаи хизматрасонии техникӣ ва коммуникатсионии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 556-00-03-83. E-mail: lolosangova@gmail.com

*Ба касе пӯшида нест, ки технологияи компютерӣ дар асри XXI хеле босуръат рушд карда истодааст. Истеҳсолкунандагони пешбари кишварҳои маъруфи ҷаҳон аз рақобати доимӣ дар истеҳсолоти таҷҳизотҳои навтарин хаста намешаванд. Дар мақола хусусиятҳои таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ дар ибтидои асри XXI, марҳилаҳои рушди технологияҳои иттилоотӣ, истифодаи технологияи нав дар раванди идоракунии кормандон, технологияи шинохти чеҳра, рушди технологияи шинохти чеҳра: таҷрибаи ҷаҳонӣ, таҳияҳои маҳсулотҳои гуногун аз ҷониби IT –ширкатҳои бузург ва чӣ тавр технологияи шинохти чеҳра дар соҳаҳои гуногун истифода мешаванд, баррасӣ шудааст.*

***Калидвожаҳо**: иттилоот, хизматрасонӣ, марҳила, технологияи компютерӣ, иттилооти биометрӣ, шабакаи иҷтимоӣ, идоракунии кадрӣ, технологияи шинохти чеҳра, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.*

Технологияи иттилоотӣ имрӯз ҳамчун таҷҳизоти воқеии компютерӣ, нармафзори онҳо, инчунин пойгоҳи додаҳо ва шабакаҳои бузурги иттилоотӣ фаҳмида мешавад. Қайди охиринро ноқилҳои оптикӣ, моҳвораҳо таъмин менамоянд ва маҳз самти мазкурро метавон дастовардҳои ҷаҳонӣ, пешрафти илмию техникӣ, рақамикунонии соҳаҳо номид. Дар низомҳои ҳозиразамони иттилоотӣ - ҳарбӣ, кайҳон мавқеи муҳимро мебозад.

Марҳилаҳои рушди технологияҳои иттилоотӣ[3]:

- Марҳилаи якум (то нимаи дуюми асри XIX). Технологияи иттилоотии “Дастӣ”, асбобҳои он: қалам, китоб. Иртиботи дастӣ бо роҳи интиқоли мактубҳо, бастаҳо, фиристодан тавассути почта анҷом дода мешуд;
- Марҳилаи дуюм (аз охири асри XIX). Технологияи “Механикӣ”, ки ба воситаи асбобҳои мукаммалтар ҷиҳозонидани интиқоли иттилоот машинкаҳо, телефонҳо, магнитофон амалӣ карда мешуд;
- Марҳилаи сеюм (солҳои 40-60-уми асри XX). Технологияи “Электрикӣ”, ки асбобҳои он: компютерҳои калон ва нармафзори марбут ба он, таҷҳизотҳои ҳуруфчинии барқӣ, нусхабардорӣ, магнитофонҳои сайёр буданд;
- Марҳилаи чорум (аз аввали солҳои 70-ум). Технологияи “Электронӣ”, ки асбобҳои он: таҷҳизотҳои ҳисоббарори калон, системаҳои худкори идоракунӣ ва

системаҳои ҷустуҷӯи иттилоотӣ мебошанд, ки бо доираи васеи системаҳои барномавии асосӣ ва махсус ҷиҳозонида шудаанд;

- Марҳилаи панҷум (аз миёнаҳои солҳои 80-ум). Технологияи "Компютерӣ" - компютери фардӣ дар доираи васеи маҳсулоти нармафзор барои истифодаи мақсадҳои гуногун мебошад. Раванди фардикунонии системаҳои худкори идоракунӣ вуҷуд дорад, ки дар ташкили системаҳои дастгирии қарорҳо аз ҷониби мутахассисони муайян зоҳир мешавад. Системаҳо дорои унсурҳои дохилии таҳлил ва зеҳни сунъӣ мебошанд, ки дар компютери шахсӣ амалӣ карда мешаванд;
- Марҳилаи шашум (аз миёнаҳои солҳои 90-ум). Технологияи "Шабакавӣ" - ин маҷмӯи мувофиқашудаи протоколҳои стандартӣ ва нармафзору сахтафзорест, ки онҳоро амалӣ мекунад (масалан, адаптерҳои шабакавӣ, драйверҳо, ноқилҳо ва пайвасткунакҳо), ки барои сохтани шабакаи компютерӣ кифоя аст. Шабакаҳои компютерии глобалӣ ва маҳаллӣ дар соҳаҳои гуногун ба таври васеъ истифода мешаванд ва пешгӯӣ мешавад, ки вай дар ояндаи наздик бо сабаби маъруфияти муассиси худ - шабакаи ҷаҳонии компютерии Интернет, босуръат афзоиш хоҳад ёфт.
- Марҳилаи ҳафтум (аз соли 2000-ум). Техналогияи "Иттилоотӣ" - технологияи иттилоотӣ ҷузъи муҳими раванди истифодаи захираҳои иттилоотии ҷомеа мебошад. То имрӯз вай якчанд марҳалаҳои рушдро тай намудааст, ки тағйирёбии онҳоро асосан бо инкишофи рушди илмию техникӣ, ба вуҷуд омадани воситаҳои нави техникии коркарди иттилоот муайян мекард;
- Марҳилаи навбатӣ (аз соли 2020-ум). "Рақамикунонӣ"- аз ҷумла, нерӯи зеҳнии инсонӣ мебошад. Ин дониши коршиносонест, ки ба матритсаи иттилооти рақамӣ ворид карда мешавад ва дар асоси алгоритмҳои махсуси идоракунии ҳайати роҳбарият корбарӣ мешавад (масалан: китобхонаҳои бугурзи электронӣ, марказҳои оморӣ, рақамикунонии соҳаҳою истеҳсолот, камераҳои назоратӣ, шаҳри бехатар, маркази миллии тестӣ, худкорсозии раванди таълим, таҳсилоти фосилавӣ, корҳои фосилавӣ дар ширкатҳои хориҷӣ ва ғайра).

Дар ҷомеаи имрӯза, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ барои худкорсозии соҳаҳо, ба монанди логистика, баҳисобгирӣ, истеҳсолӣ яке аз шартҳои пешбурди соҳаи тиҷорат мебошад, ки афзоиши меҳнатро тавассути суръатбахшии ҷараёни кор метезонад. Дар ҷаҳони муосир накши технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои коркард, интиқол ва ҷамъоварии иттилоот бебаҳо мебошад. Воситаҳои илми компютерӣ ва технологияҳои компютерӣ ҳоло бештар иқтидори илмию техникии кишвар, сатҳи рушди иқтисодиёти миллии он, тарзи ҳаёт ва фаъолияти инсонро муайян менамояд.

Идоракунии кадрҳо яке аз ҷузъҳои асосии идоракунии муосир буда, фаъолияти амалие мебошад, ки ба таъмини корхона бо кадрҳои соҳибихтисос, ки қобилияти сифатан иҷро кардани вазифаҳои меҳнатии ба он гузоштащуда ва истифодаи оптималии кормандонро дорад. Идоракунии кадрҳо бояд системавӣ бошад, яъне ба ҳама самтҳои ташаккул ва танзими кадрҳои муассиса муносибати ҳамоҳангшуда зарур аст: интихоби дурусти кадрҳо, ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда, таълим ва такмили ихтисос, интихоб ва ба кор таъмин намудан. Вазифаи асосии идоракунии кадрҳо самараноктар истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ мебошад. Бояд қайд намуд, ки идоракунии кадрҳо маҷмӯи усулҳои таъсиррасонӣ ба кормандони ташкилот бо мақсади ноил шудан ба муваффақияти ширкат ва фаъолияти самараноки он мебошад [2].

Зарурати муошırати инсон бо одамони гирду атроф, яъне баён ва интиқоли иттилоот боиси пайдоиши забон гардида дар қадами навбатӣ ихтирои хат, китобхонаҳо, матбаа, почта, телеграф, телефон, радио, телевизион ва ниҳоят, компютерҳо ва интернет пайдо шуд. Истифодаи васеъи компютерҳо ба инсон имкониятҳои нави ҷустуҷӯ, қабул, ҷамъоварӣ, интиқол ва муҳимтар аз ҳама коркарди иттилоотро фароҳам овард. Дар ибтидо компютер ҳамчун воситаи худкорсозии ҳисобҳо офарида шуда буд. Аммо тадриҷан ба иқтидори ҳисоббарории он вазифаҳои қариб ҳамаи воситаҳои қаблии иртибот илова шуда, онро ба воситаи асосии бунёди ҷомеаи муосири иттилоотӣ табдил доданд. Инҳо нармафзорҳои баҳисобгирии кадрҳо, музди меҳнат, қабул, аттестатсия, санҷиш, идоракунии маҷмӯи ҷубронпулӣ, арзёбӣ, омӯзиш, рушд ва ҳавасмандкунии кормандон мебошанд. Ин ба пешравии касбии кормандон, рушди низоми ҳавасмандгардонии меҳнат, пешгирии мунокишаҳои эҳтимолӣ ва омӯзиши бозори меҳнат мусоидат мекунад.

Дар замони муосир истифодаи технологияи нав дар раванди идоракунии кормандон аз ҷумла камераҳои назоратӣ ва назорат ба воситаи технологияи шинохти чеҳра (facecontrol) нақши муҳим доранд. Бо истифода аз таҷҳизотҳои номбурда мо метавонем ба сифати олии кори идоракунии кормандон ноил гардем [4].

Иттилооти биометрӣ барои муайян намудан ва тасдиқ кардани шахс тавассути маҷмӯи маълумоти шинохташаванда, ки ба шахси мушаххас хос аст, истифода мешавад. Низоми худкори технологияи шинохти чеҳра дар тӯли чанд сония аз рӯи хусусиятҳои чеҳра - шахсиятро муайян менамояд (агар дар система ба қайд гирифта бошад): масофаи байни чашмҳо, контури лабҳо, манаҳ ва ғайра шинохт ё тасдиқ менамояд (Расми 1).




***Расми 1.*** *Принсипи кории технологияи шинохти чеҳра*

Дар мавриди технологияи биометрии чеҳра, сенсори 2D ё 3D чеҳраи шахсро скан (Сканкунӣ- ин табдил додани иттилооти объектҳои гуногун ба формат (шакл)-и рақамӣ бо хондан ва ёддошт мебошад) менамояд. Он гоҳ иттилооти гирифташударо ба иттилооти рақамӣ табдил медиҳад. Пас аз ин, алгоритми махсус тасвири сканшударо бо тасвирҳое, ки дар пойгоҳи додаҳо нигоҳ дошта мешаванд, муқоиса менамояд.

Ҳамин тавр, соҳибони баъзе моделҳои телефонҳои мобилӣ аллакай бо технологияи шинохти чеҳра дар шакли опсияи Face ID, ки дар смартфон сохта шудааст, шинос шуданд.

*Рушди технологияи шинохти чеҳра: таҷрибаи ҷаҳонӣ*

Агар мо дар бораи рушди пешрафтҳо бо ҷорӣ намудани технологияи шинохти чеҳра сухан ронем, афзоиши босуръати соҳаро дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором қайд намудан лозим аст. Бо вуҷуди ин, ИМА дар айни замон бузургтарин бозори чунин

системаҳои мушаххаси биометриро пешниҳод менамояд. Ҳиндустон ва Чин низ дар ин соҳа пешсафанд [7].

Аз ҷумла, Чин системаи назорати видеоиро дар саросари кишвар таҳия ва густариш медиҳад. Дар Чин то охири соли 2017, 176 миллион камераҳои назоратӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода мешуданд. Интизор меравад, ки то охирҳои соли 2023 теъдоди ин дастгоҳҳо ба 626 миллион адад афзоиш ёбад.

Дар Ҳиндустон лоиҳаи Aadhaar бузургтарин пойгоҳи биометрӣ дар ҷаҳон аст, ки 1,2 миллиард корбари сабти номшуда дорад. Ҳамин тавр, аз 1 марти соли 2018 Агентии ягонаи мушаххаскунии Ҳиндустон (UIDAI) ният дошт рақамҳои виртуалии Aadhaar-ро ҷорӣ намояд, ки аз 16 рақам иборат аст. Аммо ин ҳалли масъала ҳанӯз амалӣ нашудааст: дар айни замон баҳсҳо дар атрофи ин навъи сабти шаҳрвандон идома доранд [6] (Расми 2 ва 3).




***Расми 2.*** *Бузургтарин лоиҳаи пойгоҳи биометрии Aadhaar дар Ҳиндустон*




***Расми 2.*** *Натиҷаи кори лоиҳаи пойгоҳи биометрии Aadhaar дар Ҳиндустон*

Дар Бразилия бошад, додгоҳи олии интихоботии ин кишвар дар як лоиҳаи умумимиллӣ оид ба ҷамъоварии маълумоти биометрӣ аз сокинони кишвар оғоз менамояд. Ҳадафи ин иқдом то охири соли 2023 ҷамъоварӣ намудани пойгоҳи биометрӣ ва сабти номи 140 миллион шаҳрвандон дар он аст.

*Таҳияҳои маҳсулотҳои гуногун аз ҷониби IT –ширкатҳои бузург*

Соли 2014 шабакаи иҷтимоии Facebook оғози истифодабарии функсияи DeepFace-ро эълон намуд. Ин хидматрасонӣ метавонад муайян намояд, ки оё ду чеҳраи акс ба як шахс тааллуқ доранд ё на, бо дақиқии 97,25% функсияи мазкур натиҷа дод. Аммо, вақте

ки одамон ин санҷишро супориданд, онҳо 97,53% ҷавобҳои дуруст доданд, ки нисбат ба барномаи Facebook 0,28% беҳтар аст.

Дар моҳи июни соли 2015 Google системаи нави шинохти чеҳраро бо номи FaceNet муаррифӣ кард. Хизматрасонии мазкур ба натиҷаи беҳамто ноил шуд, санҷиши дар Wild Face Detected бо дақиқии 100% ва дар пойгоҳи додаҳои YouTube Faces бо дақиқии 95% комёб гардид. Ҳамин тавр, бо истифода аз шабакаи нейронӣ ва алгоритми нав, барномаи ширкати Mountain View тавонист, чеҳраи тасвирро бо соҳиби аслиаш комилан мувофиқ созад [5].

Аз ҷумла, FaceNet дар хидматрасонии Google Photos низ ҷорӣ карда шудааст: хизматрасони метавонад аз рӯйи сурат маълумотҳоро ҷустуҷӯ менамояд (Расми 3).




***Расми 3.*** *Хидматрасонии Google Photos-и низоми ҷустуҷӯи Google*

Ширкати амрикоии фурӯши онлайнии Amazon, дар моҳи майи соли 2018 хабар дод, ки фаъолкунии хидматрасонии шинохти чеҳраи абрии худ бо номи Rekognition ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шурӯъ кардааст. Ин барнома имконият дорад тақрибан 100 нафарро дар як тасвир, ҳамчунин чеҳраи онҳоро бо даҳҳо миллион чеҳра дар пойгоҳи додаҳои гуногун муқоиса намояд (Расми 4).




***Расми 4.*** *Хидматрасонии шинохти чеҳраи абрии Rekognition дар ширкати Amazon*

*Чӣ тавр технологияи шинохти чеҳра дар соҳаҳои гуногун истифода мешаванд*

Амният - мақомоти ҳифзи ҳуқуқ

Бо афзоиши фаъолият дар мубориза бо ҷинояткорӣ ва терроризм, ин соҳа дар татбиқи технологияи шинохти чеҳра дар ҷои аввал меистад. Бартарии ин низом дар ошкор ва пешгирии ҷиноятҳо натиҷаи хуб дода истодааст [1, с.56].

Технологияи шинохти чеҳра ҳангоми додани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият истифода мешавад ва инчунин аксар вақт дар якҷоягӣ бо дигар технологияҳои биометрӣ, ба монанди шинохти изи ангушт истифода мешавад.

Технологияи мазкур дар фурудгоҳҳо ҳангоми гузаштан аз гумрук барои муқоисаи маълумотҳои биометрӣ шиноснома бо чеҳраи соҳиби он низ истифода мешавад. Масалан, дар соли 2017 ширкати амнияти рақамии Gemalto дар фурудгоҳи Шарлз де Голли Париж системаи нави назоратро дар асоси технологияи шинохти чеҳра ҷорӣ намудааст. Системаи мазкур гузаришро аз сканкунии изи ангушти пештара ба технологияи шинохти чеҳра мегузаронад.

Технологияи шинохти чеҳра аксар вақт аз ҷониби полис истифода мешавад, дар ҳоле ки дар Аврупо истифодаи он ба таври қатъӣ назорат карда мешавад. Дар соли 2016 "Марди кулоҳпӯш"-е, ки дар содир кардани силсила ҳамлаҳои террористӣ дар Брюссел муттаҳам мешуд, ба шарофати нармафзори ҳамгирошудаи FBI барои шинохти чеҳра дастгир мегардад.

Барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Чин, айнакҳои махсусро дар асоси технологияҳои online ва шинохти чеҳра таҳия кардаанд. Ба ин тартиб, айнакҳои интеллектуалӣ метавонанд тавассути мувофиқ кардани шахс ба махзани маълумотҳои ҷинояткорон, ҳамлагаронро муайян намоянд (Расми 5).




***Расми 5**. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Чин бо айнакҳои махсус дар асоси технологияҳои online ва шинохти чеҳра*

Барои татбиқи технологияи шинохти чеҳра дар беъзе давлатҳо  дронҳо бо камераҳои ҳавоӣ низ истифода мешаванд. Масалан, дар чорабиниҳои калон ва гирдиҳамоиҳо. Тибқи иттилои Keesing Journal of Documents and Identity дар моҳи июни соли 2018 баъзе дронҳо камераҳои 10 кг-ро бардошт намуданд, ки ҷинояткори эҳтимолиро дар масофаи 800 метр аз баландии 100 метр муайян мекунанд.

Хулоса, технологияи шинохти чеҳра дар оянда мушкилотҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, раёсатҳои кадрӣ барои идора намудани речаи корӣ, қайди омаду рафт, муайян намудани шахсият, гузаргоҳҳои гумрукӣ, муқоисаҳои шиносномаҳои биометрӣ ва ғайраро осон менамояд, вале баъзе масъалаҳои ҳифзи иттилоотро дар хатар мегузорад.

**Адабиёт**

1. Абламейко С.В., Лагуновский Д.М. Обработка изображений: технология, методы, применение/ С.В.Абламейко, Д.М.Лагуновский. – Минск: Ин-т техн. кибернетики НАН, 2000. – 304 с.
2. Буриев Б.М., Курбонов М.А. Рынок информационных услуг и развитие предпринимательства/ Б.М.Буриев, М.А.Курбонов // Вестник Педагогического университета. 2015. № 5-2 (66). -С. 107-110.
3. Курбонов М.А., Исматуллои Ш. Таъсирбахшии истифодаи технологияи иттилоотӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ (дар мисоли мавзеъҳои таърихӣ ва сайёҳии минтақаи Суғд)/ М.А.Курбонов, Ш.Исматуллои// Идоракунии давлатӣ. 2020. № 2 (46). -С. 175-181.
4. Курбонов М.А., Исматуллои Ш. Теоретические основы оказания бытовых услуг населению в условиях перехода к цифровой экономике/ М.А.Курбонов, Ш.Исматуллои// Государственное управление. 2021. № 4-2 (54). С. 23-33.
5. Кухарев, Каменская, Матвеев: Методы обработки и распознавания изображений лиц в задачах биометрии [Захираи электронӣ]. –Речаи вуруд: https://www.labirint.ru/books/444212/ (Санаи мурочиат: 26.03.2023)
6. Самый большой социальный проект в мире [Захираи электронӣ]. – Речаи вуруд: https://habr.com/ru/articles/356460/ (санаи мурочиат: 04.01.23)
7. Умный фейсконтроль: как технология распознавания лиц меняет мир [Захираи электронӣ]. – Речаи вуруд: https://psm7.com/technology/umnyj-fejskontrol-kak-texnologiya-raspoznavaniya-lic-menyaet-mir.html (санаи мурочиат: 26.03.23)

## FASE CONTROLS: КАК ТЕХНОЛОГИЯ РАСПОЗНАВАНИЯ ЛИЦ МЕНЯЕТ МИР

**КУРБОНОВ МАХМАРАСУЛ АБДУКОДИРОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент,
начальник отдела технических и коммуникационных услуг
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 936-00-01-86. E-mail: kmahmarasul@gmail.com
**КЕНДЖАЕВ АБДУРАСУЛ САИДАХТАМОВИЧ,**
ведущий специалист отдела технических и коммуникационных услуг
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 934-76-15-15. E-mail: jeki102011@gmail.com
**САНГОВА ЛОЛА ФАЙЗУЛЛОЕВНА,**
специалист отдела технических и коммуникационных услуг
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Насира, 33.
Тел.: (+992) 556-00-03-83. E-mail: lolosangova@gmail.com

*Не секрет, что компьютерные технологии в XXI веке развиваются очень быстро. Ведущие производители известных стран мира не устают от постоянной конкуренции в производстве новейшего оборудования. В статье рассматриваются особенности влияния информационно-компьютерных технологий в начале XXI века, этапы развития информационных технологий, использование новых технологий в процессе управления персоналом, технология распознавания лиц, также развитие технологии распознавания лиц: мировой опыт, разработка различных продуктов крупными ИТ-компаниями и то, как технология распознавания лиц используется в различных сферах.*

***Ключевые слова:*** *информация, защита, услуга, этап, компьютерные технологии, биометрическая информация, социальная сеть, управление персоналом, технология распознавания лиц, правоохранительные органы.*

# FACE CONTROLS: HOW FACE RECOGNITION TECHNOLOGY IS CHANGING THE WORLD

**KURBONOV MAHMARASUL ABDUKODIROVICH,**
Candidate of economic sciences, associate professor, head of the
department of technical and Communication Services of the
Academy of public adminstration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, S. Nosir str.
Phone.: (+992) 936-00-01-86. E-mail: kmahmarasul@gmail.com
**KENDZHAEV ABDURASUL SAIDAKHTAMOVICH,**
Leading Specialist of the Department of Technical and Communication Services of the
Academy of public adminstration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 934-76-15-15. E-mail: jeki102011@gmail.com
**SANGOVA LOLA FAYZULLOEVNA,**
Specialist of the department of technical and communication services of the
Academy of public adminstration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 556-00-03-83. E-mail: lolosangova@gmail.com

*It is no secret that computer technologies in the XXI century are developing very rapidly. Leading manufacturers of well-known countries of the world do not get tired of constant competition in the production of the latest equipment. The article discusses the features of the influence of information and computer technologies at the beginning of the 21st century, the stages of development of information technologies, the use of new technologies in the process of personnel management, face recognition technology, and the development of face recognition technology: world experience, the development of various products by large IT companies, and then, how facial recognition technology is used in various fields.*

***Key words:*** *information, protection, service, stage, computer technology, biometric information, social network, personnel management, face recognition technology, law enforcement agencies.*

**УДК: 338.436,33+339.9 (575.3)**

# ВАЗЪИ БОЗОРИ ОЗУҚАВОРИИ МИНТАҚАВӢ АЗ МАВҚЕИ АГРОМАРКЕТИНГ

**ОДИНАЕВ ШОҲИН ТАЛБАКОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор
оид ба илм, таълим ва тайёркунии кадрҳои илмии
Институти иқтисод ва таҳлили мунтазами рушди кишоварзии АИКТ.
734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти Нав, 306.
Тел.: (+992) 918-42-57-57. E-mail: economic64@mail.ru
**АЗИЗОВА БАСБИ АБДУЛҲАКИМОВНА,**
ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 987-37-03-26. E-mail: mahvasha@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур вазъи бозори озуқаворию минтақавӣ аз мавқеи агромаркетинг, хусусиятҳои ислоҳоти кишоварзӣ, мушкилоти марбут ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти озуқаворӣ, пастравии нархҳои соҳаи кишоварзӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.*

*Қайд кардан зарур аст, ки мураккабии мушкилоти баромадан аз бӯҳрон на танҳо аз набудани таҷрибаи хоҷагидорӣ дар шароити нав, балки аз ҷиҳати асоснокии заифи дастгирии консептуалии ислоҳоти аграрӣ вобаста мебошад.*

*Муаллифон бозорро ҳамчун як музоядаи калон баррасӣ намудаанд, ки дар он нархҳо муқаррар шуда, барои ба роҳ мондани мубодилаи мол дар бозор бояд фурӯшандагон ва харидорон ҳузур дошта, ҳисоби нобаробарии арзиши маҳсулоти хӯрокворӣ мавҷуд бошад. Шарти ҳатмии мавҷудияти бозорҳои яквақта ин тавсеаи озоди иттилоот ва ҳаракати озоди фурӯшандагон ва харидорон аст. Бинобар ин шароитҳо ҳам барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳам истеъмолкунандагон озодии интихобро фароҳам меорад.*

*Инчунин дар мақола маълумот оиди нархҳо ва имкониятҳои дастраси фурӯши молҳо дар бозор, озодии интихоб ва доираи имкониятҳои маркетингро муаллиф мавриди омӯзиш қарор додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *рушд, маҳсулоти кишоварзӣ, муносибатҳои бозорӣ, иқтисодиёт, маркетинг, бозори озуқаворӣ, маҳсулот, фурӯш, харидор, нарх, сифат, хароҷот, истеъмолкунанда.*

Омили асосии маркетинг, ки вазъи бозори озуқавориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, афзалияти пешниҳод аз талабот мебошад. Гарчанде ки дар ибтидо мегӯянд, «аз замин оғоз кунем», он дар бозори заминҳои кишоварзӣ ташаккул меёбад, ки дар он пешниҳод низ бартарӣ дорад. Он чизе, ки замин барои истеъмоли инсон ба вуҷуд меорад, асоси рушди бозори озуқаворӣ мебошад. Дар он асосан ҷузъҳои зерин бартарӣ доранд: 1) бозори ашёи хоми кишоварзии пайдоиши растанӣ; 2) бозори ашёи хом аз чорводорӣ; 3) бозори маҳсулоти хӯрокворӣ ва саноати коркард; 4) бозори маҳсулоти аграрӣ, ки аз дигар минтақаҳо ворид карда мешаванд; 5) бозори маҳсулоти агроозуқаворӣ аз дигар кишварҳо (воридот) [1].

Афзалияти пешниҳод бар талабот маънои онро надорад, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсоли барзиёди маҳсулоти кишоварзӣ оғоз шудааст. Ин ба воридшавии он аз дигар минтақаҳо, инчунин аз кишварҳои «хориҷи наздик ва дур» вобаста аст, ки дар бораи набудани механизми азнавтақсимкунии оқилонаи маҳсулоти аграрии байни минтақаҳо, ки 4 вилояти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад, шаҳодат медиҳад [2].

Тибқи маълумотҳои маълум, пешниҳодҳои умумии гандуми ватании Тоҷикистон ба 864174 тон. аз ҷамъоварии он дар ҷумҳурӣ иборат аст, шолӣ – 133439 тон., зироати

ғалладона ва лӯбиёгӣ – 1561356 тон., картошка –100885 тон., сабзавот – 2479360 тон., мева ва буттамева – 467802 тон., полизӣ– 756962 тоннаро ташкил менамояд.

Аммо, сарфи назар аз сатҳи пасти худтаъминкунӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ, тақрибан 25 % аз сатҳи истеҳсоли худии онҳо ба ҷумҳурӣ аз дигар кишварҳо ворид карда мешавад. Ин алалхусус ба ғалла, маҳсулоти гӯштӣ дахл дорад, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 31% - он ворид карда мешавад.

Ҳоло муносибгардонии таносуби талабот ва пешниҳод дар бозори дохилии минтақаи озуқаворӣ ва инчунин байни сатҳи худтаъминкунӣ ва ҳаҷми воридот ғайриимкон аст.

Аз ин лиҳоз, самти содиротии рушди агроистеҳсолот дар ҷумҳурӣ аҳамияти калон пайдо мекунад, алахусус аллакай дар айни замон, талабот ба баъзе маҳсулоти кишоварзӣ нисбат ба пешниҳод камтар аст. Ҳамин тавр, масалан, дар соли 2019 истеҳсоли маҳсулоти сабзавот дар ҷумҳурӣ тақрибан 4 миллион тоннаро ташкил дод ва истеъмол - ҳамагӣ танҳо 3,3 миллион тоннаро ташкил намуд. Аз ин рӯ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ маҷбур шуданд, ки як қисми маҳсулоти зиёдатиро ба минтақаҳои дигари кишвар (тақрибан 200 ҳазор тонна) содир кунанд. Ва ин тақрибан новобаста аз нав ташкил кардани шумораи корхонаҳои кишоварзӣ аз ҷониби бозор ба амал омада истодааст (дар 10 соли охир шумораи онҳо 3 маротиба кам шудааст). Онҳо дар бозор таъмин набудани ин маҳсулотро бо хоҷагиҳои ёрирасон баровcovered, ки баъзеи онҳо фурӯши онро зиёд карданд. [3]

Дар баробари ин маълумот дар бораи таносуби истеъмоли воқеӣ ва стандартии маҳсулоти асосии хӯрокворӣ метавонад мувофиқати талабот ва пешниҳод дар бозори озуқаории кишварро нишон диҳад.

***Ҷадвали 1.***

*Мавқеъ ва ҳисса дар байни вилоятҳои ҶТ оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саршумори чорво дар соли 2020*

| | Истеҳсоли зироати ғалладона ва лӯбиёгӣ (бо вазн пас аз коркард) | Ҷой | Истеҳсоли картошка | Ҷой | Саршумори чорвои калони шохдор | Ҷой | Саршумори гӯсфанду буз | Ҷой | Саршумори асп | Ҷой | Ҳаҷми истеҳсоли чорво ва парранда барои куштан дар вазни зинда | Ҷой | Истеҳсоли шир | Ҷой | Истеҳсоли тухм | Ҷой | Истеҳсоли асал | Ҷой |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1561356 | | 52731 | | 2391466 | | 5797502 | | 82594 | | 300182 | | 10209789 | | 983065 | | 4221 | |
| Вилояти Суғд | 351374 | 222,5 | 23138 | 143,8 | 667061 | 227,8 | 1576019 | 227,1 | 8615 | 310,4 | 66594 | 222,1 | 272960 | 22,6 | 594601 | 160,4 | 1458 | 234,5 |
| Вилояти Хатлон | 985322 | 163,1 | 9415 | 317,8 | 1010971 | 142,2 | 2400223 | 141,4 | 59127 | 171,5 | 172445 | 157,4 | 515188 | 15,0 | 102725 | 310,4 | 1067 | 325,2 |
| НТҶ | 217555 | 313,9 | 18092 | 234,3 | 613406 | 325,6 | 1486513 | 325,6 | 14551 | 217,6 | 52159 | 317,3 | 214901 | 32,1 | 281608 | 228,6 | 1676 | 139,7 |
| ВМКБ | 7103 | 40,45 | 2085 | 43,9 | 100028 | 44,1 | 334747 | 45,7 | 301 | 40,3 | 8984 | 42,9 | 17929 | 40,1 | 4131 | 40,4 | 20 | 40,4 |

***Сарчашма:*** *Дар асоси маълумотҳои «Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, 2021. - 354 с., аз тарафи муаллифон ҳисоб карда ва тартиб дода шудааст.*

Бо истинод ба ин маълумотҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст:

- Риоя накардани меъёрҳои илман асосноки ғизо барои шир, гӯшт ва қисман барои тухм ва барзиёд иҷро шудани онҳо барои маҳсулоти нонӣ ва картошка дар бораи талаботи пардохтпазирии аҳолии воқеан ба ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ дохилшуда шаҳодат медиҳанд;
- бинобар иҷро нашудани меъёрҳои ғизоӣ, нақшасозии содироти маҳсулоти кишоварзии дар минтақа истеҳсолшаванда барвақт аст, зеро дар сурати

афзоиши талабот ба дохили минтақа, сатҳи пешниҳоди худтаъминкунии озуқаворӣ наметавонад онро қонеъ гардонад;
- таносуби беҳтар байни меъёрҳо ва истеъмоли воқеии маҳсулоти хӯрокворӣ (талабот ва пешниҳод), бинобар ин воридоти баъзе намудҳои маҳсулоти асосӣ дар онҳо бояд ба сатҳи оптималӣ (муносиб) коҳиш дода шавад.

Дар байни вилоятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи бештарро вилояти Хатлон дар истеҳсоли зироати ғалладона ва лубиёгӣ (63,1%), саршумори чорвои калони шохдор (42,2%), аспҳо (71,5%) ва истеҳсоли шир (5,0 %) ва ғайра ишғол мекунад. Дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳиссаҳо хеле баланд мебошанд. Вилояти Суғд дар истеҳсоли картошка (43,8%), истеҳсоли тухм (60,4%), истеҳсоли асал (34,5%) пешсаф аст.

Нишондиҳандаи муҳим - устувории пешниҳод дар бозори маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ки онро тавассути устувории ҳаҷми истеҳсоли он дар ҷумҳурӣ ифода кардан мумкин аст.

***Ҷадвали 2.- Истеъмоли меъёрӣ ва воқеии солонаи маҳсулоти асосии хӯрокворӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2021***

| Номгӯи маҳсулотҳо | Дар ҷумҳурӣ | |
|---|---|---|
| | Меъёр | Истеъмол |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ, ярмаҳо, лубиёгиҳо | 147,7 | 162,5 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 40,8 | 26,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 115,3 | 54,8 |
| Тухм (дона) | 180,0 | 167 |
| Равған (растанӣ, чарбу) | 16,6 | 17,2 |
| Қанд | 20,0 | 17,5 |
| Сабзавот ва полезиҳо | 166,1 | 126,2 |
| Мева ба буттамева | 124,1 | 38,4 |
| Картошка | 92,0 | 41,2 |

***Сарчашма:*** *«Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ" Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, 2021. – саҳ.123.*

Рейтинги баландтарини сатҳи устувории истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ, ки ҳамчун маҷмӯи арзишҳои коэффитсиентҳои устуворӣ барои ҳар як намуди маҳсулот ҳисоб карда шудааст, дар вилояти Хатлон (Ксу = 1,425), дуюм - вилояти Суғд (Ксу = 0,946) буд. Ҷои сеюм ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мансуб аст (Ксу = 0,618).

Минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки арзишҳои коэффисиенти умумии устувории онҳо манфӣ мебошанд, истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти аграрӣ мунтазам коҳиш меёбанд. Ба ин ВМКБ (Ксу = - 0,168) дохил мешавад. Яъне, дар тӯли 5 соли баррасишаванда сатҳи устувории истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ мутаносибан 23%; 29,5% ва 56,6% коҳиш ёфт.

***Ҷадвали 3.- Сатҳи устувории истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| | Арзиши Ку аз рӯи намуди маҳсулот, % | | | | | | Коэффитсиенти умумӣ (ҷамъ) (Куо) | Ҷой аз рӯи рейтинг |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | гандум ку1 | картошка Ку2 | сабзавот Ку3 | гӯшт КУ4 | шир Ку5 | тухм ку6 | | |
| Ҷумхурии Тоҷикистон | 864174 (0,510) | 1022545 (0,408) | 2479360 (1,111) | 3000182 (0,268) | 1020978 (0,507) | 983065 (0,490) | 3,294 | |
| Вилояти Суғд | 139534 (0,122) | 512069 (0,131) | 560393 (0,244) | 66594 (0,070) | 272960 (0,121) | 594601 (0,258) | 0,946 | 2 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Хатлон | 596204 (0,260) | 193104 (0,112) | 1469760 (0,640) | 172445 (0,103) | 515188 (0,235) | 102725 (0,075) | 1,425 | 1 |
| НТҶ | 124797 (0,103) | 291260 (0,135) | 438549 (0,216) | 52159 (0,062) | 214901 (0,102) | 281608 (0,136) | 0,618 | 3 |
| ВМКБ | 3668 (0,025) | 26108 0,030 | 10656 (0,010) | 8984 (0,033) | 17929 (0,049) | 4131 (0,021) | 0,168 | 4 |

***Сарчашма:*** *Дар асоси маълумотҳои «Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, - Душанбе, 2021. - 354 с аз тарафи муаллифон ҳисоб гардида ва муаллиф тартиб дода шудааст.*

Худтаъминкунии озуқавориро аз нуқтаи назари агромаркетинг баррасӣ намуда, мо новобаста ба мушкилоти рақобатпазирии маҳсулоти аграрӣ дар муқоиса бо маҳсулоти воридотӣ дучор меоем. Дар ин ҷо истеъмолкунанда тасҳеҳи худро медарорад. Чунки афзалият асосан ба маҳсулоти арзонтарин дода мешавад, ки ин махсусан дар заминаи коҳиш ёфтани талаботи пардохтпазир ва афзоиши камбизоатӣ зоҳир мешавад. Ва аз ин рӯ, бартарии бозори харидор нисбат ба бозори фурӯшанда торафт бештар аён мегардад.[4]

Аз ин лиҳоз, бо гузаштан ба бозори истеъмолкунанда, самти торафт ҷолиб ва ба мақсад мувофиқи фаъолияти агромаркетинг ба мубоизаи рақобатӣ барои талабот устувор, барои нигоҳ доштани ҳиссаи ба даст овардашуда дар бозори озуқаворӣ мегардад.

1. Азбаски рақобат дар бозори маҳсулоти парранда на танҳо байни корхонаҳои паррандапарварии минтақа, балки бо молрасонҳои хориҷӣ низ ба миён меояд, ба андешаи мо пеш аз ҳама, бояд сабабҳои афзалиятҳои харидорон, асосан аҳолиро барои хариди маҳсулоти паррандаи воридотӣ омӯхт.

Чӣ қисми аҳолиро, ки онҳо афзал медонанд ба маҳсулоти воридотӣ ҷалб мекунад? Барои посух додан ба ин саволи муҳим, аз ҷониби мо таҳқиқоти маркетингӣ гузаронида шуд. Барои ин мусоҳиба бо харидорон истифода шудааст. Бо 500 нафар мусоҳибаҳо гузаронида шуданд, ки аз ҳар яки онҳо бояд ба саволҳои зерин посух диҳанд:

Шуморо бештар ба маҳсулоти паррандаи воридотӣ (асосан гӯшти бройлер) чӣ ҷалб мекунад: нарх, мазза, тобоварӣ ба нигоҳдорӣ, бӯйи гуворо, сифат, технологияи истеҳсол (иловаҳо)?

- Донистани он, ки сифати гӯшти бройлерии воридотӣ нисбат ба сифати гӯшти ватанӣ бадтар аст, шумо ҳоло ҳам гӯшти хориҷиро мехаред? Сабаби асосии ин бешубҳа нархи арзон аст?
- Бройлерҳои хориҷиро шумо зуд-зуд мехаред (1 маротиба дар як шабонарӯз, 1 маротиба дар як ҳафта , 2 маротиба, се ва ғайра)?
- Шумо зуд-зуд гӯшти бройлерии ватаниро мехаред?
- Агар даромади шумо имкон диҳад, ки ягон маҳсулоти парранда харед, кадомашро афзалтар медонед?

Натиҷаҳои ҷавобҳои посухдиҳандагон тахминҳои моро тасдиқ карданд: сарфи назар аз бадтар будани сифати гӯшти бройлерии воридотӣ, онро аксарияти (79%) посухдиҳандагон аз сабаби паст будани нархҳо мехаранд ва танҳо 21% аҳолии пурсидашуда қобилияти харидани маҳсулоти ватаниро доранд.

Аммо, миқдори ин харидҳо гуногун аст ва дар байни онҳое, ки ба маҳсулоти хориҷӣ бартарӣ медиҳанд, чунин тақсим карда мешавад:

- ҳар рӯз мехаранд - 10,7 % мусоҳибаҳо;
- дар як рӯз - 11,1 %;
- дар ду рӯз - 15,1 %;
- 2 маротиба дар як ҳафта - 15,4 %;

- 1 маротиба дар як ҳафта - 17,2%;
- 1 маротиба дар 10 рӯз - 11,5%

Дар байни тарафдорони маҳсулоти ватанӣ (21%), миқдори харид ба ҳисоби миёна дар 10 рӯз 2 маротиба мебошад.

Ҷавобҳо ба саволи охирин ба тариқи зерин тақсим карда шуданд:

- ба маҳсулоти ватанӣ афзалият мебояд дод – 66 %;
- навбат ба навбат кардани хариди маҳсулоти хориҷӣ ва ватанӣ - 13%.

Бо дарназардошти ҳиссаи назаррас дар сохтори гардиши савдои чаканаи маҳсулоти хӯрокворӣ (49 %), имкон дошт, ки қисми зиёди даромади умумӣ ба фоидаи кишоварзон равона карда шавад. Албатта, ба шарте ки истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба бозори озуқаворӣ озодона ворид шаванд.

Дар сохтори навъҳои фурӯши чаканаи маҳсулоти асосии хӯрокворӣ бартариҳои зерин мавҷуданд:

- барои гӯшт - гӯшти гов (41%) ва парранда (32%);
- барои ҳасибҳо – ҳасибҳои пӯхташуда (45%);
- барои маҳсулоти моҳигӣ – моҳии яхкардашуда (23%);
- барои равғани ҳайвонот - равғани пахтагӣ (48%);
- барои маҳсулоти ширӣ - шири холис (37%);
- барои панирҳо - панирҳои чарбӣ (96%);
- барои ғалладона - биринҷ (29%), марҷумак (29%).

Дар сохтори номбаршудаи маҳсулоти хӯрокворӣ вояи хӯрока бартарӣ дорад, ки ба он шири холис (39%); маҳсулоти нонӣ, аз ҷумла ғалладона (20%); маҳсулоти моҳӣ, аз ҷумла консерваҳо (46%); ҳасиби пӯхташуда (13%); гӯшти гов ва парранда (8%); дигарон - 4% шомил мешавад.

Ин асосан барои аҳолии шаҳр хос аст, ки пурсиши интихобии он дар давоми соли 2021 дар шаҳри Душанбе аз ҷониби мо гузаронида шуд.

Маълумотҳои расмӣ шаҳодат медиҳанд, ки бозори озуқаворӣ маҳсулоти пастсифат дорад. Гарчанде ки тибқи маълумоти ғайрирасмӣ, ҳиссаи маҳсулоти хӯрокворӣ бо дарозтар нигоҳ доштанашон назаррас аст. Ин махсусан ба ҳасибҳои пухташуда ва баъзе маҳсулоти ширӣ дахл дорад.

Коҳиши назарраси сифат ба гӯшти парранда ва гӯшти гов, инчунин маҳсулоти моҳӣ рост омад.

Ин маълумотҳо аз вайрон кардани талабот оид ба амнияти озуқавории минтақа шаҳодат медиҳанд, ки яке аз онҳо муҳофизати аҳолӣ аз маҳсулоти пастсифати озуқаворӣ мебошад.

Дар бозори озуқаворӣ нобаробарии таносуби талабот ва пешниҳодро, ки дар натиҷаи болоравии нархи як қатор маҳсулоти хӯрокворӣ нисбат ба афзоиши даромади хонавода ба вуҷуд омадааст, равшан дидан мумкин аст.

Аз оғози соли 2021 хароҷоти истеъмолкунандагон барои озӯқаворӣ барои як нафар дар як моҳ зиёда аз 1,37 маротиба афзуда, ҳиссаи онҳо дар хароҷоти истеъмолӣ 2,6 % коҳиш ёфт.

***Ҷадвали 4.- Номгӯи маҳсулоти ғайристандартӣ дар соли 2021***

| | Воҳиди ченак | Шумораи ташкилотҳо, ки санҷиш гузаронида шуд, воҳид | Молҳо назорат (тафтиш) карда шуд | Молҳо аз гардиш хориҷ карда шуд кг. |
|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти қаннодӣ | т | 5 | 1194 | 3623,404 |
| Нӯшокиҳои машруботӣ | т | 6 | 345 | 4989,58 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти гӯштӣ | т | 5 | 187 | 129789,89 |
| Орди гандумӣ | т | 5 | 18 | 14876,3 |
| Равғани растанӣ/маргарин | т | 5 | 108 | 11057,736 |
| Иловагии ғизоӣ | т | 5 | 121 | 146,889 |
| Маҳсулоти ғалладонагӣ | т | 5 | 41 | 8809,74 |
| Мева ва сабзавот | т | 5 | 3 | 1390 |
| Консерва | т | 6 | 101 | 40255,41 |
| Маҳсулоти ширӣ | т | 5 | 259 | 19086,95 |
| Маҳсулоти макаронӣ | т | 5 | 75 | 1062,74 |
| Нӯшокиҳои ғайримашруботӣ | т | 7 | 362 | 39466,34 |
| Чой, қаҳва ва какао | т | 5 | 75 | 166,83 |
| Тухми мурғ | ҳаз. дона | 5 | 9 | 4906,275 (98125д.) |
| Меваи хушк | т | 5 | 16 | 3623,74 |
| Қанд, набот, асал | т | 5 | 75 | 5717,045 |
| Маҳсулоти нонӣ | т | 5 | 50 | 20031,05 |
| Намак | т | 5 | 54 | 109428,4 |
| Дигар маҳсулот | т | 5 | 258 | 303,6 |

***Сарчашма:*** *аз тарафи муаллифон бо назардошти маълумотҳои Агентии Тоҷикстандарт тартиб дода шудааст.*

***Ҷадвали 5.***

***Динамикаи хароҷот барои озуқа, даромади аҳолӣ, нархҳои истеъмолӣ барои маҳсулоти хӯрокворӣ ва таносуби онҳо***

| Р/т | Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Ба ҳисоби миёна солҳои 2016-2021 | Сатҳи афзоиш(коҳиш)-и талабот бо %, соли 2021 нисбат ба соли 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Хароҷоти истеъмолӣ барои хӯрок, барои як нафар дар як моҳ, сомонӣ | 259,3 | 293,0 | 318 | 366,3 | 631,0 | 635,7 | 417,2 | 2,5 маротиба |
| 2. | Индекси тағирёбии хароҷоти озуқаворӣ (ба ҳисоби %) | 106 | 115 | 101 | 111 | 113 | 118 | 110,6 | 111,3 (+12,0 %) |
| 3. | Индекси нархҳои истеъмолии маҳсулоти хӯрокворӣ | 105,9 | 109,1 | 103,8 | 107,9 | 108,6 | 109,6 | 107,4 | 103,4 (+3,7 %) |
| 4. | Ҳиссаи хароҷоти истеъмолкунан-дагон барои озуқа,% | 54,1 | 55,0 | 29,8 | 53,4 | 61,3 | 63,4 | 52,8 | 117,1 (+9,3 %) |
| 5. | Индекси нархи молҳои озуқаворӣ | 105,9 | 107,3 | 102,5 | 111,0 | 111,7 | 113,3 | 108,6 | 106,9 (+7,4 %) |
| 6. | Индекси даромади аҳолӣ | 104,3 | 109,1 | 104,1 | 106,0 | 109,3 | 111,2 | 107,3 | 106,6 (+6,9 %) |
| 7. | Таносуби индексҳо:<br>- даромад ва нархҳо;<br>- даромад ва хароҷот барои хӯрокворӣ (ба ифодаи пулӣ) | 1,06<br>174,5 | 1,13<br>162,0 | 1,08<br>166,6 | 0,95<br>197,2 | 0,84<br>391,4 | 1,02<br>393,5 | 1,01<br>247,5 | 96,2 (-0,04 %)<br>2,3 маротиба |

***Сарчашма:*** *Дар асоси маълумотҳои “Нишондиҳандаҳои асосии тадқиқоти буҷети хонаводаҳо” Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи муаллифон ҳисоб гардида ва тартиб дода шудааст.*

Коҳиш ёфтани талабот ба маҳсулоти озӯқаворӣ аз ҳисоби болоравии нархҳо ва кам шудани даромади хонавода ба назар мерасад. Ҳамзамон, афзоиши даромади аҳолии минтақа аз болоравии нархҳои озуқаворӣ 23,8% ва даромад аз хароҷоти онҳо 24,5% (ба ҳисоби пулӣ барои як нафар дар як моҳ) ва 25,8% ақиб мондааст. Агар дар соли 2016 хароҷоти истеъмолӣ барои хӯрокворӣ барои як нафар дар як моҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 259,3 сомониро ташкил дода бошад, пас дар аввали соли 2021- 635,7 сомонӣ мебошад.

Дар айни замон, музди меҳнат (даромади солонаи аҳолии деҳот) коҳиш ёфтанд, ки ин хулосаро дар бораи коҳиш ёфтани талаботи пардохтпазирӣ ва сатҳи зиндагии онҳо боз ҳам тасдиқ мекунад.

Пас маълум мешавад, ки қисми зиёди аҳолӣ, ки ҳаҷми талаботро ба маҳсулоти кишоварзии озуқаворӣ ташаккул медиҳанд, дар зери андӯҳи дукарата қарор доранд, ки он ба болоравии нархҳои хӯрокворӣ, ки боиси афзоиши хароҷоти озуқаворӣ ва кам шудани даромадҳо мегардад, вобаста аст.

**Адабиёт**


1. Абрамова, Г.П. Маркетинг: вопросы и ответы / Г.П. Абрамова. – М., 1991. - 159 с.
2. Абрамова, Г.П. Маркетинг в системе рыночных отношений / Г.П. Абрамова // Экономика с - х. и перераб. предприятии. – 1991. – №6.\
3. Азизова Б. А. Одинаев Ш. Т “Асосҳои консептуалии рушди агромаркетинг” 2021с.
4. Азизова Б. А., Одинаев Ш .Т “Мушкилоти маркетинги кишоварзӣ дар давраи ислоҳот” 2022 с.
5. Бобосодиқова, Г. Б. Маркетинг / Г. Б. Бобосодиқова., И. З. Сарабекова. – Душанбе, 2007. – 192 с.
6. Герасимов, М. Е. Развитие регуларование маркетинговой деятельности предприятии в аграрном секторе экономики: Дисс... канд. экон. наук / М.Е. Герасимов. – Санк Петербург, – 2004. – 169 с.
7. Ғаниев, Т.Б. Асосҳои агробизнес: Китоби дарсӣ / Т.Б. Ғаниев., Ҳ.А. Одинаев., С.Ҷ. Комилов. – Душанбе: 2002. – 216 с.
8. Котлер, Ф. Маркетинг менеджмент: Экспресс – курс / Ф. Котлер. – Питер: 2004. – 464 с.
9. Котлер, Ф. Основы маркетинга / Ф. Котлер. – М:. Ростинтер, 1996. – 704 с.
10. Низоми пешбурди соҳаи кишоварзии Тоҷикистон / АИКТ; Зери назари Ҳ.М Аҳмадов. – Душанбе, 2009. – 764 с.


## СОСТОЯНИЕ РЕГИОНАЛЬНОГО ПРОДОВОЛЬСТВЕННОГО РЫНКА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АГРОМАРКЕТИНГА


**ОДИНАЕВ ШОХИН ТАЛБАКОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент,
зам. директора по науке, образования и подготовка научных кадров
Института экономики и систематического анализа развития сельского хозяйства ТАСХН.
734049, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Хаёти-Нав 306.
Тел.: (+992) 918-42-57-57. E-mail: economic64@mail.ru
**АЗИЗОВА БАСБИ АБДУЛХАКИМОВНА,**
ассистент кафедры управления государственными финансами
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел: (+992) 987-37-03-26. E-mail: mahvasha@bk.ru

*В данной статье изучено и проанализировано состояние регионального продовольственного рынка с позиции агромаркетинга, особенности аграрных реформ, проблемы, связанные с производителями продовольствия, снижение цен в агропромышленном комплексе.*

*Следует отметить, что сложность проблемы выхода из кризиса зависит не только от отсутствия опыта ведения хозяйства в новых условиях, но и от слабой обоснованности концептуального обеспечения аграрных реформ.*

*Авторы рассматривают рынок как большой аукцион, где устанавливаются цены, а для обмена товарами на рынке необходимо присутствие продавцов и покупателей, а также существует дисбаланс в стоимости продуктов питания. Необходимым условием существования рынков является свободное распространение информации и свободное перемещение продавцов и покупателей. Поэтому данные условия обеспечивают свободу выбора как производителям сельскохозяйственной продукции, так и потребителям.*

*Также в статье автор изучил информацию о ценах и имеющихся возможностях реализации товаров на рынке, свободе выбора и объеме маркетинговых возможностей.*

***Ключевые слова:*** *развитие, сельскохозяйственная продукция, рыночные отношения, экономика, маркетинг, продовольственный рынок, товар, сбыт, покупатель, цена, качество, себестоимость, потребитель.*

## THE STATE OF THE REGIONAL FOOD MARKET FROM THE POINT OF VIEW OF AGROMARKETING

**ODINAEV SHOKHIN TALBAKOVICH,**
Candidate of Economic sciences, Associate Professor, deputy. Director for Science, Education and Training of Scientific Personnel of the Institute of Economics and Systematic Analysis of the Development of Agriculture of the TASKHN.
734049, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 306 Hayoti-Nav, st..
Phone: (+992) 918-42-57-57. E-mail: economic64@mail.ru
**AZIZOVA BASBI ABDULHAKIMOVNA,**
Assistant of the department of Public finance management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, st. Said Nosir.
Phone: (+992) 987-37-03-26. E-mail: mahvasha@bk.ru

*This article has studied and analyzed the state of the regional food market from the position of agromarketing, the features of agrarian reforms, the problems associated with food producers, and the decline in prices in the agro-industrial complex.*

*It should be noted that the complexity of the problem of overcoming the crisis depends not only on the lack of experience in managing the economy in the new conditions, but also on the weak validity of the conceptual support for agrarian reforms.*

*The authors consider the market as a large auction, where prices are set, and the presence of sellers and buyers is necessary for the exchange of goods in the market, and there is also an imbalance in the cost of food. A necessary condition for the existence of markets is the free flow of information and the free movement of sellers and buyers. Therefore, these conditions provide freedom of choice for both agricultural producers and consumers.*

*Also in the article, the author studied information about prices and available opportunities for selling goods on the market, freedom of choice and the volume of marketing opportunities.*

***Key words:*** *development, agricultural products, market relations, economics, marketing, food market, product, sales, buyer, price, quality, cost, consumer.*

**УДК: 334 (575.3)**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ БОСУРЪАТИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ САНОАТӢ

**АЮБОВ ДИЛОВАР МИРЗОШАРИФОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 934-55-41-40. E-mail: d-ayubov@list.ru

*Идоракунии инноватсионӣ ҳамчун раванди идоракунии тағйироти куллии маҳсулоти меҳнат, воситаҳои истеҳсолот, хизматрасонӣ ва дигар фаъолияти инноватсионӣ яке аз самтҳои асосии рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ мебошад. Ҳамзамон, он як соҳаи мустақили илмҳои идоракунии иқтисодӣ ва фаъолияти касбӣ мебошад, ки ба ташаккул ва ноил шудан ба ҳадафҳои инноватсионӣ тавассути истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ, моддӣ ва молиявӣ нигаронида шудааст. Фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун илм ва санъат ба принсипҳои назариявии идоракунии умумӣ (система) асос ёфтааст. Ҳамчун як намуди фаъолияти инноватсионӣ маҷмӯи расмиёти қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад, ки технологияи умумии идоракунии инноватсиониро дар корхонаю ташкилотҳо ташкил медиҳанд, тақсимоти вазифаҳоро барои иҷрокунандагони мушаххаси онҳо сафарбар мекунанд. Ҳамчун дастгоҳи идоракунӣ, он як низоми идоракунии инноватсионии сохтори иерархӣ ва мақомоти идоракунӣ, менеҷерҳо мебошад. Тамоюлҳои асосии ташкил ва идоракунии фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ (таҷрибаи ҷаҳонӣ) дар шароити муосир рушди илму техника воситаи асосии ноил шудан ба пешбарии иқтисодӣ, воситаи муҳимтарини мубориза и рақобат мегардад.*

***Калидвожаҳо**: инноватсия, истеҳсолот, саноат, иқтисодиёт, рушд, соҳибкорӣ, захираҳо, рақобат, менеҷер, фаьолият, мубориза, қарор, сохтор, пешбарӣ, низом, ҳамкорӣ, маҳсулот, таҷриба.*

унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.
Тел.: (+992) 710-00-00-10.

*Дар мақола ҷанбаҳои методологии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна мавриди мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Нуқтаи назари олимони ватанию хориҷӣ оид ба услуби баҳои маъмурикунонии андоз дар ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар шароити муосир баррасӣ гардида, таъсири фишангҳои назорату санҷишҳои андозӣ ва ҷорӣ намудани низоми махсуси андозбандӣ дар рушди субъектҳои соҳибкории мазкур дида баромада шудааст. Принсипҳо ва функсияҳои маъмурикунонии андоз дар фаъолияти соҳибкории хурду миёна бо назардошти хусусиятҳои хоси низоми андозбандии субъектҳои соҳибкории мазкур ва ҳавасмандии иқтисодии рушди бизнеси хурду миёна дар шароити иқтисоди бозорӣ дида баромада шудааст. Ҳамзамон, масъалаи баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз дар рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна мавриди таҳлил қарор дода шуда, пешниҳодҳои мушаххас оиди такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити буҳрони молиявӣ-иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст.*

**Калидвожаҳо:** *низоми андозӣ, маъмурикунонии андоз, рушди соҳибкории хурду миёна, механизми андозбандӣ, танзими андоз, мақомоти андоз.*

Дар шароити кунунӣ низоми маъмурикунонии андоз ҳамчун фишанги муҳими дастгирии давлатии рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва таъмини саривақтии қисмати даромади буҷети давлатӣ хизмат менамояд. Хусусияти хоси низоми маъмурикунонии андоз дар рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар он инъикос меёбад, ки он дар шакли дастаҷамъонаи ташкилӣ-хоҷагидорӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва молиявӣ-иктисодӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити беҳтарин барои субъектҳои соҳибкории мазкур ва идоракунии самараноки мақомоти андоз, ки мақсади ниҳоии он таъмини маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Аз нигоҳи услубӣ-методологӣ низоми маъмурикунонии андоз дар ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна ҳамчун фишанги муҳими низоми андозӣ хизмат намуда, вай ба дигаргунисозиҳои зудивазшавандаи муносибатҳои андозӣ, таъмини низоми устувори молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кормандони ва рушди иқтисодиёти миллӣ нигаронида шуда, бо мақсадҳои зерин роҳандозӣ мегардад:

- муайянкунӣ ва таҳлили хусусиятҳои хоси ташаккул ва рушди соҳибкории хурду миёна ва низоми маъмурикунонии он дар шароити муосир;
- услуби низоми нави андозбандӣ ва меъёри он бояд ба ҳавасмандии иқтисодии фаъолияти соҳибкории хурду миёна, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо мусоидат намояд;
- низоми маъмурикунонии андоз бояд дар рушди субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба риояи принсипҳои махсуси андозбандӣ, аз ҷумла адолати иҷтимоӣ, баробарӣ ва таъмини ҳуқуқии онҳо мутобиқат намояд;
- самаранокии маъмурикунонии соҳибкории хурду миёна бо сарфи ками хароҷотҳо ва самаранокии баланди мақомоти андоз нигаронида шавад.

Мушкилоти маъмурикунонии андоз дар фаъолияти соҳибкории хурду миёна ба ҷой доштани мушкилиҳо дар татбиқи сиёсати андозӣ ва амалкарди барномаи маъмурикунонии андоз ва номукаммалии назорату санҷишҳои андозӣ вобаста буда, дар

бисёр мавридҳо боиси ба миён омадани ҳолатҳои қонунвайронкуниҳои бахши андозӣ, аз ҷумла саривақт ворид нагардидани маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ, ки зарурияти такмили низоми маъмурикунонии онро дар рушди соҳибкории хурду миёна тақозо менамояд.

Заминаи иниститутсионалии онро танзими қонунгузории соҳаи андозӣ, низоми андозӣ, бахши сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтори бозории он, ки он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андоз ва дигар қонуну санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мушаххас оварда шудааст. Масалан, дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» «...муқарраротии умумии ҳимояи дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ муайян ва шаклу усулҳои ҳавасмандкунии дастгирии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкориро муқаррар менамояд...»[5,15], ки он дар рушди соҳибкории хурду миёна мавқеи калидӣ дошта, дар амали сохтани вазифаҳои сиёсати андозӣ, аз ҷумла таъмини қисмати даромади буҷети давлатӣ хизмат менамояд.

Ҳамзамон, татбиқи амалии маъмурикунонии андоз аз дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна вобастагии калон дошта, он аз амалкарди принсип ва функсияҳои асосии низоми маъмурикунонии андоз манша мегирад. Дар илми иқтисодиёт нуқтаи назари гуногуни илмӣ оиди услуб ва методологияи маъмурикунонии андоз дар рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна мавҷуд мебошад.

Дар таҷрибаи аксарияти кишварҳо низоми маъмурикунонии андоз ба воридшавии ҳаҷми маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ равона карда шуда, «...ба яке аз омилҳои асосии рақобатпазирии молу маҳсулотҳо, ҷалби бештари сармоягузориҳо ба рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва сиёсати давлатии андозбандӣ хизмат менамояд...»[7,244], ки он дар рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва самаранокии мақомоти андоз нақши муҳим мебозад.

Самаранокии низоми андозбандӣ аз фаъолияти мақомоти андоз ва ҳавасмандии иқтисодии соҳибкории хурду миёна маншаъ гирифта, таҳқиқи методологӣ ва амалӣ, пешниҳоду хулосаҳои мушаххасро оид ба такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир тақозо менамояд. Таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои услубӣ-методологии низоми маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёнаро мавриди омӯзиш қарор дода, сохтори функсионалии онро ба таври зайл пешниҳод менамоем (расми 1.2.1).



***Расми 1.*** *Сохтори функсионалии ташаккули низоми маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна*

Дар шароити кунунӣ раванди низоми маъмурикунонии андоз, на ҳама паҳлуҳои низоми андозбандӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро инъикос менамояд ва баъзе муқаррароти консептуалии он дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Аксарияти мушкилоти маъмурикунонии андоз татбиқи чораҳои дастаҷамъонаи танзими давлатӣ, татбиқи амалии барномаи маъмурикунонии андоз, меъёри махсус ва соддаи андозбандӣ алоқаманд буда, дуруст ба роҳ мондани назорату санҷишҳои андозиро тақозо менамояд. Дар амали намудани ин мақсадҳо омӯзиши принсип ва хусусиятҳои хоси низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он муҳим арзёбӣ мегардад.

Он ҳамчун як бахши ислоҳоти соҳаи андозӣ барои беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо, рақобатпазирии молу маҳсулоти ватанӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ роҳандозӣ карда мешавад. Дар ин раванд зарурияти гурӯҳбандии принсип ва функсияҳои асосии маъмурикунонии андоз хеле муҳим мебошад. Ин ҷо, «...қонунӣ, ошкорбаёнӣ, шаффофият, адолатнокӣ, универсалӣ будани низоми андозбандӣ, самаранокӣ, ихтиёран иҷро намудани уҳдадориҳои андозӣ, масъулияти мақомоти андозӣ барои иҷроиши нақшаи андозу боҷҳо ки ин механизм ҷавобгарии ҳуқуқии субъектҳои соҳибкориро дар назди мақомоти андоз таъмин намуда...» [6,36], он аз чораҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва молиявӣ-иқтисодӣ ва амсоли инҳо манша мегирад.

Истифодаи дурусти низоми иттилоотӣ - ахборӣ ва ҷорӣ намудани технологияи муосири низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии он, ҷорӣ намудани меъёрҳои нави хизматрасониҳои фосилавӣ (онлайнӣ) мутобиқ ба принсипҳои байналмилалӣ ва истифодаи дурусти назорату санҷишҳои андозӣ, гузаронидани корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳӣ миёни субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андозро тақозо менамояд. Дар ин раванд, механизми маъмурикунонии соҳибкории хурду миёна ҳамчун зернизоми идоракунии муносибатҳои андозӣ хизмат намуда, он бояд муқаррароти қонунгузории бахши андозӣ ва дигар қонунҳои бахши субъектҳои соҳибкорӣ риоя намояд.

Назорату санҷишҳои андозӣ дар фаъолияти соҳибкории хурду миёна, тавассути фишангҳое роҳандозӣ карда мешавад, ки татбиқи онҳо риояи принсипҳои андозбандӣ, махсусан, низоми соддаи онро хароҷотҳои камтарин ва таваккалу хавфҳои молиявии соҳибкорӣ, ки манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои андозиро ба инобат мегирад. Маъмурикунонии андоз дар ин маврид ҳамчун як фишанги муҳими низоми андозӣ, таҳқиқу омӯзиши ҷанбаҳои методологиро тақозо менамояд ва дар илми иқтисодиёт дар ин самт тайи солҳои охир корҳои илмӣ кам ба назар мерасанд, ки ин ҳам аз мубрамияти он гувоҳӣ медиҳад.

Самаранокии маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна аз риояи дурусти принсипи асосии маъмурикунонии андоз вобастагӣ дорад ва он тавассути назорату санҷишҳои андозӣ амалӣ гардида, он вазифаҳоеро иҷро менамояд, ки ба кам кардани таввакалҳо (хавфҳо)-и молиявӣ ва паст намудани гаронии андоз равона гардида, манфиатҳои давлат ва субъектҳои соҳибкории хурду миёнаро бояд ба назар гирад.

Принсипҳои маъмурикунонии андоз риояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои соҳибкории хурду миёнаро бо роҳи муқаррар намудани меъёрҳои андозбандӣ, қонунҳо ва сандаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи андоз, бартарияти қонунҳои амалкунанда, ки дар Кодекси андоз, пешгирии қонунвайронкуниҳои бахши мазкур, пардохти саривақтии маблағҳои андозӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки риояи принсипи адолатнокиро оиди идоракунии мақомоти андоз, масъулиятшиносӣ ҳангоми пардохти маблағҳои андозӣ,

ошкор намудани қонунвайронкуниҳои бахши андозӣ дар раванди назорату санҷишҳои андозӣ ва ғайра.

Ба андешаи А. Смит принсипи «адолатнокӣ»-и андозситонӣ ин тақсими баробарӣ ва адолатнокро ҳангоми маъмурикунонии андоз дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун баробарии арифметикии ҷамъи андозҳои аз ҳар андозсупоранда пардохтнамударо таъмин намуда, «...тақсими сарикасии андоз»-ро бо пешниҳоди принсипи «адолати андозбандӣ...» [4,108], ки аз ҳар соҳибкор мувофиқи ҳаҷми даромад ё амволаш пардохт менамояд, бояд риоя карда шавад. Дар асоси ин принсип А. Смит ду нуқтаи назар (консепсияи)-и ташаккул ва рушди низоми андозбандӣ ва маъмурикунонии андозро пешниҳод менамояд:

- шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бояд мувофиқи фоидаи бадастоварда аз ҳисоби истифодаи захираҳои иқтисодии кишвар андоз супоранд. Риояи ин принсип аз истифодаи молу хизматрасониҳои пешниҳод намуда ва фоидаи бадастовардаи соҳибкорон суръат гирифта, дар воридшавии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ дар мадди аввал гузошта мешавад;

- вобастагии маблағҳои андозӣ аз ҳаҷми даромади субъектҳои соҳибкорӣ ва баръакс, «...оқилона будани ин принсип аз он иборат аст, ки байни меъёри андозбандӣ аз истеъмоли молу ашёҳо каме ҳам бошад, аз ашёи аввалияи зарурӣ ситонида мешавад, тафовут мавҷуд мебошад. Принсипи мазкур одилона ва оқилона ба назар гирифтани принсипи адолатнокиро нисбати субъектҳои соҳибкорӣ дар назар дорад...» [2,7]. Дар ин раванд, накш ва мақоми маъмурикунонии андоз, бахусус, назорату санҷишҳои андозӣ дар фаъолияти кормадони мақомоти андоз хеле муҳим мебошад.

Риояи принсипи объективӣ дар амалияи маъмурикунонии андоз муҳим буда, аз ҷониби мақомоти андоз ҳамчун мақоми салоҳиятдор, дар заминаи риояи қонунгузории соҳаи мазкур ва муносибати соҳибкорони хурду миёна оид ба масъулияти пардохти андозу пардохтҳои ҳатмӣ роҳандозӣ мегардад. Вай ташкили сохтори низоми андозбандӣ ва принсипи ягонагӣ, дақиқ ва ошкоро будани низоми андозбандӣ, самаранокии назорату санҷишҳои андозӣ ва таъмини суботи молиявии кишварро таъмин менамояд.

Дар раванди низоми андозӣ ва маъмурикунонии он як қатор принсипҳои объективии иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ба мислӣ: принсипи фасеҳӣ, шаффофияти андозбандӣ ва ҳавасмандии иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ, дурустии меъёр ва гаронии андоз, ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ риоя карда мешавад. Ин ҷо, принсипи таносуби андозҳои мустақим ва ғайримустақим низ хеле муҳим буда, ба қонунвайронкуниҳои бахши андозӣ, корҳои назоратию санҷишӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Принсипи самаранокии низоми маъмурикунонии андоз - ин баҳои натиҷаи назорати андозиро бо сарфи хароҷотҳои камтарин, ки ба воситаи муқоисаи нишондиҳандаҳои асосии самаранокии маъмурикунонии андоз бо сарфаи хароҷотҳои мақомот андоз баҳогузорӣ карда мешавад. Ин ҷо, самаранокии низоми маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна аз чораҳои назорату санҷишҳои андозӣ (махсусан, санҷишҳои сайёрии андозӣ ва назоратҳои камералӣ, муоинаҳои хронометражӣ, татбиқи ҷаримаҳо ва танзими қарзҳои андозӣ ва ғайра) иборат буда, сатҳи ҷамъоварии маблағҳои андозиро аз ҳисоби субъектҳои соҳибкорӣ ба буҷети давлатӣ нишон медиҳад.

Бо ёрии чунин нишондиҳандаҳо ҷамъи самараҳои иқтисодӣ бо сарфи камтарини хароҷотҳо, самаранокии назорату санҷишҳои андозӣ, фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва ғайра муайян карда мешавад. Дар ин раванд, маъмурикунонии андоз, бахусус

назорату санҷишҳои андозӣ, ҳамчун унсури муҳимми идоракунии муносибатҳои андозӣ дар рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна баромад мекунад.

Принсипи аз нигоҳи илмӣ-амалӣ асосноки низоми маъмурикунонии андозӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна аз маҷмуи тадбирҳои илмӣ- амалие иборат мебошад, ки барои таҳқиқи ҷанбаҳои методологӣ-услубии муносибатҳои андозӣ ва назорату санҷишҳои андозӣ, бо истифода аз усулҳои пешқадами низоми андозӣ роҳандозӣ мегардад. Истифодаи ин принсип дар амалияи субъектҳои соҳибкорӣ гувоҳи он аст, ки яке аз сабабҳои ғайрисамаранок амал намудани низоми маъмурикунонии андоз, ин ҷой надоштани мутобиқатӣ ва ҳамоҳанги байни субъектҳои соҳибкорӣ, номукаммалӣ дар бахши қонунгузории мазкур мебошад, ки он боиси ҷой доштани камбудиҳо дар татбиқи амалии назорати андозӣ дар фаъолияти соҳибкории хурду миёна мегардад.

Моҳияти принсипи аз нигоҳи илмӣ асосноки ташаккул ва рушди низоми маъмурикунонии андоз дар он инъикос меёбад, ки низоми мазкур дар танзими муносибатҳои андозӣ ва идоракунии кормандони мақомоти андоз бояд ба қонунгузориҳои соҳаи андоз ва дигар қонунҳои кишвар мусоидат намоянд. Механизми амалигардонидани маъмурикунонии андоз аз раванди пардохти маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ сурат мегирад, бояд вазифаҳо ва функсияҳоеро ба уҳда дошта бошад, ки онҳо ба кам кардани хавфҳои молиявӣ равона гардида, дар онҳо манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ ба инобат гирифта мешавад.

Амалӣ намудани принсипи мазкур риояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои соҳибкориро аз нигоҳи илмӣ-амалӣ таъмин намуда, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии низоми андозбандӣ, бартарияти барномаҳои амалкунандаи маъмурикунонии андозро дар мувофиқа бо қонунҳои муосир, пешгирии қонунвайронкуниҳои бахши мазкур дар пардохти андозу боҷҳои давлатӣ, риояи принсипҳои адолатнокӣ ва объективӣ бо назардошти танзими гаронии андоз дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои соҳибкорӣ, ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ, масъулиятшиносӣ дар иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, ошкор, бартараф ва пешгирӣ намудани ҳолатҳои риоя нагардидани қонунгузории андоз ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Баҳои самаранокии низоми маъмурикунонии андоз ва пардохти саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ, истифодаи низоми содакардашуда ва махсуси андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурду миёна ба маврид мебошад. Интихоби низоми андозбандӣ ва дар заминаи он, шакли ҳисоботи муҳосибӣ дар Ҷумҳурии мо бо якдигар алоқаманд мебошад. Масалан, субъектҳои соҳибкории хурду миёна ҳангоми истифодаи низоми содакардашудаи андозбандӣ метавонад, ҳисоботи муҳосибии худро дар шакли содакардашуда ё махсус, дар мавриди бақайдгирии китоби даромаду хароҷотҳои соҳибкорон, ки ба камшавии хароҷотҳои баҳисобгирӣ ва вақти сарфшудаи мақомоти андоз оварда мерасонад. Вале, дар ин маврид, мушкилиҳои баҳисобгирӣ дар ҳисоббаробаркунии бо буҷет ва фондҳои давлатии ғайрибуҷетӣ ба амал меояд. Масалан, китоби даромаду хароҷотҳо бо усули хазинадорӣ пеш бурда мешавад, аммо мақомотҳои фискалии давлатӣ усули пардохтҳои маблағҳои андозиро истифода мебаранд. Дар ин маврид ду шакли баҳисобгирии фаъолияти молиявӣ-иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ ва ҳисоботҳои андозӣ, ки аз натиҷаи пардохти андозу боҷҳо роҳандозӣ карда мешавад.

Хулоса, самти муҳими самаранокии низоми андозӣ ва такмили низоми маъмурикунонии андоз дар рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, татбиқи амалии он дар шароити муосир аз чунин чорабиниҳо манша мегирад:

- баҳисобгирии субъектҳои соҳибкорӣ ва объектҳои андозбандӣ, амалӣ намудани низоми самараноки маъмурикунонии андоз, бахусус назоратҳои андозӣ, ки ба қисмати даромади буҷети давлатӣ таъсири худро мерасонад;

- зимни амалӣ намудани маъмурикунонии андоз, манфиатҳои иштирокчиёни ҳамаи муносибатҳои андозӣ, бахсус, соҳибкорони хурду миёна ба инобат гирифта шавад;

- ҳавасмандгардонии иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус, бизнеси хурду миёна, ба мисли: низоми содакардашуда ва махсусии андозбандӣ, бояд дар мадди аввал гузошта шавад;

- дар Кодекси андоз муқарраротҳо оиди маъмурикунонии андоз дар бахши соҳибкории хурду миёна ва амалкарди онро такмил дода, қонунӣ, объективӣ, самаранокӣ, дастрасӣ ва ошкоро будани маълумотҳо оид ба раванди андозбандӣ, корҳои фаҳмондадиҳии қонунгузории бахши мазкур, назорати андозӣ ва ба масъулияти субъектҳои соҳибкории мазкур диққати махсус дода шавад.

Умуман, самаранокии фаъолияти мақомоти андоз аз амалӣ намудани низоми маъмурикунонии андоз дар рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна вобастагии калон дорад. Вай дар базаи дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна, ба мисли танзими давлатии низоми андозӣ ва маъмурикунонии он, аз ҷумла назорату санҷишҳои андозӣ роҳандозӣ карда мешавад. Самаранок амал намудани фишангҳои маъмурикунонии андоз дар рушди фаъолияти субъектҳои соҳибкории мазкур имконият медиҳад, ки назорати баҳисобгирии андозсупорандагон, объектҳои андозӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд дуруст ба роҳ монда шуда, саривақт воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷет таъмини суботи молиявӣ - иқтисодии давлат таъмин карда шавад.

**Адабиёт**


1. Алехин С.К. Особенности налогового администрирования в современных условиях Российской Федерации // Финансы и кредит. -2007.- № 38. - С. 14-20.
2. Маъдиев С., Воҳидов У.М. Усулҳои оморию иқтисодии идоракунии гаронии андоз дар сатҳи корхона / С. Маъдиев, У.М. Воҳидов. –Душанбе. - 2019. - С.7.
3. Князев В. Совершенствование налоговой системы и подготовка кадров для налоговой службы // Налоги. - 2003. -С. 28-33.
4. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит // Антология экономической классики. - М.: Эконом; Ключ, 1993. -С.108.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»//Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008, №12, қ. 2, м.997.
6. Хомяков, А.П. К вопросу о понятии и правовой природе налогового администрирования / А.П. Хомяков // Финансовое право. -2011. -№ 4. -С. 36.
7. Холодов, Л.Г. Вопроси государственного регулирования экономики/Л.Г.. Холодов. - М. 2006. -С. 244.
8. Ҷумабоев, Х. Қ., Маъмуров А. М. Ҷамъоварии андоз ҳамчун нишондиҳандаи назорати андозӣ дар сатҳи минтақа //Паёми молия ва иқтисод. -№4 (28). -2021. -С. 91-101.


## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ В РАЗВИТИЕ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

**БАХТИЁР СУЛТОН,**
соискатель Таджикского государственного финансово-экономического университета.

734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14.
Тел.: (+992) 710-00-00-10 .

*В статье рассматривается метдологические аспекты налогового администирирования в развитие малого и среднего предпринитмательства. Предложены идеи отечественных и зарубежных ученых о методе оценки налогового администрирования в формированию малого и среднего предпринитмательства, влияние налогового контроля и проверок в введения системы налогообложения этих хозяйствующих субъектов. Предложены основные принципы и функции налогового администрирования в сфере малого и среднего предпринимательства с учетом особенностей налогообложения и экономическое стимулирования развития малого и среднего предпринимательства в условиях рыночной экономики. А также проанализированы вопросы повышения эффективности деятельности налоговых органов в развитии малого и среднего предпринимательства, внесены конкретные предложения по совершенствованию налогового администрирования в условиях финансово-экономического кризиса.*

***Ключевые слова:*** *налоговые администрирование, налоговая система, развитие малого и среднего предпринимательства, налоговый механизм, налоговые регулирование, налоговые органы, налоговые проверки.*

## METHODOLOGICAL ASPECTS OF TAX ADMINISTRATION IN THE DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM ENTERPRISES

**BAKHTIYOR SULTON,**
applicant for the Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14, Nakhimov Str.
Phone: (+992) 710-00-00-10.

*The article discusses the methodological aspects of tax administration in the development of small and medium-sized businesses. The ideas of domestic and foreign scientists about the methods of assessing tax administration in the formation of small and medium-sized businesses, the impact of tax control and audits and the introduction of a new taxation system in the development of these business entities are proposed. The main principles and functions of tax administration in the field of small and medium-sized businesses are proposed, taking into account the peculiarities of taxation in the regions of the republic, economic incentives for the development of small and medium-sized businesses in a market economy. And also studied and analyzed the issues of improving the efficiency of the tax authorities in the development of small and medium-sized businesses, made specific proposals to improve tax administration in the context of the financial and economic crisis.*

**Key words:** *tax administration, tax system, development of small and medium-sized businesses, tax mechanism, tax regulation, tax authorities, tax audits.*

УДК: 338.43(575.3)

# МЕХАНИЗМИ ҚАРЗДИҲӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

**ОДИНАЕВА МАФТУНА ШОИНОВНА,**
ходими илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.
734049, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, 306.
Тел.: (+992) 900-00-06-40.

*Дар мақолаи мазкур мавқеи корхонаҳои хурду миёна дар иқтисодиёти кишвар, маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, нақши он дар истеҳсоли маҳсулот, инчунин таърифи қарзҳои хурд, ки аз ҷониби ташкилоти молиявии хурд ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи оинномаи ташкилоти молиявии хурд пешниҳодшаванда дода мешавад, мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст.*

*Бояд қайд кард, ки маблағгузории хурд ҳамчун хидматрасониҳои хурди молиявии марбут ба додани қарзҳо ва қабули пасандозҳо, ки ба аҳолӣ пешниҳод карда мешаванд: бо парвариши маҳсулоти кишоварзӣ ё чорводорӣ машғуланд; дорои корхонаҳои хурд мебошанд, ки маҳсулот истеҳсол ё коркард мекунанд, корҳои таъмирӣ ё фаъолияти тиҷоратиро анҷом медиҳанд; хидматрасонӣ мекунанд; коргарони кироя мебошанд ё дар асоси шартнома кор мекунанд; даромад аз иҷораи қитъаҳои замини хурд, воситаҳои нақлиёт, мошину асбобҳо доранд.*

*Қайд гардидааст, ки истилоҳи «қарздиҳии хурд» маънои бештар маҳдуд дорад ва танҳо хидматрасониҳоро оид ба пешниҳоди қарзҳои хурд аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ дар бар мегирад. Қарздиҳии хурд, ба андешаи мо,- ин системаи муносибатҳои иқтисодист, ки бо таъмин ва гирифтани қарзҳои хурд бо шартҳои баргардонидан, пардохти фаврӣ тавсиф карда мешавад ва аз қарздиҳии анъанавӣ бо имконияти истифодаи гарави иҷтимоӣ ва гурӯҳӣ (равонӣ) фарқ мекунад.*

*Муаллиф чунин хулосабарорӣ менамояд, ки қарздиҳии хурд тавсеаи табиии фаъолияти ташкилотҳои гуногуни сармояи молиявӣ дар соҳаи соҳаи кишоварзӣ ва соҳибкории хурд буда, ба ташкилотҳои пулию молиявӣ имкон медиҳад, ки манбаи нави ба даст овардани фоидаро аз худ кунанд, ба рушди соҳаҳо, афзоиши шуғл ва коҳиши ҳиссаи камбизоатон мусоидат намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *корхонаҳои хурду миёна, иқтисодиёт, маҷмӯи маҳсулоти миллӣ, соҳибкорӣ, қарзҳои хурд, ташкилотҳои қарздиҳӣ, тиҷорат, давлат, фаъолият, истеҳсоли маҳсулот, хидматрасонӣ.*

Дар иқтисодиёти бозории муосир корхонаҳо ва ташкилотҳои калон мавқеи калонро ишғол мекунанд. Пеш аз ҳама, ин ба соҳаҳои истеҳсолӣ ва иқтисодӣ - саноат, сохтмон, нақлиёт, то ҳадди аққал - ба соҳаи кишоварзӣ ва соҳаи хидматрасонӣ дахл дорад. Дар кишварҳои пешрафта, корхонаҳои ширкатҳои калон ва консернҳо то 50-60 % маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (дохилӣ) -ро истеҳсол мекунанд. Бо вуҷуди ин, иқтисоди муосир – ин на танҳо корхонаҳо ва ширкатҳои ҳаҷми бузурги истеҳсоли маҳсулот ва миқёси бениҳоят калони муомилот ва амалиётҳои пулӣ ва молиявӣ мебошанд. Корхонаҳои хурду миёна низ дар замони муосир мавқеи назаррасро ишғол мекунанд ва дар он нақши калон доранд. Дар шумораи умумии ҳамаи корхонаҳо, ба ҳиссаи корхонаҳои хурду миёна, ҳатто дар кишварҳои пешрафта, аз 70 то 90% ё бештар аз он рост меояд. Ин корхонаҳо то 40 фоиз ва бештар аз он маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (дохилӣ) -и кишварҳои пешрафтаро истеҳсол мекунанд. Дар чунин вазъ, вақте ки садҳо ҳазор ва ҳатто миллионҳо одамон кӯшиш мекунанд, ки роҳи соҳибкориро пеш гиранд, тиҷорати худро кушоянд ва оғоз кунанд, муҳити пулӣ ва молиявии иқтисоди бозорӣ бо хидматрасонии танҳо корхонаҳо, фирмаҳо ва ширкатҳои калон маҳдуд шуда наметавонад. Он ногузирона ва ҳавасмандона фаъолияти худро ба соҳибкорони хурди навкор паҳн мекунанд. Ташкилотҳои пулию молиявӣ ба соҳибкорон барои ба даст овардани фоида қарзҳои хурд ва займҳо ё ба истилоҳ қарзҳои хурд пешниҳод мекунанд.

Корхонаҳои хурд сатҳи пасти фаъолияти соҳибкориро дар ҷомеа ташкил медиҳанд. Барои шумораи зиёди соҳибкорон, тиҷорати хурд як намуди дарвоза ба олами тиҷорат мегардад. Барои шумораи зиёди шаҳрвандон гузариш аз вазъи шуғли кафолатнок ё кӯмаки давлат ба таъсиси ин ё он корхонаи хурд дар шароите, ки пайдо кардани ҷои кор торафт мушкилтар мегардад, воқеияти рӯзмарра мегардад. Соҳибкорон зуд ба як қисми муҳимми аҳолии меҳнатии ҷумҳурӣ табдил меёбанд ва касе ба онҳо ғамхорӣ намекунад.

Қарздиҳии хурд - ин на танҳо як бахши дигари фаъолияти хоҷагӣ мебошад. Ин як тиҷоратест, ки масъалаҳои иҷтимоиро ҳал мекунад; он дар чорроҳаи рушди иҷтимоӣ ва фаъолияти тиҷоратӣ амал мекунад ва қисми муҳимми маблағгузории хурд мебошад.

Маблағгузории хурд – ин бештар мафҳуми умумӣ мебошад, ки суғуртаи хурд, системаи пасандоз, лизинг, франчайзинг ва ғайраро низ дар бар мегирад.

Барои дарки моҳияти қарздиҳии хурд, таҳияи матритсаи равшани рушди он ва санадҳои дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ, аз дастгоҳи ягонаи консептуалӣ истифода бурдан лозим аст. Мо метавонем бо муҳаққиқоне розӣ бошем, ки қайд мекунанд, ки қарздиҳии хурд – ин танҳо баровардани маблағҳои қарзӣ нест, балки он як барномаи комил аст, ки аз ҷиҳати шароит ва механизмҳои пешниҳоди қарзҳо, заминаи муштариён ва манбаъҳои портфели қарзӣ як қатор хусусиятҳо ва хислатҳои сифатӣ дорад[1].

Дар ҳисоботи Бонки Осиёии Рушд «Молия барои камбизоатон. Стратегияи рушди қарздиҳии хурд "(аз 16 майи соли 2000) чунин таъриф дода шудааст: «Қарздиҳии хурд ин пешниҳоди доираи васеи хизматрасониҳои молиявӣ ба монанди амонат, қарз, хидматрасониҳои пардохтӣ, интиқоли пул ва суғуртаи хонаводаҳои камбизоат ва камдаромад ва ширкатҳои хурди онҳо мебошад»[2].

Аммо, ба андешаи мо, ин таъриф бештар чунин мафҳуми васеъро ба монанди маблағгузории хурд тавсиф мекунад. Дарки дақиқтари истилоҳро М. Робинсон додааст. Вай маблағгузории хурдро ҳамчун хидматрасониҳои хурди молиявии марбут ба додани қарзҳо ва қабули пасандозҳо мешуморад, ки ба мардум пешниҳод карда мешаванд: бо парвариши маҳсулоти кишоварзӣ ё чорводорӣ машғуланд; дорои корхонаҳои хурд мебошанд, ки маҳсулот истеҳсол ё коркард мекунанд, корҳои таъмирӣ ё фаъолияти тиҷоратиро анҷом медиҳанд; хидматрасонӣ мекунанд; коргарони кироя мебошанд ё дар асоси комиссия кор мекунанд; даромад аз иҷораи қитъаҳои замини хурд, воситаҳои нақлиёт, ҳайвоноти корӣ, мошину асбобҳо доранд, инчунин дигар шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои сокинони маҳаллӣ дар кишварҳои дорои иқтисодиёти рӯ ба тараққӣ ҳам дар шаҳр ва ҳам дар маҳали деҳот[3].

Қонун «Дар бораи ташкилотҳои молиявии хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон» таърифи зерини қарзҳои хурдро пешбинӣ мекунад: «Қарзҳои хурд - ин маблағе мебошанд, ки аз ҷониби ташкилоти молиявии хурд ба шахсони воқеӣ ё ҷамоатҳои аз ҷониби онҳо таъсисёфта, шахсони ҳуқуқӣ тибқи оинномаи ташкилоти молиявии хурд пешниҳодшаванда дода мешавад»[4].

Истилоҳи «қарздиҳии хурд» маънои бештар маҳдуд дорад ва танҳо хидматрасониҳоро оид ба пешниҳоди қарзҳои хурд аз ҷониби ташкилотҳои молиявӣ дар бар мегирад. Қарздиҳии хурд, ба андешаи мо,- ин системаи муносибатҳои иқтисодист, ки бо таъмин ва гирифтани қарзҳои хурд бо шартҳои баргардонидан, пардохт, фаврӣ тавсиф карда мешавад ва аз қарздиҳии анъанавӣ бо имконияти истифодаи гарави иҷтимоӣ ва гурӯҳӣ (равонӣ) фарқ мекунад.

Махсус қайд кардани чунин мафҳум ба мисли «гурӯҳи мақсаднок» муҳим аст. Ин мафҳум қарзгирандагони эҳтимолиро бо хусусиятҳои шабеҳ (мақоми иҷтимоӣ,

даромади солона, сатҳи маълумот, намуди фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра) муттаҳид мекунад, ки дар шароити муқаррарӣ нисбатан якзайл рафтор мекунанд.

Гурӯҳи мақсаднокро метавонад ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ намояндагӣ кунанд. Вобаста аз ҳадафи барномаи қарздиҳии хурд, доираи фаъолияти он муайян карда мешавад. Агар ин кӯмак ба гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ бошад, пас гурӯҳи мақсаднокро намояндагони табақаҳои камбизоати аҳолӣ ташкил медиҳанд. Агар ҳадафи барномаи қарздиҳии хурд ташкили ҷойҳои корӣ иловагӣ бошад, пас ин соҳаи тиҷорати хурду миёна мебошад. Тадқиқотҳо нишон дод, ки ба ҳолати 31 декабри соли 2022 дар маҷмӯъ 64 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 26 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд. Соли 2022 77,7% ташкилотҳои қарзии хурд дар Тоҷикистон ба соҳибкорон бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ ва 70,1% муассисаҳои қарзии хурд ба корхонаҳои хурд хидмат мерасонданд.

Шумораи воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар соли 2022 1 862 ададро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба 7 адад зиёд шуд.

***Ҷадвали 1. Сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| (адад) Сохтор | 31.12.2021 | 31.12.2022 | Т-т (+/-) |
|---|---|---|---|
| 1.Ташкилотҳои қарзии молиявӣ (ҳамагӣ) | 63 | 64 | 1 |
| 1.1 Бонкҳо | 14 | 15 | 1 |
| 1.1.1 Бонкҳои анъанавӣ<br>1.1.2 Бонкҳои исломӣ | 13<br>1 | 14<br>1 | 1<br>- |
| 1.2 Ташкилотҳои қарзии ғайри бонкӣ | | 1 | 1 |
| 1.3 Ташкилотҳои маблағгузории хурд | 49 | 48 | -1 |
| 1.2.1 Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 18 | 19 | 1 |
| 1.2.2 Ташкилотҳои қарзии хурд | 4 | 3 | -1 |
| 1.2.3 Фондҳои қарзии хурд | 27 | 26 | -1 |
| 2.Воҳидҳои сохтории ТҚМ (ҳамагӣ) | 1855 | 1862 | 7 |
| 2.1 Филиалҳо | 295 | 310 | 15 |
| 2.1.1 Равзанаи бонкии исломӣ | 2 | 2 | - |
| 2.2 Марказҳои хизматрасонии бонкӣ | 1204 | 1205 | 1 |
| 2.3 Марказҳои хизматрасонии маблағгузории хурд | 353 | 343 | -10 |
| 2.4 Воҳидҳои сайёр | 3 | 4 | 1 |

***Сарчашма:*** *Дар асоси маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои 2021-2022 аз тарафи муаллифон тартиб дода шудааст.*

Дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи 31 декабри соли 2022 маблағи 30 030,7 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба 7 616,0 млн. сомонӣ ё 34,0 фоиз бинобар зиёдшавии маблағи ҳисобҳо барои гирифтан аз Бонки миллии Тоҷикистон, пули нақд ва бақияи сандуқи қарзӣ ба амал омадааст.

Бақияи сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар санаи ҳисоботӣ маблағи 13 577,6 млн. сомониро ташкил карда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба маблағи 1

607,2 млн. сомонӣ ё 13,4 фоиз зиёд шудааст, ки ин аз ҳисоби қарзҳои ба шахсони воқеӣ ва ба соҳибкорони хурду миёна додашуда ба амал омадааст.

Самтҳои асосии мақсадноки қарздиҳии хурди бахши аграрии зеринро бояд қайд кард:

- пешниҳоди хизматрасониҳои қарзию молиявӣ ба фермерон, хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои хурд, соҳибкороне инфиродие, ки ба манбаҳои бонкӣ ва дигар манбаҳои қарзӣ дастрасӣ надоранд;
- паст кардани сатҳи камбизоатӣ бо роҳи додани қарзҳои хурд барои оғоз кардани фаъолияти соҳибкорӣ ва ба ин восита ба даст овардани даромади муайян барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии табақаҳои камбизоати аҳолии деҳот.

Ҳоло мафҳуми қарздиҳии хурд дар тамоми ҷаҳон эътироф карда шудааст - ба санаи 31 декабри соли 2022, 150 ташкилотҳои пешрафтаи қарзии хурд дар ҷаҳон портфели умумии қарзӣ қариб 5 миллиард долларро ташкил доданд ва ба беш аз 20 миллион муштариён, ташкилотҳои қарздиҳии хурд, бонкҳои давлатӣ ва тиҷоратӣ хидматрасонӣ карданд [5]. Қарзи хурд аз қарздиҳии анъанавӣ фарқияти зерин дорад:

- самтгирӣ ба гурӯҳҳои муайяни қарзгирандагон (камбизоатон, аммо табақаҳои аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол; корхонаҳои хурд, фермероне, ки ба манбаҳои дигари қарз дастрасӣ надоранд);
- имконияти истифодаи чунин намуди ғайрианъанавии таъминот, ба монанди гарави психологӣ ва иҷтимоӣ. Гарави психологӣ - ин шакли амонатест, ки дар он аъзоҳои иттифоқҳои қарзӣ бозгардонидани қарзҳои гирифташударо дутарафа кафолат медиҳанд. Гарави иҷтимоӣ маънои шакли таъмини қарзро дар намуди кафолат аз ҷониби шахси воқеии обрӯманд ва мӯҳтарам дорад.

Моҳияти қарздиҳии хурд тавассути вазифаҳои иҷрошаванда ифода меёбад. Дар баробари вазифаҳои асосии қарз, ба монанди азнавтақсимкунӣ, такрористеҳсол, ҳавасмандкунанда, қарздиҳии хурд, ба назари мо, инчунин вазифаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дорад.

Амали функсияи иҷтимоии қарздиҳии хурд дар нақшаи таҳиякардаи муаллиф инъикос ёфта, механизми амали ин функсияро аз рӯи категорияҳои қарзгирандагон нишон медиҳад (Расми 1). Амали вазифаи иқтисодии қарздиҳии хурд аз инҳо иборат аст:

- дастрасии баланди хизматрасониҳои қарзӣ, ба рушди бахши соҳибкории хурд мусоидат мекунад;
- имкон медиҳад, ки низоми молиявӣ дар кор ва бахшҳои алоҳидаи он - маблағгузории бонкҳо, бозори пасандозҳо ва қарзҳо васеъ карда шавад;
- механизми ташаккули таърихи қарзии мусбат барои гирифтани минбаъдаи қарз аз бонкҳо мебошад;
- шакли фаъолияти соҳибкориро ифода мекунад, ки метавонад ба муассисони ташкилотҳои қарзии хурд фоида орад.




***Расми 1.*** *- Амали функсияи иҷтимоии қарздиҳии хурд аз рӯи категорияҳои қарзгирандагон.*

Қарздиҳии инфиродӣ ва гурӯҳӣ мавҷуд аст. Қарздиҳии инфиродии инфиродӣ тавассути мутобиқсозии қарздиҳии анъанавии бонкӣ ба принсипҳои асосии қарздиҳии хурд амалӣ карда мешавад. Қарздиҳии хурди инфиродӣ - ин пешниҳоди қарзҳои хурд дар доираи масъулияти инфиродии муштарӣ барои баргардонидани қарз аз рӯи маблағи асосӣ ва фоизҳо мебошад. Хусусиятҳои асосии он инҳоянд:

- қарзҳо бо гарави амвол кафолат дода мешаванд;
- мутахассисони муассисаҳои қарзии хурд бо қарзгиранда робитаи наздик доранд;
- унсури таълимӣ қисми таркибӣ мебошад (кӯмак ба қарзгиранда дар навиштани нақшаи бизнес, омӯзиши малакаҳои менеҷмент, маркетинг ва ғайра).

Қарздиҳии гурӯҳӣ додани қарзи хурд дар доираи масъулияти якҷояи аъзоёни гурӯҳ барои баргардонидани қарз аз рӯи маблағи асосии қарзи хурд ва фоизҳо мебошад ва ба принсипҳои зерин асос ёфтааст:

1. Ҳамбастагии аъзоёни гурӯҳ (муносибатҳои корӣ, робитаҳои хешовандӣ, ҳамсоягӣ).

2. Имконияти гирифтани қарзи инфиродӣ барои ҳар як аъзои гурӯҳ мувофиқи эҳтиёҷоти онҳо.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, таҳдиди хориҷ шудан аз гирифтани мунтазами қарзҳои хурд омили қавитарини иҷрои саривақтии ӯҳдадориҳо мебошад. Муассисаҳои гуногуни қарзии хурд вобаста ба сиёсати қарзии худ принсипи якваҷта ё навбат ба навбат гирифтани қарзро аз ҷониби аъзоёни гурӯҳ истифода мекунанд.

Мувофиқи маълумоти як қатор коршиносони байналмилалӣ, дар соҳаи қарздиҳии хурд бартарӣ ва нуқсонҳо мавҷуданд, ки бо методологияи гурӯҳи қарзии хурд алоқаманданд. Бартариҳо инҳоро дар бар мегиранд:

- кам кардани хароҷоти вақт ва маблағ барои ҷалб ва кор бо мизоҷон;
- имконияти бо усули масъулияти якҷоя иваз кардани гарави ҷисмонӣ;
- эҳтимолияти якбора густариш ва нигоҳ доштани динамикаи баланди тавсеаи хизматрасониҳои қарздиҳии хурд.

Бо вуҷуди ин, паҳншавии усулҳои қарздиҳии гурӯҳӣ бо бемайлии қарзгирандагон барои ба зиммаи худ гирифтани масъулият барои шахсони сеюм маҳдуд аст. Аз ин рӯ, муассисаҳои қарзии хурд инчунин усулҳои инфиродии қарздиҳиро истифода мебаранд. Метавон гуфт, ки ҳарду усул ҳамдигарро мукаммалкунанда мебошанд, зимнан қарздиҳии гурӯҳӣ дар соҳаи қарзҳои хурд қобили қабул аст ва бо афзоиши ниёзҳои молиявӣ қарзҳои инфиродӣ ҷолиб мешаванд. Ба ҳамин монанд, қарздиҳии гурӯҳиро занон фаъолона истифода мебаранд, ҳол он ки мардон қарзҳои инфиродиро болотар медонанд.

Ҳамчунин мунаққидони истифодаи қарздиҳии хурд мавҷуданд, ки фоизи баландкардашудаи қарзҳоро дар баъзе барномаҳои қарздиҳии хурд ҳамчун далел пешниҳод мекунанд. Аммо, ин хусусияти хоси барномаҳои қарзии хурд мебошад, зеро мизоҷони муассисаҳои қарзии хурд ба категорияи қарзгирандагони хатарнок дохил мешаванд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳатто мизоҷони дорои даромади кам омодаанд барои қарзи хурд фоизи баланд пардохт кунанд, зеро ин хароҷот бо бароҳатӣ ва фаврӣ будани қарз ба таври доимӣ ва такрорӣ, гирифтани маълумоти молиявӣ ва ғайра ҷуброн карда мешавад.

Қарздиҳии хурд дар Тоҷикистон, аз рӯи маълумотҳои Бонки умумиҷаҳонӣ, дар марҳилаи рушди муваффақ аз ҷанбаи амалӣ ва қонунгузорӣ қарор доранд.

Институтҳое, ки қарзҳои хурд медиҳанд, ба андешаи мо муассисаҳои қарзии хурд номида шаванд. Таърифи дастгоҳи мушаххас ва ягонаи мафҳуми илмӣ-назариявӣ имкон медиҳад, ки дар оянда бо гуногунрангии таърифҳои унсурҳои системаи қарздиҳии хурд гирифтор нашаванд. Муассисаҳои қарзии хурд зуҳуроти моҳият ва вазифаҳои қарздиҳии хурдро таъмин мекунанд, инчунин муносибатҳои қарзиеро, ки дар раванди қарзҳои хурд ба миён меоянд, амалӣ мекунанд.

Ба гуфтаи роҳбари Барномаи дастгирии рушди соҳибкории хурди СМЕРУС 9803 Иоост де ла Рив Бокса, қарздиҳии хурд – ин кори пионерон, муассисаҳое мебошад, ки дар минтақаҳое, ки чунин хидматрасониҳо дар он ҷо набуданд, бозорҳои нави молиявӣ мекушоданд[6]. Ин муассисаҳо бояд «майдони корӣ» омода кунанд, ки ин раванди рушдро ба таври назаррас суст мекунад.

Ҳоло, ки роҳҳо аллакай кушода шудаанд, мушкилот пеш меояд, ки чӣ гуна онҳо барои дигарон қобили гузариш бошанд, инчунин чӣ гуна фарогириро зудтар васеъ намоем.

Ҳукумат набояд дар ин бозорҳои нав ҳамчун соҳибкор бошад. Аммо он метавонад дар рӯҳбаланд кардани дигарон ба ин, бартараф кардани монеаҳое, ки дар натиҷаи набудани қонунгузорӣ ё амали андозҳои маҳдудкунанда фароҳам оварда шудаанд ва мусоидат ба манбаъҳои мавҷудаи молия дар бахш нақши муҳим бозанд.

Маҳдудияти назаррас барои кишоварзон, деҳқонон, хоҷагиҳои деҳқонӣ, субектҳои соҳибкории хурд ва гурӯҳҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳофизатнашудаи аҳолӣ беманфиатии бонкҳо барои кор бо қарзҳои хурд мебошад. Дар ҳақиқат, хароҷоти қиёсии амалии онҳо амалан бо қарзҳои калон ва миёна якхела мебошанд ва даромадҳо ба таври назаррас камтар мебошанд. Аз ҷиҳати миқдор, хидматрасониҳои муассисаҳои қарзии хурд ба эҳтиёҷоти корхонаҳои хурд, истеҳсолоти хурди кишоварзӣ, инчунин аҳолии дорои даромади кам бештар мувофиқанд. Ин эътибори бешубҳаи қарздиҳии хурд

ҳамчун воситаи дастгирии соҳаи кишоварзӣ, соҳибкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми камбизоат мебошад [7].

Одатан, ташкилотҳои қарзии хурд барои кор дар деҳот имкониятҳои бештар доранд, алахусус ташкилотҳои қарзии хурд, ки узвияти коллективӣ доранд (иттифоқҳои қарзӣ ва кооперативҳои қарзӣ).

Муассисаҳои қарзии хурд технологияҳои махсусеро таҳия кардаанд, ки ба шарофати он онҳо метавонанд қарзҳои хурдро бо фоида ва хавфи кам пешниҳод кунанд. Муассисаҳои қарзии хурд ҳатто метавонанд ба таҳкими низоми бонкҳои тиҷоратӣ кӯмак расонанд, зеро онҳо пасандозҳоро барои ҷойгиркунии минбаъда дар бонкҳои тиҷоратӣ самаранок сафарбар мекунанд. Ғайр аз он, муассисаҳои қарзии хурди хуб амалкунанда соҳибкорони муваффақро тарбия мекунанд, ки ба сатҳи корхонаҳои хурду миёна мегузаранд. Ҳар як соҳибкори муваффақ муштарии боиқтидори бонки тиҷоратӣ мебошад. Муҳаққиқи қарзҳои хурди канадагӣ Д. Килгоур қайд мекунад: «Яке аз омилҳое, ки метавонад камбизоатиро коҳиш диҳад, нигоҳ доштани рӯҳияи соҳибкорӣ дар иқтисодиёти муқаррарӣ ва расмӣ мебошад. Аммо барои ин дастгирии қарзӣ ба соҳибкорони хурд зарур аст. Маҳз дастрасӣ ба қарз ҳамон аст, ки соҳибкорони хусусӣ бояд шадидан ширкатҳои хурди ғайрирасмӣ ва хурдтарини худро ба корхонаҳои қобили истифода табдил диҳанд»[8].

Ҳамин тавр, бо сабабҳои асоснок метавон гуфт, ки қарздиҳии хурд тавсеаи табиии фаъолияти ташкилотҳои гуногуни сармояи молиявӣ дар соҳаи идоракунии хурд ва соҳибкорӣ мебошад. Ин фаъолият ба ташкилотҳои пулию молиявӣ имкон медиҳад, ки манбаи нави ба даст овардани фоидаро азхуд кунанд, ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва соҳибкории хурд, ташаккули синфи миёна, афзоиши шуғл ва коҳиши ҳиссаи камбизоатон мусоидат кунанд.

**Адабиёт**


1. Анализ развития микрофинансирования в России в 1998 - 2000 гг./ Проект ТАСИС СМЕРУС, Отчет 9803, «Поддержка развития малого предпринимательства». - М.,2001. с. 8
2. Asian Development Bank, report 106-00, Finance for the poor, Microfmance Development strategy. -P. 3-5.
3. Strategic issues in microfmance/ edited by Mwangi S. Kimenyi, Robert C Wieland, J.D von Pishke. Alder shot, Hants, England, Brookfield, Vt: Ash gate Pub. - P.243
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд». ш. Душанбе, 16 апрели соли 2012, № 816
5. Анализ развития микрофинансирования в Таджикистан в 2019 - 2020 гг. / Отчет Ассоциация Микрофинансовых Организаций Таджикистана (АМФОТ), «Поддержка развития малого предпринимательства». - Душанбе. 2020 г.
6. Иоост де ла Рив Бокс. Поддержка развития предпринимательства, проект ТАСИС, 2001 г.
7. Одинаев Ш.Т. Спрос на микрокредиты и возможность их удовлетворения в аграрном секторе Таджикистана // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Душанбе: «Сино» 2012, серия экономических наук 2/1 (78). С. 85-90.
8. Д. Килгоур От неформальной экономики к мелкому предпринимательству: роль микрокредита // Экономическая теория преступлений и наказаний.- 1999.- №2.- С.1.


# МЕХАНИЗМ КРЕДИТОВАНИЯ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОМ ОТРАСЛИ


**ОДИНАЕВА МАФТУНА ШОИНОВНА,**
научный сотрудник Института экономики и исследований
система развития сельского хозяйства
Академии сельскохозяйственных наук Таджикистана.
734049, г. Душанбе, ул. Хаёти нав, 306.
Тел.: (+992) 900-00-06-40.

*В статье рассматривается значение малых и средних предприятий в экономике страны, валовом национальном продукте, его роль в производстве, а также дается определение микрокредитования, предоставляемого микрофинансовыми организациями физическим и юридическим лицам в соответствии с уставом микрофинансовой организации.*

*Микрофинансирование как небольшая финансовая услуга, связанная с выдачей кредитов и принятием вкладов, предлагается населению: занимается выращиванием сельскохозяйственных или животноводческих продуктов; иметь малые предприятия, производящие или перерабатывающие продукцию, выполняющие ремонтные работы или занимающиеся коммерческой деятельностью; предоставлять услуги; являются сотрудниками или работают по контракту; доход от сдачи в аренду небольших земельных участков, транспортных средств, техники и оборудования.*

*Термин «микрокредитование» имеет более ограниченное значение и включает только предоставление микрокредитных услуг финансовыми учреждениями. Микрокредитование, на наш взгляд, представляет собой систему экономических отношений, характеризующуюся предоставлением и получением микрозаймов на условиях возврата, оплата, своевременности, и отличается от традиционного кредитования возможностью использования социального и группового (психологического) обеспечения.*

*Автор приходит к выводу, что микрокредитование является естественным расширением деятельности различных организаций финансового капитала в сфере сельского хозяйства и малого бизнеса, что позволяет денежно-кредитным и финансовым учреждениям обеспечивать новый источник прибыли, развивать отрасли, увеличивать занятость и способствовать сокращению доли бедности.*

***Ключевые слова:*** *малые и средние предприятия, экономика, ВВП, бизнес, микрокредитование, кредитные учреждения, торговля, государство, деятельность, производство, услуги.*

## LENDING MECHANISM IN THE AGRICULTURAL INDUSTRY

**ODINAYEVA MAFTUNA SHOINOVNA,**
Researcher of the Institute of Economics and
Systematic Research of Agricultural Development
Academy of Agricultural Sciences of Tajikistan.
734049, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 306, Hayoti-Nav st.
Phone: (+992) 900-00-06-40.

*The article examines the importance of small and medium-sized enterprises in the country's economy, gross national product, its role in production, and also provides a definition of microcredit provided by microfinance organizations to individuals and legal entities in accordance with the charter of a microfinance organization.*

*It should be noted that microfinance as a small financial service associated with the issuance of loans and acceptance of deposits is offered to the population: they are engaged in the cultivation of agricultural or livestock products; have small businesses that manufacture or process products, perform repairs, or engage in commercial activities; provide services; are employees or contracted; income from the lease of small land plots, vehicles, machinery and equipment.*

*It should be noted that the term "microcredit" has a more limited meaning and only includes the provision of microcredit services by financial institutions. Microcredit, in our opinion, is a system of economic relations, characterized by the provision and receipt of microloans on terms of return, payment, timeliness, and differs from traditional lending by the possibility of using social and group (psychological) security.*

*The author concludes that microcredit is a natural extension of the activities of various financial capital organizations in the field of agriculture and small business, which allows monetary and financial institutions to provide a new source of profit, develop industries, increase employment and help reduce the incidence of poverty.*

***Key words:*** *small and medium enterprises, economy, GDP, business, microcrediting, credit institutions, trade, state, activity, production, services.*

## ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 124.231

# АНДОЗСУПОРАНДАГОНИ АНДОЗ АЗ ҚИТЪАИ ЗАМИН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҒАФУРЗОДА АБДУХАЛИЛ ДАВЛАТАЛӢ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: +992 (37) 2-24-17-86. E-mail: khalil-77@mail.ru
**БУРИЕВА ДИЛАФРУЗ ТОЛИБОВНА,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 934-11-11-61. E-mail: burieva.dilafruz1111@gmail.com

*Дар мақолаи мазкур муаллиф андозсупорандагони андоз аз қитъаи заминро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Муайян гардидааст, ки андозсупоранда - шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои онҳо, ки фаъолияти иқтисодиро новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, намуди фаъолият, тобеият ва шакли моликият ва ё объекти андозбандӣ амалӣ менамоянд ва ба зиммааш тибқи қонунгузории андоз уҳдадории пардохти андозҳо, боҷи давлатӣ ва пардохтҳо вогузор шудааст. Дар натиҷаи таҳлили қонунгузории кишвар ва давлатҳои хориҷа муайян гардид, ки андозсупорандагони андоз аз қитъаи замин заминистифодабарандагоне, мебошанд, ки қитъаҳои замин ба онҳо барои истифодаи меросии якумра, бемуҳлат, муҳлатнок дода шудаанд, ё истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *замин; қитъаи замин; шахси воқеӣ; шахси ҳуқуқӣ; резидент; ғайрирезидент; заминистифодабаранда; андозсупорандагони андоз аз қитъаи замин.*

Андоз танҳо дар он сурат муқарраршуда ҳисобида мешавад, агар андозсупоранда, имтиёзҳои андозӣ ва ҳамаи унсурҳои андозро Кодекси андози ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии дар заминаи он қабулгардида муайян карда бошанд.

Унсурҳои андоз гуфта, воҳидҳои функсионалии дохилии ифодаёбандаро меноманд, ки дар маҷмӯъ сохтори ҳуқуқи андозро ташкил медиҳанд. Сохтори таркибӣ барои ҳамаи намудҳои андоз ва пардохтҳо ягона мебошад ва аз ин рӯ, он унверсалӣ мебошад. Аммо ифодаёбии ин унсурҳо барои ҳар як намуди андоз бо хусусияти хос пешбинӣ шуда, дар натиҷа ҳар як андоз намуди алоҳидаи фардиро касб намуда, имконияти фарқ намудани андозҳо ва пардохтҳоро пешбинӣ менамояд [1, с. 35].

Ба андешаи Ш.М. Исмоилов он унсурҳои тасвири андоз, ки бидуни онҳо уҳдадории андоз ва тартиби иҷрои онро наметавон аниқ ва муайян ҳисобид, унсурҳои андозбандӣ номида мешавад [10, с. 143].

Андоз танҳо дар он сурат муқарраршуда ҳисобида мешавад, агар андозсупоранда, имтиёзҳои андозӣ ва ҳамаи унсурҳои андозро Кодекси андози ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии дар заминаи он қабулгардида муайян карда бошанд.

Ба унсурҳои андоз мансубанд:

– объекти андозбандӣ;
– манбаи андоз;
– меъёри андоз;
– давраи андоз;
– тартиби ҳисоб кардани андоз;
– тартиби пешниҳод кардани ҳисоботи андоз;

– тартиби пардохти андоз [5].

Воқеан, яке аз унсурҳои асосӣ ва муҳим дар низоми андозбандӣ субъекти андозбандӣ - андозсупоранда ба ҳисоб меравад.

Тибқи моддаи 14 Кодекси андози ҶТ андозсупоранда - шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагиҳои онҳо, ки фаъолияти иқтисодиро новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ, намуди фаъолият, тобеият ва шакли моликият ва ё объекти андозбандӣ амалӣ менамоянд ва ба зиммааш тибқи қонунгузории андоз ухдадории пардохти андозҳо, боҷи давлатӣ ва пардохтҳо вогузор шудааст [5].

Субъекти андозсупоранда шахсест, ки вазифаи ҳуқуқии аз ҳисоби маблағи худ пардохтани андозро ба зимма дорад.

Ба андешаи С.Г. Пепеляев зери мафҳуми андозсупоранда шахсе, ки ба зиммаи ӯ вазифаи ҳуқуқии пардохти андоз гузошта шудааст, фаҳмида мешавад [2, с. 40-42].

Ба андешаи С.К. Ризоева андозсупоранда – шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқие, ки ба зиммаашон мутобиқи Кодекси андози ҶТ уҳдадорӣ ҷиҳати пардохти андоз гузошта шудааст, эътироф мешаванд [12, с. 39].

Ба андешаи Ш.М. Исмоилов андозсупоранда шахсест, ки мутобиқи Кодекси андози ҶТ ба зиммааш уҳдадории пардохти андозҳо гузошта шудааст [10, с. 144].

Мувофиқи моддаи 19 Кодекси андози Федератсия Россия андозсупорандагон, супорандагони пардохтҳо, супорандагони саҳми суғуртавӣ ташкилотҳо ва шахсони воқеие мебошанд, ки мутобиқи Кодекси андоз уҳдадоранд андоз, пардохтҳо ва саҳми суғуртавиро супоранд [6].

Институтами зороастрийской системы правосудия являлись гражданский судья, военный судья, судья обычного права, а также администрация, имеющая полномочия осуществления правосудия [11, с. 108].

Судебное право зороастризма выработало следующие принципы: независимость, самостоятельность, объективность, беспристрастность судьи [16, с. 488].

При Сасанидах единственным чиновником, имеющим право выносить решения, определять правовое и неправовое, становится судья. Только назначенный судья имел право принимать решения и выносить приговоры в гражданских и уголовных делах. В судебных органах появляется институт вспомогательного персонала. Всё более важную роль начинает играть институт свидетелей, которые не только свидетельствовали на процессе, но и могли повлиять на решения судьи. Для поддержания порядка в зале суда назначался специальный вспомогательный состав, который во время прохождения процесса контролировал порядок и содействовал нормальному ходу судопроизводства. Важнейшими участниками судебного процесса становятся консультант - своего рода адвокат, и доверенное лицо – представитель стороны [14.26.].

Процесс протоколировался – это было обязательно при рассмотрении в суде серьезных проступков, как, например, обвинений в «злоумышлении против богов», в ереси, и любых проступков, влекущих за собой суровую кару. Протоколированию подлежали не только все декларации тяжущихся, но и показания свидетелей. Записи скреплялись печатями лиц, декларации которых они фиксировали. Существовали и специальные инструкции о формуляре протокола. [10, с. 346].

Необходимо отметить, что судья мог назначать определенную сумму в качестве гарантии как залог со стороны потерпевшего или истца, и оставить его у себя. Если истец не исполнял решения судьи или действовал против данного решения, то судья мог изъять данную сумму в доход государства [14, с. 26]. При отсутствии одной стороны в процессе суда иск разрешался в пользу другой стороны.

Решение суда фиксировалось в письменном документе, к которому в случае тяжких проступков присоединяли и протокол суда. Этот документ вместе с другими судебными документами передавали архивариусу, а копии – сторонам. Осужденного к тюремному заключению передавали начальнику тюрьму и стражникам. Судья не имел права изготовить задним числом документ о судебном решении, даже если существующий документ был составлен не по правилам.

Наряду с судебным определением мог издаваться также судебный приказ, обязывавший виновную сторону к удовлетворению требования. Такой приказ мог касаться также вопроса владения спорной вещью до вынесения судом окончательного решения; необходимость в этом особенно часто возникала в затяжных процессах или в случае передачи дела в апелляционную инстанцию, как и в ордальный суд [10, с. 285].

На основе анализа историко-научных источников можно прийти к выводу, что в зороастрийский период таджикской государственности использовались различные формы судопроизводства, такие как обвинительная, состизательная и смешанная формы. Осуществление првосудии применялась на основании этих моделов судопроизводства. Инстиуты осуществляющими правосудии в доном историческом периоде, кроме судебных органов, пременялось также со старани царья, глави местных властей и особые государственные детелей.

**Литература**


1. Абдулхонов, Ф. История судопроизводства досоветского Таджикистана: историко-правовое исследование – Душанбе, 2017. –190 с
2. Али Худжатии Кирмони. Исследование проблем судопроизводства в разные времен истории. Тегеран, 1990. С.57. (на перс. яз.). См:
3. Амир Махдии Бадеъ. Иран во время первых правители ахеменидской династией. Тегеран,1987.С. 34 (на перс. яз.).
4. Буриев, И.Б. История государства и права Таджикистана – Душанбе, 2014. – Ч.1-4. – 352 с.
5. Дустхох Дж. Авеста. С.279-280.
6. Калиновский К.Б. Исторические типы и формы уголовного процесса //Уголовный процесс: курс лекций / Н.В Лантух, К.Б.
7. Калиновский, С.А. Роганов и др. СПб.: Изд-во СПб ун-та МВД России, 2011. С. 21-30.
8. Карими Кишоварзи. Иран во время Сасанидов. Тегеран, 1987. С. 345. (на перс. яз.).
9. Нажимов В. П. Типы, формы и виды уголовного процесса. Калининград, 1977. С. 238.
10. Периханян А.Г. Сасанидский Судебник (Книга тысячи судебных решений). Ереван, 1973. С.346.
11. Рашшод М. Философия с начала истории. Душанбе, 1990. С.108-109.(на тадж. яз.).
12. Саидхасан А. Судопроизводство и судебная система в Иране. Тегеран, 2007. С.23. (на перс. яз.)
13. Смирнов А.В. Состязательный процесс. СПб., 2001. С. 13-17.
14. Сокит М.Н. Институты правосудия в исламе. Тегеран, 1325 г.х. 608 с. (на перс. яз.)
15. Ставиский Б.Я. Кушанская Бактрия. Проблемы истории и культуры. М., 1972. С. 175-176.
16. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (Древнее право). Душанбе: Маориф ва фарханг,2005. 488с.

17. Якубов Ю. Государственное управление в авестийском периоде // Труды Института мировой культуры. Бишкек-Лепциг, 2003. Т.3. С. 35-39.
18. Гафурзода А.Д. Становление и развитие правового регулирования экологических отношений в зороастрийской правовой системе: теоретико-исторические вопросы. // Государственное управление Научно-политический журнал Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан 2021г., №2, (51), С. 129-134.

## ХУСУСИЯТҲОИ АСОСӢ ВА ТАСНИФИ ИСТЕҲСОЛОТИ СУДӢ ДАР МАРҲИЛАИ ЗАРДУШТИИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН

**АБДУЛХОНОВ ФАЙЗАЛИ МАХМУДОВИЧ,**
номзади илмҳои ҳуқуқӣ, ходими калони илмии
Маркази омӯзиши «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон»-и
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 933-33-99-46. E-mail: faiz-7704@mail.ru

*Дар мақола масъалаи истеҳсолоти судӣ дар марҳилаи зардуштии давлатдории тоҷикон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таҳқиқи сарчашмаҳои илмӣ муайян менамоянд, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон ҳанӯз аз замонҳои бостон истеҳсолоти судӣ ташаккул ёфта, мурофиаи судӣ тавассути навъҳои гуногуни пешбурди судӣ амалӣ карда мешуданд.*

***Калидвожаҳо:*** *истеҳсолоти судӣ, давлат, ҳуқуқ, меъёҳои ҳуқуқӣ, давлатдорӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, ҷомеа, Ҳахоманишиниҳо, Сосониён, ҳукми судӣ.*

## MAIN CHARACTERISTICS AND CLASSIFICATION OF LEGAL PROCEEDINGS IN THE ZOROASTRI PERIOD OF THE TAJIK STATEHOOD

**ABDULKHONOV FAYZALI MAKHMUDOVICH,**
PhD in Law, Leading Researcher,
Center for the Study of “School of Statehood of Emomali Rahmon”
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 S. Nosir str.
Phone: (+992) 933-33-99-46. E-mail: faiz-7704@mail.ru

*The article analyzes the issue of legal proceedings at the Zoroastrian stage of the Tajik statehood. The study of scientific sources determines that in the history of the Tajik statehood, legal proceedings have been formed since ancient times, and legal proceedings have been carried out through various types of legal proceedings.*

***Key words:*** *legal proceedings, state, law, legal terms, statehood, criminal proceedings, civil proceedings, society, Achaemenids, Sassanids, court verdict.*

УДК.342 (575.3)

# МАВҚЕИ ЗАНОН ДАР ИДОРАКУНИИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

**АМИНОВ МУҲАМАДҶОН МАҲМАДРИЗОЕВИЧ,**
дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
E-mail: aminov.mm@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур, заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти занон дар идоракунии давлатӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон дар мақола мавқеи занон дар рушди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақола муаллиф нақши занонро дар рушди мақомоти маҳаллӣ, ҳамчун як ниҳоди низоми идораи давлатӣ таҳлил намудааст. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои амалигардонии ҳокимияти давлатӣ нақши босазо гузошта, дар низоми идоракунии давлатӣ ҷойгоҳи махсусро доро мебошад. Дар мақола мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Иштироки занонро дар фаъолияти мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баррасӣ намудаанд. Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зери тадқиқот қарор дода шавад. Ҳамзамон таъкид карда мешавад, ки бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштироки занон дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зина ба зина такмил ёфта, дар ин самт заминаҳои ҳуқуқӣ ва амалӣ фароҳам гардидааст.*

***Калидвожаҳо**: асосҳои ҳуқуқӣ, идоракунии маҳаллӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мавқеи занон, идораи давлатӣ, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, замони муосир, давраҳои рушд, занон дар мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, заминаҳои иқтисодию иҷтимоӣ.*

Дар шароити кунунӣ, дар мамлакат чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегияву барномаҳои давлатӣ дар самти идоракунии давлатии соҳаи занон ва оила қабул ва амалӣ шуда истодаанд. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон[3], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробарӣ амалигардонии онҳо[4] », Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила[5] », Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022", ва ғайра барои таҳкиму самаранокии соҳа равона гардидаанд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба оила шарт ва тартиби ақди никоҳ, қатъ ва беэътибор донистани онро муқаррар менамоянд, муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкиеро, ки дар оила миёни зану шавҳар, падару модар фарзандон, дигар аъзои оила ба миён меоянд, муносибатҳое, ки вобаста бо фарзандхондӣ, васояту парасторӣ, ба тарбия гирифтани кӯдакон ба миён меоянд, тартиби сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва муносибати дигари оилавиро танзим менамоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» 29 апрели соли 2006 № 188 қабул шудааст. Қонуни мазкур тартиби бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тартиби тағйир додан, ислоҳ, барқарор ва бекор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тартиби ташкил намудани китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ, тартиб ва мӯҳлати нигоҳ доштани

китобҳои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ (китобҳои аснод) ва вазъи ҳуқуқии мақомоте, ки асноди ҳолати шаҳрвандиро ба қайди давлатӣ мегиранд, танзим мекунад.

Бо мақсади ҳифз ва ҳимояи занон дар оила ва ҷомеа бо ташаббуси Пешвои миллат дар раванди техникаи ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз 15 марти соли 2013, №954 қабул гардид. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд. Амали қонуни номбурда нисбат ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат дошта, дар ақди никоҳ мебошанд ва аъзои оилаи онҳо, ҳамчунин нисбат ба шахсоне, ки бо пешбурди хоҷагии умумӣ якҷоя зиндагӣ мекунанд, татбиқ мегардад.

Пешгирии зӯроварӣ дар оила ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- қонуният;
- инсондӯстӣ;
- махфӣ будани иттилоот оид ба зӯроварӣ дар оила;
- дастгирӣ ва таъмини пойдории оила;
- иштироки аҳли ҷомеа, мақомоту ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ дар низоми иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҳифзи ҳаёт ва саломатии аъзои оила;
- бартарии чораҳои пешгирикунанда нисбат ба чораҳои ҷавобгарӣ;
- ногузирии ҷавобгарӣ барои зӯроварӣ дар оила;

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2014, №294 Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила барои солҳои 2014 - 2023 тасдиқ шудааст, ки бо мақсади пурзӯр намудани механизмҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, бахусус омилҳои зӯроварӣ дар оила, бақайдгирии огоҳкунии инфиродӣ оид ба масъалаҳои роҳ надодан ба ҳаракатҳои зиддиҷамъиятӣ, кирдорҳои ношоиста ва рафторҳои бадахлоқона дар оила, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба пешгирии зӯроварӣ дар оила равонагардида таҳия шудааст.

Мақсади стратегии ҳамкориҳои тарафайн дар самти иҷрои барномаи болозикр, ба таъмини татбиқи самараноки механизмҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила бо иштироки ҳамаи субъектҳои давлатӣ ва аҳли ҷомеа, қатъиян беҳтар гардонидани системаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, ҳифзи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ҳифзи меъёрҳои конститутсионӣ[2:48], таъмини пойдории оилаҳо, пешгирии зӯроварӣ дар онҳо нигаронида шудааст.

Барномаи мазкур баробарҳуқуқии мардону занонро дар ҳалли масоили оилавӣ, сарфи назар аз миллату нажод, ҷинс, забон ва эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, муҳофизат ва ҳавасманд кардани модарӣ, ғамхорӣ нисбат ба тарбияи фарзандон, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, манъи бисёрникоҳӣ

ихтиёрӣ будани акди никоҳ ва бекор намудани он, масъулияти мутақобила дар масъалаҳои амволӣ ва маънавӣ ва ғамхории ҳамдигарии аъзои оиларо таъмин менамояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва иқдом намудан дар роҳи барпо намудани давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд кӯшишҳои худро барои пешбарии рушди баробар ва одилонаи ҷинсҳо тавассути мустаҳкам кардани заминаи қонунгузорӣ ва татбиқи сиёсати пайгирона, аз ҷумла дар самти сиёсати гендерӣ мунтазам тақвият мебахшад.

Ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» боиси қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила”, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ гардид, ки татбиқи онҳо боиси беҳтар шудани мақоми зан дар ҳаёти ҷомеа гардидааст.

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломия дар бораи ҳуқуқи башар ва Конвенсия оид ба пешгирии ҳамагуна шаклҳои табъиз нисбати занонро эътироф намудааст, ки иҷрои онҳо барои беҳдошти вазъи занон дар ҷомеа равона шудааст. Бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила” [3] ҷиҳати мутобиқ намудани муқаррароти он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи милитсия” [5] ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон[7] ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид гардиданд.

Имрӯзҳо дар самти баробарҳуқуқии мардону занон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор муваффақиятҳо ноил шудааст ва занону духтарони тоҷик дар тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар баробари мардон фаъолият намуда истодаанд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005, №89, “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо”, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999 № 5 “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа”, Нақшаи чорабиниҳо доир ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 7 марти соли 2006 дар мулоқот бо намояндагони занони мамлакат дода шуданд (аз 13 марти соли 2006, банди 17) аз зумраи омилҳое мебошад, ки дар асоси онҳо барномаи давлатӣ таҳия шудааст.

Ташаккулёбии ниҳоди роҳбарии занон дар ҷомеаи Тоҷикистон ҳамқадами соҳибистиқлолии давлат буда, хусусиятҳои хоси худро дорад.

Зикр бояд кард, ки ташаккулёбии роҳбарии занонро аз нуқтаи назари илми сиёсӣ метавон ҳамчун раванд маънидод намуд, ки ба арсаи муносибатҳои сиёсӣ боз як субъекти муносибатҳоро ворид менамояд[1:57]. Аз ин рӯ, ҳама гуна раванд оғоз, марҳилаи рушд ва ё болоравӣ ва боз коҳишёбии худро дорад. Заминагузори оғози ин раванд бечунучаро Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан ба қувваи созандаи зани тоҷик эътимоди комил доштанд ва бо ташаббуси шахсии худ тавассути қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кӯшиш намуданд, фазои мусоидро бахри ҷалби ҳарчи бештари занон ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа фароҳам оваранд. Таҳлили имрӯзаи фаъолияти занон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, мавқеи онҳо нисбат ба равандҳои ҷомеа ва нақши онҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии қишвар шаҳодат аз он медиҳад, ки мо айни ҳол мунтазам ба марҳилаи рушд рафта истодаем.

Роҳбарии занон, пеш аз ҳама, иштироки фаъолонаи онҳоро дар раванди таҳия ва қабули қарорҳо дар идоракунии сатҳи гуногуни ҷомеа дар назар дорад.

Имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим дар самти омӯзиши хусусиятҳои роҳбарии занон ин муайян намудани самти фаъолнокии онҳо мебошад, ки тавассути он имконияти гурӯҳбандии сохтории роҳбарии занон имконпазир мегардад.

Ташаккул ва таҳкими роҳбарии занон дар Тоҷикистон заминаҳои амиқи давлатӣ ва ҷамъиятии худро дорад[8:265]. Заминаҳои давлатии дастгирии роҳбарии занон, пеш аз ҳама дар татбиқи сиёсати давлат бахри таъмини ҳуқуқу озодиҳои занон ва мардон, инчунин таъмини имкониятҳои баробари онҳо таҷассуми худро ёфта, мавқеи роҳбарияти сиёсии мамлакатро дар ин самт нишон медиҳад. Қайд намудан ба маврид аст, ки Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои занон дар қатори аввалин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон қарор гирифтааст.

Тибқи Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои сиёсии занон онҳо метавонанд, бидуни ягон табъиз дар шартҳои баробар бо мардон дар ҳамаи он ташкилотҳое, ки тибқи қонунгузории миллӣ гузаронидани интихоботи расмиро талаб мекунанд, интихоб шаванд, ҳамчунин мансабҳои хизмати давлатию ҷамъиятиро ишғол намоянд.

Яке аз қадамҳои амалии давлат дар ин самт ҷорӣ намудани квотаҳои гендерӣ мебошад, ки айни ҳол дар самти ҷалби занон ба корҳои роҳбарикунандаи давлатӣ, қабули духтарони деҳот ба макотиби олии кишвар ва дастгирии занони соҳибкор татбиқ гашта истодааст. Ҳамаи ин чораҳо бахри рафъи он ақидаҳои анъанавие, ки дар ҷомеа ҷой доранд, кӯмак расонида, бахри рушди сарварии занон имкониятҳои иловагӣ муҳайё менамоянд.

Заминаҳои ҷамъиятии рушди роҳбарии занон низ хеле устувор мебошанд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии занон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки сарварии онҳоро занон ба ӯҳда доранд, хеле фаъол буда, қисми таркибии ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил медиҳанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ташаббусҳои занон дар ҷомеа пазироии ҳамаҷониба ёфта, онҳо ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ дар ҳалли бисёр масъалаҳои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию ҳуқуқидошта фаъолона иштирок менамоянд.

Сиёсати Пешвои миллат Президенти кишвар дар масъалаи баланд бардоштани мақоми занон дар идоракунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ заминаи қавии меъёрию ҳуқуқӣ дошта, дар ин самт як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба тасвиб расидаанд.

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба системаи идоракунии давлатӣ (дастгоҳи давлатӣ) ва кормандони онҳо ба хизматчиёни давлатӣ дохил буда, вазъи ҳуқуқии онҳо бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» танзим карда мешавад. Дар доираи талаботи моддаи 6-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз он ҷумла, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба хизмати давлатӣ шомил гардида, талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” ба онҳо татбиқ мегардад. [2;] Бо назардошти ин меъёр дастгоҳи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба хизмати давлатӣ шомил гардида, бахри амалигардонии хизмати давлатӣ дар сатҳи маҳаллӣ, фаъолияти худро ба роҳ мемонад. Бо назардошти ин қонунгузории самти хизмати давлатӣ баробарии занон ва мардонро дар раванди интихоб ва фаъолият муқаррар намудааст, ки асос барои рушди иштироки занон дар самти хизмати давлатии мақомоти маҳаллӣ мебошад.

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти маҳаллӣ дар давраи ҳозира ин беҳтар намудани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маишии зиндагонии аҳолӣ мебошад. Барои амалӣ гардонидани ин вазифа ва уҳдадориҳои худ ҳар як мақомоти маҳаллӣ бояд

сохтори ташкилии идоракунии худро дошта бошад [1;167]. Амалигардонии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо иштироки фаъоли занон, яке аз муовинони раисони шаҳру ноҳия аз ҳисоби занон таъин гардидан, нишонаи возеҳи фаъолии занон дар идоракунии мақомоти маҳаллӣ мебошад.

**Адабиёт**


1. Абдулхонов Ф. Маводи конфренсияи байналмилалӣ илмӣ -амалӣ “Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар амали намудани мақом ва накши шоистаи занон дар ҷомеа”.Душанбе.2022.
2. Аминов М. Маводи конфренсияи байналмилалӣ илмӣ -амалӣ “Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар амали намудани мақом ва накши шоистаи занон дар ҷомеа”.Душанбе.2022.
3. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, мод. 303; с. 2006, № 4, мод. 196; с. 2008, № 3, мод. 201; с. 2010, № 7, мод. 546; с. 2011, № 3, мод. 177, № 12, мод. 855; с. 2013, № 3, мод. 195; с. 2015, №11, мод. 960; с. 2016, №3, мод. 143, №11, мод. 881; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1395
4. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2005, №3, мод. 129
5. Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ с. 2013, №3, мод. 197
6. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 352; с. 2006, №3, мод. 148; с. 2007, №7, мод. 663; с. 2008, №6, мод. 450; с. 2009, № 12, мод. 820; с. 2011, № 3, мод. 156; № 6, мод. 438, № 12, мод. 835; с. 2012, № 4, мод. 251; № 7, мод. 692; № 8, мод. 821, №12, қ. 1, мод. 1023; с. 2013, №3, мод. 183, мод. 184, №12, мод. 884, мод. 885; с. 2014, №11, мод. 649; с. 2017, №7-9, мод. 569; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1481; аз 20.06.2019 с., №1614; аз 17.12.2020 с., №1736
7. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989, мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321, №9-10, мод. 543; аз 2.01.2020 № 1659), аз 04.07.2020 с., №1698; аз 04.07.2020 № 1700; аз 07.08.2020., № 1715; аз 17.12.2020с., аз 17.12.2020№ 1726, № 1727, аз 25.06.2021 с., №1785, аз 25.06.2021 с., №1784; ҚҶТ аз 23.12.2021с., №1815
8. Қодиров Д.С. Маводи конфренсияи байналмилалӣ илмӣ -амалӣ “Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар амали намудани мақом ва накши шоистаи занон дар ҷомеа”.Душанбе.2022.Хусусиятҳои сарварии занон дар замони муосир.-С.265


# РОЛЬ ЖЕНЩИН В УПРАВЛЕНИИ МЕСТНЫХ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ


**АМИНОВ МУХАМАДЖОН МАХМАДРИЗОЕВИЧ,**

доцент кафедры государственного управления и экономического права

Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира, 33.

E-mail: aminov.mm@mail.ru



*В данной статье научному анализу подлежат правовые основы организации и деятельности женщин в органах государственного управления. В то же время в статье исследуется и рассматривается положение женщин в развитии местных исполнительных органов государственной власти.*

*В статье автор проанализировала роль женщин в развитии органов местного самоуправления как института системы государственного управления. Местные органы государственной власти играют значительную роль в осуществлении государственной власти и занимают особое место в системе государственного управления. В статье отдельно анализируются местные представительные органы и местные исполнительные органы государственной власти.*

*Рассмотрено участие женщин в деятельности представительных и исполнительных органов местной государственной власти. В статье предпринята попытка изучить экономическую, социальную и политическую направленность органов местного самоуправления.*

*При этом подчеркивается, что при поддержке основоположника мира и национального единства, лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона участие женщин в деятельности органов местного самоуправления органов шаг за шагом совершенствовалась, и в этом направлении были созданы правовые и практические основания.*

***Ключевые слова:*** *правовые основы, местное самоуправление, органы местного самоуправления, положение женщин, государственное управление, правовые нормы, современность, периоды развития, женщины в органах местного самоуправления, экономическое и социальное положение.*

## THE ROLE OF WOMEN IN GOVERNANCE LOCAL PUBLIC AUTHORITIES

**AMINOV MUHAMADZHON MAHMADRIZOEVICH,**
Associate Professor of the Department of Public Administration and Economic Law
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 S. Nosir str.
E-mail: amonov.mm@mail.ru

*In this article, the legal foundations of the organization and activities of women in government bodies are subject to scientific analysis. At the same time, the article examines and examines the position of women in the development of local executive bodies of state power.*

*In the article, the author analyzed the role of women in the development of local governments as an institution of the public administration system. Local government bodies play a significant role in the exercise of state power and occupy a special place in the system of public administration.*
*The article separately analyzes local representative bodies and local executive bodies of state power.*

*The participation of women in the activities of representative and executive bodies of local government is considered. The article attempts to study the economic, social and political orientation of local governments.*

*At the same time, it is emphasized that with the support of the founder of peace and national unity, the leader of the nation, the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon, the participation of women in the activities of local self-government bodies has been improved step by step, and legal and practical grounds have been created in this direction.*

***Key words:*** *legal foundations, local administration, local government bodies, position of women, public administration, legal norms, modern times, development periods, women in local government bodies, economic and social background.*

УДК: 342

# ТАМОЮЛИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ НАМОЯНДАГӢ ДАР МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 939-37-77-72. E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои тамоюли рушди фаъолияти намояндагӣ дар мақомоти худидоракунии маҳаллӣ таҳлил гардидааст. Чи тавре, ки маълум аст, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ мудом дар инкишоф буда, ҳар як давраи инкишофёбӣ талаботи худро пешниҳод менамояд ва онро бо ҳолатҳои мушаххаси нав ба нав пурра месозад. Аз ин рӯ, қонун дар навбати худ бояд набзи ҳаёти ҷамъиятиро ба даст оварда, дархостҳои объективии онро ифода созад ва баҳри ин вазифаҳо хизмат кунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ чӣ дар гузаштаи начандон дур ва чӣ дар замони муосир дар тӯли инкишофи хеш низоми намояндагии мақомоти худидоракунии маҳаллиро, кафолат медиҳад. Раванди намояндагӣ ба мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот нишон медиҳад, ки гузаронидани интихобот дар ин сатҳ гувоҳи майлу иродаи сиёсии давлат оид ба таъмини ҳокимияти халқӣ дар ҳамаи қаламрави кишвар мебошад. Иштироки аҳолӣ дар раванди интихобот барои онҳо як навъ мактаби худидоракунӣ ба шумор меравад; шаҳрвандон дар раванди маъракаи интихобот бо барномаҳои номзадҳо шинос шуда, имкон меёбанд, ки дар рафти вохӯриҳо бо онҳо пешниҳодоти худро ба миён гузоранд, таваҷҷӯҳи номзадҳоро ба проблемаҳое равона созанд, ки ҳалли худро аз ҷониби мақомоти худидораи маҳаллӣ тақозо менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *тамоюл, рушд, ҳуқуқ, конститутсия, давлат, низом, шаҳрвандон, намояндагӣ, масъала, фаъолият, худидоракунии маҳаллӣ.*

Қоидаи демократияи маҳаллӣ муқаррар менамояд, ки афкори халқ, бахусус ҳангоми қабули қарорҳои зарурӣ оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, проблемаҳои муҳити зист ва дигар масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ зарур аст. Дар робита ба ин, такмили низоми ҷалби шаҳрвандон ба худидоракунӣ талаб карда мешавад, ки ба низоми мазкур раъйпурсии маҳаллӣ низ мансуб аст.

Раъйпурсӣ яке аз воситаҳои қабули санадҳои муҳими меъёрии ҳуқуқии ва қарорҳои сиёсӣ маҳсуб меёбад. Маҳз раъйпурсӣ иштироки аз ҳама пурраи шаҳрвандонро дар идоракунии корҳои давлат таъмин карда, дар рушди ташаббусҳои аҳолии худидораи маҳаллӣ нақши назаррас дорад ва воситаи самараноки хештангароии халқ ба шумор меравад.

Қарори дар раъйпурсӣ қабулгардида дорои эътибори олии ҳуқуқӣ дар ҳудуди дахлдор буда, таъйиноти дигар надорад ва барои иҷро дар ҳудуди дахлдор ҳатмӣ мебошад. Агар барои иҷрои қабули дар раъйпурсии маҳаллӣ қабулгардида ворид намудани санади иловагии ҳуқуқӣ талаб карда шавад, мақомоти худидораи маҳаллӣ, ки ба салоҳияти он ҳалли ин масъала шомил аст, бояд чунин санадро қабул намояд. Қарори дар раъйпурсии маҳаллӣ қабулшуда ва натиҷаҳои овоздиҳӣ дар матбуот интишор карда мешавад. Аммо ба назар мерасад, ки нагузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ шаклҳои ифодаи иродаи аҳолии худидораи маҳаллиро ба қадри кофӣ заиф мегардонад. Барои рафъи ин масоил бояд механизмҳои баргузории раъйпурсии маҳаллӣ ҳамчун яке аз шаклҳои калидии демократияи бевосита таҳия карда шаванд, зеро ин усул метавонад василаи таъмини ирода ва манфиатҳои аҳолӣ гардад, на намояндагони он, инчунин воситаи ҳалли мунокишаҳо ва низоъҳо байни мақомоти маҳаллӣ дар ҳолатҳои ҳалнашаванда дар дохили онҳо мешавад. Қарорҳое, ки дар вақти гузаронидани

раъйпурсии маҳаллӣ қабул мешаванд, дар фарқият аз дигар усулҳои изҳори иродаи бевоситаи аҳолии маҳал хислати императивӣ (қатъӣ) доранд.

Барои ҳалли масъалаҳои худидораи маҳаллӣ қабули санади махсуси меъёрии ҳуқуқии марбут ба гузаронидани раъйпурсӣ ба мақсад мувофиқ хоҳад буд, ки санади мазкур мафҳуми раъйпурсии маҳаллӣ, талаботи он, қоидаҳои гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ ва назорат оид ба гузаронидани онҳоро муайян намояд. Қабули чунин санад имкон медиҳад, ки на танҳо ба қонунгузории амалкунанда тағйирот ворид карда шавад, балки ҳамчунин он барои такмили соҳа мусоидат менамояд.

Чунин талабот бахусус ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дахл дорад, ки дар ин кишвар имкониятҳои иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар раванди ҳамарӯзаи қабули қарорҳо мунтазам коҳиш меёбанд. Дар робита ба ин, ворид намудани тағйирот ва иловаҳоро ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар қисматҳои ба танзимдарории ҳуқуқӣ, тартиби ташкил ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ мувофиқи матлаб аст. Ҳамчунин пешниҳод менамоем, ки банди 5-и моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот” тағйир дода шавад, ки дар он гуфта мешавад: «овоздиҳиро барои аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта таъин мекунад ва мегузаронад». Ҷумлаи мазкур ба ҷумлаи зерин иваз карда шавад: «Раъйпурсиро барои аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта таъин мекунад ва мегузаронад»[1]. Истифодаи раъйпурсии маҳаллӣ дар кишвар дар мавриде манфиатбахш хоҳад буд, ки агар: ин маърака дар асл маъракаи самараноки демократӣ ба шумор равад, аз ҷониби табақаҳои васеи аҳолии худидораи маҳаллӣ пазируфта шавад ва дастгирӣ ёбад; ҳадафи равшан ифодаёфтаи башардӯстона ҳангоми қабули қарорҳои дорои аҳамияти маҳаллидошта бошад; ва ниҳоят, агар тамоми шароитҳои зарурии ташкилӣ-техникӣ ва дигар имкониятҳо барои омодагӣ ва гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ фароҳам оварда шаванд.

Дар маҷмӯъ, раъйпурсии маҳаллӣ яке аз шаклҳои олии демократияи мустақим дорои як қатор арзишҳо мебошад:

- ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки оид ба мавзӯи раъйпурсии маҳаллӣ изҳори ақида намоянд;
- барои тарбияи сиёсӣ-ҳуқуқии аҳолии худидораи маҳаллӣ хизмат мерасонад;
- ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки ғояҳои навро ба мақомоти худидораи маҳаллӣ пешниҳод намоянд;
- ба рушди худидораи маҳаллӣ мусоидат менамояд.

Раъйпурсии маҳаллӣ ҳамчун унсури ҷудонопазири демократия шакли муносибатҳои байниҳамдигарии мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки афкори ҷамъиятиро оид ба масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ муайян мекунад[9].

Таҷрибаи кишварҳои ИДМ ва баъзе дигар кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ оид ба масъалаҳои муҳимтарини маҳал мувофиқи мақсад аст[2,179]. Мутобиқи тақсимоти маъмурию ҳудудӣ дар як қисми давлат раъйпурсии маҳаллӣ доир ба ҳалли масъалаҳои давлатии хусусияти маҳаллидошта гузаронидан мумкин аст. Воқеан, дар айни замон дар сатҳи маҳаллӣ вазифаҳои зиёде мавҷуданд, ки ифодаи бевоситаи иродаи худи мардумро талаб мекунанд ва на ҳама мақомот қодиранд онҳоро мувофиқи манфиатҳои худи аҳолӣ иҷро кунанд – инҳо масъалаҳои тағйири ҳудудӣ, тағйир додани мақоми воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, ташкили буҷет ва интихоби дубораи роҳбарони хуидоракунии маҳаллӣ ва ғ. мебошанд.

Дар ин ҳолат ба назари мо роҳи беҳтарини ҳалли ин мушкилот раъйпурсии маҳаллӣ – шакли бевоситаи изҳори иродаи халқ аст, ки он хислати ҳатмиро доро мебошад. Гузаронидани раъйпурсии маҳаллӣ дар низоми худидораи маҳаллӣ дар Тоҷикистон метавонад омили фаъолгардонии шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ бошад.

Интихоботи вакилони ҷамоати шаҳраку деҳот. Интихобот яке аз қадимтарин ниҳодҳои ҷомеаи башарӣ мебошад. Баъзе унсурҳои он ҳанӯз дар ҷомеаи ибтидоӣ маълум буд. Дар баъзе давлатҳо, аз ҷумла шаҳрҳои Юнони қадим ва Руми қадим ниҳоди интихобот дар раванди таъсисёбии давлат нақшу мавқеи муҳим дошт. Ҷомеаи феодалӣ низ аз интихобот, махсусан ҳангоми интихоби муассисаҳои намояндагии тоифавӣ то ҳадди зарурӣ истифода мекард. Аммо, интихобот бо ба миён омадани ҷомеаи сармоядорӣ ва барқарор шудани шакли идораи ҷумҳурӣ ба ниҳоди муҳими таъсисёбии давлат, мақомоти алоҳидаи он ва ифодакунандаи сатҳи демократӣ будани давлати марбута табдил ёфт[9].

Дар замони муосир интихобот аз унсури ҷудонопазири ҳаёти сиёсию ҷамъиятии кишварҳои ҷаҳон намояндагӣ мекунад. Ҳар гоҳ интихобот дар асоси усули муқаррарии худ гузарад, дар он сурат метавон оид ба мавҷудияти реҷаи сиёсии демократӣ ҳарф зад ва ҳар гоҳ усули интихобот поймол ва ё маҳдуд гарданд, ҳар монеаҳои ғайри қобили қабул ҷорӣ карда шаванд, натиҷаҳои овоздиҳӣ ё аз тариқи ошкоро ё аз роҳи ниҳонӣ мавриди сохтакории ин ё он гурӯҳи сиёсӣ қарор гиранд, дар он сурат барқарор шудани режими сиёсии иқтидоргаро ба амри воқеӣ табдил меёбад [11,113].

Дар олами муосир интихобот шакли асосии таҷассуми соҳибихтиёрӣ, воситаи муҳими таҷассуми демократия, ташкили мақомоти мухталифи давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ мебошад. Шаҳрвандон дар интихобот иштирок намуда, ҳокимиятро ташкил менамоянд ва бо ин амалашон фаъолияти ҳокимиятро қонунӣ мегардонанд. Интихобот навъи зарурии инъикоси ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд аст. Он воситаи асосӣ ва ҳатто дар баъзе кишварҳо шакли беҳтарину ягонаи иштироки воқеӣ дар сиёсат ва идораи корҳои ҷамъиятию давлатӣ мебошад. Шаҳрвандон дар раванди интихобот иштирок намуда, ба мақомоти гуногуни ҳокимият таъсир мерасонанд. Мақомоти гуногуни ҳокимият бояд бо хубӣ дарк намояд, ки дар сурати ба инобат нагирифтани манфиату талаботҳои одамон онҳо метавонанд дар интихоботи навбатӣ муқобили намояндагони мақомоти давлатӣ ва кормандони масъули он, ҳокимону амалдорон овоз диҳанд ва бо ҳамин тарз онҳоро аз ҳокимият дур созанд. Ҳамин тариқ, интихобот воситаи муҳимтарини ташаккули низоми сиёсии ҷомеа мебошад.

Нақши муассире, ки интихоботи шаффоф ва озод дар кафолати ҳуқуқҳои сиёсӣ ва ҳуқуқ бо ҳукумати демократӣ ва намояндагӣ дорад, дар як қатор санадҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ якчанд шартномаҳои байналмилалиро имзо кардааст, ки дар онҳо меъёрҳои интихоботи демократӣ сабт шудааст. Масалан, дар Эъломияи ҳуқуқи башар, ки яке аз санадҳои муҳимтарини сатҳи байналмилалӣ буда, аз ҷониби Маҷлиси умумии Созмони Милали Муттаҳид дар соли 1948 қабул гардидааст, нақши муҳими интихоботи озод ва шаффоф дар кафолати ҳуқуқи бунёдӣ ва умумӣ ба ҳукумати демократӣ ва намоядагӣ эътироф шудааст. Моҳияту хусусиятҳои интихобот дар моддаи 22-и Эъломияи мазкур чунин омадааст:

«Ҳар инсон ҳақ дорад дар идораи кишвари худ бевосита ва ё ба воситаи намояндагоне, ки озодона интихоб шудаанд, ширкат кунад. Ҳар инсон ба дастрасии баробар ба хадамоти ҷамъиятӣ дар кишвари худ ҳақ дорад. Иродаи мардум бояд поя ва асоси қудрати ҳукумат бошад, ин ирода бояд дар интихоботҳои даврaӣ ва воқеӣ аз

тариқи овоздиҳии умумӣ ва баробар, овоздиҳии махфӣ ва ё тартиботи дигари баробар изҳор гардад»[7,482-483].

Санади мазкур ҳамчун поя ва асос бар санадҳои дигаре ҳисоб мешавад, ки барои эҷоди меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқи башар ва ҳамчунин низомҳои демократӣ пешниҳод гардидааст.

Интихобот яке аз падидаҳои марказӣ, умумитарин ва махсуси илмҳои сиёсӣ буда, мавриди истифодаи васеи муҳаққиқон ва афкори омма гардидааст. Аз сабабе, ки мафҳуми интихобот вобаста ба мақомаш аҳамияти хоса пайдо намудааст, зарурати дарки амиқи он пеш меояд.

Чунин зарурат нафақат аз манфиатҳои илмӣ бармеояд ва он бештар аҳамияти амалӣ низ дорад. Интихобот, ки унсури асосӣ ва зарурии сиёсат аст, дар инкишофи муттасили ҷомеа мақом ва нақши фаъол дорад. Барҳақ, интихобот дар ҳаёти ҷомеаи муосир мақоми махсус дорад, ки ба қувваи муҳаррики пешрафти ҷомеа табдил ёфтааст. Интихобот воситаест, ки тавассути он таҳлилу такмили сохторҳои ҷамъиятӣ таъмин мегардад.

Интихобот дар ҳолате вазифаҳояшро иҷро карда метавонад, ки агар ба таври демократӣ гузаронида шавад. Интихобот аз ҷумлаи арзишҳои муҳимтарини ташаккули ҷомеаи демократиасос аст. Маҳз тавассути интихоботи озоду воқеӣ ва шаффоф неруҳои сиёсие, ки дар ҷомеа ҷонибдории зиёд доранд, ба саҳнаи сиёсат ворид гардида метавонанд[8,70-78]. Мақсади асосии интихобот таҷассуми афкор ва иродаи шаҳрванд буда, намояндагии гурӯҳҳои асосии иҷтимоии ҷомеаро дар мақомоти мухталифи ҳокимият таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, интихобот ҳамчун падидаи муҳими ҷомеа дар таҳкими муносибатҳо ва ташаккули ҳукумат нақши муҳим дошта, пешрафту инкишофи муттасили ҷомеа ба чигунагии баргузории он алоқамандии зич дорад. Интихобот воситаи муҳимтарини ташаккули низоми сиёсии ҷомеа мебошад. Аз он андешае, ки интихобот сохти сиёсии ҷамъиятиро бунёд месозад, он масъалаи аввалиндараҷаи инкишофи ҷомеаи демократӣ ба шумор меравад[3,47].

Интихоботи озодонаи демократии ҳам мақомоти давлатӣ ва ҳам мақомоти худидораи маҳаллӣ ба таври баландтарин ифодакунандаи ҳокимияти халқӣ мебошад. Яке аз зинаҳои аввалини иштироки халқ дар сатҳи худидоракунӣ интихоботи мақомоти худидораи маҳаллӣ мебошад. Интихоботи худидораи маҳаллӣ асоси таъмини эътимодӣ аҳолӣ мебошад. Интихоботи вакилони ҷамоати шаҳрак ва деҳот ин иродаи бевоситаи аҳолӣ, роҳи демократикунонии ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад. Тавассути интихобот шаҳрвандон ба онҳое, ки бештар сазовори иҷрои вазифаҳои худидораи онҳо мебошанд, ба сифати намояндаи худ интихоб мекунанд.

Ҳуқуқ ба худидораи маҳаллӣ яке аз талаботи асосии демократия ба ҳисоб меравад. Тарҳҳои (моделҳои) гуногуни худидораи маҳаллӣ, ки онро аз дигар шаклҳои идоракунии маҳаллӣ фарқ мекунонад, интихобӣ, соҳиб будани онҳо ба маҷмӯи ваколатҳо ва мухторияти муайян ба шумор меравад.

Интихоби ҳама гуна сатҳҳо идомаи таҳаввулотии худидораи то давлатдорӣ маҳсуб меёбад. Агар ташаккули ҳокимияти давлатӣ тариқи воситаҳои интихобӣ барои ноил гаштан ба мувозинати манфиатҳои аҳолӣ ва давлат равона карда шуда бошад, пас худидораи маҳаллӣ таърихан фақат манфиатҳои маҳдуди гурӯҳиро ҳимоя менамояд.

Дар давлатдории кишварҳои мухталиф нақшу аҳамияти худидораи маҳаллӣ дар давраҳои таърихӣ якхела набуд. Намунаи инкишофи худидораи маҳаллӣ бо интихоби ниҳоятдараҷа зиёди мансабҳо ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки дараҷаи баланди

озодии сиёсӣ, мустақилияти маъмурӣ ва иқтисодиро муайян намудаанд, демократияи қадим ва ғ. ба шумор мераванд.

Ҳатто дар даврони мутамаркази мутлақи ҳокимият, намояндагони интихобӣ ва мансабҳои тарики кураафканӣ интихобшуда дар сатҳи худидораи маҳаллӣ ҳифз карда шудаанд. Таърихи худидораи маҳаллӣ таҷрибаи бисёрсолаи шаҳрвандонро дар ҳалли проблемаҳои маҳаллӣ, анъанаҳои ташаккулёфтаи ҳамкориҳои мутақобила бо ҳокимият ва қоидаҳои ниҳоятдараҷа мухталифи ҷалби аҳолиро ба фаъолияти худидоракунӣ бозгӯ мекунад.

А.И. Попов зикр менамояд, ки «илми муосир пеш аз ҳама интихоботи худидораи маҳаллиро (мунисипалиро) ҳамчун интихоботи мақомот ва шахсони мансабдори худидораи маҳаллӣ аз ҷониби аҳолӣ ё аз рӯи иродаи онҳо оид ба масъалаҳои муайян дарк менамояд»[10].

Дар байни олимон ақидаҳои дигар низ оид ба тафсири мафҳуми «интихоботи худидораи маҳаллӣ (мунисипалӣ) вомехӯрад, ки тавассути онҳо моҳият ва хусусиятҳои онҳо аниқ карда мешаванд. Чунончи, А.А. Замотаев ва А.Я.Слива имкониятҳои демократияи намояндагӣ ва дигар воситаҳои ташаккули мақомоти давлатиро зери шубҳа гузошта, таваҷҷуҳи худро ба «шакли ифодаи мустақими иродаи шаҳрвандон равона мекунанд»[5]. Дар навбати худ И.В.Видрин ва А.Н.Кокотов қайд мекунанд: «интихоботи мунисипалӣ «ҳаракате ба шумор меравад, ки шаклҳои намояндагӣ ва демократияи мустақимро бо ҳам тавъам мегардонанд; онҳо ба номутобиқатии мафҳумҳои «интихобот» ва «хоста гирифтан» нисбат ба ҷамоаҳои маҳаллӣ ишора менамояд»[4,230].

С.М.Миронов дар мисоли мазкур нишон медиҳад: «интихобот қоидаи ягонае ба шумор меравад, ки ба татбиқи низоми ҳуқуқии демократӣ мусоидат менамояд, ба фишор овардани аҳолӣ ва иттиҳодияҳои ҳудудӣ, сиёсӣ ва дигар амалҳои муттаҳиддии онҳо дар доираи низоми сиёсӣ монеъ мешавад»[5].

Интихоб ба мақомоти маҳаллии ҳокимият дар аксар кишварҳои ҷаҳон шакли олии бевоситаи иродаи озоди халқ ва ниҳоди аз ҳама густаришёфтаи демократияи мустақим дар низоми худидораи маҳаллӣ ба шумор меравад. Дар низоми худидораи маҳаллӣ аҳамияти интихобот аз рӯи чунин вазифаҳо муқаррар мегардад:

- вазифаи созандагӣ. Моҳияти ин вазифа дар он ифода меёбад, ки ҳайати мақомоти намояндагии худидораи маҳаллӣ муайян карда мешавад. Маҳз интихобот субот, қонуният ва бардавомии фаъолияти худидораи маҳаллиро таъмин менамояд;
- вазифаи назоратӣ. Тавассути он шаҳрвандон ба фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ баҳо медиҳанд;
- вазифаи намояндагӣ. Моҳияти он дар муайянкунии самтҳои асосии фаъолияти намояндагони интихобшудаи худидораи маҳаллӣ тавассути маъракаи пешазинтихоботии номзадҳо ба вакилии мақомоти худидораи маҳаллӣ ва супоридани ваколатномаҳо ба онҳо ифода меёбад;

Аз ин бармеояд, ки интихоботи худидораи маҳаллиро метавон ҳамчун ниҳоди демократияи мустақим муайян намуд, ки маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад; ин меъёрҳо муносибатҳои ҷамъиятиеро ба танзим медароранд, ки дар рафти интихоби намояндагони халқ ба мақомоти худидораи маҳаллӣ ба вуҷуд меоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои меъёрии ҳуқуқии интихобот дар мақомоти намояндагии худидораи маҳаллӣ (Ҷамоат)-ро Конститутсияи кишвар ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ташкил медиҳанд».

Интихобот маъракаи муҳими худидоракунӣ мебошад. Тавассути интихобот аҳолӣ доираи шахсонеро муайян мекунад, ки аз нуқтаи назари онҳо ба татбиқи вазифаҳои худидоракунӣ ба ҳайси намояндагони халқ дар мақомоти худидораи маҳаллӣ хеле омодашуда мебошанд. Бад-ин восита худидоракунӣ ба мавқеи фаъоли аҳолӣ ва дарки масъулиятшиносии онҳо дар масъалаҳои идоракунии корҳои маҳаллӣ такя менамояд.

Зикр кардан зарур аст, ки рушди самараноки худидораи маҳаллӣ дар Тоҷикистон имконпазир аст, агар дар интихобот ба мақомоти худидоракунӣ ҳар навбат шахсони боэътимод интихоб карда шаванд ва ҳайати бовариноки вакилони халқ ташкил ёбад. Ҳамзамон, муваффақиятҳои интихобот бештар аз ҳайати сифатии онҳое вобаста аст, ки ба худидораи маҳаллӣ роҳбарӣ менамоянд, зеро ҳайати мазкурро низ аҳолӣ дар интихобот муайян мекунад.

Мавриди зикр аст, ки аз соли 1995 то соли 2010 тартиби ташкили ҳайати намояндагони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ба интихоботи (овоздиҳии) ошкорои (сода)-и аҳолӣ дар маҷлисҳои худидоракунӣ асос ёфта буд. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот" аз соли 1994 дар ҷамоати шаҳрак намояндагон аз кӯчаҳо, маҳаллаҳо ва дигар ташкилоти ҳудудии дар ихтиёри он буда, дар ҷамоати деҳот намояндагони деҳоти марбута пешбарӣ карда мешуданд. Меъёрҳои намояндагӣ ва тартиби пешбарии намояндагонро Маҷлисҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии вакилони халқ ё раиси шаҳр, раиси ноҳия муайян мекарданд. Шумораи намояндагон, маъмулан, аз теъдоди аҳолии дар ҳудуди ҷамоат истиқоматкунанда ва ҳаҷми корҳои онҳо вобаста буд. Масалан, бо қарори Раиси ноҳияи Ҳисор аз 19 декабри соли 1994, тибқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот" барои ташкили ҷамоати шаҳраки Шарора ва ҷамоатҳои деҳаҳо меъёри намояндагӣ аз ҳисоби як намоянда аз 500 нафар аҳолӣ муқаррар карда шуд. Аз шаҳраки Шарора 20 намоянда, аз ҷамоатҳои деҳаҳои Дурбат, Деҳқонобод, Карамқул 20 намояндагӣ, аз ҷамоатҳои деҳаҳои Хонақоҳ, Алмосӣ, Хонақоҳи Кӯҳӣ, Навобод, Мирзо Ризо 30 намояндагӣ ва аз ҷамоати деҳаи Ҳисор 40 намоянда муайян карда шуд. Бинобар ин, нишон дода шуд, ки деҳаҳои дурдаст камаҳолӣ, ки ба меъёр мувофиқ намеоянд, дар ҷамоати шаҳрак ва деҳа яктогӣ намоянда дошта метавонанд[6,321].

Ҳуқуқи худидораи маҳаллӣ ҳамчун шакли асосии демократияи бевосита дар ҳалли масоили аҳамияти маҳаллидошта барои аҳолӣ аҳамияти хеле калон дорад. Дар бисёр давлатҳои демократии ҷаҳон мақомоти худидораи маҳаллӣ дар асоси усулҳои умумӣ, баробар, мустақим ва ба таври овоздиҳии пинҳонӣ ташкил меёбад ва бо қабули Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот" чунин тартиби ташкили мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар кишвари мо замина гузошта шуд ва 28 феврали соли 2010 интихоботи вакилони ҷамоатҳо сурат гирифт.

Ҳамин тариқ тибқи Қонуни амалкунанда «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» интихоби вакилон ба ҷамоат умумист. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то рӯзи интихобот синнашон ба 18 расидааст, новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мақоми сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, маълумотнокӣ ва молу мулк ҳуқуқ доранд, ки интихоб намоянд ва аз 20-солагӣ ба ҷамоат интихоб шаванд. Интихобкунандагон дар интихобот дар асоси баробар иштирок менамоянд ва ҳар яке аз онҳо як овоз дорад.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2009. -№7-8. -Мод.503; 2012. -№4. -Мод.277; -№8. -Мод.833; 2015. -№11, -Мод.964; 2017. -№5. -Мод.288.

2. Авакьян С.А. Размышления конституционалиста: Избранные статьи. М.: Изд-во Моск. ун-та, 2010. -С. 179.
3. Бешлер, Ж. Демократия. [Текст] / Ж. Бешлер. - М, 1994.- 208 с.
4. Выдрин, И.В., Кокотов А.Н. Муниципальное право России. [Текст]: учебник для вузов / И.В. Выдрин, А.Н. Кокотов. — М.: Издательство НОРМА, 2002. — 368 с.
5. Горькова Ю.А. Правовое регулирование муниципальных выборов на примере Новгородской области. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://science-education.ru/pdf/2015/2/647.pdf. (Санаи муроҷиат: 16.12.2022).
6. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 1997. – С.321.
7. Имомов, Ашурбой. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе, 2017. – С482-483.
8. Надаис А. Выбор избирательных систем / А. Надаис // Полис : Полит. исслед. - 1993. - № 3. - С. 70-78.
9. Олимзода Д.А. Ҳуқуқи конститутсионии шаҳрванд ва изҳори иродаи онҳо дар низоми худидоракунии маҳаллӣ. Маҷаллаи илмии сиёсӣ Идоракунии давлатӣ. 2020.- №4/1 (49). -Душанбе, 2021.- С. 70-78.
10. Попов А.И. Актуальные проблемы правового регулирования муниципальных выборов. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://izbirkom. admkrsk.ru /PublishingImages. (Санаи муроҷиат: 05.12.2022).
11. Ҳамидов Х.Ҳ. Ҳуқуқи асосии (конститутсионии) мамлакатҳои хориҷа. Ҷ.2. – Душанбе, 2013.–С.113.

# ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ПРЕДСТАВИТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ОРГАНАХ МЕСТНОГО САМОУПРАВЛЕНИЯ

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
кандидат юридических наук, дотсент кафедры право и сравнительное правоведение
Академии государсвенного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 939-37-77-72. E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru.

*В статье анализируются вопросы развития деятельности представителей в органах местного самоуправления. Как известно, общественные отношения и практика правоприменения постоянно развиваются, и каждый период развития предъявляет свои требования и дополняется новыми конкретными ситуациями. Поэтому право, в свою очередь, должно улавливать пульс общественной жизни, выражать ее объективные запросы и служить этим задачам. Республика Таджикистан как часть международного сообщества гарантирует систему представительства органов местного самоуправления как в недавнем прошлом, так и в современности на всем протяжении своего развития. Процесс представительства в органы самоуправления городов и сел показывает, что проведение выборов на этом уровне является свидетельством политической воли государства обеспечить народную власть на всех территориях страны. Общественное участие в избирательном процессе является для них своеобразной школой самоуправления; В ходе избирательной кампании граждане знакомятся с программами кандидатов и имеют возможность в ходе встреч с ними выдвигать свои предложения, обращать внимание кандидатов на проблемы, которые необходимо решить органам местного самоуправления. тела.*

***Ключевые слова:*** *тенденция, развитие, право, конституция, государство, система, граждане, представительство, вопрос, деятельность, местное самоуправление.*

# DEVELOPMENT TENDENCIES OF REPRESENTATIVE ACTIVITIES IN LOCAL GOVERNMENT AUTHORITIES

**OLIMZODA DAVLATMUROD. ABDULKHAIR,**
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the
Department of Law and Comparative Law of the
*Сегодня, с развитием правотворческой деятельности и информационных технологий, важна роль процесса информатизации, систематизации законодательства в развитии общественных отношений. Таким образом, в данной статье проведен сравнительный правовой анализ вопросов информатизации, систематизации законодательства в Российской Федерации с использованием законодательства и научной литературы, в результате которого автором были сделаны научно обоснованные предложения.*

***Ключевые слова:*** *процесс; информатизация; систематизация; законодательство; федеральный закон; правовая информация; информационно-правовая система.*

# THE PROCESS OF INFORMATIZATION OF THE SYSTEMATIZATION OF LEGISLATION IN THE RUSSIAN FEDERATION: COMPARATIVE LEGAL ASPECT

**SHOKIROV GAIBULLO ABDULLOEVICH,**
candidate of legal sciences, associate professor of the theory and history of state and law department
Tajik State University of law, business and politics.
735700, Republic of Tajikistan, Khujand town, 26-a, S. Kozieva st.
Phone: (+992) 92-770-97-91. E-mail: shga1959@mail.ru

*Today, with the development of law-making activities and information technologies, the role of the process of informatization of the systematization of legislation in the development of social relations is important. Thus, this article provides a comparative legal analysis of the issues of informatization of the systematization of legislation in the Russian Federation using legislation and scientific literature, as a result of which the author made scientifically based proposals.*

***Key words:*** *process; informatization; systematization; legislation; the federal law; legal information; information and legal system.*

УДК: 342.9

# ПРИНСИПҲОИ ТАШКИЛӢ ВА БААМАЛБАРОРИИ ФАЪОЛИЯТ ХИЗМАТӢ ДАР МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**РАҶАБЗОДА МУТЕЪУЛЛО САФАРАЛӢ,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
E-mail: rmuteollo@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур принсипҳои хизмати давлатӣ дар умум ва принсипҳои хизмат дар мақомоти прокуратура мариди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар мақола моҳияти асосии принсипҳоро пешниҳод намуда, мазмуну муҳтавои принсипҳои хизмати давлатиро баррасӣ намудааст. Қайд гардидааст, ки принсипҳои хизмати давлатӣ асосҳое мебошанд, ки танзимкунандаи раванди фаъолияти хизматӣ ба ҳисоб рафта, риоя гардидани онҳо боиси ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушд ёфтани касбияти хизматчии давлатӣ мегардад. Ҳамзамон муаллиф номгӯи принсипҳои хизмати давлатиро аз нигоҳи қонунгузори пешниҳод намуда, муҳимияти мавҷудияти онҳоро ошкор сохтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *принсипҳо, хизмати давлатӣ, хизмат дар мақомоти прокуратура, муносибатҳои ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳо, ҳифзу риоя, касбият, болоравии мансабӣ.*

Дар илми ҳуқуқшиносӣ масъалаи принсипҳо мавқеи марказиро ишғол менамояд, зеро маҳз принсипҳо асос ва дурнамои рушди фаъолиятро дар соҳаҳои мухталиф дар худ инъикос намуда, пойдевори ҳама самтҳо, соҳаҳо, зерсоҳаҳо ва падидаҳои ҳуқуқӣ мебошад. Амалӣ намудани хизмати давлатиро бидуни мавҷудият ва риояи принсипҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Дар назарияи давлат ва ҳуқуқ масъалаи принсипи ҳуқуқ новобаста аз мансубият ба соҳаи ҳуқуқ чун анъана мавқеи марказиро ишғол менамояд. Дар баробари ин шумораи зиёди ҳуқуқшиносони амалия бар он назаранд, ки принсипҳои ҳуқуқ танҳо асоси назариявӣ буда, барои таҳқиқотҳои илмӣ хизмат менамоянд ва танҳо муносибати ғайримустақим ба раванди ҳуқуқ татбиқсозӣ дораду халос. Бояд тазаккур дод, ки чунин фаҳмиш оид ба принсипҳо ҳеҷ гуна умумият ба ҳақиқат надорад. Ҳама гуна фаъолияти амалия дар заминаи принсипҳои соҳавӣ таҳрезӣ мегардад ва баҳри расидан ба ҳадафҳои соҳавӣ хизмат менамоянд [2. с. 31].

Аз рӯи фаҳмиши анъанавӣ принсип ин ғояҳо ва асосҳои роҳбарикунандае мебошад, ки тартиби ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятиро муқаррар менамояд [3, с.11]. Насриддинзода Э.С. қайд менамояд, ки принсипҳои ҳуқуқ мабдаъҳои ибтидоии асосӣ, ғояҳо, нуқтаҳоеанд, ки моҳияти ҳуқуқро чун танзимкунандаи вижаи иҷтимоӣ ифодамекунанд. Онҳо қонуниятҳои ҳуқуқ, табиату таъминоти иҷтимоии онро ифода карда, аз қоидаҳои нисбатан умумии рафтор иборатанд, ки ё дар қонун ошкоро аниқ ифода ёфтаанд ва ё аз мазмуни он бармеоянд [4, с.70].

Принсипҳо аз ҷиҳати мазмун объективӣ мебошанд, зеро онҳо қонунҳои объективии инкишофи муносибатҳои ҷамъиятиро ифода мекунанд. Категорияи принсипҳо дар шакли худ субъективӣ мебошад, зеро вай ифодаи эҷодиёти бошууронаи қонунгузор бо назардошти шароити мавҷудаи ҷамъиятию таърихӣ мебошад.

Ба андешаи Саъдиев И.З. саргаҳи ибтидоии фаъолият дар соҳаи хизмати давлатӣ, ки дар меъёрҳои ҳуқуқ мустаҳкам гардидаанд, принсипҳои хизмати давлатӣ мебошанд. Қайд карда мешавад, ки принсипҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ ғояҳои асосие мебошанд, ки дар қонун сабт шудаанд. Онҳо аз ҷониби қонунгузор дар асоси таҷрибаи мушаххаси ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кишвар мураттаб гардида, муқаррароти Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузориро ифода намуда, фаъолияти мақомоти

давлатӣ ва фаъолияти хизматчиёни давлатиро муқаррар мекунанд. Дар маҷмуъ принсипҳои хизмати давлатӣ гуфта, асосҳо ва талаботҳоеро меноманд, ки хизматчии давлатӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти касбии худ онҳоро ба роҳбарӣ мегирад. Аҳамияти асосии принсипҳои хизмати давлатӣ дар он аст, ки онҳо мазмуни ҳуқуқӣ, ташкили амалӣ ва фаъолияти воқеии хизмати давлатиро муайян мекунанд. Ин принсипҳо муҳимтарин ҷиҳатҳои ташкил ва фаъолияти на танҳо худи хизмати давлатиро, балки низоми мақомоти давлатиро низ инъикос намуда, хусусияти муносибатҳои мураккаби ин низомро муайян мекунанд. Принсипҳои хизмати давлатиро метавон ба принсипҳои конститутсионӣ ва принсипҳои ташкилӣ ҷудо намуд. Фарқияти принсипҳои конститутсионӣ ва ташкилӣ дар он аст, ки принсипҳои конститутсионӣ бевосита дар Конститутсия мустаҳкам шудаанд ва ё аз мазмуни онҳо бармеоянд ва принсипҳои ташкилӣ бошанд, дар қонунгузории соҳавии хизмати давлатӣ мустаҳкам гардидаанд[10, с.58].

Принсипҳои конститутсионӣ инҳо мебошанд:

- волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ягонагии низоми хизмати давлатӣ, новобаста аз таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳомимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ;
- садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон;
- инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ;
- хусусияти дунявӣ доштани хизмати давлатӣ;
- ғайриҳизбӣ будани хизматчиёни давлатии мақомоти дахлдори давлатӣ, ки тибқи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд;
- шаффофият дар хизмати давлатӣ, ба ҷуз фаъолияте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшазандаро ташкил медиҳад;

Принсипҳои институтсионалӣ ё ташкилӣ инҳо мебошанд:

- касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ;
- ихтиёрӣ ва дастрас будани хизмати давлатӣ;
- ҳисоботдиҳанда будани хизматчии давлатӣ;
- устувории ҳайати шахсии мақоми давлатӣ;
- баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ;
- баҳодиҳӣ ба фаъолияти хизматчии давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ.

Хизмати давлатӣ бо принсипҳои номбаргардида маҳдуд нагардида, инчунин ба дигар принсипҳо, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надоранд, асос ёфта метавонад.

Принсипҳои конститутсионӣ он асосҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар Конститутсия пешбинӣ шудаанд. Принсипҳои ташкилӣ бошад, он асосҳои роҳбарикунандае мебошанд дар раванди адои хизмати давлатӣ ташаккул ёфта, хусусияти роҳнамункунанда доранд.

Ҳамин тариқ, дар низоми принсипҳои ибтидоии фаъолияти мақомоти прокуратура принсипҳои он – яъне муқаррарот ва ғояҳои роҳнамо, бунёдӣ ва ғояҳое, ки барои фаро гирифтани тамоми фаъолияти хизматӣ дар мақомоти прокуратура нақши муайянкундаи самти рушди фаъолияти онҳо дар ин ҷода, мавкеи муҳим доранд. Дар мазмуни принсипҳои хизмат дар мақомоти прокуратура, моҳияти амиқи фаъолияти идоравии кормандони ин ниҳод бояд хеле равшан таҷассум ёбад. Ба ин муносибат зарурати боз ҳам равшан кардани принсипҳои хизмат дар мақомоти прокуратура бо

назардошти нақши ин мақомот дар ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат ба миён меояд.

Прокуратура симои давлат буда, табиист, ки аз фаъолияти самараноку одилонаи кормандони прокурорӣ боварию эътимоди мардум ба давлат меафзояд. Дар шароити афзоиши таҳдиду хатарҳои глобалӣ ва таъсири паёмадҳои ногувори раванди ҷаҳонишавӣ ба соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи мамлакат табиист, ки масъулияти мақомоти прокуратура дар самти таъмини мустақилият ва соҳибихтиёрии давлат ва дахлнопазирии ҳудуди он меафзояд. Иҷрои бобарори вазифаҳои дар назди ин мақомоти масъули давлатӣ гузоштashуда аз ҳар як корманди мақомоти прокуратура дар шароити кунунии рушди давлатдорӣ дар Тоҷикистон масъулияти баландро тақозо карда, ҳалли онҳо танҳо дар заминаи роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои наздик, муфид ва мутақобилан судманди мақомоти прокуратура бо тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имконпазир мегардад[7, с.44-45], дар чунин ҳолат нақши принсипҳои хизмат дар мақомоти прокуратура зиёд аён мегардад.

Хизмат дар тамоми сохторҳои давлатӣ, пеш аз ҳама дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои муайяне, ки бевосита дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд, амалӣ карда мешавад. Дар илми ҳуқуқи маъмурӣ масъалаи принсипҳои хизмати давлатӣ, пеш аз ҳама хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим буда, мавриди баҳси олимони ватанию хориҷӣ қарор дорад. Онҳо асосҳои роҳбарикунанда, ғояҳои асосиро ифода намуда, тамоми фаъолияти хизмати давлатиро фаро мегиранд. Худи истилоҳи «принсип» ин калимаи лотинӣ буда маъноя ш ғояи асос, замина, таҳкурсӣ, ақидаи асосӣ, қоидаи ҳатмии роҳбарикунанда мебошад[9,с.44].

Хизмати давлатӣ дар мақомоти прокуратура бо принсипҳои муайян ташкил ва амалӣ карда мешавад, ки хусусиятҳои хос ва таснифоти муҳим, инчунин мазмуну аҳамияти онҳоро равшан менамояд. Аз принсипҳои хизмат дар мақомоти прокуратура ҳам фаъолияти мақомоти прокуратура ва хизматчиёни он вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки дар асарҳои олимони ватанӣ мавзӯи принсипҳои хизмати давлатӣ ба таври васеъ таҳлил карда шудааст. Дар ҳуқуқи маъмурӣ аниқтараш хизмати давлатӣ аввалин шуда мавзӯи принсипҳоро олими ҳуқуқшинос Ойев Х. ва Ҷамшедов Ҷ.Н. ва дигарон баррасӣ кардаанд. Ҳамчун заминаи бунёдӣ Ҷамшедов Ҷ.Н. пешниҳоди худро оид ба мафҳум ва аҳамияти принсипҳои хизмати давлатӣ исбот кардааст. Ба ақидаи Ҷамшедов Ҷ.Н. мафҳуми «принсипи хизмати давлатӣ» хусусиятҳои асосӣ, хислатҳои муҳимтарин, мазмун ва аҳамияти худи хизмати давлатиро ошкор мекунад, зеро фаъолияти босубот ва самараноки дастгоҳи давлатӣ ба принсипҳои хизмати давлатӣ ҳамбастагии амиқ дорад [5, с. 64-70].

Олими рус П.П. Сергун зери мафҳуми принсипҳои хизмати давлатӣ, категорияи ҳуқуқиеро ҳамчун асос, роҳнамункунанда мефаҳмад, ки бевосита ё бавосита дар меъёрҳои ҳуқуқ мустаҳкам шуда, мазмуни муносибатҳои хизмати давлатиро муайян ва барои иштирокчиёни ин муносибатҳо ҳатмӣ буда, дар умум ба амалӣ гардондани манфиатҳои қонунии шахс, давлат ва ҷамъият мусоидат мекунад[11, с.123].

Петров Г.И. принсипҳои зерини хизмати давлатиро ба монанди дастрас будани хизмати давлатӣ барои шаҳрвандон, мавҷуд набудани ҳеҷ гуна маҳдудият барои хизматчиён, назорати хизматчиён аз ҷониби мардум ва ивазшавандагии онҳо номбар кардааст[8, с.144]. Студеникин С. бошад, принсипҳои зерини хизмати давлатиро аз қабили мавҷуд набудани маҳдудият барои занҳо, роҳ надодани аз кор озод намудан ё рад кардани ба кор бо асосҳои баромади иҷтимоӣ, дар гузашта доштани доғи судӣ, маҳкумии

волидайн ва ё хешовандон, зеро ин дар қонунҳои махсус пешбинӣ нашудааст ва манъи фаъолияти кормандони муассисаҳои давлатӣ ба сифати намояндаи манфиатҳои мақомоти дигар ё шаҳрвандони алоҳида қайд мекунад[12, с.46].

Бахрах Д.Н. ба принсипҳои хизмати давлатӣ баҳо дода, онҳоро дар аввал ба се, баъдан ба чор гуруҳи асосӣ тақсим кардааст: қонуният, демократият, касбият ва ҳифзи иҷтимоӣ-ҳуқуқии хизматчиён[1, с.18].

Мо бояд бо ин ақида розӣ шавем, зеро принсипҳо ғояҳои умумии роҳбарикунанда мебошанд ва дигар муқарарот, аз ҷумла, принсипҳои мушаххас аз онҳо бармеоянд. Қонуният ва демократият принсипҳои умумии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ буда, дар ташкили хизмати давлатӣ ба таври хос зуҳур ёфта, маҳорати касбӣ ва таъминоти иҷтимоии кормандон принсипҳои хоси он мебошанд.

Принсипҳои хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон дар қонунгузории амалкунанда таҷассум ёфтаанд. Дар моддаи 7 -и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлтӣ” аз 5 уми марти соли 2007, таҳти № 33 14 принсип омадааст, ки хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи онҳо асос ёфтааст[6].

Принсипҳое, ки дар қонуни зикргардида пешбинӣ шудаанд, бо ҳам алоқаманд ва вобаста буда, ҳар кадоми онҳо дар механизми ташкил ва гузаштани хизмати давлатӣ маънои ба худ хос доранд. Риояи як принсип ба риояи принсипҳои дигар мусоидат мекунад, аммо вайрон кардани яке аз онҳо ба риояи дигар принсипҳо таъсири манфӣ мерасонад. Онҳо дар алоҳидагӣ ҳамаи ҷанбаҳои қонунияти воқеии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва хизматчии давлатиро инъикос намекунанд.

Принсипҳои асосии ташкилӣ ва баамалбарории фаъолияти хизматӣ дар мақомоти прокуратура ба андешаи олимони хориҷӣ ба монанди: Корнет И.А., Горенко С.С., Груздев В.В. муқаррароти асосии умумитарине мебошанд, ки дар меъёрҳои дахлдори ҳуқуқӣ дарҷ гардида, моҳият ва мазмуни институти прокуратураро ҳамчун мақоми давлатӣ, тартиби ташкил, фаъолияти он, инчунин хусусияти танзими ҳуқуқии назорати прокурориро муайян мекунанд. Ба андешаи онҳо принсипҳои баамалбарории фаъолият хизматӣ дар мақомоти прокуратура инҳо мебошанд: конуният, ягонагӣ ва мутамарказии мақомоти прокуратура, мустақилӣ, ғайриҳизбӣ, роҳ надодан ба пайвастани фаъолияти прокурорӣ бо дигар фаъолияти музднок ё ройгон, ошкорбаёнӣ1.

Хизматчиёни давлатии мақомоти прокуратура ба ҷуз аз принсипҳои умумие, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” муқаррар гардидаанд, инчунин як қатор принсипҳои дигарро, ки дар қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ шудаанд, ҳангоми фаъолият ба роҳбарӣ мегиранд. Моддаи 6 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти Прокуратураи ҶТ» чунин принсипҳоро муқаррар намудааст: қонуният, ягонагии низоми мақомоти прокуратура; мутамаркази низоми мақомоти прокуратура; мустақилият дар фаъолият; ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, таъмини баробарии онҳо дар назди қонун; таъмини ногузирии ҷавобгарӣ; қонунӣ будани фаъолият; ошкорбаёнӣ; барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронкардашуда.

Риоя намудани принсип аз ҷониби хизматчиёни давлатии мақомоти прокуратура ҳатмӣ буда, риояи онҳо натанҳо боиси ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳангоми фаъолияти хизматчиёни давлатии мақомот мегардад, балки заминаи асосии аз лиҳози касбӣ обутоб ёфтани хизматчии давлатӣ дар дилхоҳ ниҳод махсусан мақомоти прокуратура мегардад ва асос барои болоравии мансабии хизматчии давлатӣ мегардад.

[1] Прокурорский надзор в Луганской Народной Республике : учебное пособие / авт. кол.: И. А. Корнет, С. С. Горенко, В. В. Груздев и др. ; под ред. Д.А. Бабичева ; ГП ЛНР, МВД ЛНР, Луган. акад. внутр. дел им. Э.А. Дидоренко, Костром. гос. ун-т. – Кострома: Изд-во КГУ, 2019. – 584 с

Аз ин ру хизматчиёни давлати ин ҳолатро ҳангоми амалӣ намудани фаъолият бояд ба инобат гиранд.

**Адабиёт**


1. Бахрах Д.Н. Государственная служба России : учеб. пособие. – М., 2009. – С.18.
2. Ғафурзода А.Д., Саъдиев И.З. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе: «Иршон», 2021.с.31
3. Керимов, Д.А. Философские проблемы права / Д.А. Керимов. – М.: Мысль, 1972. – С.11
4. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Меҳрона,2017, 2019. – С.70.
5. Джамшедов Д.Н. Государствнная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект). Дисс. … канд. юрид. наук. М., 2011. С.60 -74.
6. Қонуни ҶТ «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №275 // ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ].
7. Маҳмудов И.Т. Рушди назорати прокурорӣ ва фаъолияти мақомоти прокуратура дар масири 30-соли истиқлоли давлатӣ // 30 соли истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. С. 44-45.
8. Петров Г.И. Советсткое административное право: часть общая. – Л., 1970. – С.144.
9. Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бюджетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы : монография & под. ред. Е. Ю. Грачевой. - Москва : Проспект, 2021. - С 44.
10. Саъдиев И.З. Принсипҳои хизмати давлатӣ: Мафҳум ва муҳтаво// Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии апрелии илмӣ-амалӣ, 22-23 апрели соли 2022 - Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон.С.58.
11. Сергун П.П. Государственная служба в органах внутренних дел Российской Федерации: состояние и теория развития. – Саратов, 1998. – С.123.
12. Студеникин С.С. Советское административное право. М., 1945. С.46.


# ПРИНЦИПЫ ОРГАНИЗАЦИИ И ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ СЛУЖЕБНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ОРГАНАХ ПРОКУРАТУРЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


**РАДЖАБЗОДА МУТЕУЛЛО САФАРАЛИ,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
E-mail: rmuteollo@mail.ru



*В данной статье анализируются и обсуждаются принципы государственной службы в целом и принципы службы в органах прокуратуры. В статье автор представил основную сущность принципов и рассмотрел содержание принципов государственной службы. Отмечается, что принципы государственной службы являются основами, регулирующими процесс служебной деятельности, и их соблюдение ведет к защите общественных отношений и профессиональному развитию государственного служащего. При этом автор представил перечень принципов государственной службы с точки зрения законодателя и раскрыл важность их существования.*

***Ключевые слова:*** *Принципы, государственная служба, служба в органах прокуратуры, связи с общественностью, права и свободы, защита и соблюдение, профессионализм, продвижение по службе.*

# PRINCIPLES OF ORGANIZATION AND FULFILLMENT OF SERVICE ACTIVITIES IN THE BODIES OF THE PROSECUTION OFFICE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**RAJABZODA MUTULLO SAFARALI,**
Department of Administrative Law and Public Service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33 S. Nosir str.
E-mail: rmuteollo@mail.ru

*This article analyzes and discusses the principles of public service in general and the principles of service in the prosecutor's office. In the article, the author presented the main essence of the principles and examined the content of the principles of public service. It is noted that the principles of public service are the foundations that regulate the process of official activity, and their observance leads to the protection of public relations and the professional development of a civil servant. At the same time, the author presented a list of principles of public service from the point of view of the legislator and revealed the importance of their existence.*

***Key words:*** *Principles, public service, service in the prosecutor's office, public relations, rights and freedoms, protection and observance, professionalism, promotion.*

УДК:349.3

# НАҚШИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ ДАР САМТИ ЗӮРОВАРӢ ДАР ОИЛА

**МУРОДОВА НАРГИС ШЕРАЛИЕВНА,**
ассистенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Тел.: (+992) 507-77-06-44. Email: murudova95@mail.ru

*Қонунгузории миллӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти иҷтимоии инсоният нақши муҳим дорад, ки самти пешгирии зӯроварӣ дар оила аз ин истисно нест, зеро оила ҷузъи асосии давлат ва устувории он ҳамчун устувории давлат маҳсуб меёбад.*

*Таҳқиқи масоили марбут ба нақши қонунгузории миллӣ дар самти зӯроварӣ дар оила, яке аз масъалаҳои мубрам маҳсуб меёбад, зеро пас аз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати мамлакат ба занон равона гардида, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №5, аз 3-юми декабри соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ба тасвиб расид, ки он боиси қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» гардида, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои соҳавӣ шудааст, ки омили беҳтар шудани мақоми зан дар ҳаёти ҷомеа мебошад.*

*Дар мақола муаллиф кӯшидааст, ки бо дастрасиву корбурди Қонунҳои конститутсионӣ, Қонунҳо, кодексҳо, Қарорҳо, Барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки онро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, нақши қонунгузориро дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор дода, ба натиҷаҳои илмӣ ноил гардад.*

***Калидвожаҳо:*** *нақши қонунгузории миллӣ, зӯроварӣ дар оила, Қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, кодексҳо, Қарорҳо, Барномаҳои давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.*

Инсоният ҳанӯз аз замонҳое, ки соҳиби ақлу заковат гардида, хондану навиштанро омӯхт, пайваста кӯшиш менамуд, ки ҷиҳати танзими фаъолиятҳои гуногунсоҳаи худ чаҳорчӯбаҳоеро муайян намуда, вобаста ба он зиндагиву фаъолияти худро роҳандозӣ кунад, ки ин мушаххасотро қонун ном кананд ва ҳатто дар замони қадим Ситсерон гуфта буд: «Хоҳӣ, ки озод бошӣ, ғуломи қонун бош!».

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҷамъиятӣ такмилу густариш ёфта, ба марҳилаи нави рушду пешрафт собитқадамона гом бардошта, қонунҳое, қабул карда шуданд, ки барои зиндагии шоистаи инсонҳо шароити хубу мусоид фароҳам оварда, баробарҳуқуқии занону мардонро таъмин намуданд, ки ин дар моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан қайд гардидааст: «Мардон ва занон баробарҳуқуқанд» [8] ва дар асоси меъёрҳои Конститутсия қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо инчунин санадҳои дигар таҳияву тасдиқ гардидаанд, ки яке аз онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» (АМОҶТ с. 2013, №3, мод. 197) маҳсуб меёбад [10].

Чунончи аз пешгуфтори қонуни зикргардида бармеояд «Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила танзим намуда, вазифаҳои субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо доир ба ошкор, пешгирӣ ва бартарафсозии сабаб ва шароитҳои ба он мусоидаткунанда муайян менамояд» [10].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» аз чор боб ва 26 модда иборат буда, дар боби 1, ки «Муқаррароти умумӣ» унвон дошта, аз 6 модда иборат аст, мафҳумҳоеро амсоли: «зӯроварӣ дар оила», «пешгирии зӯроварӣ дар оила», «зӯроварии ҷисмонӣ дар оила», «зӯроварии рӯҳӣ дар оила», «зӯроварии шаҳвонӣ

дар оила», «зӯроварии иқтисодӣ дар оила», «ҷабрдида аз зӯроварӣ дар оила», «амрномаи муҳофизатӣ», «субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оила»-ро шарҳу тавзеҳ додааст. Моддаи 2-юми ҳамин боб мақсади Қонуни мазкурро муайяну мушаххас намудааст, ки он аз шаш банд иборат буда, муносибатҳои вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оиларо ба танзим медарорад. Моддаи 3-юми он бошад «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» унвон гирифта, дар он қайд мегардад: «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад». Моддаи 4-ум доираи амали Қонунро муайян карда, моддаи 5-ум принсипҳои пешгирии зӯроварӣ дар оиларо танзим карда, моддаи 6-ум ҳуқуқҳои ҷабрдидаро муайян менамояд.

Боби 2-юми Қонуни мазкур субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дар оиларо танзим карда, боби 3-юм чораҳои фардии пешгирии зӯроварӣ дар оиларо танзим карда, сарчашмаҳои маблағгузории фаъолият вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оиларо муайян намуда, боби 4-ум муқаррароти хотимавӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиму заминавие мебошад, ки зӯроварӣ дар оиларо пешгирӣ менамояд, зеро чи гунае ки аз худи Қонун бармеояд, он дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалие, ки онҳоро Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, таҳияву тасдиқ шудааст. Дар мавриди табъиз нисбати занон олими ҷавон Мирзоева Д.М. дар мақолаи худ “Хусусияти таъсири институти ҳифзи ҳуқуқи занон ва манънамудани табъиз нисбати онҳо” ниҳоят хуб масъалагузорӣ намудааст.[13.164-169]

Илова бар ин, дар китоби «Ҳуқуқи занон» қайд мегардад, ки «Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро оид ба ҳуқуқи инсон (аз ҷумла 7 ҳуҷҷати асосии СММ дар соҳаи ҳуқуқи иинсон» тасдиқ кард…» [15, 106].

Албатта, қонунҳову муқаррароти мазкур дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила нақши муҳим дошта, ҷиҳати танзими фаъолияти ҷамъиятии занон, баробарҳуқуқии онҳо бо мардон ва дигар паҳлуҳои масъалаи марбут ба он саҳми назаррас доранд ва бояд илова намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардони занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 01.03.2005 қабул гардида, мавриди амал қарор дорад, ки ин қонун низ имкониятҳои васеъ дорад.

Бар замми ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ», ки аз 02.12.2002 қабул гардида, яке аз қонунҳои муҳиме, ки кафолати иҷтимоии ҳуқуқи занонро ба танзим медарорад, маҳсуб меёбад, зеро: «Қонуни мазкур асос ва тартиби танзими муносибатҳоро дар соҳаи солимии репродуктивӣ ва ҳуқуқҳои репродуктивӣ, ки аз эътироф намудани ҳуқуқҳои зану мард бобати доштани маълумот ва дастрас будани усулҳои бехатар, босамар, муносиб ва қобили қабули танзими оила ва таваллуди фарзанд, пешгирии бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва дигар муносибатҳои бо он алоқамандро муайян мекунад» [15,108].

Ҳамчунин, қонунҳои дигареро ном бурдан мумкин аст, ки дар пешгирии зӯроварӣ дар оила накши назаррас дошта, баробарии онҳоро дар назди қонун кафолат медиҳад, аз ҷумла: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ», барои баланд гардидани сатҳи саводнокии занон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва амсоли инро метавон махсусан қайд кард.

Ғайр аз ин, кодексҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила нақши назаррас доранд, чунончи, ҷиҳати муайян намудани вазъи ҳуқуқии ширкаткунандагони муомилоти гражданӣ, ҳуқуқи моликият ва ашёи зеҳнӣ, муносибатҳои молумулкӣ: «Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» [5], дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ имконияти баробар доштани мардону занон дар «Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7] дарҷ ёфта, дар боби 12 ин кодекс кафолатҳои иловагӣ барои занон ва шахсоне, ки вазифаҳои оилавӣ доранд, пешбинӣ шудааст. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [6] муносибатҳои оилавиро ба танзим дароварда, ихтиёрӣ будани ақди никоҳро барои зану мард ва баробарии онҳоро дар оила муайян намудааст.

Лозим ба тазаккур аст, ки Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила нақши арзанда доранд, ки муҳимтарини он Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» мебошад, ки он таҳти №294, аз 03.05.2014 ба тасвиб расида, дар асоси моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» ва моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳияву тасдиқ шудааст.

Ҳадафи асосии Қарори мазкур амалисозии «Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» маҳсуб ёфта, ба таври муайяну мушаххас роҳу воситаҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила, муносибатҳои оилавӣ ва давра ба давра иҷро намудани он мебошад, ки ин барнома ҳамчун санади меъёриву ҳуқуқӣ мавриди амал қарор дорад.

«Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023» аз муқаддима ва ҳашт банд иборат буда, «…баробарҳуқуқии мардону занонро дар ҳалли масоили оилавӣ, сарфи назар аз миллату нажод, ҷинс, забон ва эътиқодоти динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, муҳофизат ва ҳавасманд кардани модарӣ, ғамхорӣ нисбат ба тарбияи фарзандон, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо, манъи бисёрникоҳӣ, ихтиёрӣ будани ақди никоҳ ва бекор намудани он, масъулияти мутақобила дар масъалаҳои амволӣ ва маънавӣ ва ғамхории ҳамдигарии аъзои оиларо таъмин менамояд» [1, 5].

Банди якуми барномаи мазкур «Таҳлили вазъи умумӣ ва тамоюлҳои зӯроварӣ дар оила» унвон дошта, дар он мушкилоти ҷойдоштаи самти баробарҳуқуқии гендерӣ баррасӣ шудааст, аз ҷумла дар банди 15 он қайд гардидааст, ки: «Сабабҳои асосии пошхӯрии оилаҳоро бармаҳал оиладор кардани навхонадорон, омода набудани онҳо ба ҳаёти мустақилона, вобастагии молиявии онҳо аз волидайн, муҳоҷирати меҳнатӣ, дахолати хешовандони наздик ва хушунати оилавӣ ташкил медиҳад» [1, 6].

Бояд тазаккур дод, ки мақсади асосии барномаи мазкур пешгирии зӯроварӣ дар оила буда, ташаккули низоми созандаи муносибатҳо дар он ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои ҳар як шахс мебошад, ки ҷиҳати татбиқи барнома ҳамчун замима нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, давра ба давра мавриди иҷро қарор дорад.

Ба таври хулоса метавон изҳор намуд, ки ҳамаи Қонунҳои конститутсионии қайдгардида, кодексҳо ва қарору барномаҳое, ки дар самти пешгирии зӯроварӣ дар оила ба тасвиб расидаанд, метавонанд вобаста ба масъалаи мазкур саҳми арзанда дошта,

ҳамчун қонунҳои миллӣ ҷиҳати баланд бардоштани мақому манзалати занон, баробарҳуқуқии мардону занон ва амсоли ин нақши назаррас доранд.

**Адабиёт**


1. Барномаи давлатӣ оид ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2023. Душанбе, 2014, - 44 с.
2. Виорелия Русу. Зуҳуроти зӯроварӣ дар оила тавассути саволу ҷавоб (маълумотномаи мухтасар). Душанбе, 2019, 32 с.
3. Ғаффорзода Абдуҳалим Розиқ. Зан аз нигоҳи сиёсати гендерӣ (дастури методӣ). Душанбе, 2020, - 92 с.
4. Краткий толковый словарь гендерных терминологий. Душанбе: «Деваштич», 2009, - 134 с.
5. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999.
6. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1998.
7. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Нашриёти «Ганҷ», 2016, - 135 с.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ аз зӯроварӣ дар оила». Душанбе, 2007. 65с.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила». Душанбе, 2016 с. 18 с.
11. Лоиҳаи PDV. Ҳамкории стратегӣ оиди муқовимат ба зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019, - 180 с.
12. Меҳнати хонагии бемузд. Мураттибон: Бухориева С., Олимиӣ М., Ҳомидова Қ. Душанбе, 2021, - 12 с.
13. Мирзоева Д.М. Хусусияти таъсири институти ҳифзи ҳуқуқи занон ва манънамудани табъиз нисбати онҳо/ Идакунии давлатӣ, №2(2022),с 164-168.
14. Ҳаёт бе зӯроварӣ. Душанбе, 2020, - 16 с.
15. Ҳуқуқи занон. Зери таҳрири Холиқов А.Г., Диноршоев А.М. Душанбе, 2010, - 284 с.


## РОЛЬ НАЦИОНАЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА В ОТНОШЕНИИ СЕМЕЙНОГО НАСИЛИЯ


**МУРОДОВА НАРГИС ШЕРАЛИЕВНА,**
ассистент кафедры истории и межкультурной коммуникации
Таджикского международного университета иностранных языков имени Сотим Улугзода.
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиев 17/6.
Тел.: (+992) 507-77-06-44. E-mail: murudova95@mail.ru



*Национальное законодательство играет важную роль во всех сферах общественной деятельности человека, и профилактика семейного насилия не является исключением, ведь семья является основной частью государства, и ее стабильность считается стабильностью государства.*

*Исследование вопросов, связанных с ролью национального законодательства в сфере домашнего насилия, считается одним из наиболее актуальных вопросов, поскольку после обретения независимости Республики Таджикистан особое внимание Правительства страны было направлено на женщин, а Утвержден Указ Президента Республики Таджикистан от 3 декабря 1999 года № 5 «О мерах по повышению положения женщин в обществе», что привело к принятию Закона Республики Таджикистан «О государственных гарантиях равноправия*

*права мужчин и женщин и равные возможности для их реализации» и других нормативных правовых актов и отраслевых программ, являющихся фактором повышения положения женщин в обществе.*

*В статье автор попытался обсудить роль законодательства в предупреждении семейного насилия с доступом и применением конституционных законов, законов, кодексов, решений, государственных программ и иных нормативных правовых актов и ряда международно-правовых актов, признанных Республики Таджикистан проводить исследования и достигать научных результатов.*

***Ключевые слова:*** *роль национального законодательства, насилие в семье, конституционные законы, законы, кодексы, Постановление, государственные программы, нормативные правовые акты.*

## THE ROLE OF NATIONAL LEGISLATION IN THE DIRECTION OF FAMILY VIOLENCE

**MURODOVA NARGIS SHERALIEVNA,**
teaching assistant of the Department Historical and intercultural communication of the Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulughzoda.
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17/6, Muhammadiev str.
Phone: (+992) 507-77-06-44. E-mail: murudova95@mail.ru

*National legislation plays an important role in all areas of human social activity, and the prevention of family violence is no exception, because the family is the main part of the state, and its stability is considered the stability of the state.*

*Investigating issues related to the role of national legislation in the field of domestic violence is considered one of the most pressing issues, because after the independence of the Republic of Tajikistan, the special attention of the Government of the country was directed to women, and the Decree of the President of the Republic of Tajikistan 03.12.1999, № 5 "On measures to raise the status of women in society" was approved, which led to the adoption of the Law of the Republic of Tajikistan "On state guarantees of equal rights of men and women and equal opportunities for their implementation" and other regulatory legal acts and sectorial programs, which it is a factor to improving the status of women in society.*

*In the article, the author tried to discuss the role of legislation in the prevention of family violence with the access and application of constitutional laws, laws, codes, decisions, state programs and other legal normative acts and a number of international legal acts recognized by the Republic of Tajikistan. Conduct research and achieve scientific results.*

***Key words:*** *the role of national legislation, domestic violence, constitutional laws, laws, codes, decisions, state programs, regulatory legal acts.*

УДК: 343

# ПРОКУРОРСКИЙ НАДЗОР НА СТАДИИ ПРИНЯТИЯ, РЕГИСТРАЦИИ И РАССМОТРЕНИЯ ЗАЯВЛЕНИЙ И СООБЩЕНИЙ О СОВЕРШАЕМЫХ ИЛИ СОВЕРШЁННЫХ ПРЕСТУПЛЕНИЯХ В РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ И РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**КУРБОННАЗАРОВ БАХТОВАР АЛИНАЗАРОВИЧ,**
аспирант кафедры организации
судебной и прокурорско-следственной деятельности
Московского государственного юридического университета им. О.Е. Кутафина.
125933, Российская Федерация, город Москва, ул. Садовая-Кудринская, дом 9.
E-mail: kurbonnazarov92@mail.ru

*В данной статье исследуются проблемы обеспечения законности и обоснованности действий при принятии, регистрации и рассмотрении заявлений и сообщений о совершаемых и совершённых преступлениях как на первоначальным этапом процесс расследования, а также предмет надзорной деятельности органов прокуратуры Российской Федерации и Республики Таджикистан по этому вопросу.*

*Процесс принятия, регистрации и рассмотрения заявлений и сообщений имеет ключевое значение для возникновения дальнейших уголовно-процессуальных отношений по предупреждению, раскрытию и привлечению к уголовной ответственноси лиц, совершивших преступления, который требует прокурорского надзора. В этой связи автор детально исследовал процесс принятия, регистрации и рассмотрения заявлений и сообщений о преступлениях, выявил и проанализировал нарушение законов, которые на практике имеют место. Отмечено, что прокурор должен обращать на них пристальное внимание, проверят процедуру истребования документов, проведение осмотра места происшествия, соблюдение процессуальных сроков и порядка их продления, осуществление оперативно-розыскной деятельности и использование ее результатов, принятие соответствующих решений и постановлений, а также обеспечение уголовно-процессуальных гарантий в отношении лиц, обращающихся в компетентные органы расследований с заявлениями и сообщений о совершаемых и совершённых преступлениях и др.*

***Ключевые слова:*** *прокурорский надзор, прокурор, законность, преступление, заявление и сообщение о преступлении, предварительное расследование, оперативно-розыскная деятельность.*

Проблема прокурорского надзора на стадии принятия, регистрации и рассмотрения заявлений и сообщений о совершаемых и совершённых преступлениях в условиях увеличения роста преступности остается приоритетным направлением деятельности органов прокуратуры Российской Федерации и Республики Таджикистан.

Правовые основы осуществления надзора в данной сфере закреплены в ст. ст. 29-30 Федерального закона «О прокуратуре Российской Федерации» от 17.01.1992 г. № 2202-I [2], ст. 37 Уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации от 18.02.2001 г. № 174-ФЗ (далее – УПК РФ) [4] и ст. ст. 30-31 Конституционного закона Республики Таджикистан «Об органах прокуратуры Республики Таджикистан» от 25.07.2005 г. № 107 [1], ст. ст. 150, 158, 168 Уголовно-процессуального Кодекса Республики Таджикистан от 03.12.2009 г. № 564 (далее – УПК РТ) [3] в Республике Таджикистан.

Анализ практики прокурорского надзора в Российской Федерации и Республике Таджикистан [12] свидетельствует о том, что на стадии принятия, регистрации и рассмотрения заявлений и сообщений о преступлениях, частыми являются нарушения требований уголовно-процессуального законодательства.

Принятие мер по предупреждению и устранению нарушений законов, с целью обеспечения законности зависит от надлежащего выполнения прокурором своих обязанностей.

По этому вопросу в науке прокурорского надзора в Российской Федерации и Республике Таджикистан дале продолжаются дискуссии.

Так, по мнению Е. Б. Серова и Д. В. Сергей, системный подход к организации деятельности прокурора со стадии возбуждения уголовного дела позволит эффективно реализовать стоящие перед прокуратурой задачи в противодействии незаконному обороту наркотиков[13.245].

Ю.А. Рахмон считает[12.216], что «с момента получения заявления и информации о преступлении начинается прокурорский надзор в уголовном процессе».

Следует отметить, что прокурор, руководствуясь п. 1 ч. 2 ст. 37 УПК РФ и п. 1 ч. 1 ст. 168 УПК РТ проводит проверку законности и обоснованности осуществления первоначального уголовно-процессуального действия - принятия, регистрации и рассмотрения заявления или сообщения о преступлениях до принятия соответствующего решения (о возбуждении уголовного дела; об отказе в возбуждении уголовного дела; о передаче заявления, сообщения по подследственности или подсудности), предусмотренного в ст. 144 (порядок рассмотрения сообщения о преступлении) УПК РФ и ст. 145 (обязательность принятия и рассмотрения заявлений и сообщений о преступлении) УПК РТ.

Помимо этого, прокурор проверяет исполнение подзаконных актом, утвержденных органами расследования, которые в Российской Федерации регулируются Приказом МВД России от 29.08.2014 г. № 736 Инструкция «О порядке приема, регистрации и разрешения в территориальных органах Министерства внутренних дел Российской Федерации заявлений и сообщений о преступлениях, об административных правонарушениях, о происшествиях» и др.

В Республики Таджикистан с целью осуществления и организации деятельности в этом направлении утверждена Инструкция «О порядке приема, регистрации и учета решений по заявлениям, сообщениям и иной информации о преступлении и событиях» от 25.02.2010 с совместным Приказом МВД РТ, Верховного суда РТ, Совета юстиции РТ, Генеральной прокуратуры РТ, Министерства юстиции РТ, Государственного комитета национальной безопасности РТ, Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан, Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан и Таможенной службой при Правительстве Республики Таджикистан.

В соответствии с нормами данных нормативно-прововых актов, прокурору необходимо акцентировать внимание на возможности выявления нарушений закона при: а) принятии, б) регистрации, в) рассмотрении - заявлений и сообщений о преступлениях.

Прокурор должен знать, в какие сроки в соответствии с уголовно-процессуальным законом, подзаконными актами органов расследования осуществляются те или иные процессуальные действия и уделять особое внимаение выявлению нарушений законов по этому вопросу.

Так, нарушения законов в стадии предварительного расследования автором классифицировани следующие группы:

**- первая,** нарушение установленного порядка при принятии заявлений и сообщений о преступлениях: отказ в принятии заявлений и сообщений; сокрытие

информации о преступлении; не предоставление документов (талона-уведомления) о принятии сообщения о преступлении заявителю и др.;

- **вторая,** нарушение установленного порядка при регистрации заявлений и сообщений о преступлениях: необоснованное возвращение заявления и сообщения о преступлении заявителю; несвоевременная регистрация заявления или сообщения о преступлении в учётных книгах и др.

Основной механизм и способ устранения таких нарушений законов – надлежащее осуществление прокурором надзора.

Прокурору также необходимо особо пристальное внимание обращать на следующие вопросы:

- на процедуру регистрации заявлений и сообщений о преступлениях в соответствии с требованиями уголовно-процессуального закона, подзаконных актов;

- детально проверять каждое действие или бездействие, оформление или не оформление документов уполномоченным лицом и органом расследования.

Изложенное позволяет автору настоящего исследования согласиться с мнением Л. А. Аристархов о том, что «ключевая роль в обеспечении соблюдения порядка регистрации поступивших заявлений, безусловно, принадлежит прокурору» [8.80].

Н.В. Веретенников считает что помимо обязанности есть еще и профессиональная заинтересованность прокурора в том, чтобы сообщение о преступлении было своевременно и полно зафиксировано; был соблюден порядок регистрации; все, надлежаще процессуально оформленные признаки преступления, нашли отражение во входящей учетной документации; были приняты необходимые меры реагирования, соблюдены сроки, уведомлены заявители[9.170].

Немаловажным с точки зрения прокурорского надзора по обеспечению законности в данной сфере является надлежащее правовое регулирование процесса регистрации заявлений и сообщений о преступлениях.

По мнению автора настоящего исследования, регистрация заявлений и сообщений о преступлениях – это действие органов расследования в специальном внутреннем документе (Книга регистрация заявления и сообщений о преступлениях (Книга №1)(РТ), Книга регистрация другая информация о событиях (Книга №2) (РТ), Книга учета заявлений и сообщений о преступлениях, об административных правонарушениях, о происшествиях (РФ), Журнал учета сообщений, поступивших по «телефону доверия» (РФ) и др.) в нумерационном порядке, с соблюдением процессуальных сроков, зарегистировать заявление, сообщение и информацию, предоставленную физическим или юридическим лицом, или непосредственно полученную органом расследования о готовяшихся к совершению или совершённых преступлениях.

Термин *«регистрация»* заявлений и сообщений о преступлениях в нормах уголовно-процессуального законодательства закреплён.

Например, *«регистрировать»* заявления и сообщения о совершенном или готовящемся преступлении, совершаемом и неоконченном преступлении согласно п. 1 ч. 2 ст. 40 УПК РТ является обязностью органов дознания, в соответствии с ч. 2 ст. 145 УПК РТ - обязностью органов предварительного следствия. Однако термин *«регистрация»* не предусмотрен в наименовании ст. 145 УПК РТ, где определён и регулируется процесс принятия, регистрации и рассмотрения заявлений и сообщений о преступлении.

*«Регистрация»* заявлений и сообщение о преступлениях, - это основное процессуальное действие - поставить на учет в *внутренноорганном документе* (Книга учета и регистрации информации [12.218] о преступлении). Такой документ можно

считать основным, определяющим источником информации при осуществлении прокурорского надзора.

Следует отметить, что термин *«регистрация»* в ведомственном акте прокуратуры – Приказе Генерального прокурора РТ - определен как «надзор за исполнением требований законов при принятии, регистрации и рассмотрении заявлений и сообщений о преступлении». Это является важным элементом надзора, поэтому очевидно несоответствие законодательных норм, регламентирующих, с одной стороны, надзорную деятельность прокурора, с другой - деятельность должностных лиц, являющуюся предметом надзора [14.108].

В этой связи автор считает необходимым привести термин *«регистрация»* заявлений и сообщений в соответствие с положениями ст. 145 УПК РТ «Обязательность принятия и рассмотрения заявлений и сообщений о преступлении», что будет соответствовать требованиям норм уголовно-процессуального закона, подзаконным актам и действиям органов расследования.

Такая практика отражена в уголовно-процессуальном законодательстве РФ, где в п. 1 ч. 1 ст. 37 УПК РФ предусмотрено, что прокурор проверяет исполнение требований федерального закона при приеме, регистрации и разрешении сообщений о преступлениях.

Однако, ст. 144 УПК РФ в полном объеме не регламентирует эти процессуальные действия, поэтому в диспозиции ч. 1 названной статьи определен только порядок рассмотрения сообщений о преступлении.

Изложенное позволяет сделать вывод что со стороны органов расследования допускаются ошибки и нарушения законов при *регистрации* заявлений и сообщений о преступлениях.

По мнению К. И. Амирбекова, «основным критерием оценки является своевременность выявления и постановки на учет сообщений о преступлениях, оставленных без регистрации (укрытых), так как, в отличие от полномочий по надзору за следствием и дознанием, в этой стадии прокурор наделен полномочиями проверки исполнения требований федерального закона без ограничения объемов проверяемого материала и сроками проверки»[7.25].

По действующему российскому законодательству функция своевременного возбуждения уголовного дела по укрытому от учета сообщению, отнесена законом к полномочиям руководителей следственных органов и органов дознания. У прокурора нет юридических рычагов для обеспечения данний функции.

В этой связи «акцент при определении эффективности прокурорской деятельности по данному виду деятельности необходимо делать на своевременность выявления незарегистрированных сообщений о преступлениях и вынесения требований об их регистрации и принятии процессуального решения»[7.25].

Для устранения недостатков и усиления роли прокурора как лица, обеспечивающего законность в данном случае, автором предлагалось, «включить в статью 31 Конституционного закона РТ «Об органах прокуратуры РТ» и в статью 168 УПК РТ о полномочиях прокурора следующий пункт: - «в случае выявления нарушений участниками процесса дознания и предварительного следствия (руководителями подразделений предварительного следствия и дознания, дознавателем, следователям, прокурором, защитником, специалистом, экспертом, переводчиком и т. п. субъектами, которые участвуют в процессе расследования уголовных дел) принимать меры, предусмотренные законом» [10.165].

Представляется, что данный механизм является правовым рычагом для прокурора в осуществлении надзора за деятельностью органов расследования при регистрации заявлений и сообщений о преступлениях.

**- третьим,** этапом исследуемого вопроса является нарушение установленного порядка рассмотрения заявлений и сообщений о преступлениях: несвоевременность рассмотрения заявлений и сообщений о преступлениях, необоснованное направление заявлений, сообщений в другие органы, либо необоснованное не направление заявлений, сообщений по принадлежности, неправильная квалификация преступного действия, неосуществление неотложных следственных действий, непроведение оперативно-розыскных мероприятий, не принятие необходимых мер по обеспечению безопасности, возникающих в результате наркопреступных действий по защите прав и интересов человека и гражданина, общества и государства и др.

В связи со сложившимися условиями и сложившейся практикой допущенных нарушений законов Генеральний прокурор Республики Таджикистан Ю. А. Рахмон считает, что «другими недостатками органов дознания и предварительного следствия является пропуск срока при рассмотрении заявления и сообщения о преступлении, что объясняется неправильной организацией работы, халатным отношением к задачам службы со стороны сотрудников органов дознания и предварительного следствия, фактического отсутствия реального надзора прокурора» [12.219].

Надо отметить, что в отличие от процесса принятия, регистрации и рассмотрения заявлений и сообщений о преступлениях, этот этап – решающий. От его результатов зависит многое, так как в это время решается вопрос возбуждения, отказа в возбуждении уголовного дела или передаче заявления, сообщения по подследственности, подсудности.

По изложенному автор приходит к следуюшему выводу: рассмотрение заявлений и сообщений о преступлениях – это уголовно-процессуальное действие в определённое время для установления или отсутствия преступного деяния и состава преступления, выполнение неотложных следственний действий со стороны органов предварительного расследования, оформление процессуальных документов и закрепление результатов осуществляемых действий, которые выступают основанием для вынесения соответствующего постановления (о возбуждении уголовного дела; об отказе в возбуждении уголовного дела; о передаче заявления, сообщения по подследственности или подсудности).

В процессе надзора за рассмотрением заявлений и сообщений о преступлениях, прокурор уделяет основное внимание осуществлению следующих первоначальных проверочных действий органов расследования, их правомерности или неправомерности, соблюдению требований закона:

2) *определение существования преступных действий и признаков состава преступления;*

3) *осмотр места происшествия.* Для подтверждения или опровержения информации, полученной из заявления и сообщения о совершаемых или совершенных преступлениях, необходимо проведение осмотра места происшествия с целью установления всех обстоятельств и оформления процессуальных документов;

4) *осуществение оперативно-розыскных меропрятий с целью определения существования в деянии состава преступления;*

Следует отметить, что в деятельности органов расследования проведение оперативно – розыскного меропрятия играет существенное значение и позволяет с вероятностью 85-90 % в дальнейшем успешно расследовать и раскрывать преступление.

В соответсвий с п. 1 ч. 2 ст. 7 Закона Республики Таджикистан «Об оперативно-розыскной деятельности» - при отсутствии достаточных оснований для решения вопроса о возбуждении уголовного дела для определения признаков подготавливаемого, совершаемого или совершенного преступного деяния, а также о лицах, его подготавливающих, совершающих, или совершивших, осуществляются оперативно-розыскные мероприятия.

В данной ситуации необходимо соблюдение оснований, порядка и условий для дачи поручения о проведении оперативно-розыскных мероприятий органами, осуществляющими оперативно-розыскную деятельность. Также важен процесс проведения проверки информации, полученной из заявлений и сообщений о совершаемых или совершенных преступлениях.

*5) определение срока давности уголовной ответственности; принятие закона, издание акта амнистии и др.*

В заключение исследования автор считает необходимом отметить, что прокурорский надзор на стадии принятия, регистрации и рассмотрения заявлений и сообщений о совершаемых и совершённых преступлениях - на первый взгляд кажется простым, однако это - сложный этап расследования, который сопряжен с большим риском сокрытия преступлений. Он имеет свои особенности и требует от прокурора достаточных знаний и профессиональных навыков.

В этой связи автором определена цель прокурорского надзора по обеспечению законности при принятии, регистрации и рассмотрении заявлений и сообщений о преступлениях со строны органов расследования. Она включает следующие критерии:

- соблюдение уголовно-процессуальных прав и обязанностей органов расследование по принятию, регистрации и рассмотрению заявлений и сообщений о совершаемых и совершённых преступлениях;
- обеспечение законности порядка истребования документов, материалов в связи с рассмотрением заявлений и сообщений о совершаемых или совершенных преступлениях;
- обеспечение законности порядка осмотра места происшествия в связи с рассмотрением заявлений и сообщений о совершаемых или совершенных преступлениях;
- обеспечение законности порядка, уголовно-процессуальных сроков при принятии, регистрации и рассмотрении заявлений и сообщений о совершаемых или совершенных преступлениях;
- обеспечение законности порядка, осуществление оперативно-розыскных меропрятий и использование их результатов с целью проверки информации, полученной в ходе рассмотрения заявлений и сообщений о совершаемых или совершенных преступлениях;
- законность обеспечения уголовно-процессуальных гарантий в отношении лиц, подающих заявление и сообщение о подготавливаемом, совершаемом или совершенного преступлении.

**Литература**

1. Конституционный закон Республики Таджикистан «Об органах прокуратуры Республики Таджикистан» от 25 июля 2005 г. № 107.
2. Федеральный закон «О прокуратуре Российской Федерации» от 17 января 1992 года № 2202-I.
3. Уголовно-процессуальный Кодекс Республики Таджикистан от 3 декабря 2009 года, № 564.

4. Уголовно-процессуальный кодекс Российской Федерации от 18 декабря 2001 г. № 174-ФЗ.

5. Инструкция «О порядке приема, регистрации и учет решения заявлений, сообщений и другие информации о преступлении и событиях» от 25.02.2010 г., Душанбе.

6. Инструкция «О порядке приема, регистрации и разрешения в территориальных органах Министерства внутренних дел Российской Федерации заявлений и сообщений о преступлениях, об административных правонарушениях, о происшествиях» (с изм. от 7 ноября 2018 г., 9 октября 2019 г.) от 29.08.2014 г. № 736.

7. Амирбеков К. И. Критерии эффективности деятельности прокурора в сфере уголовного судопроизводства (концептуальный подход) // Вестник Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации. № 2 (28) 2012. – С. 20 – 26.

8. Алексей Л. А. О некоторых проблемах, возникающих в стадии возбуждения уголовного дела // Вестник Академии Генеральной прокуратуры Российской Федерации. № 2 (70) 2019. – С. 80 – 85.

9. Веретенников Н. В. Обеспечение прокурором законности в стадии возбуждения уголовного дела: дис. …канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2009. - 170 с.

10. Курбонназаров Б. А. Классификация и эффективное осуществление полномочий прокурора по надзору за исполнением законов при проведении дознания и предварительного следствия // Труды Академии МВД Республики Таджикистан (Научный журнал). № 4 (52) 2021. – С. 154 - 167.

11. Официальный сайт Агентства по контролю за наркотиками при Президенте Республики Таджикистан - https://akn.tj/ru (28.05.2022, 13:59).

12. Рахмон Ю. А. Прокурорский надзор. Учебное пособие. – Душанбе: Ирфон, 2019. – 390 с. (На таджикском языке).

13. Серова Е. Б., Душкин С. В. Организация прокурорского надзора за законностью производства дознания и предварительного следствия по уголовным делам о незаконном обороте наркотиков // Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова № 2, 2016. – С. 245-249.

14. Чубыкин А. В. Процессуальный статус прокурора в стадии возбуждения уголовно го дела. Дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09. - М., 2014 г. – 202 с.

# НАЗОРАТИ ПРОКУРОРӢ ДАР МАРҲИЛАИ ҚАБУЛ, РАСМИГАРДОНӢ ВА БАРРАСИИ АРИЗАЮ ИТТИЛООТ ВОБАСТА БА ҶИНОЯТҲОИ СОДИРШАВАНДА ВА Ё СОДИРШУДА ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ ВА ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҚУРБОННАЗАРОВ БАХТОВАР АЛИНАЗАРОВИЧ,**
аспиранти кафедраи ташкили фаъолияти судӣ ва прокурорӣ-тафтишии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Москва ба номи О. Е.Кутафин.
125933, Федератсияи Русия, Москва, кӯчаи Садовая-Кудринская, бинои 9.
E-mail: kurbonnazarov92@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаммои таъмини қонуният ва асоснокии фаъолият ҳангоми қабул, расмигардонӣ ва баррасии аризаю иттилоот вобаста ба ҷиноятҳои содиршаванда ва ё содиршуда ҳамчун марҳилаи аввали тафтишӣ, инчунин предмети назорати фаъолияти мақомоти прокуратураи Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ин масъала мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.*

*Ҷараёни қабул, расмигардонӣ ва баррасии аризаю иттилоот мавқеи калидиро дар бавуҷудоии муносибатҳои минбаъдаи мурофиавии ҷиноятӣ дар самти пешгирӣ, ошкор ва ба*

*ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноятсодикарда касб менамояд, ки зарурияти назорати прокурориро тақозо менамояд. Вобаста ба ин муаллиф муфассал ҷараёни қабул, расмигардонӣ ва баррасии аризаю иттилоот дар бораи ҷиноятро таҳқиқ намуда, қонунвайронкуниҳои дар ин самт ҷойдоштаро ошкор ва мавриди таҳлил қарор додааст. Қайд гардидааст, ки прокурор бояд ба онҳо диққати ҷиддӣ зоҳир намуда, ҷараёни талаби ҳуҷҷатҳо, азназаргузаронии ҷои ҳодиса, риояи мӯҳлатҳои мурофиавӣ ва тартиби дароз намудани онҳо, амалинамоии фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ ва истифодабарии натиҷаҳои он, қабул намудани қарор ва хулосаҳои дахлдор, ҳамчунин таъмини кафолатҳои мурофиавӣ – ҷиноятӣ нисбати шахси пешниҳодкардаи ариза ва ё иттилоот оид ба ҷиноятҳои содиршаванда ва ё содиршуда ба мақомоти салоҳиятдори тафтишӣ ва ғайраро мавриди санҷиш қарор диҳад.*

**Калидвожаҳо:** *назорати прокурорӣ, прокурор, қонуният, ҷиноят, ариза ва иттилоот оид ба ҷиноят, тафтиши пешакӣ, фаъолияти оперативӣ – ҷустуҷӯӣ.*

## PROSECUTOR'S SUPERVISION AT THE STAGE OF ACCEPTANCE, REGISTRATION AND CONSIDERATION OF APPLICATIONS AND REPORTS ON COMMITTED OR COMPLETE CRIMES IN THE RUSSIAN FEDERATION AND THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**QURBONNAZAROV BAKHTOVAR ALINAZAROVICH,**
postgraduate student of the Department Organization of Judicial and
Prosecutorial investigative Activities
O.E. Kutafin Moscow State Law University.
125933, Moscow, 9 Sadovaya-Kudrinskaya str.
E-mail: kurbonnazarov92@mail.ru

*This article examines the problems of ensuring the legality and validity of actions when accepting, registering and considering applications and reports on committed and committed crimes as the initial process of investigation, as well as the subject of supervisory activities of the prosecution authorities of the Russian Federation and the Republic of Tajikistan on this issue.*

*The process of accepting, registering and considering applications and messages is of key importance for the emergence of further criminal procedural relations to prevent, disclose and bring to justice those who have committed crimes, which requires prosecutorial supervision. In this regard, the author analyzed in detail the process of accepting, registering and considering applications and reports of crimes, identified and analyzed the violation of laws that take place in practice. It is noted that the prosecutor should pay close attention to them. It is concluded that the supervisory review of the prosecutor is aimed at ensuring the legality of the implementation of processes, registration and identification of cases of occurrence and occurrence of cases, which include such actions as participation and participation in the implementation of processes of rights and bodies, he procedure for obtaining documents, conducting an inspection of the scene, observing the procedural deadlines and the procedure for their extension, carrying out operational-search activities and using their results, making appropriate decisions and resolutions, as well as ensuring criminal procedural guarantees in relation to persons applying to the competent authorities with statements and reports about committed and committed crimes, etc.*

***Key words:*** *prosecutor's supervision, prosecutor, legality, crimes, statement and report on crimes, operational investigative activities.*

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

**УДК: 1/14(091):323**

# АСОСҲОИ МУҚОБИЛА БО ҶАРАЁНҲОИ ТУНДРАВУ ИФРОТӢ АЗ НИГОҲИ МУҲАММАД ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

**ТУРАЕВА ЗУҲРО ЮНУСОВНА,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 985-16-04-63.
**САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
доктор (PhD) илмҳои сиёсии кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 918-78-12-12.

*Ҷараёнҳои тундрави ифротӣ беш аз он, ки дар майдони амал коре анҷом диҳанд, масъалаҳоеро дар зеҳн ва фикрашон мавриди таҳлил қарор дода, сипас даст ба иқдоми амалӣ мезананд. Ин масъалаҳои ақлӣ ва зеҳнӣ, ки дар ҳамаи ҷанбаҳои рафторӣ ва тамоми паҳлӯҳои зиндагии онҳо таъсири худро худро гузоштааст, асосҳои фикрии онҳоро ташкил медиҳанд. Чуноне, ки муборизаи ҳамаҷонибаи ҳукуматҳо ва созмонҳои байналмилаллӣ бо ҷараёнҳои тундрави ифротӣ ҳамчун яке аз усулу равишҳои муқобила бо онҳо ба шумор меравад, қатъан яке дигар аз роҳҳои аслии муқобила бар зидди онҳо рад намудани асосҳои фикриашон бо равишҳои дурусти илмию ақлӣ ба ҳисоб меравад.*

*Мақолаи мазкур дар назар дорад асосҳои ақлию фалсафии ҷараёнҳои тундраву ифротиро аз нуқтаи назари ҳаким ва файласуфи асри IX ва X форсу тоҷик Муҳаммад Закариёи Розӣ мавриди баррасии илмӣ қарор диҳад. Закариёи Розӣ, ки дар даврони бошукуҳи пешрафти илмию ақлии силсилаи Сомониён зиндагӣ менамуд, дар асарҳои илмиаш баъзе масъалаҳоеро баён намудааст, ки имконият медиҳад бо асосҳои фикрию ақлии ҷараёнҳои тундрави ифротӣ ба таври ҷиддӣ муқобила намуда, андешаи ҳамаи афроди ҷомеа ва бахусус ҷавононро дар баробари онҳо эмин нигоҳ дошт.*

***Калидвожаҳо:*** *Закариёи Розӣ, ҷараёнҳои фикрӣ, ҳикмати ахлоқӣ, саломати нафс, саломати ақл, бемориҳои фикрӣ, табобати руҳу ҷисм.*

Абӯбакр Муҳаммад Ибни Закариё Розӣ ҳаким, табиб, табиатшинос ва файласуфи бузурги форсу тоҷик соли 251 (865) дар шаҳри Рай ба дунё омада, соли 313 (925) аз дунё рафт[10,7//8,373]. Асарҳои илмии фаровоне аз вай ном гирифта мешавад, ки баъзе аз онҳо дар замони муосир дастраси хонандагон ва муҳаққиқон намебошанд. Аммо, аз муҳимтарини онҳо ба ҳамон ду китоби мазкур - «Тибби рӯҳонӣ» ва «Ас-сират ал-фалсафия» метавон ишора намуд. Лозим ба зикр аст, ки Абӯ-Райҳони Берунӣ (362/973 – 440/1048) маҷмӯаи китобҳо ва асарҳои илмии Розиро дар китобе таҳти унвони «Феҳристи китобҳои Розӣ» гирд овардааст.[3, С. 48-57 // 6, С. 55]

Яке аз асосҳои фикрии ҷараёнҳои тундраву ифротӣ дур нигоҳ доштан ва холӣ намудани фикру рӯҳи инсонҳои ноогоҳ аз ақлу хирад ва андешаи ноб мебошад. Ҷиҳати муқобила бо чунин масъалаҳо баъзе аз ҳукамои форсу тоҷик ба истифодаи дурусту дақиқ аз мафҳуми хирад ва ақлгароӣ, ҳамчунин бо баҳра бурдан аз мафҳумҳои ахлоқӣ таъкиди хосса доштаанд. Аз муҳимтарин ҷанбаҳои андешаи Закариёи Розӣ низ дар назарияи ахлоқии вай ҷиҳати ҳалли масъалаи бемориҳои ақлию фикрӣ аст, ки омехта бо тиббу ҳикмат ва фалсафа мебошад. Зеро, Розӣ риояти ахлоқро дар саломати ҷисму нафс бо ҳамдигар шарт медонад. Яъне, замоне як фард аз назари Розӣ солим ба назар мерасад, ки ҳам аз лиҳози ақлию рӯҳӣ ва ҳам аз назари ҷисмӣ ба саломати комил ноил омада

бошад. Асосан, яке аз сабабҳои нигориши китоби «Тибби рӯҳонӣ»-и вай низ ҳамин масъала аст. Баъзе низ номи китоби вайро «Тибб ан-нафс» номидаанд.[12, С. 118 // 5, С. 3] Ба ин маъно, ки табобат ва саломат ҳам бояд бар ақлу рӯҳ ва ҳам бояд бар ҷисму тани инсон таъаллуқ бигирад.

Ҳамон гуна, ки ҷисми инсон талаботе дорад, ки бояд барои саломатияш риоят шаванд, ақлу рӯҳи инсон низ талаботе барои саломатии худо дорад. Дар ин марҳила Розӣ назарияи ахлоқии худро дар ҳамин китоб ва баъзе дигар аз китобҳояш тарҳ менамояд, ки дар идома ба таври таҳлилӣ ба он пардохта хоҳад шуд. Ӯ дар ин масъала муътақид аст, ки риояти ахлоқу эътидоли равонии фард, мабно ва пояи ба даст овардани саломати рӯҳ ва ҷисм мебошад. Асосан бояд гуфт, ки бардошту таҳлили Розӣ дар назарияи ахлоқияш бо тиб даромехта ва бисёр наздик будааст. Дар методу равиши ахлоқӣ ва низ дар ғояти ахлоқ, илми тибб маркази таваҷҷуҳи Розӣ будааст. [9, С. 21 // 4, С. 258]

Яке аз афроде, ки назарияи иртиботу пайванди саломати бадан бо саломати нафс бар вай таъсир гузошта Форобӣ мебошад, ки онро ба саломати сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ густаришу тавсеа медиҳад.[1, С. 26 // 2, С. 23] Аз назари Форобӣ табобат ба саломати ҷисм мепардозад ва ҳикмату ахлоқ ва сиёсат ба саломатии кишвардорию иҷтимоӣ.[2, С. 23 // 11? С. 8] Имрӯз низ таваҷҷуҳ ба саломати равонӣ яке за муҳимтарин машғулиҳои асосии донишмандони соҳаи равоншиносӣ шудааст. Ҳамчунин сабаби бисёре аз пешрафтҳои башарият дар арсаҳои иҷтимоӣ, ҳамин масъалаи саломати равонӣ мебошад.

Назарияи ахлоқии Розӣ бар саломати нафс пойдор аст. Ба ин маъно, ки ахлоқ барои пешгирӣ аз ворид шудани беморӣ дар нафс буда ва ҳадафи он ислоҳи нафс ва баргардондани он ба саломатӣ мебошад. Яъне саломатии нафс ҳамон дурӣ аз беахлоқӣ ба ҳисоб меояд. Риояти ахлоқу одоб аз назари Розӣ нишонаи солим будани нафсу рӯҳи инсон ва камолу эътидоли ҷисм ва равони вай мебошад. Дар назарияи ахлоқии Розӣ мабно ва пояи саломати нафс, ақлу хирад аст, ки марзи ҷудоии инсон аз ғайри худ ба шумор меравад.

Дар инки чаро Розӣ ақлу хирадро пояи асосии расидан ба саломати нафс қарор дода, бояд гуфт, ки ҷанбаи асосии ҷудо кардани инсон аз ғайраш ва низ василаи тасаллут ба дастгирии дигар мавҷудот тавассути инсон, ҳамин нерӯи ақлу хирадмандии ӯст.[7, С. 38 // 13, С. 43] Зеро акл аз назари Розӣ фармонраво ва нафс тобеъи вай буда, саломати нафс барои анҷоми ҳокимияти ақл лозиму зарурӣ менамояд.

Хатаре, ки дар ин роҳ саломати нафсро аз назари Розӣ таҳдид мекунад, ҳавои нафс ва ҷозибаҳои табиъию нафсонии инсон мебошад. Албатта шоистаи зикр аст, ки муроди вай аз ақл, ақли амалӣ ва санҷишгар ва дақиқ мебошад.[7, С. 42 // 14, С. 123] Ин назари Розӣ маънои онро дорад, ки сабаб ва далели аслии ба даст овардани саломати нафс, дар итоъат ва фармонбардорӣ аз ақлу хиради инсон аст. Яъне нафси бемор аз назари Розӣ он аст, ки мутиъу фармонбари ақл набуда ва нафси солим итоъаткунандаи маҳзи ақл мебошад. Ҳавои нафс аз тариқи лаззатҳои бепоён ва зудгузар таҳдид мешавад ва ба беморӣ дучор мегардад. ба ҳамин далел Розӣ болотарин дараҷаи ақлро дар он медонад, ки битавонад нафсро аз дучоршавӣ ба лаззатҳои маҳдуду зудгузар пешгирӣ кунад.[7, С. 90 // 9, С. 75]

Бинобар ин, назарияи ахлоқии Розӣ аз унсурҳои асосии зерин иборат аст:

1. Саломати ақл;
2. Оромиши ақлӣ;
3. Шинохт, пешгирӣ ва дармони бемориҳои фикрӣ.

Масалаи саломати ақл дар андешаи Розӣ ҳамон назарияи ҳадди васат ва ё ахлоқи эътидолӣ мебошад. Ба ин маъно, ки инсон дорои се навъи нафс мебошад. Яке нафси шаҳвонӣ, дигарӣ нафси ғазабия ва севвумӣ нафси нотиқа. Нафси наботӣ дар ростои

тарбияти ҷисм фаъолият мекунад то нафси нотиқаро ба ҳаракат дароварад. Нафси ғазабия низ барои боздоштани инсон аз ифроту тафритҳои ахлоқӣ ва ё риояти эътидол мебошад.[7, С. 85]

Унсури дуввуми назарияи ахлоқии Розӣ таърифи вай аз мафҳуми лаззат ва оромиши ақлӣ мебошад. Дар назарияи ахлоқии Розӣ лаззат ва оромиши ақлӣ ба маънои баргашт додани нафс ба ҳолати қабл аз ҳолатест, ки омили хориҷии беморӣ ба нафс ворид кардааст. Яъне, вақте нафс дар ҳолати эътидолу саломат қарор дорад, аз ҷониби яке аз хатарот ва ё бемориҳои рӯҳӣ, ки беахлоқиҳо мебошад, мавриди ҳамла ва таҳоҷум қарор мегирад. Замоне, ки ин ҳамла тавассути ақлу хирад ва риояти ахлоқ аз байн рафт, ҳолате ба инсон даст медиҳад, ки Розӣ онро лаззат ва оромиши ақлӣ меномад. Яъне, пас аз ранҷи воридшуда ва аз байн бурдани он, оромиши бисёр хубе дар қувваи ақли инсон эҳсос мешавад.[7, 85] Агар ҳолати оддии ақли инсон дар назар гирифта шавад, он дар саломати комил қарор дорад. Баъдан як саргардонию бемории фикрӣ вориди он мешавад. Сипас, беморӣ дафъ мешавад, онгоҳ дубора оромиш ва лаззат ба ақли инсон боз мегардад. Закариёи Розӣ ба далели аҳамияти масъалаи лаззат дар ахлоқ, рисолаеро ба номи «Рисолат фӣ моҳият ал-лаззат» дорад, ки дар дастрас набуда ва ҳар миқдоре, ки аз он дар китобҳо оварда шудааст, ҳамон масъалаҳое мебошанд, ки худ дар китоби «Тибби рӯҳонӣ» аз рисолаи мазкур нақл намудааст.[13, С. 268 // 14, С. 126]

Бинобар назари Розӣ дар бораи оромиши ақлӣ, пайравӣ аз нерӯҳои шаҳвонӣ ва хашму масъалаҳои хушунатбори ифротӣ ва низ ҳолатҳои ҳаяҷонию зудгузар хатарҳо ва бемориҳои фикрию ақлӣ барои нафси инсон ба ҳисоб меравper. Яъне, бояд ақл ва фикри инсон аз масъалаҳои ёдшуда худро дур нигоҳ дорад, то ба бемориҳои фикрию ақлӣ гирифтор нашавад. Аз назари Розӣ ҳар гоҳ ақл ва фикри инсон аз холати одии худ хориҷ шавад, он бемор маҳсуб меёбад. Ҳолатҳои хушунат ва тундгароию ифротӣ аз ҷумлаи бемориҳои ақлию фикрӣ мебошанд, ки бо гирифтор намудани мағзи инсон онро аз тафаккури солиму хирадмандона дур нигоҳ медорад ва инсонро водор мекунад, ки ба корҳои ғайриоддӣ ва ғайриақлӣ даст бизанад. Роҳи ҳалли ин масъала дармони руҳу ақли инсон аз бемориҳои зикршуда бо афкори дурусту саҳеҳ мебошад.

Унсури севвуми назарияи ахлоқии Розӣ, се марҳила дорад:

1. Шинохти хатарҳо ва бемориҳои ақлу фикр;
2. Пешгирӣ ва ворид шудани онҳо ба фикри инсон;
3. Ёфтани роҳҳои дармон ва раҳо кардани инсон аз онҳо.

Яъне инсон бояд бемориҳои фикрию ақлии худро шинохта, кӯшиш намояд, ки ба доми онҳо дучор нагардад. Сипас, дар марҳилаи баъдӣ роҳҳои пешгирии онҳоро низ омӯзад. Пас аз он, роҳҳои берунравӣ аз онҳоро дар пеш гирад.[7, С. 92-95 // 9, С. 88-91]

Бар асоси масъалаҳои зикршуда, Розӣ чанд пешниҳодро ҷиҳати дармони бемориҳои фикрию ақлии инсон аз ҷумла муқобили ҷараёнҳои тундраву ифротӣ баён мекунад:

1. Мустаҳкамгардонии масъалаҳои илмӣ бо мафҳумҳо ва далелҳои ақлӣ;
2. Таваҷҷуҳ ба раванди замон ва дурӣ аз саросемагию саргардонӣ;
3. Дар назар гирифтани фарқиятҳо ва тафовутҳои фардии инсонӣ;
4. Таваҷҷуҳ ба масъалаи пешгирӣ ва умедворӣ ба натиҷабахш будани равандҳои дармону бозёбии фикрӣ.

Пешниҳоди аввал яъне он, ки Розӣ ҳеҷгоҳ ба масъалаи далелу истидлол ва мустаҳкамгардонии масъалаҳои илмӣ ба онҳо бетаваҷҷуҳ нест ва худ ба истидлолу баҳси ақлонӣ мепардозад ва дар ниҳоят натиҷагирӣ мекунад. Дар воқеъ ин вижагии ҳамаи ҳикмату дониши Розӣ буда ва дар назарияи ахлоқии вай низ ба таври васеъ дида мешавад. Имрӯз низ ҳангоми табйини масъалаҳои илмӣ ва таҳлили авзои сиёсию

иҷтимоии ҷаҳон ба ҷавонон бояд таҳлили дуруст, саривақтӣ ва мустаҳкам аз лиҳози ақлу фикр ироа намуд, то ба бемориҳову хатарҳои зикршуда гирифтор нагардад. Бояд бовар дошт вақте, ки як ҷавон ба мавзӯе вомехурад, ки ҳама самтҳои он аз лиҳози ақлу истидлол мустаҳкам гардида бошад, дигар ҳеҷ тарсе вуҷуд надорад, ки ӯ ба фикру ақидаҳои тунду ифротӣ гароиш пайдо намояд.[7, С. 99 // 13, С. 53]

Пешниҳоди дигари Розӣ таваҷҷуҳ ба раванди тадриҷӣ ва оҳиста-оҳиста кор кардан дар ҷараёни дармони фикрию ақлӣ мебошад. Яъне, ҳар кор ва ё ҳар марҳилаи кори фикрӣ бояд ба тадриҷ ва оҳиста-оҳиста сурат гирад. Зеро, шитобзадагӣ метавонад раванди ҳодисаҳоро бенатиҷа гузорад ва ё ба натиҷаҳои акс бирасонад. Аз ҷиҳати дигар кори ақлӣ ва дармони ахлоқӣ як малака ва одат мебошад. Яъне, бояд як кори ақлӣ оҳиста-оҳиста ба одат ва малакаи нафси инсон табдил шавад. Ҷиҳати расидан ба ин ҳадаф, бояд сабру ҳавсала ба харҷ дод то ба тадриҷ коре ба натиҷа бирасад.[15, С. 270 // 7, С. 98]

Масъалаи муҳими дигар дар пешниҳодҳои Розӣ таваҷҷуҳ ба фарқиятҳо ва тафовутҳои фардӣ мебошад. Ба назари Розӣ илова бар қоидаҳои оммавии ҳамаи қувваҳои ақлу фикри инсон, боз фарқиятҳо ва тафовутҳои фардие низ мавҷуданд, ки дар ҳар инсон аз гуногун мебошанд. Яъне, намешавад барои мушкили ақлию фикрии чанд нафар, бо як навъ дармон муқобила намуд. Дуруст аст, ки барои ҳамаи онҳо аз қоидаҳои умумии ақлию фикрӣ метавон истифода намуд аммо, барои вуҷуди ҳар кадоми онҳо бояд дармони хоси худаш мутобиқ бо қудрат ва ҳолату вижагиҳои зеҳнаш мавриди баррасӣ ва истифода қарор гирад.

Пешниҳоди охирони Розӣ пешгирӣ аз бемор шудан ва дар ҳолате, ки беморӣ ба вуҷуд омад, умедворӣ ба дармони он мебошад. Зеро, агар бемор чӣ ҷисмӣ бошад ва чӣ ақлию рӯҳӣ умедвор ба дармони худ набошад, ба назари Розӣ дар воқеъ худи ноумедӣ яке аз марҳилаҳои дармон нашудан ва ба нобудӣ рафтан мебошад. Пас, бояд беморро умедвор ба дармон кард то қадаме ба тарафи саломатияш наздик шавад.[7, С. 99]

Дар бораи гароиши баъзе ҷавонон ба ҷараёнҳои тундраву ифротӣ низ набояд ноумедворона бо онҳо бархурд гардад. Зеро, ин кор онҳоро ва дигароне, ки ҳануз ба ин ҷараёнҳо гароиш пайдо накардаанд, бештар аз гузашта ба самти ҳаракатҳои хатарноки зикршуда ва бемориҳои ақли фикрӣ ҳавасмандтар мегарданд. Пас, бояд ҷиҳати муқобила бо чунин хатарҳои фикрӣ, ки ҳамчун бемориҳои фикрию ақлӣ ба суроғи баъзе ҷавонон мераванд, бояд бо сабру ҳавсала ва умедворӣ ба дармони онҳо, ҳамчунин умедвор намудани худи онҳо ба бозгашташон ба оғуши ҷомеаи солими дигар инсон талошу кӯшиш намуд.

**Адабиёт**

1. Абӯ-Насри Форобӣ. Ороу аҳл ал-мадинат ал-фозила. Бейрут.: Ҳилол, 1995. – 170с.
2. Абӯ-Насри Форобӣ. Фусулун мунтазиъа. Бейрут.: Дорулмашриқ, 1405/1984. – 115с.
3. Азкоӣ, П. Ҳакими Розӣ. Теҳрон.: Тарҳи нав, 1384/2005. – 953с.
4. Берунӣ, Абӯ-Райҳон. Феҳристи китобҳои Розӣ. Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 2018. – 93с.
5. Девонақулов. А. Закариёри Розӣ (мунтахаби осор). Душанбе.: 1989 – С. 3
6. Закариёи Розӣ. Ас-Сират ал-фалсафия. Тарҷумаи Маҳдӣ Муҳаққиқ. Теҳрон.: Юнеско, 2016. – 150с.
7. Закариёи розӣ. Тибби рӯҳонӣ. Тарҷумаи Парвиз Азкоӣ. Теҳрон.: Аҳли қалам, 2003. – 284с.
8. Қифтӣ, Ҷ. Таърих ал-Ҳукамо. Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1992. – 318с.
9. Муҳаққиқ, М. Ад-диросат ат-таҳлилият ли ат-тибб ар-рӯҳонӣ. Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1999. – 300с.

10. Муҳаққиқ, М. Файласуфи Рай. Монреал.: Муассисаи мутолиоти исломӣ, 1973. – 512с.
11. Саъдулоев А. Низоми давлатӣ ва ҷомеаи маданӣ аз нигоҳи Абу-Райҳони Берунӣ ва Насируддини тусӣ. Маҷаллаи Идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – № 4/2 (59). – 11с.
12. Ҷурҷонӣ, М. Ат-Таърифот. Қоҳира.: 1357 – 120с.
13. Browne, E. Arabian medicine. Cambridge.: University of Cambridge, 1921. – 384с.
14. Kraus, P. Расоили фалсафия. Димашқ.: Бидоёт, 2005. – 290с.
15. Ranging, G. The life and works of Rhazes. London.: University of London, 1914. – 390с.

## ОСНОВЫ БОРЬБЫ С ЭКСТРИМИСТСКИМИ ТЕЧЕНИЯМИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МУХАММАДА ЗАКАРИЯ РОЗИ

**ТУРАЕВА ЗУХРО ЮНУСОВНА,**
кондидат политических наук, дотсент кафедры политология и связи с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 985-16-04-63.
**САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
доктор (PhD) политических наук кафедры политология и связи с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 918-78-12-12.

*Вместо того, чтобы делать что-то в поле действия, радикальные движения анализируют проблемы в своих умах и мыслях, а затем предпринимают практические действия. Эти психические и интеллектуальные проблемы, которые затрагивают все аспекты поведения и все аспекты их жизни, составляют основу их мышления. Подобно тому, как всесторонняя борьба правительств и международных организаций с воинствующими экстремистскими движениями рассматривается как один из методов и подходов к противодействию им, отказ от основ их идей с помощью правильных научных и интеллектуальных подходов, безусловно, является одним из основных способов противодействия им.*

*В данной статье ставится задача научно рассмотреть интеллектуально-философские основы экстремальных течений с точки зрения мудреца и философа персидско-таджикского происхождения IX и X веков Мухаммада Закария Рази. Закария Рази, живший в эпоху великого научного и интеллектуального прогресса Соманидской династии, в своих научных работах высказал некоторые вопросы, которые позволяют ему серьезно выступать против идеологических и интеллектуальных основ насильственно-экстремистских течений и защищать мнение всех членов общества, особенно молодежи.*

***Ключевые слова:*** *Закария Рази, мыслительные процессы, нравственная мудрость, здоровье души, здоровье ума, психические заболевания, лечение души и тела.*

## THE BASICS OF FIGHTING EXTREME CURRENTS FROM THE POINT OF VIEW OF MUHAMMAD ZAKARIA ROZI

**TURAEVA ZUHRO YUNUSOVNA,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the
Department of Political Science and Public Relations of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33 S. Nosir str.
Phone: (+992) 985-16-04-63.

**SA'DULOEV ABDULVOSIT HABIBULLOEVICH,**
Doctor (PhD) political science the
Department Political Science and Public Relations of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33 S. Nosir str.
Phone: (+992) 918-78-12-12.

*Instead of doing something in the field of action, radical movements analyze the problems in their minds and thoughts, and then take practical action. These mental and intellectual problems, which affect all aspects of behavior and all aspects of their lives, form the basis of their thinking. Just as the comprehensive struggle of governments and international organizations against violent extremist movements is seen as one of the methods and approaches to counter them, rejecting the foundations of their ideas with the right scientific and intellectual approaches is certainly one of the main ways to counter them.*

*This article aims to scientifically consider the intellectual and philosophical foundations of extreme currents from the point of view of the sage and philosopher of Persian-Tajik origin of the 9th and 10th centuries, Muhammad Zakaria Razi. Zakaria Razi, who lived in the era of great scientific and intellectual progress of the Somonov series, expressed some issues in his scientific works that allow him to seriously oppose the ideological and intellectual foundations of violent extremist movements and defend the opinion of all members of society, especially young people.*

***Key words:*** *Zakaria Razi, thought processes, moral wisdom, health of the soul, health of the mind, mental illness, healing of the soul and body.*

УДК: 07 (575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ РЕКЛАМАИ СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: КӮШИШИ ТАҒЙИР ДОДАНИ РАФТОРИ ЭЛЕКТОРАТ ВА БА ВУҶУД ОВАРДАНИ ИМИҶИ МУСБАТ

**ҲАМИДИЁН ИЛҲОМҶОН ИНОМЗОДА,**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 919-70-81-70. E-mail: i.hamidiyon@gmail.com.

*Мақолаи мазкур дар илми журналистикаи тоҷик бори нахуст баррасӣ гардида, муаллиф бо мисолҳои мушаххас аз фаъолияти ҳизбҳои сиёсии кишвар мавзуъро баррасӣ кардааст. Рекламаи сиёсӣ қисми ҷудонопазир ва хеле муҳимми раванд ва низоми сиёсӣ дар ин ё он мамлакат маҳсуб меёбад. Масъала аз чанд ҷиҳат омӯзанда буда, таърихи рекламаи сиёсӣ ва таҳаввули он собит менамояд, ки ҳанӯз дар замони зиндагии Афлотун аз унсурҳои он истифода мешудааст. Рекламаи сиёсӣ як намуди муоширати сиёсӣ аз нуқтаи назари интихоб ва таъсири ҳадафнок ба гурӯҳҳои муайян мебошад. Он барандаи афкор аст, ғояро бунёд мекунад, тасвир месозад, рамзу афсона меофарад ё эҷод мекунад. Ҳамзамон, ин раванд бартарии номзадро нисбат ба рақиб меомӯзад. Рекламаи сиёсӣ дар шароити рақобати сиёсӣ амал мекунад ва объекти худро аз дигарон фарқ менамояд. Аз ин рӯ, мо метавонем дар бораи вазифаи иҷтимоӣ ва ғоявии он суҳбат кунем. Мақсади рекламаи сиёсӣ ташвиқи мардум ба иштирок дар равандҳои муайяни сиёсӣ, аз ҷумла, интихобот мебошад. Ба сифати объекти рекламаи сиёсӣ ҳамеша ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳои алоҳида, барномаҳои онҳо, инчунин ҳаракатҳои пуштибонӣ ё эътирозӣ баромад мекунанд. Субъекти рекламаи сиёсӣ рекламадиҳанда (ташкилот ё шахси сиёсӣ) аст. Онҳо иродаи сиёсии хешро мушаххасу дақиқ мекунанд. Рекламаи сиёсӣ 3 вазифаи асосӣ дорад: мухобиротӣ, иттилоотӣ ва идеологӣ. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки барои таҳияи рекламаҳои сиёсӣ аз қувваи беруна (аутсорсинг) истифода гардида, дар қонунгузории кишвар мафҳуми “рекламаи сиёсӣ” бояд мушаххас карда шавад. Ташкил намудани курсу семинарҳо дар факултаю шуъбаҳои рӯзноманигорӣ ва таҳияи китобҳои дарсӣ вобаста ба рекламаи сиёсӣ дар шароити низоми бисёрҳизбии Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест.*

***Калидвожаҳо:*** *рекламаи сиёсӣ, Тоҷикистон, усулҳо, вазифа, аутсорсинг, муоширати сиёсӣ, интихобот, ҲХДТ, қонунгузорӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, номзад, электорат, рекламадиҳанда.*

Рекламаи сиёсӣ дар низоми сиёсии муосир накш ва мақоми бебаҳс дошта, омӯзиш ва баррасии он барои ҷомеаи журналистӣ низ аз аҳамият холӣ нест. Ба омӯзиши ин мавзӯъ сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон, ҷомеашиносон ва намояндагони дигар самту илм хеле пештар шуруъ карда буданд. Масъалаи мазкур аз чанд ҷиҳат омӯзанда буда, таърихи рекламаи сиёсӣ ва таҳаввули он собит менамояд, ки ҳанӯз дар замони зиндагии Афлотун аз унсурҳои он истифода мешудааст. Дар мақолҳои тоҷикии “Худиро зан, бегона тарсад” ва “Духтарам гуфтам, келинам шунав” унсурҳои шаклдиҳандаи рекламаи сиёсӣ ва рекламаи пинҳонӣ баръало намудор мегардад.

Таҳқиқи ҷиддии ин мавзуъ ба давраи оғози ҷанги якуми ҷаҳонӣ рост меояд. Аз ҳамон солҳо ба баъд ба омӯзиши проблемаҳои иртиботи сиёсӣ, таҳлили маводи воситаҳои ахбори омма, омилҳои таъсиррасон дар маъракаҳои интихоботӣ ва шарҳи мазмуни онҳо таваҷҷуҳи хоса дода мешавад.

Рекламаи сиёсӣ ҳамчун интиқоли маъноҳое фаҳмида мешавад, ки барои фаъолияти низоми сиёсӣ аҳамият дорад. Дар муоширати сиёсӣ аломатҳое, ки маънои иттилоот ва навъҳои тафсири онро ифода мекунанд, бартарӣ доранд [7, с. 92].

Доираи истифодабарандагон ва истеҳсолкунандагони рекламаи сиёсӣ муассисаҳои махсус, ҳизбҳои сиёсӣ, ВАО ва агентиҳои иттилоотӣ мебошанд. Дар ҳаёти

рӯзмарра ва ё иҷтимоӣ низ аз рекламаи сиёсӣ фаровон истифода мебаранд ва он аз аҳамият холӣ нест.

Масъалаи мазкур дар мақолаи муҳаққиқ Собиров С.Н. “Таъсири рекламаи сиёсӣ ба рафтори сиёсии шаҳрвандон” хеле бамаврид ва воқеъбинона инъикос гардидааст. Аз ҷумла, муаллиф бар ин назар аст, ки “рекламаи сиёсӣ шароити воқеии фаъолиятро фароҳам оварда имконият медиҳад, ки қувваҳои сиёсӣ мақсаду ҳадафҳои худро ба воситаи интихобкунандагон ба ҳадаф расонанд. Манфиатҷӯён мавриди амалӣ намудани рекламаҳои сиёсӣ дар интиҳо ба интихобкунанда барои интихоби дуруст шароит муҳайё намуда, аз нуқтаи назари технологӣ талаботи таъиноткунандаро амалӣ месозанд” [12, с. 51]. Муаллиф дар ҷадвали хоса ҷойгоҳи рекламаи сиёсиро нишон додааст:




Ҳанӯз 15 ноябри соли 2012 дар сомонаи радиои “Озодӣ” зери сарлавҳаи “Чаро дар Тоҷикистон рекламаи сиёсӣ нест?” мақолаи Абдулло Ашӯров нашр гардида буд. Муаллиф зикр мекунад, ки “Ба назари маҳофил, як далели то ҳол ба Тоҷикистон чандон роҳ наёфтани рекламаи сиёсӣ вобастаи анъанаву суннатҳои қадим боқӣ мондани майдони сиёсат дар ин кишвар ҳам ҳаст... Сабаби дигар ба қоидаҳои аз сӯи ҳукумат ҷоришудаи бозӣ дар майдони сиёсат тан додани нерӯҳои мавҷудаи сиёсист, ки бо ҳамон чанд фоизе ки барояшон дар интихобот қоил мешаванд, қаноат меварзанд ва ба масрафи пули зиёд ба маъракаҳои таблиғотӣ риск намекунанд” [18].

Бояд ба инобат гирем, ки рекламаи сиёсӣ як намуди муоширати сиёсӣ аз нуктаи назари интихоб ва таъсири ҳадафнок ба гурӯҳҳои муайян мебошад. Он моҳияти бартариятҳои қувваҳои муайяни сиёсиро инъикос намуда, интихобкунандагонро барои дастгирии онҳо ташвиқ мекунад, дар шуури омма андешаи муайянеро дар бораи моҳияти ин қувваҳои сиёсӣ ташаккул медиҳад, ғояро ба вуҷуд меорад ва муносибати психологии дилхоҳро нисбат ба ин ё он номзад ба вуҷуд меорад.




Моҳияти мухобиротии рекламаи сиёсӣ дар он аст, ки вай алоқаи байни намояндагони ҳокимият ва довталабонро ба ин ё он мансаб дар сохторҳои давлатӣ ва оммавӣ тавассути баргузории чорабиниҳои гуногун муқаррар мекунад [1, с. 42].

Рекламаи сиёсӣ барандаи афкор аст, ғояро бунёд мекунад, тасвир месозад, рамзу афсона меофарад ё эҷод мекунад. Он инчунин вазифаи иттилоотиро иҷро мекунад, зеро яке аз вазифаҳои муҳимми рекламаи сиёсӣ огоҳӣ ва шинос кардани электорат бо ҳизб, барномаи он, номзади ҳизб, фикру ақидаҳои ӯ, пешниҳоду барномаи амалаш аст. Ҳамзамон, ин раванд бартарии номзадро нисбат ба рақиб меомӯзад [2, с. 17].

Ҷойи зикр аст, ки дар Тоҷикистон, дар қиёс бо Аврупо ё Амрико, нуфузсозӣ ё имиҷмейкинг аз ҳисоби бадном кардан ва ё паст задани шаъну шараф ва эътибори рақиб ба даст оварда намешавад. Дар ҳар сурат, чунин таҷриба то имрӯз дар маъракаҳои сиёсӣ истифода нашудааст.

Рекламаи сиёсӣ дар шароити рақобати сиёсӣ амал мекунад ва объекти худро аз дигарон фарқ менамояд. Аз ин рӯ, мо метавонем дар бораи вазифаи иҷтимоӣ ва ғоявии он суҳбат кунем. Мақсади рекламаи сиёсӣ ташвиқи мардум ба иштирок дар равандҳои муайяни сиёсӣ, аз ҷумла, интихобот мебошад. Дар нақшаи зер ҳадафҳо возеҳ баён шудаанд:

Ба сифати объекти рекламаи сиёсӣ ҳамеша ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳои алоҳида, барномаҳои онҳо, инчунин ҳаракатҳои пуштибонӣ ё эътирозӣ баромад мекунанд.

Субъекти рекламаи сиёсӣ рекламадиҳанда (ташкилот ё шахси сиёсӣ) аст. Онҳо иродаи сиёсии хешро мушаххасу дақиқ мекунанд [10, с. 128].

Дар рекламаи сиёсӣ усулҳои гуногуни таъсиррасонӣ ба аудитория истифода гардида, аксуламали электорат ҳамеша ба инобат гирифта мешавад. Корбарӣ аз эҳсос ва дигар усулҳои ҳамсон ҳамеша таъсиргузор ҳастанд. Тавассути воситаҳои шифоҳӣ, аудиовизуалӣ ва садоӣ ба мақсад расида мешавад.

Бо назардошти он, ки дар низоми сиёсии кишвари мо Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ) нисбат ба дигар ҳизбҳои сиёсӣ мақоми шоиста дошта, фаъолияташ назаррасу дастрас ва самаровар аст, дар мақола мо аз таҷрибаи ин ҳизб мисол меорем. Имрӯз ҲХДТ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии кишвар мавқеи устувор ва мақоми арзанда дорад. Қариб дар тамоми шохаҳои ҳокимият фаъолияти намояндагони ҳизб ба таври назаррас эҳсос мешавад. Нақш ва саҳми Раиси муаззами ҳизб, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ бебаҳс буда, воқеан беназир ва таърихист. Дар асоси талаботи Оиннома, моҳи декабри соли 2019 Анҷумани III ҳизб доир гардида буд. Тибқи санадҳои танзимкунандаи ҳизбӣ аъзои Кумитаи иҷроияи марказӣ ва Комиссияи марказии тафтишотӣ интихоб гардид. Дар асоси қарори Анҷумани XIII ба ҳайати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ 119 нафар интихоб шуданд. Аз ҷониби вакилон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо як овоз аз нав Раиси ҳизб интихоб гардиданд.

Дар Анҷуман як қатор масъалаҳо вобаста ба фаъолияти он дар панҷ соли охир ва барномаю нақшаҳои корӣ дар давраи омодагӣ ба интихоботи оянда ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии намояндагони халқ баррасӣ шуданд. Барномаи пешазинтихоботии ҲХДТ, ки муҳимтарин самтҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар солҳои 2020-2025-ро дар бар мегирад, тасдиқ шуда, Ситоди марказии интихоботии ҳизб таъсис дода шуд. Масъалаи шашуми рӯзномаи Анҷуман пешбарии номзадҳо ба вакилӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ аз ҳисоби аъзои фаъоли ҳизб буд. Мувофиқи моддаи 31 банди 9 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” шумораи умумии номзадҳо, ки ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқи рӯйхат пешниҳод менамоянд, бояд аз 28 нафар зиёд набошад. Иштирокчиёни Анҷуман номзадии 28 нафарро дастгирӣ карданд. Аз













онҳо 14 нафар занон ва аксарият мутахассисони варзидаи соҳаҳои гуногун, аз ҷумла ҷавонони болаёқату дорои диду нигоҳи нав ба ҳаёти ҷомеа мебошанд. Сипас, дар ҳузури вакилон Маҷлиси нахустини Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб доир гардид. Тибқи рӯзнома, масъалаи кадрӣ баррасӣ гардид. Абдуҷаббор Азизӣ – муовини якум,

Хайринисо Юсуфӣ ва Асрор Латифзода – муовинони раиси ҲХДТ интихоб карда шуданд.

Дар ин марҳила ҳизб дар сомонаҳои интернетӣ саҳифаҳои нави иттилоотию таблиғотӣ боз намуда, барои интихобкунандагон маълумоти зарурӣ манзур кард. Бо мақсади паҳни маводи тарғиботӣ, дар саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии Facebook, Twitter, Instagram саҳифаҳои иттилоотию таблиғотӣ ташкил гардид, вале саҳифаҳои Twitter ва Instagram ғайрифаъол буда, омили он норасоии кадрӣ ва надоштани донишҳои тахассусӣ дар ин замима маънидод карда мешавад. ҲХДТ фаъолияти таблиғотӣ ва корҳои фаҳмондадиҳиро дар байни муҳоҷирон дар раванди маъракаи пеш аз интихоботӣ густариш бахшид ва бо қабулгоҳи ҷамъиятии ҳизб дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия робитаи мустақимро роҳандозӣ намуд. Гурӯҳи таблиғотчиёни ҳизб ба Федератсияи Россия сафарбар шуда, миёни муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ суҳбату мулоқотҳо сурат гирифта, Барномаи пешазинтихоботии ҳизб муаррифӣ карда шуд.

Ҷиҳати муаррифӣ намудани номзадҳои худ Ситоди марказии пешазинтихоботӣ плакати ҳизбиро бо муаррифии номзадҳо ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ бо теъдоди 20 ҳазор нусха нашр намуд. Ин иқдом аз ҷониби кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо низ муташаккилона ба роҳ монда шуда, тақвимҳои рӯйимизӣ ва кисагӣ ва плакатҳои муаррификунандаи номзадҳо бо барномаҳои пешазинтихоботӣ омода карда, тариқи ройгон дастраси интихобкунандагон гардонида шуданд.

Номзадҳои ҳизб тавассути ҳама шабакаҳои телевизионӣ ва радиоӣ мутобиқи вақт ва муҳлати муқарраршуда нуктаҳои асосии Барномаҳои пешазинтихоботии худро шарҳу тавзеҳ доданд.

Доир намудани ҳамоиши гуногуни ҷумҳуриявӣ оид ба таҷлили ин ё ҷашн, конференсияи байналмилалии илмӣ-амалиро зери унвни «Мактаби сиёсии Пешвои миллат”  ва ғайра бо истифода аз нерӯи ҳизб ва имкониятҳои кумитаҳои иҷроия дар маҳал ба ҳукми анъана даромад.

Тайи солҳои охир ҳизб фаъолияти густурдаеро амалӣ намуд, ки ҳадафи онҳо, пеш аз ҳама, ба тарғиби НБО-и «Роғун» ҳамчун меҳвари иттиҳоду ҳамбастагӣ ва умед ба ояндаи беҳтари мардуми кишвар, муаррифии шоистаи ин Кохи нури Тоҷикистон ҳамчун иншооти муҳим барои тамоми ҷомеа ва баланд бардоштани рӯҳияи кормандони ин коргоҳи бузург нигаронида мешавад.



Иқдоми Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон - Рейтинги ҳизбӣ дар ин ҳошия омӯзанда аст. Ин иқдом дар натиҷаи таҷрибаи он дар фаъолияти сохторҳои ҳизбии вилояти Хатлон дар муҳлати якуним сол самаранокии худро бараъло нишон дод. Нишондиҳандаҳои Рейтинги ҳизбӣ дар ду сатҳ ба ҳисоб гирифта мешаванд, 1) электронӣ ва ё маҷозӣ дар сомонаи расмӣ ва 2) анъанавӣ. Нишондиҳандаҳои маҷозӣ аз 7 адад иборат буда, маълумоти дахлдори оморӣ ҳар моҳ аз ҷониби кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳо дар сомонаи расмӣ ворид мегардад. Рейтинги ҳизбӣ аз рӯи якчанд нишондиҳанда роҳандозӣ гардидааст: таносуби узвият; таҳкими узвият; қабули аъзо; коргузорӣ дар ташкилотҳои ибтидоӣ; ташаббусҳои ҳизбӣ; интишори мавод ва вокунишҳо; маҳорати идоракунӣ; тарбияи ватандӯстӣ ва шуҷоатмандии ҷавонон; иҷрои буҷет; хоҷагии ёрирасон; тарбияи ҳуқуқии ҷавонон ва обуна ба нашрияҳои ҳизбӣ.

Кормандони масъули ҳизбӣ дар фаъолияти худ усулҳои замонавии кор бо ВАО-ро хеле хуб мавриди омӯзиш ва истифода қарор дода, ба маводи интиқодии ғаразноку бебунёд ҳамеша ҷавоби муносибу асоснок медиҳанд. Аз ҷумла, оид ба моҳияти медиатехнологияҳо - демократикунонии ҷомеа бо ҷалби шаҳрвандон ва муносибат ба он ҳамчун формати нави мухобироти сиёсӣ мунтазам барои роҳбарон, раисони кумитаҳои иҷроия ва ташкилотҳои ибтидоӣ курс ва семинарҳои омӯзишӣ доир мегардад. Ҳамаи 72 кумитаи иҷроия дар шабакаи Facebook саҳифаи худро дошта, сари вақт хонандагонро аз навигарию рӯйдодҳои дохилиҳизбӣ бохабар мекунанд ва ба мақолаҳои танқидию таҳлилӣ ва муғризона посухи муносиб медиҳанд. Мусаллам аст, ки дар шароити имрӯза муборизаҳои иттилоотӣ боиси ташвишу нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Дарёфти роҳҳои муосири муқовимат ва усулҳои пешгирии онҳо амри зарурӣ ба ҳисоб рафта, мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи пешқадами кишварҳои алоҳида ба манфиати кор хоҳад буд. Чанде пеш дар тамоми ташкилотҳои ҳизбӣ аз ҳисоби фаъолон, хусусан ҷавонон «кибер-дружинаҳо» таъсис ёфта буд, аммо онҳо ба қадри зарурӣ натавонистанд манфиати ҳизбро дар фазои маҷозӣ ҳимоя намоянд. Ба ин кор дар шакли дағал гурӯҳи дигари ҷавонон машғул шуданд.

Нашрияи «Минбари халқ» имрӯз сертиражтарин ҳафтаномаи Тоҷикистон буда, бо теъдоди беш аз 111 ҳазор нусха чоп мешавад. Ҳадафу ормонҳои ҲХДТ бо сиёсати умумии давлат оид ба ҳифзи Истиқлоли давлат ва таъмин намудани рушди бонизоми иқтисодиву иҷтимоии кишвар бо назардошти манфиатҳои миллӣ, имконияту захираҳои воқеӣ, таҷрибаи давлатдории миллӣ ва тибқи меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ муҳимтарин самти кори нашрияи «Минбари халқ» ҷавҳари аслии мухтавои маводи он мебошад. Яке аз вазифаҳои муҳими нашрия сари вақт иттилоъ расондан аз фаъолияти рӯзмарраи ҳизб ва раёсати он аст.

Бо мақсади роҳандозии тарғибу ташвиқи ғояҳои оинномавию барномавии ҳизб, ба таври густурда паҳн ва интишор намудани иттилооти ҳизбӣ, иштироки фаъолона дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат, дар амал татбиқ намудани Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамоҳанг сохтани фаъолияти кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо фаъолияти Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказӣ дар асоси супориши Раиси муаззами ҲХДТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сомонаи расмии ҳизб фаъол гардид. Хонандагон метавонанд минбаъд тавассути суроғаи http://hkhdt.tj/ аз навиди ҳизбӣ бохабар бошанд.

Истифода унсурҳои рекламаи сиёсӣ дар фаъолияти ҳизбӣ барҷаста аст, ҳарчанд тавре аз таҷриба бармеояд, меъёрҳои шарҳдиҳанда ва шаклофарандаи он аз ҷониби масъулин гоҳе дуруст фаҳмида намешавад [15].

Аз ҷониби ҳизбиёни пойтахт майдончаи варзишӣ, бозии кӯдакон ва истироҳати калонсолон воқеъ дар кӯчаи Деҳотии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо диду тарҳи муосир бунёд шуд.

Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ ҷиҳати ба фароғат фаро гирифтани маъюбон дар нимсолаи якуми соли 2021 озмуни ҷумҳуриявии “Мо бо Шумоем”-ро баргузор намуд. Дар озмун, ки аз рӯи се номинатсия доир гардид, 1087 нафар маъюбон ширкат варзида, ба даври ҷумҳуриявӣ 34 нафар роҳхат гирифтанд. Бо дастгирии роҳбарияти ҲХДТ ва ташаббуси неки вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, узви фаъоли ҳизб Маҳмудҷон Муродов ба ғолиби Шоҳҷоизаи озмун аз ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ ва ба ғолиби дигари озмун аз шаҳри Душанбе хонаҳои дуҳуҷрагӣ бо тамоми шароит дар пойтахт тақдим карда шуд. Барои иштироки фаъолона ба ҳар як нафар иштирокчӣ 1000 сомонӣ ва ба ғолибони номинатсияҳои ҷойи якум 10000 сомонӣ, ҷойи дуюм 6000 сомонӣ, ғолибон ва ҷойи сеюм 4000 сомонӣ тақдим карда шуд. Ин озмун ва инъикоси батакрори он тариқи телевизиони “Баҳористон” фарогири унсурҳои зиёди аёну ноаёни рекламаи сиёсӣ буда, дар зеҳни бинанда аз методҳои маъмули рекламаи сиёсӣ корсозӣ карда мешавад. Истифодаи фаъоли усулҳои психологӣ, шоҳидии бевосита, даъватҳои ватандӯстона ва усули муроҷиат ба оила дар озмуни мазкур гувоҳӣ медиҳанд, ки он яке аз хотирмонтарин ҷашнвораи ҳизбиёни мамлакат дар нимсолаи якуми соли 2021 бахшида ба 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Чунин баҳоро ҷомеаи шаҳрвандӣ низ изҳор намуд.

**Усулҳои рекламаи сиёсӣ**




Аз баррасии мисоли ҳизбӣ мо ба хулосае меоем, ки мафҳумҳои асосии рекламаи сиёсӣ хусусиятҳои номзад, сифати ӯ, муҳити берунии маркетинги пешазинтихоботӣ, муҳити дохилии маркетинги пешазинтихоботӣ, бозор, рақобатпазирии номзад ва талабот буда, он ба маҷмӯи мухобироти маркетинги сиёсӣ дохил мешавад. Муҳаққиқ С.Чубай низ дар маводи худ ба ин зарфият ишора кардааст [17, с. 162].

Хусусияти рекламаи сиёсӣ дар мушаххассозии вазифаҳо ва предмети он аст, яъне рекламаи сиёсӣ ғояҳои стратегиро як навъ ҷамъбаст намуда, маъракаи таблиғотӣ ва рафтори интихоботиро танзим менамояд.

Рекламаи сиёсӣ қисми ҷудонопазир ва хеле муҳимми раванд ва низоми сиёсӣ дар ин ё он мамлакат маҳсуб меёбад. Он барои кӯмак ва таъсир ба интихобкунанда истифода мегардад [6, с. 29].

Омода намудани рекламаи сиёсӣ марҳилаҳои хос дорад ва он бештар дар арафаи интихобот дар шакли роликҳои таблиғотӣ, варақаю буклетҳо ва флешмобу аксияҳои гуногунҳаҷм таҳия карда мешавад. Дар ин замина, шакл гирифтани маданият ва дониши сиёсӣ аз аҳаммият холӣ нест.

Реклама ба ташаккули афкор дар бораи рафтори одамон ва шуури ҷамъиятӣ бавосита таъсир мерасонад. Реклама шакли махсуси муошират аст. Нахустин эълонҳо дар матбуоти тоҷик дар саҳифаҳои аввалин рӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» пайдо шуданд. Рӯзнома 4 саҳифа дар формати А3 чоп шуда, саҳифаи охиринаш махсус барои реклама пешбинӣ шуда буд. Қариб дар ҳамаи шумораҳои нашрия матну рекламаҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки хусусияти таблиғотӣ доштанд. Ин эълонҳои банк, устохонаҳои гуногун ва масолеҳи бинокорӣ буданд. Пас аз инқилоб рӯзномаҳои «Самарқанд» ва «Оина»-и соҳибкор ва маорифпарвари муваффақ Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ баъзан реклама чоп мекарданд, вале таваҷҷуҳи асосӣ ва вижаи расонаҳои хабарӣ мисли дигар давлатҳои ҳамсоя ба маориф ва илм равона мешуд.

Имрӯз реклама дорои тамоми аломатҳои институти иҷтимоӣ буда, бо шаклҳо, вазифаҳо ва воситаҳои таъсиррасонии худ фарқ мекунад. Бояд гуфт, ки ВАО рекламаро манбаи асосии воридоти пули накд дониста, ҳамчун ниҳод ба ҳаёти маънавии ҷомеа таъсир мегузорад.

Метавон гуфт, ки имрӯз реклама дар бисёр мавридҳо сохтори аудиторияи ВАО-ро муайян мекунад. Реклама ба ташаккули тарзи зиндагӣ ва қолабҳое, ки хусусиятҳои фарҳангии миллатро инъикос мекунанд, мусоидат мекунад. Рекламаи муассири сиёсӣ дар Тоҷикистон замоне пайдо мешавад, ки созандагони он аз вижагиҳои хоси тафаккури тоҷикон огоҳ бошанд ва хислату тафовутҳои истеъмолкунандаи тоҷикро муайян кунанд.

Дар давраи пешазинтихоботӣ рекламаи сиёсӣ нақши калон мебозад. Он метавонад таъсири омилҳои мухталиферо, ки ба рафтори интихобкунанда таъсир мерасонанд, муттаҳид созад, ин таъсирро ташкил кунад ва онро ба стратегияи интихоботии ин ё он ҳизб ё номзад тобеъ созад. Рекламаи сиёсӣ ҳамчун уфуқе амал мекунад, ки аксуламалҳои эҳтимолии рафтори электоратро ҷамъ оварда, самти дурусти муваффақро дар интихобот интихоб менамояд. Мазмуни рекламаи сиёсиро талаботи интихобкунанда муайян мекунад. Вазифаи асосии мухобиротии он «пайванд» кардани дархости объект ва пешниҳоди маълумот роҷеъ ба субъект мебошад.

Барои бомуваффақият ҳал кардани вазифаҳои мухобиротии рекламаи сиёсӣ бояд омӯзиши муфассали фазои сиёсӣ (вазъияти қонунгузорӣ, афкори сиёсӣ, демографӣ ва иқтисодӣ, низоми ҳокимият, таносуби қувваҳо дар интихобот ва ғайра) сурат гирад.

Олимон бар ин назаранд, ки рекламаи сиёсӣ 3 вазифаи асосӣ дорад:

**1. Вазифаи мухобиротӣ.** Рекламаи сиёсӣ яке аз шаклҳои мушаххаси муоширати оммавӣ мебошад. Он вазифаи муносиби иртиботиро иҷро карда, байни соҳибони қудрати сиёсӣ ё ғояҳои сиёсӣ ва довталабони қудрат, аз як тараф ва ҷомеа аз тарафи дигар, робитаҳои мустақимро барқарор мекунад. Вазифаи мухобиротии рекламаи сиёсӣ ба мавҷуд ё набудани интихоби воқеии сиёсӣ иртибот дорад.

**2. Вазифаи иттилоотӣ.** Рекламаи сиёсӣ маълумотро дар бораи нерӯҳои сиёсӣ ва мақсади онҳо паҳн менамояд. Дар шароити рақобати сиёсӣ ин вазифа ба интихоби

бошууронаи сиёсӣ мусоидат мекунад, зеро он барои муқоисаи хусусиятҳои пешниҳодҳои сиёсӣ кӯмак мерасонад ва ба истеъмолкунанда имкон медиҳад, ки дар бораи интихоби худ қарор қабул намояд. Дар баробари ин, рекламаи сиёсӣ метавонад на танҳо ҷомеаро огоҳ созад, балки иттилоотро ба тасвири муайян табдил диҳад, ки он дар шуури ҷомеа як навъ барандаи муносибатҳои муайяни сиёсии дорои хусусияти оқилона мегардад.

**3. Вазифаи идеологӣ.** Рекламаи сиёсӣ ба паҳн шудани ин ё он низоми ақидаҳо нисбат ба воқеият мусоидат мекунад, ки дар он муносибатҳои ҷамъиятӣ аз нуқтаи назари як гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ эътироф ва баҳо дода мешаванд. Ҳамин тарик, вай ба шуур ва рафтори шунавандагон таъсир мерасонад, то муносибатҳои ҷамъиятиро мувофиқи манфиату эҳтиёҷоти барандагони ин идеология тағйир диҳад. Дар шароити демократия вазифаи идеологии рекламаи сиёсй боварибахшӣ аст.

Дар зер намунаҳои рекламаи сиёсиро барои шиносоӣ меорем:




**Джон Кеннеди**
номзад ба мансаби
президенти ИМА




**Роналд Рейган**
номзад ба мансаби
президенти ИМА

*Намунаи варақаи пешазинтихоботии соли 1996*




Ин варақаи интихоботии Анатолий Собчак, номзад ба мансаби губернатори шаҳри Санкт-Петербург аз соли 1996 аст. Рақиби асосии ӯ муовини губернатор В.Яковлев буд, ки дар ниҳоят, ғолиби маъракa шуд. Маъно ва ҳадафи варақаи интихоботӣ ҷолиб аст – "Номзади мо" шахсест, ки даста (команда) дорад, вале "рақиби мо" кӣ аст, намедонем.

**Дар Ҷопон ба ҳар номзад гӯшаи махсус ҷудо мегардад**



**Назорати рекламаҳои сиёсӣ дар Олмон**




**Намунае аз аксияҳои таблиғотӣ ва рекламаи сиёсӣ дар Тоҷикистон**















Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки рекламаи сиёсӣ дар Тоҷикистон ба афкор, гуфтор ва рафтори шаҳрвандон таъсири амиқ расонидааст, вале технологияи омодасозии он ҳанӯз ба беҳбудӣ ва тақвияти ҷиддӣ ниёз дорад. Таҳлили рекламаҳои сиёсии ҳизбҳои сиёсии мамлакат гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо дар қолаби таблиғоти шуравӣ таҳия мегарданд, вале шароити муосир ба инобат гирифта шуда, моҳияташон такмилшуда ва таҷдидгардида аст.

Тавре аз таҳлил бармеояд, ҳизбҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ дар таҳияи рекламаҳои сиёсӣ боҷуръат нестанд, онҳо аз технологияи сиёҳкунӣ ё бадномкунии рақиби худ истифода намебаранд. Аз усулҳои рекламаи манфӣ ва муроҷиат ба оила комилан истифода намешавад.

Баргузории интихоботҳои парлумонӣ ва президентӣ исбот намуданд, ки барои таҳияи рекламаҳои сиёсӣ ҳанӯз аз қувваи хоси беруна (аутсорсинг) истифода нашуда, фишангҳои корӣ ва таъсиррасонӣ бештар корбаст мегарданд. Масалан, аксарияти рекламаҳои ҳизби ҳокимро телевизионҳои маҳаллӣ ё ҷумҳуриявии мамлакат бо такя ба нерӯ ва дониши худ ройгон ё тибқи супориши роҳбарашон омода мекунанд, ки матни онро ҳунарманди мумтоз ё журналисти шинохта қироат мекунад. Одатан, дар чунин рекламаҳо кӯшиши тағйир додани рафтори электорат мушоҳида намегардад.

Дар афкори интихобкунанда ба вуҷуд овардани имиҷи мусбати номзад, ҳизб ва ё гурӯҳи муайян вазифаи умдаи рекламаи сиёсӣ аст.

Пешниҳод менамоем, ки дар қонунгузории кишвар мафҳуми “рекламаи сиёсӣ” бояд мушаххас бошад. Ҳоло чунин нест.

Ташкил намудани курсу семинарҳо дар факултаю шуъбаҳои рӯзноманигорӣ ва таҳияи китобҳои дарсӣ вобаста ба рекламаи сиёсӣ дар шароити низоми бисёрҳизбии Тоҷикистон аз аҳаммият холӣ нест.

## Адабиёт


1. Афанасенко К.А. Политическая реклама как инструмент стабилизации политической системы / К.А. Афанасенко, Д.А. Лёпёхина, М.С. Скробачева, М.С. Чирун // Школа Науки. – Кемерово, 2018. – № 1 (1). – С. 42-43.
2. Быльева Д.С. Политическая реклама как коммуникативная деятельность политических акторов. автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата политических наук / Российский государственный педагогический университет им. А.И. Герцена. – Санкт-Петербург, 2009. – 20 с.
3. Вартанова Е. Постсоветские трансформации российских СМИ и журналистики / Е. Вартанова. – М., 2013. – 320 с.
4. Гринберг Т.Э. Политические технологии; ПР и реклама / Т.Э. Гринберг. – М., 2005. – 208 с.
5. Дринова Е.М. Политическая реклама и электоральные предпочтения молодежи в России / Е.М. Дринова, А.П. Востроухова // История. Общество. Политика. – Брянск, 2022. – № 3 (23). – С. 16-25.
6. Ильясов С. Ф. Политический маркетинг. Искусство и наука побеждать на выборах / С.Ф. Ильясов. – М., 2000. – 200 с.
7. Коваленко С.А. Проблема соотношения понятий "политическая агитация" и "Политическая реклама" / С.А. Коваленко // Молодой ученый. – Казань, 2022. – № 40 (435). – С. 91-93.
8. Марьин К.Е. Виды и жанры политической рекламы в Российской Федерации / К.Е.Марьин // Научный электронный журнал Меридиан. – Якутск, 2022. – № 1 (63). – С. 21-23.
9. Маҳмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе, 2010. – 280 с.

10. Нечай Е.Е. Политическая реклама как вид политической деятельности: практика современной России: диссертация на соискание ученой степени кандидата политических наук / Санкт-Петербургский государственный университет. Владивосток, 2008. – 187 с.
11. Пулькина В.А. Политическая реклама и политический PR: соотношение понятий / В.А. Пулькина, О.Н. Подорова-Аникина, О.Ю. Борисенко // Теории и проблемы политических исследований. – Ухта, 2020. Т. 9. – № 3А. – С. 128-134.
12. Собиров С.Н. Таъсири рекламаи сиёсӣ ба рафтори сиёсии шаҳрвандон / С.Н. Собиров // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2019. – №1 (64). – С. 50-64.
13. Сафарализода Х.Қ. Шинохти таҳдидҳо дар шароиши тағйирёбии равандҳои сиёсӣ / Х.Қ. Сафарализода // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – Душанбе, 2021. - №1 (73). – С. 62-78.
14. Хамидов, И.И. Реклама: из истории, теории и практики / И. И. Хамидов // Вестник Омского университета. Серия мировая экономика и международный бизнес. – Омск, 2011. - №3. – С. 9-14.
15. Ҳамидиён И. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо / И. Ҳамидиён, Н. Фирдавс. – Душанбе, 2022. – 268 с.
16. Чаплыгин А.К. Язык политической рекламы как способ политического влияния / А.К. Чаплыгин, Е.Е.Сук // Сборники конференций НИЦ Социосфера. GISAP: Sociological, Political and Military Sciences. Part 6. – 2014. – № 25. – С. 26-31.
17. Чубай С.А. Политическая реклама и политический PR: общее и отличия. / С.А. Чубай // Успехи современного естествознания. – М., 2013. – № 7. – С. 163-164.
18. https://www.ozodi.org/a/24771378.html

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПОЛИТИЧЕСКОЙ РЕКЛАМЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ПОПЫТКИ ИЗМЕНЕНИЯ ПОВЕДЕНИЯ ЭЛЕКТОРАТА И СОЗДАНИЯ ПОЛОЖИТЕЛЬНОГО ИМИДЖА

**ХАМИДИЁН ИЛХОМДЖОН ИНОМЗОДА**,
кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания
Таджикский национальный университет.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 919-70-81-70. E-mail: i.hamidiyon@gmail.com.

*Данная статья впервые анализируется в таджикской журналистской науке. Автор раскрыл тему на конкретных примерах из деятельности политических партий страны. Политическая реклама считается неотъемлемой и очень важной частью политического процесса и системы в той или иной стране. Этот вопрос поучителен во многих отношениях, и история политической рекламы и ее эволюции доказывает, что ее элементы использовались еще при Платоне. Политическая реклама – вид политической коммуникации с точки зрения целенаправленного воздействия на определенные группы. Он является носителем мыслей, создает идеи, образы, символы и мифы. В то же время, этот процесс исследует преимущество кандидата над оппонентом. Политическая реклама действует в условиях политической конкуренции и выделяет свой объект среди других. Поэтому можно говорить о его социальной и идеологической функции. Целью политической рекламы является побуждение людей к участию в тех или иных политических процессах, в том числе и в выборах. Политические партии, отдельные кандидаты, их программы, а также движения являются объектом политической рекламы. Субъектом политической рекламы является рекламодатель (организация или политическое лицо). Они указывают на свою политическую волю. Политическая реклама выполняет 3 основных функции: коммуникативную, информационную и идеологическую. Автор предлагает использовать внешние силы (аутсорсинг) для развития*

*политической рекламы, а понятие «политическая реклама» должно быть уточнено в законодательстве страны. Организация семинаров на факультетах и кафедрах журналистики и издание учебников по политической рекламе имеют немаловажное значение в условиях многопартийности Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *политическая реклама, Таджикистан, методы, задача, аутсорсинг, политическая коммуникация, выборы, НДПТ, законодательство, политические партии, кандидат, электорат, рекламодатель.*

## THEORETICAL AND PRACTICAL FOUNDATIONS OF POLITICAL ADVERTISING IN TAJIKISTAN: ATTEMPT TO CHANGE THE BEHAVIOR OF THE ELECTORATE AND CREATE A POSITIVE IMAGE

**HAMIDIYON ILHOMJON INOMZODA**,
candidate of philological Sciences, Associate Professor of the
Department of Television and Radio Broadcasting of the
Tajik national University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 919-70-81-70. E-mail: i.hamidiyon@gmail.com.

*This article is analyzed for the first time in Tajik journalistic science. The author revealed the topic using concrete examples from the activities of the country's political parties. Political advertising is considered an integral and very important part of the political process and system in a particular country. This question is instructive in many ways, and the history of political advertising and its evolution proves that its elements were used even under Plato. Political advertising is a type of political communication from the point of view of purposeful influence on certain groups. He is the bearer of thoughts, creates ideas, images, symbols and myths. At the same time, this process explores the candidate's advantage over the opponent. Political advertising operates in conditions of political competition and distinguishes its object from others. Therefore, we can talk about its social and ideological function. The purpose of political advertising is to encourage people to participate in various political processes, including elections. Political parties, individual candidates, their programs, as well as movements are the object of political advertising. The subject of political advertising is the advertiser (organization or political person). They point to their political will. Political advertising performs 3 main functions: communicative, informational and ideological. The author suggests using external forces (outsourcing) for the development of political advertising, and the concept of "political advertising" should be clarified in the legislation of the country. The organization of seminars at the faculties and departments of journalism and the publication of textbooks on political advertising are of no small importance in the conditions of multiparty Tajikistan.*

***Key words:*** *political advertising, Tajikistan, methods, task, outsourcing, political communication, elections, NDPT, legislation, political parties, candidate, electorate, advertiser.*

УДК: 32.019.51

# МУҲОҶИРАТИ ЗИЁИЁН ВА МАСЪАЛАҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**ИСОЗОДА ТОҶИДДИН ИСО,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Тел.: (+992) 918-18-18-48. E-mail: tojiddini-i.1984@mail.ru

*Баланд бардоштани иқтидори илмию технологии мамлакат, ҳимояи манфиатҳои зеҳнӣ ва умуман таъмини амнияти зеҳнӣ дар шароити имрӯза масъалаҳои муҳимтарини амнияти миллӣ ба шумор меравaнд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки айни замон олимону донишмандон, мутахассисони баландихтисос ва дар маҷмӯъ зиёиён ресурсҳои муҳимтарини ҳар як кишвар дониста мешаванд. Инчунин аллакай эътироф гардидааст, ки рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвар аз иқтидори илмию технологии он вобаста мебошад. Бинобар ин сабаб, айни замон дар байни давлатҳои гуногуни олам барои ҷалби олимону донишмандон мубoризаи хеле ҷиддӣ сурат гирифта истодааст. Як қатор давлатҳо иқтидори зеҳнии мамлакатро унсури муҳимтарини амнияти миллӣ дониста, барои таъмини амнияти зеҳнии худ стратегияҳои дарозмуддат қабул намудаанд. Ҳамаи ин боиси ба амал омадани фирори мағзҳо ва муҳоҷирати зиёиён гардидаанд. Дар робита бо вазъияти мазкур омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала имкон медиҳад, ки сабабҳои ба амал омадани муҳоҷирати зиёиён ва роҳу усулҳои пешгирӣ намудани ин раванд муайян карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *муҳоҷирати зиёиён, амнияти зеҳнӣ, фирори мағзҳо, иқтидори зеҳнии кишвар, мубориазаҳои геополитикӣ.*

Дар шароити гузариш ба ҷомеаи саноатӣ ва пасосаноатӣ, бахусус дар замоне, ки донишҳои илмӣ ба қувваи азими истеҳсолӣ табдил меёбад, нақши мутахассисони баландихтисос ва намояндагони меҳнати фикрию муҳандисӣ дар ҷомеа бамаротиб боло меравад. Дар иқтисодиёте, ки пояҳои асосии онро илму дониш ташкил медиҳад, мутахассисони баландихтисос мавқеи марказиро ишғол менамоянд. Донишҳои илмии пешқадам, ихтисосҳои ҷадид ва мутахассисони касбу ҳунарҳои технологияҳои навин сармояи зеҳние мебошанд, ки дар арсаи байналмилалӣ рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ аз иқтидори онҳо ва ба таври дуруст ба роҳ мондани идоракунии онҳо вобастагии зиёд доранд.

Дар фазои ҷаҳонии имрӯза, ки дар ҳоли дигаргуншавии босуръат қарор дорад, иқтисодиёти дар асоси илму дониш ташаккулёбанда ба бозингарони иқтисодиёти миллию ҷаҳонӣ талабот ва қоидаҳои навро пеш мегузорад. Дар бозорҳои ҷаҳонии технологияҳои ҷадид мустаҳкам намудани мавқеи худ дар заминаи рақобати шадид ба амал меояд. Онҳое, ки дар самти истеҳсол ва истифодаи технологияҳои ҷадид қафо мемонанд, на танҳо рақобатпазирии худро дар бозорҳои ҷаҳонӣ аз даст медиҳанд, балки дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисодиёти рақамӣ хавфи ба кишвари истеъмолгар табдил ёфтани онҳо бештар мешавад. Бинобар ин, баланд бардоштани иқтидори илмию технологии кишвар, вобаста ба талаботи бозори меҳнат омода намудани мутахассисон ва ба ин васила баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ҳадафҳои стратегии рушди ояндаи кишвар бояд интихоб карда шаванд.

Афзоиш додани ҳаҷми сармояи зеҳнӣ аз ҳисоби захираҳои миллӣ тақозои онро менамояд, ки дар соҳаҳои илм ва маориф маблағҳои зиёд равона карда шаванд. Дар баробари ин омода намудани мутахассисони баландихтисос дар баробари харҷҳои зиёд, инчунин вақти зиёдро металабад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки як қатор кишварҳои олам роҳи дигари бештар намудани сармояи зеҳнии ҷомеаи худро интихоб намудаанд.

Яъне, ҷалби олимон ва мутахассисон аз кишварҳои хориҷӣ. Дар робита бо тамоюлоти мазкур дар бозорҳои ҷаҳонӣ самти ҷадиди он бо номи бозори кадрҳои илмӣ ва мутахассисони баландихтисос пайдо гардидааст, ки дар заминаи он ҳаракати иҷтимоии олимону донишмандон ва муҳоҷирати зиёиён бамаротиб афзоиш ёфта истодааст.

Бештар гардидани талаботи кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба тараққӣ ба муҳоҷирони зеҳнӣ ва маҳдуд будани ресурсҳои зеҳнии ҷаҳонӣ дар бозори ҷаҳонии меҳнати фикрӣ рақобати шадидро ба вуҷуд овардааст. Аз сабаби оне, ки имкониятҳои рушди иқтисодиёти муосир аз рушди сармояи инсонӣ ва бахусус аз рушди низоми таҳсилот вобаста шудааст, имрӯзҳо он кишварҳое, ки рушди баланди таҳсилот ва омода намудани мутахассисонро соҳиб шудаанд, дар муқоиса бо он кишварҳое, ки аз рӯи ин нишондод дар сатҳи паст қарор доранд, мавқеи манфиатоварро соҳиб шудаанд. Рақобате, ки дар атрофи ресурсҳои зеҳнӣ ба амал меоянд, мубориза барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани афзалиятнокӣ дар ин соҳа боиси он гардидаанд, ки дар байни давлатҳои мутараққии олам рақобати геополитикӣ ташаккул ёбад. Маҳз ба ҳамин хотир дар аксари кишварҳои олам нақши ҳалкунандаи илм ва таҳсилот дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат афзалиятҳои таъмини амнияти миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар эътироф шудаанд.

Таҳлилу мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳалли масъалаҳои дар боло номбаргардида аллакай дар кишварҳои тараққикардаи олам ба сифати ҳадафи стратегии давлату ҳукумат интихоб ва эътироф гардидаанд. Барои мисол, тағйир ёфтани муносибати стратегӣ дар низоми амнияти миллии ИМА метавонад ҳамчун намунаи мубрам гардидани амнияти зеҳнӣ ё афзоиш ёфтани нақши омилҳои зеҳнӣ дар таъмини амнияти миллӣ дониста шавад. Чун анъана дар ИМА зимни таъмини амнияти миллӣ ва банақшагирии стратегии омилҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, халли масъалаҳои ҳарбӣ ва сиёсати хориҷии давлат дар мадди аввал қарор дода мешуд ва ҳатто таъмини амнияти миллии ИМА бо масъалаҳои мазкур маҳдуд мегардид. Аз ин рӯ, сиёсати дохилӣ ва масъалаҳои рушди иқтисодиёти миллӣ ба мундариҷаи амнияти миллии ин кишвар ворид намешуданд. Аммо маъмурияти президенти 44-уми ИМА Барак Обама норасогиҳои чунин маҳдудияти стратегиро дарк карда, омилҳои дохилӣ ва байналмилалии таъмини амнияти миллиро бо ҳам алоқаманд намудаанд. Стратегияи амнияти миллии ИМА, ки соли 2010 қабул гардида буд, ҳамаи соҳаҳои ҳаётан муҳимми ин кишварро дар худ фаро мегирад. Дар ҳуҷҷати мазкур ба масъалаҳои иқтисодӣ диққати аввалиндараҷа дода мешавад. Стратегияи мазкур нақши корҳои илмию таҳқиқотиро дар рушди иқтидори миллии мамлакат баланд арзёбӣ намуда, навовариҳои илмӣ бошанд пойдеври асосии қудрату нуфузи ИМА эълон мегарданд. Бахшҳои алоҳидаи ин ҳуҷҷат ба мустаҳкам намудани низоми маориф ва рушди сармояи инсонӣ, рушди илм, технология ва инноватсия бахшида шудаанд. Бо қабули ин ҳуҷҷат дар самти таъмини амнияти зеҳнӣ ИМА ҳалли чунин вазифаҳоро дар назди худ мегузорад: беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот дар ҳамаи зинаҳои он; барқарор намудани нуфузи мамлакат дар самти таҳсилоти олӣ ва то соли 2025 аз рӯйи нишондодҳои сифатии хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти олӣ ишғол намудани мавқеи аввал дар ҷаҳон; сармоягузорӣ намудани илм, технология, муҳандисӣ ва таҳсилоти риёзӣ; рушди таҳсилоти байналмилалӣ ва мубодилаи мутахассисон; амалӣ намудани сиёсати муҳоҷиратии фарогир [12].

Дар Стратегияи амнияти миллии Федератсияи Россия, ки бо фармони президенти ин кишвар аз 2 июли соли 2021, №400 тасдиқ шудааст, ба рушди илмию технологии ин кишвар боби алоҳида бахшида шудааст. Дар стратегияи мазкур қайд мегардад, ки дар шароити гузариши иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба марҳилаи нави технологӣ пешсафӣ дар рушди

илмию технологӣ омили муҳимтарини баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар ва таъмини амнияти миллӣ мебошад. Тақвият додани пешрафти илмию техникӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва сатҳу сифати зиндагии одамон таъсиргузор мебошад. Дар ҳуҷҷати мазкур дар баробари ҳалли масъалаҳои гуногуни рушди илмию технологӣ инчунин ба масъалаи ҷалби мутахассисон, омода кардани кадрҳои баландихтисос низ диққати махсус дода мешавад, ки онҳоро дар шакли дурнамои стратегӣ ба таври зерин муайян намудаанд: дар ҳудудҳои Русия ба кор ҷалб намудани олимони сатҳи ҷаҳонӣ ва муҳаққиқони ҷавони қобилиятнок, дар ҳудудҳои Россия ташкил намудани марказҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои илм ва технология; дар соҳаҳои илм, илму техника ва фаъолияти инноватсионӣ ташаккул додани низоми интихоб, омоданамоӣ ва дастгирии олимону мутахассисони ватанӣ; рушди механизмҳои ҳимояи моликияти зеҳнӣ, васеъ намудани қонунгузории соҳаи патентӣ; аз рӯйи самтҳои афзалиятноки илм омода намудани кадрҳои илмӣ, илмӣ-омӯзгорӣ ва мутахассисони баландихтисос [9].

Дар кишварҳои пасошӯравӣ омилҳои демографӣ ва иқтидори зеҳнии кишвар ба таъмини амнияти миллӣ таъсири хеле ҷиддӣ мерасонанд. Бинобар ин, тӯли ду даҳсолаи охир ба ин масъала таваҷҷӯҳи хос зоҳир менамоянд. Дар Ҷумҳурии Белорус низ ба рушди иқтидори зеҳнии мамлакат ва амнияти демографии кишвар дар сиёсати давлатӣ ва ҷӣ дар байни олимон корҳои зиёд анҷом дода шудаанд. Дар Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Белорус, ки соли 2010 қабул шудааст, қайд мегардад, ки дар ҷаҳони муосир иқтидори инсонӣ омили муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодӣ гардидааст. Муаллифони консепсия муътақиданд, ки тамоюлоти демографии сатҳи ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама пиршавии аҳолии кишварҳои мутараққӣ, афзоиши аҳолии кишварҳои рӯ ба тараққӣ, бештар гардидани муҳоҷирати зиёйён ба вазъияти сиёсӣ, рушди иқтисодӣ ва фазои фарҳангии минтақаҳои олам таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Бинобар ин, ҳамаи давлатҳо метавонанд дар зери таъсири равандҳои геополитикӣ қарор гиранд [5].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили ҳуҷҷатҳои соҳаи амнияти миллии кишварҳои гуногун ба хулосаҳои зерин расидан мумкин аст: нишондодҳои рушди иқтидори инсонӣ, сатҳи фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои истеҳсолӣ, харҷҳои дохилӣ барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, ҷалби мутахассисону олимон аз хориҷи кишвар ва умуман баланд бардоштани иқтидори зеҳнии мамлакат нишондодҳои муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ мебошанд. Аз ҷониби дигар бештар шудани равандҳои муҳоҷират, бахусус муҳоҷирати мутахассисон ва олимон, паст гардидани иқтидори илмию технологӣ ва таҳсилотии мамлакат то дараҷае, ки дигар наметавонад рушди инноватсионии ҷомеаро таъмин созад, аллакай ҳамчун таҳдидҳои воқеӣ ба амнияти миллӣ эътироф шудаанд. Масъалаҳое, ки бо кадрҳои илмӣ алоқамананданд, дар доираи амнияти илмию технологӣ баррасӣ мегарданд. Ин соҳаи амният вазъи иқтидори илмию технологӣ ва ҳолати низоми таҳсилотро ифода менамояд, ки тавассути он манфиатҳои миллии мамлакат дар соҳаҳои мазкур амалӣ карда мешаванд. Рушди иқтисодиёт дар заминаи илму дониш, бахусус иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсионӣ, рушди илмию технологии кишвар ҳамчун заминаи асосии рушди устувори инноватсионии соҳаҳои ҷамъиятӣ манфиатҳои ҳаётан муҳимми ҳар як кишварро ташкил медиҳанд.

Таҳдидҳо ба амнияти илмию технологии кишвар метавонанд сарчашмаҳои дохилӣ ва беруна дошта бошанд. Ба сарчашмаҳои дохилии таҳдидҳои ин соҳа чунин омилҳоро шомил менамоянд: кам шудани ҳиссаи ММД дар соҳаи илм, зери хавфу хатар қарор гирифтани иқтидори илмию технологии кишвар, сохтори синнусолии номақбул дар соҳаи илм (пиршавии кадрҳои илмӣ) ва дар сатҳи зарурӣ қарор надоштани омода кардани кадрҳои илмӣ. Ба сарчашмаҳои берунии таҳдидҳои ин соҳа чунин омилҳоро мансуб медонанд: маҳдуд гардидани дастрасии олимону муҳаққиқон ба технологияҳои

ҷадид ва корҳои илмию таҳқиқотии сатҳи ҷаҳонӣ, дар соҳаҳои истеҳсолот истифода нашудани натиҷаҳои корҳои илмӣ, сиёсати ҳадафмандонаи ширкатҳо ва давлатҳои хориҷӣ барои ҷалби мутахассион ва олимони кишварҳои дигар (ба амал омадани муҳоҷирати зеҳнӣ).

Чи гунае ки мушоҳида мегардад, баланд гардидани нақши иқтидори инсонӣ дар маҷмӯъ ва иқтидори зеҳнӣ ҳамчун унсури таркибии он дар алоҳидагӣ зарурати бозбинии консепсияҳои амнияти миллиро ба вуҷуд оварда истодаанд. Чунин зарурият бо он асоснок карда мешавад, ки айни замон аксари муҳаққиқон амнияти зеҳниро шакли махсус ва соҳаи ниҳоят муҳимми низоми амнияти миллӣ эътироф намуда, ба хориҷи кишвар сафар намудани мутахассисони илмӣ ва бештар шудани муҳоҷирати зеҳниро ҳамчун таҳдиди воқеӣ ва асосӣ ба амнияти зеҳнии кишвар медонанд. Барои мисол, В.В. Пузиков амнияти зеҳниро ҳамчун соҳаи муҳимтарини таъмини амнияти гуманитарӣ дониста, онро ҳамчун ҳолати ҳимоятшавандагии ресурсҳои интеллектуалии давлат, моликияти зеҳнии шаҳрвандон, коллективҳои илмию эҷодӣ, соҳаи илм ва таҳсилот аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ муаррифӣ намудааст [6, с.437].

Ба андешаи олими рус И.Р. Дубровин амнияти зеҳнӣ ба ду қисм: дохилӣ ва беруна ҷудо гардида, дар таркиби худ се масъалаи бунёдиро нигоҳ медорад: манфиатҳои зеҳнӣ, таҳдидҳои зеҳнӣ ва ҳимояи зеҳнӣ. Ӯ таҳдидҳои зеҳниро ба таври зерин нишон медиҳад: аз лиҳози моддию маънавӣ ба инобат нагирифтани меҳнати олимон ва мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ; паст гардидани мавқеи иҷтимоии олимон ва мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ; камарзиш гардидани касбу ҳунарҳое, ки бо илм алоқаманданд; кам гардидани майлу хоҳиши ҷавонон ба илм ва таҳсилоти олии касбӣ; кам гардидани шумора ва сифати рисолаҳои хатм, рисолаҳои дипломӣ ва рисолаҳои дарёфти дараҷаи илмӣ; ғайриимкон гардидан ё майлу хоҳиш надоштани олимону мутахассисон барои омода намудани кадрҳо; фирори мағзҳо ба хориҷи кишвар; истифодаи олимон ва мутахассисон дар соҳаҳое, ки ба касби онҳо тааллуқ надорад; пиршавӣ ва норасогии кадрҳои илмӣ ва кадрҳои дорои таҳсилоти олии касбӣ [3, с.25].

Ба ғайр аз оне, ки нақши илм дар рушди соҳаҳо ва таъмини амнияти миллӣ бағоят муҳим нишон дода мешавад, инчунин як қатор олимон масъалаи таъмини амнияти худи илмро низ дар ҷомеаи муосир хеле зарур медонанд. Зери мафҳуми амнияти илм ҳолати ҳимоятшавандагӣ аз таҳдидҳои дохилию берунае фаҳмида мешавад, ки ба ҳифзи илм ва рушди минбаъдаи он хатар эҷод менамоянд. Барои баҳогузорӣ намудани дараҷаи ҳимоятшавандагии илм инчунин нишондодҳои муайян ва мушаххас пешниҳод мегарданд. Нишондодҳои баҳогузорӣ намудани ҳолати ҳимоятшавандагии илмро ба таври зерин пешниҳод намудаанд: маблағгузорӣ барои рушди илм вобаста ба сохтори он, маблағгузорӣ ба корҳои илмию таҳқиқотӣ, вазъият ва самаранокии истифодаи сармояи илмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ, ҳайати кадрии соҳаи илм ва таркиби он, таносуби музди меҳнати миёнаи кормандони соҳаи илм бо музди меҳнати миёнаи мамлакат, дараҷаи дастгирии ҳуқуқии соҳаи илм, фоизи маҳсулоти илмӣ барои содирот ва ғ. [11, с.27].

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти соҳаи амнияти миллӣ масъалаҳое, ки бо кадрҳои илмӣ алоқаманданд, дар ин ё он шакл ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ дониста мешаванд. Таваҷҷуҳи олимон ба масъалаҳои мазкур тасодуфӣ нест, зеро нишондодҳои миқдорию сифатии иқтидори кадрии илм ва таҳсилот ба таври назаррас ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсиргузорӣ менамоянд. Чун қоида масъалаи ба хориҷи кишвар сафар намудани кадрҳои илмӣ, ё дар дохили мамлакат ба соҳаҳои дигар гузаштани онҳо, ки дар аксар маврид муҳоҷирати зиёиён номида мешавад, ҳамчун масъалаи муҳимтарини таъмини амнияти зеҳнӣ дониста мешавад.

Муҳоҷирати зиёиён дар миқёси васеъ бори аввал дар миёнаҳои асри XX ба амал омада буд. Аз соли 1949 то соли 1965 ИМА тавонистааст, ки аз кишварҳои хориҷӣ, бахусус аз Британияи Кабир, Олмон ва Канада зиёда аз 97 ҳазор олимонро ҷалб намояд [4]. Дар солҳои 60-уми асри XX дар Британияи Кабир бинобар сабаби зиёд шудани муҳоҷирати зиёиён дар муносибат бо ин падидаи иҷтимоӣ мафҳуми «фирори мағзҳо» мавриди истифода қарор гирифт. Дар солҳои баъдӣ мафҳуми мазкур дар гардиши илмӣ ворид карда шуд. Дар аввал зери ин мафҳум раванди ба кишвари дигар барои кору зиндагии доимӣ сафар намудани олимонро мефаҳмиданд. Баъдтар муҳоҷирати зиёиёни қишрҳои гуногуни ҷомеаро низ ҳамчун фирори мағзҳо эътироф намуданд. Аз ҳамин давра сар карда масъалаи мазкур ҳам аз ҷониби олимон ва ҳам созмонҳои байналмилалӣ ба таври доимӣ мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор гирифт. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар солҳои 1950-ум фирори мағзҳо чун анъана дар сатҳи кишварҳои тараққикарда ба амал меомад. Дар солҳои 70-ум бошад фирори мағзҳо аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ низ оғоз мегардад. Аммо аз солҳои 80-ум муҳоҷирати зиёиён Россия, кишварҳои узви ИДМ, Аврупои Шарқӣ ва Марказиро низ фаро мегирад.

Дар ҳисоботи ЮНЕСКО оид ба рушди илм қайд мегардад, ки фирори мағзҳо мушкилии хеле ҷиддӣ мебошад ва бештар гардидани муҳоҷирати зиёиён дар кишварҳои осебпазир рушди корҳои илмию таҳқиқотиро (аз лиҳози сатҳу сифат) ғайриимкон мегардонад. Маълумоти оморӣ дар бораи муҳоҷирати зиёиён аз Ҷануб ба Ҷануб ва аз Ҷануб ба Шимол иттилооти муфассалро дар бар намегирад, зеро ба ин масъала созмонҳои байналмилалӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намекунанд. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки муҳоҷирати зиёиён одатан аз Ҷануб ба Шимол ва аз Шимол ба Шимол сурат мегирад. Дар баробари ин тӯли солҳои охир як қатор кишварҳои дигар низ барои мутахассисон ва олимон ҷолиби диққат шуда истодаанд. Аз ҷумла, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия, Россия, Хитой ва ғ. [2]. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз Ҷануб ба Шимол аосан донишҷӯён ва олимони соҳаҳои техника ва илмҳои дақиқ сафар менамоянд. Аммо аз Шимол ба Ҷануб бошад бештар аз ҳама олимони соҳаи илмҳои гуманитарӣ рӯ меоваранд. Агар гурӯҳи якум мақсади иқтисодӣ дошта бошанду ба таври доимӣ тарки ватани худ намудаанд, гурӯҳи дуюм мақсади илмӣ доранду муваққатан кишвари худро тарк кардаанд. Барои мисол, тибқи баъзе сарчашмаҳои илмӣ танҳо дар Ҳиндустон аз 25 то 30% хатмкунандагони соҳаи илмҳои дақиқ кишварро тарк мекунанд [13; 14]. Чунин ҳолат бори дигар гувоҳӣ аз он медиҳад, ки кишварҳои Шимол ба омӯзиши фарҳангу тамаддун ва мафкураи Ҷануб таваҷҷуҳи бештар дорад.

То ба имрӯз масъалаи муҳоҷирати зиёиён аз ҷониби олимону пажӯҳишгарон ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Дар маънои васеъ ин мафҳум на танҳо муҳоҷирати мутахассисони илмию техникиро фаро мегирад, балки зиёиёни эҷодкор ва муҳоҷирати ҳама намуд мутахассисонеро, ки ҳатто як сол дар хориҷа кору фаъолият мекунанд, фаро мегирад. Дар маҷмӯъ, масъалаҳое, ки бо муҳоҷирати зиёиён алоқаманданд, дар аксар маврид бо назардошти таъсири он ба кишварҳои муҳоҷирпазир, ба кишварҳои осебпазир ва ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Муҳоҷирати зиёиён аз ҷониби як қатор олимон ҳамчун як навъи муҳоҷирати меҳнатӣ дониста мешавад. Чунин тарзи баррасии масъала бо анъанаҳои сиёсати байналхалқӣ то андозае мувофиқат менамояд. Зеро дар доираи назарияи муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ мафҳуми «муҳоҷирони мутахассис» низ таҳлилу баррасӣ мегардад. Айни замон бошад чунин баҳогузорӣ намудани ин масъала на танҳо аз байн нарафтааст, балки онро боз ба панҷ категорияи дигар низ ҷудо кардаанд: мутахассисони калонсоле, ки таҷрибаи роҳбарӣ доранд; муҳандисон ва техникҳо; олимон; соҳибкорон; донишҷӯён [10, с.109].

Айни замон муҳоҷирати донишмандон дар шакли «фирори мағзҳо» барои кишварҳои тозаистиқлол ва рӯ ба инкишоф масъалаи хеле ҷиддӣ аст. Зеро дар ин кишварҳо бинобар сабаби нохуб будани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ имкони бо маоши баланд таъмин намудани онҳо мавҷуд нест. Ин боис мешавад, ки донишмандон ва мутахассисон ба кишварҳои мутараққӣ сафар намоянд. Дар шароити ташаккулёбии фазои иттилоотии ҷаҳонӣ чунин тамоюлот чанд маротиба зиёд гардидааст. Яъне, имкони дар бораи шарту шароити кишварҳои дигар маълумот пайдо намудан ва бо онҳо пеш аз сафар робита барқарор кардан пайдо шудааст. Аз ин рӯ, фирори мағзҳо, пеш аз ҳама, ба рушди ояндаи кишвар таъсири манфӣ мерасонад [7; 8].

Бояд гуфт, ки фирори мағзҳо ҳамчун падидаи иҷтимоӣ паҳлуҳои гуногун дорад. Пеш аз ҳама, масъалаи мазкурро дар сатҳи таҳсилоти олӣ бояд баррасӣ намуд. Зеро донишҷӯёни нисбатан қобилиятнок имкон пайдо менамоянд, ки дар хориҷи кишвар таҳсил намоянд. Дар муносибат ба ин масъала хавфи фирори мағзҳо замоне ба амал меояд, ки агар донишҷӯёни мазкур ба кишвари худ барнагарданд ё давлату ҳукумат онҳоро ба дохили мамлакат ҷалб карда натавонанд. Чунин ҳолат ба иқтидори зеҳнии мамлакат метавонад таъсири манфӣ расонад. Ҳаракати донишҷӯён аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба кишварҳои аз лиҳози саноатӣ тараққикарда бештар ба назар мерасад. Барои мисол, ИМА танҳо дар соли 2002 зиёда аз 600 ҳазор донишҷӯёни хориҷиро ба донишгоҳҳои худ ба таҳсил фаро гирифтааст ва айни замон низ барои бисёре аз донишҷӯён таҳсил намудан дар ин мамлакат ҷолиби диққат боқӣ мемонад [15].

Бинобар ин, агар донишҷӯёни дар хориҷа таҳсилкарда ба ватани худ барои кору зиндагӣ баргарданд, ҳеҷ мушкилие пайдо намегардад. Аммо донишҷӯёни мазкур агар баъди хатми мактабҳои олии хориҷӣ ба ватан баргаштан нахоҳанд, ин масъала аллакай ба унсури таркибии фирори мағзҳо дохил мешавад. Ба хориҷи кишвар сафар намудан ё дар хориҷа истодани олимон ва мутахассисон барои кишвари онҳо хеле зарару зиён мерасонад. Сухан дар бораи он меравад, ки дар кишвари худ донишҷӯёни мазкур аз ҳисоби давлат таҳсил намуда, мутахассис мешаванд ва онҳоро бепул ва бехарҷ давлати дигар соҳибӣ мекунад. Чунин ҳолатро президенти Сенегал В.Абдулай мушоҳида намуда, оқибатҳои ин равандро ба таври зерин муаррифӣ кардааст: «Дуздидани ақлҳо на танҳо зарару зиёни иқтисодӣ дорад, балки барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ холигии ресурсҳои инсониро ба вуҷуд меоварад» [1]. Баъди таҳлилу таҳқиқи ин масъала ба чунин хулоса омадан мумкин аст: кишварҳои сусттараққикардае, ки ба таҳсилоти миёна ва олии мутахассисону олимони ояндаи худ маблағгузорӣ менамоянд, баъди фирори мағзҳо меҳнати онҳо ба фоидаи лабораторияҳои кишварҳои тараққикарда мерасад.

Барои хубтару беҳтар нишон додани сабабҳои фирори мағзҳо инчунин сарфи маблағҳои солона ба сари ҳар як олим низ бояд ба инобат гирифта шавад. Тибқи оморҳои расмӣ соли 2000 дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ харҷи маблағҳо ба сари ҳар як муҳаққиқ ба ҳисоби миёна 98 ҳазор доллар аст, аммо дар кишварҳои аз лиҳози саноатӣ тараққикарда бошад ин нишондод 191 ҳазор долларро ташкил медиҳад. Дар ИМА бошад солона барои ҳар муҳаққиқ бештар аз 238 ҳазор доллар масраф рост меояд, ки бо чунин нишондод ин кишвар дар олам яке аз мамлакатҳое ба шумор меравад, ки дар соҳаи илм аз ҳама бештар маблағгузорӣ менамояд [16]. Маҳз чунин стратегия ба ИМА имкон медиҳад, ки беҳтарин мутахассисони оламро ба кишвари худ ҷалб намоянд ва аз ҳама муҳим барои онҳо шароити хуби кору фаъолиятро муҳайё созанд. Дар натиҷаи чунин амалкард дар ҳудудҳои ИМА шумораи олимони варзида сол то сол бештар мешаванд ва чунин тамоюлот имкон медиҳад, ки корхонаҳои пешрафтаи саноатии мамлакат бо ҷалби олимони мазкур озмоишгоҳҳои замонавӣ таъсис диҳанд.

Ҳамин тариқ, муҳоҷирати зиёиён ва паст гардидани иқтидори илмию кадрии мамлакат яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир ба шумор меравад. Зеро амнияти зеҳнӣ на танҳо бо соҳаҳои дигари амният алоқамандӣ дорад, балки унсури муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ низ ба шумор меравад. Чи гунае ки мушоҳида гардид, баланд бардоштани иқтидори зеҳнии мамлакат, пешгирӣ намудани фирори мағзҳо ва ҷалби мутахассисон ба дохили кишвар аз тарафи давлатҳои гуногуни олам ҳамчун ҳадафи стратегӣ интихоб гардидаанд. Чунин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар аз амнияти зеҳнии мамлакат вобастагии зиёд дорад.

**Адабиёт**


1. Абдулай Вад, речь на саммите «Большой восьмерки» на Си-Айленде, США, 10 июня 2004 г.
2. Доклад ЮНЕСКО по науке за 2010 г. – ЮНЕСКО, 2014. [Электронный ресурс]. – URL: http://unesdoc.unesco.org/images/0018/001898/189883R.pdf (дата обращения: 14.12.2022 г.)
3. Дубровин, И. Интеллектуальная безопасность / И. Дубровин, Е. Дубровин // Журнал МОСТ. – 2004. – № 57. – С. 23–27.
4. К обществам знания: Всемирный доклад ЮНЕСКО. – Париж, 2005. [Электронный ресурс]. – URL: http://unesdoc.unesco.org/images/0014/001418/141843r.pdf (дата обращения: 12.11.2022 г.)
5. Об утверждении Концепции национальной безопасности Республики Беларусь: Указ Президента Республики Беларусь, 9 ноября. 2010 г., № 575. [Электронный ресурс]. – URL: http://www.pravo.by/world_of_law/text.asp?RN=P31000575 (дата обращения: 12.10.2022).
6. Основы обеспечения национальной безопасности: курс лекций / В. В. Пузиков [и др.] под. ред. В. В. Пузикова. – Минск: ГИУСТ БГУ, 2013. – 512 с.
7. Сафарализода Х.К. Источники проявления внутренних угроз в условиях трансформации общества // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 5. – С.240-252.
8. Сафарализода Х.К. Вызовы и угрозы научно-технического и технологического прогресса // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана. – 2021. – №3. – С.97-102.
9. Стратегия национальной безопасности Российской Федерации. Утверждена Указом Президента Российской Федерации от 02 июля 2021 г., №400 [Электронный ресурс]. –URL: http://www.kremlin.ru/acts/bank/47046/page/1 (дата обращения: 12.11.2022 г.)
10. Эпплеярд, Р. Миграция квалифицированных кадров в глобализированном мире / Р. Эпплеярд // Мир в зеркале международной миграции. – М.: МаксПресс, 2002. – № 10. – С. 98–116.
11. Юсупов, Р. Национальная безопасность и наука / Р. Юсупов, В. Шульц // Труды СПИИРАН. – 2009. – № 10. – С. 11–32.
12. National security strategy of the United States. May 2010. Washington, DC, 2010. [Electronic resource]. – URL: http://www.whitehouse.gov/sites/default/files/rss_viewer/national_security_strategy.pdf (date of access: 03.09.2022).
13. Creehan S. Indian IT Crisis // Harvard International Review. – 2001. –vol. 23. – №2.
14. Hariharan V. Can India Plug its Brain Drain? // Technology Review, 24 March 2004.
15. Jachimovicz M. Foreign Students and Exchange Visitors, 2003 http://www.migrationinformation.org
16. Chu J. How to Plug Europe’s Brain Drain? // Time, 163 (3), 19 января 2004 г.

# ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНАЯ МИГРАЦИЯ И ВОПРОСЫ ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**ИСОЗОДА ТОДЖИДДИН ИСО,**
кандидат политических наук, доцент кафедры политологии
Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.
735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айнӣ, 67.
Тел.: (+992) 918-18-18-48. E-mail: tojiddini-i.1984@mail.ru

*Повышение научно-технического потенциала страны, защита интеллектуальных интересов и в целом обеспечение интеллектуальной безопасности являются важнейшими вопросами национальной безопасности в современных условиях. Наблюдения показывают, что в настоящее время важнейшим ресурсом любой страны считаются ученые, высококвалифицированные специалисты и вообще интеллектуалы. Уже признано, что дальнейшее социально-экономическое развитие любой страны зависит от ее научно-технического потенциала. По этой причине в настоящее время между различными странами мира ведется серьезная борьба за привлечение ученых и специалистов. Ряд стран рассматривают интеллектуальный потенциал страны как важнейший элемент национальной безопасности и приняли долгосрочные стратегии по обеспечению своей интеллектуальной безопасности. Все это привело к утечке мозгов и миграции интеллигенции. В связи с этим изучение и исследование данного вопроса позволяет определить причины миграции интеллигенции, а также пути и средства предупреждения этого процесса.*

***Ключевые слова:*** *миграция интеллигенции, интеллектуальная безопасность, утечка мозгов, интеллектуальный потенциал страны, геополитическая борьба.*

# INTELLECTUAL MIGRATION AND PROBLEMS OF ENSURING NATIONAL SECURITY

**ISOZODA TOJIDDIN ISO,**
Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the
Department of Political Science of the
Bokhtar State University named after Nosir Khusrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar town, Aini street, 67.
Phone: (+992) 918-18-18-48. E-mail: tojiddini-i.1984@mail.ru

*Increasing the scientific and technical potential of the country, protecting intellectual interests and, in general, ensuring intellectual security are the most important issues of national security in modern conditions. Observations show that at present, scientists, highly qualified specialists and intellectuals in general are considered the most important resource of any country. It has already been recognized that the further socio-economic development of any country depends on its scientific and technological potential. For this reason, there is currently a serious struggle between various countries of the world to attract scientists and specialists. A number of countries consider the intellectual potential of the country as the most important element of national security and have adopted long-term strategies to ensure their intellectual security. All this led to a brain drain and the migration of intelligentsia. In this regard, the study and study of this issue allows us to determine the reasons for the migration of the intelligentsia, as well as ways and means of preventing this process.*

***Key words:*** *intelligentsia migration, intellectual security, brain drain, country's intellectual potential, geopolitical struggle.*

**УДК: 9 (573.3)**

# ШӮРИШИ САРБАДОРОНИ САМАРҚАНД АЗ НИГОҲИ АКАДЕМИК В.В.БАРТОЛД

**МУРОДЗОДА АҲМАДХОН АМРОХОН,**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 918-81-81-86.

*Дар ин мақола муаллиф, пеш аз ҳама, дар асоси мақолаи муаррих, ховаршиноси рус академик В.В.Бартолд заминаи сар задани шӯриши сарбадорони Хуросон ва шӯриши сарбадорони Самарқанд (1365-1366), шикасти амир Темурланг ва амир Ҳусайн дар ҷанги Лой ва аз тарс тарк намудани қаламрави Мовароуннаҳр, ҳамчунин рӯ ба фирор ниҳодани онҳо ба Хуросонро баррасӣ намудааст. Муаллиф рафти мудофиаи шаҳри Самарқандро аз ҷониби Мавлонозода, Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва Абӯбакри Калавии Наддоф бар зидди муғулҳо ва шикасти онҳоро бо истифода аз манбаъ ва сарчашмаҳои хаттӣ тасвир намуда, ҳамзамон бо роҳи фиребу найранг ба қатл расондани роҳбарони шӯришро аз ҷониби амир Ҳусайн ва амир Темурланг ва ба даст овардани ҳукумати Мовароуннаҳрро аз ҷониби онҳо ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муаллиф таҳлили муқоисавии ахбори В.В.Бартолдро бо маълумотҳои дигари муаллифони асримиёнагӣ низ мавриди назар қарор додааст. Дар мақола таъкид мешавад, ки муаррихони аҳди Темур ва Темуриён дар баёни инъикоси воқеияти ин шӯриш дар асарҳои худ, асосан, худдорӣ намудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *В.В.Бартолд, Темурланг, амир Ҳусейн, заминаҳои сар задани шӯриш, роҳбарони шӯриши сарбадорони Самарқанд (1365), сабабҳои шикасти шӯриш, манбаъҳои таърихӣ оид ба шӯриш.*

Қисмати зиёди асарҳои таълифшудаи муаррих ва ховаршиноси тавонои рус, академик В.В.Бартолд (1870-1930) ба омӯзиши таърихи гузаштаи халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла давлату давлатдории аҳли хонадони Темур ва Темуриён нигаронида шудааст.

Доир ба неҳзати сарбадорон ва давлатдории Темуру Темуриён рисолаву мақолаҳои зиёде таълиф шуда бошад ҳам, аммо В.В.Бартолд нахустин муҳаққиқест, ки роҷеъ ба ҳаракати сарбадорони Самарқанд таҳқиқи илмӣ анҷом додааст. Мақолаи ӯ таҳти унвони «Неҳзати мардумӣ дар Самарқанд, дар соли 1365» [5, с. 362-379] аввалин бор дар соли 1907 ба табъ расид, ки дар он муҳаққиқ умдатарин масоили таърихи сарбадорони Самарқандро мавриди таҳқиқ қарор дода, тавонистааст, ки тақрибан ба тамоми паҳлуҳои номафҳуми ин давраи таърихӣ равшанӣ андозад. Таҳлили нахуст манбаъҳои ба дастомада, баррасии вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ба вукуъ пайвастани шӯриши сарбадорони Самарқанд, таъйин ва накши роҳбарони шӯриш, бахусус мавқеи роҳбари он Мавлонозодаи Бухороӣ, ҳамчунин ҳилаю найранги Темурланг ва амир Ҳусайн, рафтори ноҷавонмардонаи онҳо нисбат ба шӯришчиён ва роҳбарони онҳо, муқоисаи ҷунбиши сарбадорони Самарқанд ва сарбадорони Хуросон, аз ҷумлаи ҷолибтарин пажӯҳиши ба даст овардаи ховаршинос В.В.Бартолд маҳсуб мeёбад. Зимнан бояд ёдовар шуд, ки таърихи шӯриши сарбадорони Самарқанд баъд аз таҳқиқи Бартолд мавриди таваҷҷуҳи як идда муҳаққиқон дар оянда низ қарор гирифааст [2, с. 32-46; 7, с. 24-46; 17, с. 124-133; 18, с. 270-281; 8, с. 259-264; 9, 474-478; 16, 91-162; 12, с. 158-162; 10, 805-808; 4, с. 439-443; 6, с. 28; 13, с. 433-438].

Вобаста ба ин мо тасмим гирифтем, ки нисбат ба ҷунбиши сарбадорон, ки дар мақолаи « Неҳзати мардумӣ дар Самарқанд дар соли 1365»-и академик В.В.Бартолд

мавриди пажӯҳиши ҷиддӣ қарор гирифтааст, нуқтаи назар ва андешаҳои худро баён намоем.

Муаллиф дар рафти омӯзиши ҳаракати сарбадорони Самарқанд, бештар ба манбаъҳои таърихии асримиёнагӣ, махсусан, муаррихони давраи Темур ва Темуриён, аз қабили Низомуддини Шомӣ (ваф. 1409), Муъинуддини Натанзӣ (асри XIV-XV), Шарафуддини Алии Яздӣ (ваф. 1454), Ҳофизи Абрӯ (1360-1430), Ибни Арабшоҳ (1388-1450), Абдураззоқи Самарқандӣ (1412-1482), Мирхонд (1433-1498), Хондамир (1475-6-1534-40) ва ғайра такя намудааст.

Таваҷҷуҳи академик В.В. Бартолдро ҳаракатҳои халқии Шарқ, хусусан сарбадорони Самарқанд ба худ ҷалб карда буд ва ҳамзамон характери ин шӯришро ба ҳаракатҳои ҷамъиятӣ маҳсуб дониста, чунин қайд мекунад: «…ва дар шарқи мусулмонӣ аз он тарзе ки мақбул медонистанд, болотар меистод» [5, с. 362].

Муаллиф доир ба таърихи заминаҳои пайдоиши ҳаракати сарбадорон ва сохти давлатию идоракунии онҳо дар Хуросони Ғарбӣ (1337) ва Самарқанд маълумоти пурра додааст.

Академик В.В.Бартолд бар он ақида аст, ки ҷунбиши сарбадорони Самарқанд ҳам аз ҷиҳати асл ва ҳам насаби худ ва ҳам аз ҷиҳати наҳзати сарбадорони Хуросон тафовут дошт ва фарқи онҳо дар он аст, ки яке ба муқобили ҳукуматдорони маҳаллӣ, дигаре зидди муғулоне, ки аз берун ворид шудаанд, мубориза бурдаанд. Ҳарчанде ки ҳукуматдорони маҳаллӣ (амир Ҳусейн ва амир Темурланг) дар мубориза бо муғулон нотавониву заифии худро нишон дода, роҳи гурезро интихоб намуда буданд.

Дар иртибот ба ин масъала В.В.Бартолд матни суханронии Мавлонзодаро дар назди масҷиди ҷомеъ бо аҳолӣ аз забони Абдураззоқи Самарқандӣ ҷой дода, овардааст, ки: «Ё маъшару-л-муслимин! Имрӯз ғалабаи куффор ба қасди хонумони мусулмонон омадаанд. Ва ҳокиме, ки ҷизяи мусулмониро «боҷу хироҷ» ном карда меситонад ва ба хотири худ харҷ мекард, чун душман пайдо шуд, мусалмононро ба тарҳ рехт ва аз пеши куффор гурехт! Ва ҳарчанд аҳолии ин шаҳр амонию соварӣ[19] диҳанд, халос нахоҳанд ёфт.

Ва рӯзи қиёмат савол аз шумо-бузургон хоҳад буд! Кист, ки мутасаддии амри ислом ва мутааҳҳиди хоссу ом шавад, то мо низ дар сар қадами ӯ ниҳода, ба хидматкорӣ қиём намоем?

Маҷмуи акобири Самарқанд хомӯш шуда, касе ҷавоб надод. Мавлонозода гуфт: «Чун касе уҳда намегирад, агар ман мутааҳҳид шавам, мададу ҳамроҳӣ мекунед? Халоиқ мувофиқ шуда, ӯро ба сардорӣ қабул карданд.»[1, с. 350]. Академик В.В.Бартолд дар мақолааш доир ба таъйин шудани Мавлонозода аз ҷониби аъён ва ашрофи Самарқанд ба ҳайси роҳбари мудофиаи шаҳр, савганд ёд кардани 10-ҳазор нафар ҷавонони мусаллаҳ баҳри дифоъ аз истилогарони муғул, ворид шудани муғулҳо ба Самарқанд, шикаст хӯрдан ва Мовароуннаҳрро тарк намудани онҳоро хеле возеҳу равшан инъикос намудааст.

Дар ташкил намудани мудофиаи шаҳр ғайр аз Мавлонозода боз ду нафари дигар-Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва Абӯбакри Калавии Наддоф низ роҳбарӣ намуданд. Онҳо дар муддати се шабонарӯз мудофиаи шаҳрро ташкил намуданд. Муғулҳо бовар доштанд, ки пас аз фирори амир Ҳусейн ва амир Темур шаҳр тамоман бемудофиа аст. Дастаҳои пешҷанги муғул беибо вориди шаҳр шуда, дар зери ҳуҷуми мудофиакунандагон монданд. Муғулҳо талафоти зиёде доданд. Ҳарчанд, ки муғулҳо рӯзи дигар ба Самарқанд ҳуҷум намуданд, вале ба чизе муваффақ нашуданд. Муғулҳо шаҳрро ба муҳосираи тӯлонӣ мегиранд, пас аз чанд вақт маҷбур мешаванд, ки аз муҳосираи шаҳр даст кашида, ақиб гарданд. Бояд тазаккур дод, ки аз тамоми маъхазҳо, ягона

таърихнависе, ки сабаби ақибнишинӣ ва шикаст хӯрдани муғулҳоро дар ҳифзи шаҳр қаҳрамонона амал намудани аҳолии Самарқанд мебинад, ин Муъинуддини Натанзӣ мебошад. Ҳамаи маъхазҳои дигар бар ин назаранд, ки ақибнишинӣ бар асари вабои сахте, ки ба сари аспони муғул омада буд ва онҳоро маҷбур кардааст, ки пиёда ба Муғулистон баргарданд, рух додааст. Муаррихони дарбории Темуриён аз қабили Низомуддини Шомӣ, Шарафуддин Алии Яздӣ, Мирхонд ҳам омили асосии шикасти муғулонро дар пайдо шудани касали вабо дар аспони лашкари ҷата медиданд.

Дар навиштаҳои Шарафуддин Алии Яздӣ роҷеъ ба дифои сарбадорон иттилооти муфассал вуҷуд надорад, балки таваҷҷуҳи асосиро ба амри тасодуф ҳавола кардааст. Тибқи назари ӯ танҳо ҳамин амр боис шудааст, ки шаҳр аз вазъияти душвор, яъне аз муҳосираи тӯлонӣ раҳо ёбад.

Вақте ки хабари шикаст хӯрдани муғулҳо аз ҷониби сарбадорон ба амир Темурланг ва амир Ҳусейн мерасад, онҳо дар Бағлон бо ҳам вохӯрда, нақшаи ба Самарқанд ҳуҷум карданро мекашанд. Воқеан, ин ду золим баъди вохӯрӣ ба хулосае омаданд, ки амалиёти хиёнатпешаи худро бо фаро расидани фасли баҳор оғоз намоянд. Аз ин сабаб, барои ба ғафлат гузоштани роҳбарони шӯриш ба онҳо нома навишта иброз медоранд, ки идора кардани Самарқанд ба онҳо вогузор шуда ва ба касе ҷазо дода намешавад. Онҳо ин ваъдаҳои худро бо қасамҳо тасдиқ менамуданд. «…моро бар шумо эътимоди куллист. Ва аз ҷамеи умаро беҳтар донистаем…».»[1, с. 352].

Дар аввали соли 1366 Темур ва Ҳусайн ба Самарқанд наздик шуданд ва дар дашти Кони Гил аз тарафи Шимолу Шарқ вориди шаҳр шуданд. Тибқи дастури онҳо роҳбарони сарбадорон асир ва маҳкум ба қатл шуданд. Танҳо Мавлонозода бо дархости Темур мавриди авф қарор гирифт ва дигарон кушта шуданд. Тибқи иттилои Мусавӣ ва Шарафуддин Алии Яздӣ ҳама бо шамшер ба қатл расиданд, вале ба ахбори Абдураззоқи Самарқандӣ ҳамагон ба дор овехта шуданд. Теъдоди кушташудагон на дар таърихи расмӣ-дарборӣ ва на дар навиштаҳои Абдураззоқ зикр нашудааст. Мавриди қайд аст, ки ховаршинос В.В.Бартолд дар мақолаи худ аз асари Мусавӣ ёд мекунад, ҳол он ки ӯ на асари Мусавиро, балки асари Муъизуддини Натанзиро мавриди омӯзиш қарор додааст[5, с. 368].

Ҳамчунин муаррихини расмӣ- дарборӣ танҳо роҷеъ ба ҷиноятҳои сарбадорон сухан мегӯянд, дар сурате ки дар боби ҷазои норавои умаро нисбат ба сарбадорон ҳарфе намегӯянд.

В.В.Бартолд: «Қазоват мушкил аст ва ҳаққи онро надорем, ки аз ин сукути манобеъ натиҷа бигирем, ки ин гуна рафторҳои ғайриқобили қабул аз сӯйи сарбадорон набудааст ва муттаҳам шуданашон аз сӯйи таърихнигорони расмӣ беасос аст» [5, с. 374].

Бояд зикр сохт, ки муаррихони давраи феодалӣ дар навиштаҷотҳои худ бештар манфиати доираи ҳукумронро ҳимоя мекарданд ва доир ба ҷунбишҳои сиёсӣ, махсусан мардуми ғаразнок ҳарф мезаданд ва ягона муаррихе, ки аз баёни номи Ҳусейн ва Темур худдорӣ намекунад, ин Абдураззоқи Самарқандӣ мебошад: «…ҳукми саркӯб кардани неҳзат на аз роҳи дуруст, балки бо истифода аз ҳила ва найранг, ки дар ҳангоми мулоқоти умаро муқаррар шуда буд, содир шуд» [5, с. 374].

Академик В.В.Бартолд барои холисона инъикос намудани ҷунбиши сарбадорони Самарқанд асарҳои муаррихони расмӣ ва ғайрирасмии аҳди Темуриёнро мавриди омӯзиш қарор додааст. Мавсуф қайд мекунад, ки таърихи расмии Темур дар ду асар инъикос ёфтааст: «Зафарнома»- и Низомуддини Шомӣ, ки соли 1404 ҳанӯз дар қайди ҳаёт будани Темур навишта шуда буд ва «Зафарнома»- и Шарафуддин Алии Яздӣ, ки соли 1425 ба тасвиб расидааст. Аввалин муаррихи дарбории Темур-ин Низомуддини Шомӣ буд, ки баъд аз 40-соли сипарӣ гардидани ҳаракати сарбадорони Самарқанд соли

1404 маълумот додааст, ки он ҳам бошад дар шакли хеле ноқис мебошад. Низомуддини Шомӣ ҳанӯз соли 1393 ҳангоми забти Бағдод ба Темур ҳамроҳ шуд, аз ҳаводиси солҳои гузашта ӯ метавонист танҳо дар асоси маълумотҳои шифоҳии шахсони алоҳидаи ҳолдон ва сарчашмаҳои таърихӣ нависад. Ӯ ба навиштани асари худ соли 1402 шуруъ кард ва як нусхаи асарро омода сохта ба Темурланг пешкаш намуд, вале ӯро қаноатманд карда натавонист. Тавре ки Низомуддини Шомӣ қайд мекунад: «…таърихе, ки ҷиҳати он ҳазрат ва содироти афъоли эшон аз мабдаи зуҳури ин давлати абадпайванд илло явмино навиштаанд ва тартиби он камоянбағӣ ба тақдим нарасида, ин банда ба танқеҳу тартиб ва тансиқу табвиби он машғул гардад» [15, с. 10-11]. «Зафарнома»-и Низомуддини Шомӣ, ки воқеоташ то охири соли 1404 аст, аввалин таърихномаи муфассали ҳаёти Темурланг ба ҳисоб меравад, гарчанде ки чандон мукаммал чун «Зафарнома»-Шарафуддини Алии Яздӣ нест. Ховаршинос В.В. Бартолд қайд мекунад, ки Низомуддини Шомӣ дар ихтиёри худ таърихи мукаммали Темурлангро дошт, ки худи ӯро қонеъ намегардонд.

Аз ҳаводиси соли 1365 Низомуддини Шомӣ дар шакли хеле кӯтоҳ маълумот додааст, дар он аз ҷумла омадааст: «Ва Мавлонозодаи Самарқандӣ, Хурдаки Бухорӣ ва Абубакри Наддоф-ҳар се сарбадор шуда, мардуми шаррир бар эшон ҷамъ шуда буданд ва нагузоштанд, ки лашкари ҷата (муғул) дар Самарқанд дароянд. Ва эшон чун оҷиз шуданд, таваққуф накарданд ва он се мард ба сардорӣ мағрур шуда, зулму ҷавр пеша сохтанд. Ва халқ дар дасти ҷавру бедоди эшон гирифтор буданд. Амир Ҳусайн чун ба Самарқанд расид фармуд, то сари сарбадорон бар дор карда, мардумро аз шарри эшон халос диҳанд. Амир соҳибқирон Мавлонозодаро шафоат фармуда, халос дод ва боқиро ҳалок карданд» [15, с. 32].

Академик В.В.Бартолд воқеъбинона чунин қайд мекунад, ки Низомуддини Шомӣ дар бораи муромурии аспон ҳамчунин, ақибнишинии муғулонро дар заиф будани онҳо нишон дода ва оид ба диловарию мардонагии муҳофизатчиёни шаҳр чизе намегӯяд [5, с. 373].

Бояд гуфт, ки ягона муаррихе, ки аз тоҷик будани роҳбарони шӯриши сарбадорони Самарқанд ва корнамоии онҳо бар зидди аҷнабиёни муғул дар асари худ воқеъбинона инъикос намудааст, ин Муъиниддини Натанзӣ мебошад.

Ҳамзамон Муъиниддини Натанзӣ дар асари таърихии худ «Мунтахаб-ул-таворих» оид ба шармандавор шикаст хӯрдани муғулҳо аз ҷониби сарбадорон ва то дербоз фаромӯш насохтани он ошӯбро чунин қайд мекунад: «Саворон аз таҳаввури (далерии) тоҷику мардонагии пиёдагони риҷола мутааҷҷиб монда,…ҳанӯз дар Муғулистон он қиссаро ба достонҳо дар маҳофил ва маҷолис ёд кунанд» [14, с. 230]. Бояд гуфт, ки чунин тафсири ҷолиб аз ин шӯриш дар ҳеҷ сарчашмаи таърихии ин давр ба назар намерасад. Мутаассифона, аз чи бошад, ки барои академик В.В.Бартолд ин манбаъ дастрас буд, аммо ӯ аз баёни корнамоии тоҷикон бо истифода аз «Мунтахабу-т-таворих»-и Муъинуддини Натанзӣ дар мақолаи худ дурӣ ҷустааст.

Баёноти ғайрирасмӣ дар ду таълифот омадааст: «Алсоҳ-у-таворих», таълифоти Муҳаммад ибни Фазиллулоҳи Мусавӣ (1412-1414) ва «Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн»-и Абдураззоқи Самарқандӣ, ки соли 1470 навишта шудааст. Академик В.В.Бартолд меафзояд, ки Мусавӣ асари худро дар Форс барои набераи Темур, Искандар султон навиштааст. Бешак, ӯ бо асари Низомуддини Шомӣ ошнои дошта, вале боз ҳам мисолҳоеро овардааст, ки дар таърихнигории расмӣ вуҷуд дорад ва мумкин аст, ки бархе аз далелҳояш аз воқеаномаҳои уйғурӣ гирифта шуда бошад. Абдураззоқи Самарқандӣ, менависад муаллиф, бо ду асари таърихнигорони расмӣ ошноӣ дошт, аммо маълум нест, ки Абдураззоқи Самарқандӣ аз китоби Мусавӣ ба таври мустақим истифода карда, ба воситаи асари Ҳофизи Абрӯ «Зубдату-т-таворих», ки бо сабаби вафоташ дар соли 1431

нотамом монда буд. Муаллиф аз он изҳори нигаронӣ менамояд, ки суханронии Мавлонозодаро дар масҷиди ҷомеъ Абдураззоқи Самарқандӣ ба тарзе баён кардааст, гӯё худи ӯ дар он ҷо ҳузур дошта буд.

Бояд тазаккур дод, ки муаррих Мусавӣ он гуна ки сирату сурати амир Ҳусейни муғулро тасвир кардааст, дар асари Шарофуддин Алии Яздӣ мавҷуд нест. Аз ҷумла, академик В.В.Бартолд иқтибосеро аз асари Мусавӣ дар ин мақола ҷой додааст, ки чунин аст: «Баҳодур, амири бағоят ситезакору якрав буд. Аз ғояти сиёсате, ки дошт, гурзи пулодӣ ба даст мегирифт ва дар девони мазолим менишаст. Агар чунончи муддаи бо муддаии муқобил дар сухани худ осеб мекарданд, ё ба пастии ҳукме, ки карда буд, намерасиданд, бо дасти худ бо он гурз эшонро мезад ва амсоле то ғояте дошт, ки ҷомаи карбосӣ мепӯшид ва чун ҷомаи ӯ пора мешуд ва сила мезад. Маҷмуи сифати ҳамидаи ӯро аз ин сифат замимаи пӯшида буд» [5, с. 369]. Академик В.В.Бартолд аз ҷоҳилии ин ду ҳокими разил ба чунин хулоса меояд: «Мусаллам аст, ки ин қабил ҳокимон дар миёни мардуми мутамаддини кишвар эътибори чандоне надоштанд ва ба унвони роҳбари неруи низомии кишвар мақоми баландеро доро набуданд ва ҳатто қодир набуданд ҳамлаҳои хонҳои муғули вилояти Ҳафтруд ва Туркистонро дафъ намоянд» [5, с. 370]. Яке аз сарчашмаҳои дигари таърихӣ, ки роҷеъ ба давраи ҳукумронии Темурланг маълумот додааст, «Зафарнома»-и Шарафуддини Алии Яздӣ мебошад, ки соли 1425 пас аз фавти Темурланг бо дастури писараш Шоҳрух-ҳокими Хуросон навишта шудааст. Муаллифи ин асар ба ғайр аз таърихҳои маълум аз асаре истифода намудааст, ки он то кунун дастраси умум нест. Аз ҷумла, «Таърихи хонӣ», ки дар замони ҳаёти Темурланг ба забони уйғурӣ таълиф ёфта буд. Бино ба иттилои академик В.В.Бартолд «Темур чи дар замони осоиштагӣ ва чи ҳангоми ҷанг муншиёни форс ва уйғур дар ҳузур дошт, ки вақоеи замонашро менавиштанд» [5, с. 366].

Бояд гуфт, ки иттилои Мусавӣ ва Абдураззоқи Самарқандӣ роҷеъ ба ташкили дифои шаҳр комилан ба ҳам монananд. Аммо ҳар яке аз ин муаллифон бархе аз ҷузъиёти воқеаро ба гунае баён кардаанд, ки хилофи дигаре мебошад ва матолибе дар ин ҳаст, ки дар дигаре нест.

Боиси таассуф аст, ки муаррихони асримиёнагӣ аз хусуси хизматҳои сарбадорон ҳарфе нагуфтаанд ва он чизе, ки ба қалам додаанд, ғаразнок мебошанд. Академик Б.Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» аз суханронии муаррихони феодалӣ нисбат ба сарбадорони Самарқанд изҳори нигаронӣ намуда, қайд мекунад: «Маълумоти манбаъҳои хаттӣ роҷеъ ба ин ҷунбиш, ки дар таълифоти таърихнигорони феодалӣ оварда шудаанд, хеле ноқис ва ниҳоят бадғаразона мебошанд» [9, с. 477]. Аз чунин андешаи олим бармеояд, ки муаррихони аҳди Темур, ки фарзанди замони худ буданд, танҳо ба хотири бадном сохтани роҳбарони ин ҳаракат онҳоро ошӯбгару ҷинояткор тасвир намудаанд. Ин ба назари мо хеле ғаразнок буда, ба ҳақиқати таърихӣ рост намеояд.

Бояд гуфт, ки устод Садриддин Айнӣ дар тақризи худ ба китоби аллома Б.Ғ.Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» роҷеъ ба хислатҳои зишт ва нопоки ин ду тан амир Ҳусайн ва амир Темурланг воқеъбинона сухан карда, чунин тасвир кардааст: « Халқҳои меҳнаткаши Мовароуннаҳр аз аввали кор чӣ будани Темурро фаҳмида буданд, ки Темур як Чингизи дигар аст, ки дар либоси мусулмонӣ баромадааст. Онҳо нисбат ба муғулони бодиянишини ғайримусулмон чӣ қадар нафрат дошта бошанд, нисбат ба Темур, амир Ҳусейн ва саркардагони онҳо низ ҳамон қадар нафрат доштанд. Бинобар ин, аҳолии Самарқанд баъд аз рондани муғулони бодиянишин, Темур ва ҳамроҳони ӯро низ ба шаҳр роҳ додан намехостанд.

Темур ва амир Ҳусайн ҳам ба ин маънӣ пай бурда, роҳбарони аҳолии шӯришгари Самарқандро бо фиреб ба даст даровварда кушта, баъд аз он шаҳрро ишғол карданд» [3, с. 299].

Воқеан, бино ба иттилои сарчашмаҳо аҳолии Самарқанд ва роҳбарони сарбадорон дар симои амир Ҳусайн ва Темур муғулеро беш намедонистанд. Ва онҳо хеле хуб эҳсос карда буданд, ки баробари ба сари қудрат омадани амир Ҳусайн ва амир Темурланг зулму истибдод бештар мегардад. Чунон ки Ибни Арабшоҳ тасдиқ мекунад, дар Самарқанд ҷамоате аз шӯришчиён боқӣ монда буд, ки Темурланг бо ҳама савлаташ аз онҳо доимо тарсу ҳарос дошт ва ҳар гоҳе ки аз Самарқанд берун мешуд, онҳо шӯриш мебардоштанд. «…нӯҳ бор мамлакатро ошуфта ва парешон карданд…»[11, с. 289]. Дар асл чунин буд. Темурланг барои раҳои ёфтан аз шӯришчиён зиёфате ороста, бо роҳи фиребу найранг, ки хоси ин золим буд, онҳоро ба қатл расонд.

Дар маҷмуъ, гарчанде, ки роҷеъ ба шӯриши сарбадорони Самарқанд як гурӯҳ олимон асару мақолаҳо ба тасвиб расонида бошанд ҳам, мутаассифона, на ҳама паҳлуҳои шӯриши мазкур пурра мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаррихинро мебояд, ки дар оянда зимни омӯзиш таърихи ин шӯришро аз рӯйи асноду далелҳои нав мавриди тадқиқи ҳаматарафа қарор диҳанд.

Хулоса, академик В.В.Бартолд дар мақолаи худ тавонистааст, ки ин мавзуъро хеле воқеъбинона бо истифода аз манбаъҳои хаттии асримиёнагӣ мавриди таҳлили воқеан ҷиддии илмӣ қарор диҳад. В.В.Бартолд дар баррасӣ ва баёни ин давраи таърихӣ хизмати арзанда намуда, бисёр масоили номакшуфу баҳсталабро дар асоси сарчашмаҳову аснодҳои таърихӣ бо далелҳои амиқи илмӣ равшан сохтааст.

**Адабиёт**


1. Абдураззоқи Самарқандӣ. Матлаъу-с-саъдайн ва маҷмаъу-л-баҳрайн.-Т.I.-қисми 1. Ба эҳтимоми Абулҳусайни Навоӣ.-Теҳрон, 1383.-С.350. 443 с.
2. Авторы XV века о самаркандских событиях 1365 года//Труды Государственной публичной библиотеки УзССР, Том I, Ташкент, 1935, С.32-46;
3. Айнӣ С. Куллиёт, ч.13.- Душанбе: Ирфон, 1996.-С.299.
4. Амиршоҳӣ Н. Таърихи халқи тоҷик.-Хуҷанд, 2008.-С.439-443; 815;
5. Бартольд В.В. Народное движение в Самарканде в 1365г.-Соч.Т.2.,ч.2.М., 1964.с.362-379. 661с.
6. Бойматов Л. Сарбадорони Самарқанд.-Душанбе, 2006.28с;
7. Гуревич А.М. О классовой борьбе в Самарканде в 1365-1366 гг.// Труды Гос. Публ. Биб-ки Уз. ССР.-Т.1.-Ташкент, 1935.С. 24-46;
8. Ғафуров Б.Ғ.Таърихи мухтасари халқи тоҷик.-Сталинобод, Нашрдавтоҷик, 1947. С.259-264. 348 с.;
9. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав.-Душанбе: Ирфон, 2016.-С.474-478;
10. Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Пораҳо аз «Равзату-с-сафо» ва дигар кутуб. Мураттиб ва муҳаққиқ Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. Душанбе: Амри илм, 1999.-С.805-808. 1008 с.;
11. Ибни Арабшоҳ. Зиндагии шигифтовари Темур (Аҷоибу-л-мақдур фӣ ахбори Темур). Тарҷума ба форсӣ Муҳаммад Алии Наҷотӣ. Теҳрон, 1381, С.17. Стр.289.
12. История Самарканда.-Т. 1. С древнейших времён до Великой Октябрьской социалистической революции.-Ташкент: Фан, 1969.-158-162; 484 с;
13. Камол Х. Таджикский народ во второй половини XIV-XV вв/Х.Камол//История таджикского народа. Том III. (Период развития феодального общества)-Душанбе: Дониш, 2013.-С.433-438. 579с.

14. Муъинуддини Натанзӣ. Мунтахабу-т-таворих. Теҳрон, (1336) 1958.-С. 230.
15. Низомуддини Шомӣ. Зафарнома. Ба сайъ ва эҳтимому тасҳеҳи Феликс Тауэр. Бейрут, 1937. С.32.
16. Петрушевский И.П. Движение сербедаров в Хорасане.-Ученые записки Института востоковедения Академии наук СССР, Том XIV, Москва, 1956, С.91-162;
17. Солиев П. Об ошибках, допущенных А.М.Гуревичем в его статье «О классовой борьбе в Самарканде»//Литературный Узбекистан, 1936, Кн.4.-С.124-133;
18. Строева Л.В. Сербедары Самарканда//Ученые записки Ленинградского государственного университета, №98, серия востоковеденческих наук, вып.1. Л., 1949.-С.270-281;

## ВОССТАНИЕ СЕРБЕДАРОВ САМАРКАНДА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АКАДЕМИКА В. В. БАРТОЛЬДА

**МУРОДЗОДА АХМАДХОН АМРОХОН,**
кандидат исторических наук, доцент кафедры история таджикского народа
Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рӯдаки, 121.
Тел.: (+992) 918-81-81-86.

*В данной статье автор, на основе труды русского востоковеда и академика В. В. Бартольда рассматривает предпосилки восстания хорасанских и самаркандских Сербедаров (1365-1366 гг.), поражение амира Темерлана и амира Хусейна в Грязевое сражение (Джанги Лой), процессы из страх покинуть территорию Моверапнахра, и их бегства в Хорасане. Автор на основе факты из средневековых письменных источников описывает организационные процессы, оказанные Мавлонозода, Мавлона Хурдак Бухари и Абубакр Калави Наддофа при защите города Самарканда от монголов и поражение монгольских войск от рук Сербадаров. Автор также анализирует хитрость и обманным путем взятие власта от рук Сербадаров со стороны узурпаторов – Тимура и Хусайна. Автором также сделано сравнительный анализ сведений В. В. Бартольда с сведениями средневековыми авторами. В статье подчеркивается, что историки эпохи Темура и Темуридов воздерживались от реального отражения истории восстания Сербадаров в своих трудах.*

***Ключевые слова:*** *В. В. Бартольд, Темурланг, Амир Хусейн, предпосилки восстания Сербадаров, предводители восстания самаркандских сербадаров (1365 г.), причины поражения восстания, исторические источники о восстании.*

## REBELLION OF THE SERBEDARS OF SAMARKAND FROM THE POINT OF VIEW OF ACADEMICIAN V. V. BARTOLD

**MURODZODA AHMADKHON AMROKHON,**
associate professor of the department history of the Tajik people
Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 121, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 918-81-81-86.

*In this article, the author, based on the works of the Russian orientalist and academician V.V. Bartold, considers the prerequisites for the uprising of the Khorasan and Samarkand Serbedars (1365-1366), the defeat of Amir Temerlane and Amir Hussein in the Mud Battle (Jangi Loy), processes of fear of leaving the territory of Moverannahr, and their flight to Khorasan. The author, based on facts from medieval written sources, describes the organizational processes rendered by Mavlonozode, Mavlona Khurdak Bukhari and Abubakr Kalavi Naddof during the defense of the city of Samarkand from the Mongols and the defeat of the Mongol troops at the hands of the Serbadars. The author also analyzes the cunning and fraudulent taking of power from the hands of the Serbadars by the usurpers*

*Timur and Husayn. The author also made a comparative analysis of the information of VV Bartold with the information of medieval authors. The article emphasizes that the historians of the era of Temur and the Temurids refrained from actually reflecting the history of the Serbadar uprising in their writings.*

***Key words:*** *V. V. Bartold, Temurlang, Amir Hussein, prerequisites for the Serbadar uprising, leaders of the Samarkand Serbadar uprising (1365), reasons for the defeat of the uprising, historical sources about the uprising.*

УДК: 321

# ДАВЛАТ УНСУРИ АСОСӢ ДАР СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶОМЕА

**ҲУКМИШОЕВ ЗАФАРШО ДИЛОВАРШОЕВИЧ**,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти
кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 939-28-10-28. E-mail: dabirjoni@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаи пайдоиш, моҳият ва мақоми давлат дар системаи сиёсии ҷомеа мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар таҳлили масъалаи мазкур таълимотҳои мутафаккирони шарқу ғарб истифода шудаанд. Давлат институти муҳим дар системаи сиёсӣ ба ҳисоб рафта, мақом ва нақши он дар раванди ҳаёти ҷомеа хело барҷаста мебошад. Ба вуҷуд омадани давлат дар раванди ҳаёти ҷомеаи инсонӣ зарурати объективӣ буда, бархӯрди манфиатҳо муносибатҳои ҷомеаро мураккаб сохта, инсоният ба мавҷудияти чунин як институти муҳими сиёсӣ ниёз пайдо менамояд.*

*Масъалаи пайдоиши давлат яке аз масоили баҳснок дар миёни мутафаккирони олам ба ҳисоб рафта, қисме онро офаридаи Худо ва қисми дигаре онро маҳсули шуури инсонӣ медонанд. Аксарияти мутафаккирони олами башарият раванди сиёсӣ ва имконоти иҷтимоии ҷомеаро ба инобат гирифта, дар заминаи он андешаҳои фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии худро иброз намудаанд. Ба инобат гирифтани моҳияту хусусияти раванди сиёсӣ ва имконоти иҷтимоии ҷомеа аз ҷониби аксарияти мутафаккирони олам ба хотири ҳифзи амният ва эҷод накардани хавфу хатар ва таҳдид барои шахс, ҷомеа ва давлат будааст.*

*Вазифаи аввалиндараҷаи давлат ин дар заминаи таъмини амният зиндагии инсонро аз ҳар гуна хавфу хатар эмин нигоҳ доштану кафолат додан ба зиндагӣ ва ниҳоятан ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, талаботу манфиатҳо ва хушбахтӣ ҳадя намудан барои инсон мебошад. Метавон гуфт, ки талаботҳои инсонӣ давлатро ба вуҷуд оварду онро ташаккул дод ва то ба имрӯз ҳифз намуд ва минбаъд низ ояндагии онро нигоҳ хоҳад дошт.*

***Калидвожаҳо:*** *давлат, системаи сиёсӣ, раванди сиёсӣ, таълимот, истиқлолият, ҳокимият.*

Давлат институти муҳим дар системаи сиёсӣ ба ҳисоб рафта, мақом ва нақши он дар раванди ҳаёти ҷомеа хело барҷаста мебошад. Қабл аз зуҳури давлат дар ҷомеаи ибтидоӣ дин ба сифати танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеа баромад намудааст. Ба вуҷуд омадани давлат дар раванди ҳаёти ҷомеаи инсонӣ зарурати объективӣ буда, бархӯрди манфиатҳо муносибатҳои ҷомеаро мураккаб сохта, инсоният ба мавҷудияти чунин як институти муҳими сиёсӣ ниёз пайдо менамояд.

Андешаҳои мутафаккирони олами башарият оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат мухталиф мебошанд. Яке аз таълимотҳое, ки оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат дар Аҳди Қадим ва асрҳои миёна бештар нуфуз дошт ин таълимоти теологӣ буд. Таълимоти теологӣ пайдоиши давлатро аз иродаи Худо вобаста дониста, Худоро офаридгори давлат медонад. Аз он хотире, ки дар Аҳди Қадим ва асрҳои миёна ҷаҳонбинии мардум динӣ буд, мутафаккирон кӯшиш менамуданд, ки ақидаҳои иҷтимоию сиёсии худро наздик ба ҷаҳони андешаи мардум баён намоянд. Воқеан аксарияти мутафаккирони олами башарият раванди сиёсӣ ва имконоти иҷтимоии ҷомеаро ба инобат гирифта, дар заминаи он андешаҳои фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии худро иброз намудаанд. Ба инобат гирифтани моҳияту хусусияти раванди сиёсӣ ва имконоти иҷтимоии ҷомеа аз ҷониби аксарияти мутафаккирони олам ба хотири ҳифзи амният ва эҷод накардани хавфу хатар ва таҳдид барои шахс, ҷомеа ва давлат будааст. Аз ҷониби мутафаккир ба инобат гирифта нашудани имконоти сиёсию иҷтимоии замон ин мантиқан дур рафтан аз воқеият ва андешаи худро дар утопия ғарқ намудан аст. Метавон гуфт, ки мутафаккирони Аҳди

Қадим ва асрҳои миёна дар баробари омилҳои мазкур инчунин имконоти мавҷудаи баёни андеша ва сатҳи дарки ҷомеаро ба инобат гирифта, андешаҳои сиёсии худро оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат иброз намудаанд.

Мувофиқи таълимоти дин Худо офаридгори тамоми мавҷудоти олам аст. Пас ҳар он чи дар олам аст, офаридаи Худо маҳсуб мегардад. Офаридгори кул будани Худо яке аз масъалаҳои мураккаби фалсафӣ ва динӣ ба ҳисоб рафта, дарки моҳияти он хело душвор мебошад. Дарки офаридгор будани Худо дар шакли омиёна комилан ғалат ва дур аз воқеият аст. Давлатро офаридаи Худо донистан ин сарфи назар намудани сабаби наздик, яъне ақли инсонӣ ва рӯ овардан ба сабаби ҳама сабабҳо – Худо буда, масъалаи мазкурро хусусияти эътиқодӣ бахшидан ва дур рафтан аз дарки ратсионалии масъала мебошад.

Масъалаи пайдоиши давлат яке аз масоили баҳснок дар миёни мутафаккирони олам ба ҳисоб рафта, қисме онро офаридаи Худо ва қисми дигаре онро маҳсули шуури инсонӣ медонанд. Яке Худоро офаридгори давлат медонаду ақли инсонӣ – шуурро сарфи назар менамояд ва дигаре давлатро маҳсули шуури инсонӣ медонад. Агар мо дар пайдоиши давлат ақли инсонӣ – шуурро сабаби наздик ва Худоро сабаби ҳама сабабҳо бидонем, яъне аҳли маърифт бошем, комилан аз саҳнаи баҳс дар масъалаи мазкур берун хоҳем рафт. Зеро дар чаҳони андешаи мо оид ба дарки моҳияти масъалаи мазкур дигар муаммое боқӣ нахоҳад монд.

Агар моҳияти сиёсии таълимоти теологии пайдоиши давлат дарк карда шавад, метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки давлат дар Аҳди Қадим ва асрҳои миёна аслан ҳомии талаботу манфиатҳои табақаи болои ҷомеа буд. Яъне давлат ба табақаи болои ҷомеа такя менамуд ва табақаи болои ҷомеа бо истифода аз қонун ва қувваи давлат зулму истисморро дар нисбати табақаи поёни ҷомеа раво медид. Чунин тарзи муносибат нафрати табақаи поёни ҷомеаро дар нисбати давлат ва табақаи болои ҷомеа бармеангехт. Барои хомӯш сохтани хашму ғазаби табақаи поёни ҷомеа дар нисбати давлат ва табақаи болои ҷомеа чунин идеологияе лозим буд, ки табақаи поёни ҷомеа онро пазироӣ намояд. Дар заминаи омилҳои мазкур зарурати ба вуҷуд омадани таълимоти теологии пайдоиши давлат ба миён омад.

Августин барои сохти ғуломдориро абадӣ гардонидан, ғуломиро хости Худо медонад. Мавҷудияти моликияти хусусӣ, нобаробарии ҷомеа, мавҷудияти бою ашрофон ва бенавоёнро аз иродаи Худо вобаста медонист. Андешаҳои Августин дар асари «Дар бораи шаҳри Худо» гирд оварда шудаанд. Ӯ махсусан ба муносибатҳои байниҳамдигарии калисо ва давлат диққати асосӣ медиҳад. Августин калисоро «шоҳигарии Худо» медонист. Он аз «шаҳри заминӣ» - «давлат» боло дониста мешуд. Агар давлат тобеи калисо намебуд, ба андешаи Августин он аз дастаи роҳзанон ҳеҷ бартарие пайдо намекард. Бинобар ин ҳимояи манфиатҳои калисоро вазифаи асосии император медонад. Ӯ давлатро дар хизмати калисо мегузорад. Император бояд ба калисо хизмат намояд, қонунҳои онро ҳифз намояд ва бар зидди шаккокон мубориза барад [6. 43-44].

Дар натиҷаи таҳлили ақидаҳои теологии Августин метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

1. Августин нобаробариҳои иҷтимоиисохти ғуломдориро на амали табақаи болои ҷомеа, балки аз иродаи Худо вобаста дониста, мехост зулму истисмори табақаи болои ҷомеа – ғуломдоронро зери парда созад;
2. Августин давлатро ба дастаи роҳзанонташбеҳ дода, таъкид мекунад, ки давлат бояд тобеи калисо бошад;

3. Августин ҷонибдори режими сиёсиитеократӣ буду мехост, ки давлат ва император дар хизмати калисо бошанд.

Ба ақидаи Фомаи Аквинӣ раванди ташаккули давлат тариқи офариниши олам аз тарафи Худо мебошад. Мақсади давлатро «хайрияти умум» ташкил менамояд. Ҳокимияти калисо ва қонунҳои ҳасткардаи Худо бояд аз ҳокимияти дунявӣ боло истанд. Ҳокимияти дунявӣ метавонад, қонунҳои илоҳиро вайрон намояд ва он ноҳақ аст, ки ба тирания омада мерасад.

Яке аз ҷойгоҳи таълимоти Фомаи Аквинӣ ғояи иерархияи умумӣ ва қатъӣ ба шумор меравад, ки он ба ҷомеаи инсонӣ низ мутааллиқ аст. Аз хотире, ки оламро як худо ҳаст намудааст ва онро худаш роҳбарӣ менамояд ва тани одамро фақат ақл идора мекунад, давлатро бояд як шахс идора намояд. Аммо худо, ақл, монарх боҳам фақат тавассути зинаи иерархӣ, ки пояҳои гуногун дорад, пайвастанд [6. 44].

Аз он хотире, ки дар таърихи асримиёнагии Аврупо диктатураи дин вуҷуд дошт, Фомаи Аквинӣ андешаҳои теократии худро мутобиқ ба ҳамон маҷрои динию сиёсӣ баён намудааст. Ӯ давлатро офаридаи Худо ва ба синфҳо ҷудо гардидани ҷомеаро аз иродаи Худо вобаста медонист. Фомаи Аквинӣ бо ин ақидаҳои худ аввалан мехост ҳисси нафрати табақаи мазлуми ҷомеаро дар нисбати давлат ва табақаи болои ҷомеа бартараф намояд ва баъдан табақаи поёни ҷомеаро аҳли таслим бар тақдиру сарнавишт созад. Яъне, табақаи камбағалу мазлум бояд мушкилоти зиндагӣ ва ҷабру зулми ҳокимону табақаи болои ҷомеаро аз иродаи Худо вобаста донанду аз лиҳози равонӣ ором бошанд.

Воқеан чунин таълимот як навъи идеологияе буд, ки бо системаи сиёсию иҷтимоӣ ва низоми давлатдории Аҳди Қадим ва асрҳои миёна мувофиқат менамуд. Зеро имкониятҳо барои тағйир додани системаи сиёсию иҷтимоӣ дар он марҳилаи таърихӣ имконнопазир буданд. Таълимоти Фомаи Аквинӣ хусусияти идеологӣ дошту ифодакунандаи манфиатҳои элитаи сиёсии ҳукмрон, элитаи динӣ ва табақаи болои ҷомеа буд. Дар баробари ин то андозае таълимоти мазкур метавонист, ҳолати равонии табақаи поёни ҷомеаро ором созаду зиддиятҳои иҷтимоии табақаи боло ва табақаи поёни ҷомеаро бартараф кунад ва дар таъмин намудани суботи сиёсӣ мусоидат намояд.

Оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат мутафаккирони тоҷику форс низ андешаҳои худро баён намуда, мақому манзалати давлатро дар таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои ҷомеа муҳим ва меҳварӣ донистаанд. Абӯалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ – Низомулмулк андешаҳои сиёсии худро дар асараш «Сиёсатнома» иброз намуда, паҳлуҳои гуногуни ҳаёти сиёсии ҷомеаро таҳлил карда, дар баробари дигар мутафаккирони асримиёнагии шарқу ғарб, ки таълимоти теологӣ доштанд, ӯ низ давлатро офаридаи Худо медонад. Низомулмулк халқро объекти асосии ҳастии давлат диниста, мавҷудияти давлатро аз мавҷудияти халқ вобаста медонад. Ӯ асоси легитимӣ будани ҳокимияти давлатиро дар ризоияти халқ мебинаду оид ба масъалаи мазкур чунин ибрози андеша менамояд: «Чун дуои халқ ба некуӣ пайваста гардад, он мулк пойдор бувад» [9. 22].

Агар мо андешаи мутафаккирро таҳлили сиёсӣ намоем, хоҳем дарёфт, ки халқ аз давлат розӣ бошад, пас халқ дар нисбати давлат дуои нек хоҳад кард. Яъне, мутафаккир дуои некро ифодакунандаи ризоияти мардум медонаду далели легитимӣ будани ҳокимияти давлатӣ. Мутафаккир андешаҳои сиёсии худро бо назардошти нуфузи дин ва рӯҳияи динии ҷомеа иброз намуда, маҳдуд будани фазои озодии ҷомеаро комилан ба инобат гирифтааст. Ӯ ризоият ва норозигии ҷомеаро бо иборaҳои дуои нек ва дуои бад ифода мекунад. Зеро раият дар он марҳилаи таърихӣ вобаста ба фазои сиёсӣ имконияташ дар доираи дунёи нек ва ё бад кардан маҳдуд мегардид. Норозигии ҷомеа наметавонист заминаи ба вуҷуд омадани ҷунбишу ҳаракатҳои оммавӣ ва инқилобҳо гардад. Аввалан

мавҷуд набудани фазои озодӣ барои андешидан ва баён намудан. Баъдан мавҷуд набудани идеологияи сиёсие, ки роҳу воситаҳои тағйир додани системаи сиёсию иҷтимоии ҷомеаро муайян намояд. Ниҳоятан қувваи фаъоли сиёсие вуҷуд надошт, ки шуури сиёсии ҷомеаро бедор созад ва мардумро сафарбар намояду ҳидоят кунад.

Низомулмулк яке аз аввалин муҳаққиқонест, ки мафҳуми «Давлат»-ро дар маънои ташкилоти бузурги сиёсии ҷомеа ва масъули суботи сиёсӣ маънидод менамояд. Ҳатто мутафаккирони кишварҳои ғарб мафҳуми «Давлат»-ро то ин замон дар чунин мазмун истифода накардаанд [6. 45].

Афлотун мутафаккири Юнони Қадим заминаҳои объективии пайдоиши давлатро чунин муайян намудааст:

«Одамон танҳо тавассути кӯшишҳои худ наметавонанд талаботҳои худро қонеъ созанд. Ниёзманд будани инсон ва дар танҳоӣ бартараф карда натавонистани он заруратро ба вуҷуд овард, ки одамон муттаҳид шаванд ва ба якдигар кӯмак расонанд. Ин иттиҳоди одамон заминаи ба вуҷуд омадани давлат гардидааст» [10. 522-523].

Афлотун оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат андешаҳои худро иброз намуда, дар маҷмӯъ давлатро ба ду навъ: ноқис ва комил ҷудо карда, ҳар як навъи давлатро боз дар шаклҳои гуногун нишон медиҳад. Ӯ принсипи тақсимоти меҳнатро омили асосии рушди давлат дониста, ҷомеаро бо назардошти қобилияти меҳнатиашон ба табақаҳои зерин ҷудо мекунад: а) ҳокимон – файласуфон; б) ҷанговарон; в) ҳунармандон.

«... Дар республикаи Афлотун тақсимоти меҳнат принсипи асосии ташаккули давлат мебошад...» [8. 379].

Дар баробари дигар мутафаккирони олам Арасту низ оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат дидгоҳи худро дорад. «Давлат табиатан вуҷуд дорад ва табиатан аз ҳар инсон муқаддам аст» [1. 379].

Аз нигоҳи Арасту давлат моҳиятан дар шакли содда дар оила ба вуҷуд омада, тадриҷан ба марҳилаи зуҳурот расида, рӯ ба ташаккулу инкишоф овардааст. Воқеан метавон оиларо давлати кӯчак ва давлатро оилаи бузург номид. Чор унсури давлат: сиёсат, иқтисод, иҷтимоъ ва фарҳангро дар шакли содда дар оила метавон мушоҳида намуд. Арасту оиларо сарчашмаи ҳастии давлат медонад. Ӯ муҳиммияти мавҷудияти давлатро барои инсоният дар кафолат додан ба зиндагӣ ва ҳадя намудани хушбахтӣ медонад.

«Давлат нафақат ба хотири зистан, балки бештар барои хушбахтона зистан таъсис дода мешавад» [1. 460].

Аввалин шахсияте, ки мафҳуми давлатро ба илми сиёсӣ ворид намуд ин Н. Макиавеллӣ мебошад. Таълимоти ӯ дар илми сиёсӣ бо номи «макиавеллизм» маъруф буда, бо баъзе хусусиятҳои худ аз дигар таълимотҳои сиёсӣ фарқ мекунад. Н. Макиавеллӣ таълимоти теологии пайдоиши давлатро рад намуда, назарияи давлати муқтадири дунявиро ташаккул медиҳад. Ӯ қайд менамояд, ки барои тавоно гардидани давлат ва нигоҳ доштани иқтидори он шоҳ метавонад, аз тамоми омилҳои ғайриахлоқӣ, аз ҷумла, куштор, хиёнат, фиреб ва дурӯғ самаранок истифода бубарад. Н. Макиавеллӣ наҷоти империяи Римро аз фано ва бақои онро аз муқтадир будани ҳокимият вобаста медонист. Аз нигоҳи ӯ қонунҳои оқилона ва артиши тавоно асоси иқтидори ҳокимият ва давлат мебошад.

Т. Гоббс дар пайрави ба таълимоти сиёсии Н. Макиавеллӣ давлатро офаридаи инсон медонад. Андешаҳои сиёсии Т. Гоббс оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат дар асарҳояш «оғози фалсафии таълимот дар бораи шаҳрванд» ва «Левиафан» ифодаи худро пайдо намудаанд. Ӯ амниятро арзиши олӣ барои шахс ва ҷомеа дониста, давлатро субъекти асосии амният медонад. Ба андешаи ӯ тарс аз марг инсонро ниёзманд ба амният

сохта, дар ин замина инсоният рӯ ба шартномаи ҷамъиятӣ оварда, давлатро таъсис додааст. Яъне, дар он марҳилаи таърихие, ки давлат набуд, «ҷанги ҳама ба муқобили ҳама» вуҷуд дошт ва чунин ҳолат ба амният ва зиндагии инсон таҳдид менамуд. Барои бартараф намудани он таҳдиде, ки дар заминаи «ҷанги ҳама ба муқобили ҳама» ба миён меомад, зарурат ба вуҷуд омад, ки одамон шартномаи ҷамъиятӣ бубананд ва давлатро таъсис диҳанд. Пас метавон гуфт, ки мувофиқи таълимоти «Шартномаи ҷаиъиятӣ»-и Т. Гоббс ниёзмандии инсон ба амният заминаи объективии ба вуҷуд омадани давлат буда, вазифаи асосии давлат ин таъмини амният барои одамон аст.

Рисолати давлат ин ҳимояи ҳуқуқҳои табиии инсон: ҳуқуқ ба зиндагӣ, ҳуқуқ ба озодӣ ва ҳуқуқ ба хушбахтӣ мебошад. Т. Гоббс дар асараш «Левиафан» қайд менамояд, ки давлат барои он ки амнияти ҷомеаро таъмин намояд ва манфиатҳои онҳоро ҳимоя кунад, бояд тавоно бошад, зеро дар сурати заифу нотавон будан давлат наметавонад рисолати худро анҷом бидиҳад.

Т. Гоббс ба нутқи инсон диққати ҷиддӣ дода, ба андешаи ӯ маҳз нутқ инсонро аз ҳайвон ҷудо месозад. Ӯ оид ба масъалаи мазкур чунин изҳори андеша менамояд, ки бе қобилияти нутқи одамон на давлат, на ҷомеа, на шартнома, на сулҳ буда наметавонанд, ҳамон тавре, ки инҳо дар шерҳо, хирсҳо ва гургон мавҷуд нестанд [5. 65].

Таълимоти марксистӣ оид ба пайдоиш ва моҳияти давлат назарияи хоси худро дорад. Агар дар дигар таълимотҳо оид ба пайдоиш ва инкишофёбии давлат ибрози андеша равад, пас дар таълимоти марксистӣ бошад, оид ба пайдоиш, инкишофёбӣ ва таназзулёбии давлат назариёти махсус пешниҳод мегардад.

«Давлат азалӣ ва абадӣ нест. Он дар давраи муайяни рушди таърихӣ ташаккул ёфта, дар марҳилаи муайян аз байн меравад. Чунин гузориши масъаларо қариб дар ҳеҷ таълимоти дигар мушоҳида кардан ғайриимкон аст. Яъне, таълимотҳои дигар, асосан дар бораи пайдоиши давлат андеша менамоянд. Марксистон бошанд, масъалаи аз байн рафтани онро низ мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор додаанд» [6. 92].

Мувофиқи таълимоти марксистӣ заминаи ба вуҷуд омадани давлат ин пайдоиши моликияти хусусӣ ва ба синфҳо ҷудо гардидани ҷомеа мебошад.

«Давлат маҳсул ва зуҳуроти оштинопазирии зиддиятҳои синфӣ мебошад. Давлат дар ҷое, вақте ва аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки дар он ҷо дар он вақт ва ба он сабаб зиддиятҳои синфиро объективона оштӣ додан мумкин нест, баръакс: мавҷуд будани давлат исбот мекунад, ки зиддиятҳои синфӣ оштинопазир мебошанд» [7. 427].

Қонуни зуҳурот, инкишоф ва таназзул воқеан қонунест инкорнашаванда. Қонуни мазкур тамоми мавҷудоти зинда аз ҷумла, наботот, ҳайвонот ва инсониятро дар худ фаро гирифта, аз доираи ин қонун падидаҳои ҷамъиятӣ низ берун нестанд. Таърихи инсоният пайдоишу инкишофёбӣ ва рӯ ба таназзул овардани давлатҳо ва тамаддунҳоро дар хотир дорад, ки чандин давлатҳо дар саҳнаи сиёсат зуҳур намуданду то ба дараҷаи империя расиданд ва ниҳоятан таназзул ёфтанду саҳнаи сиёсатро тарк намуданд ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон бар канор шуданд. Дар раванди таърих ба мушоҳида мерасад, ки чунин ҳолат тамаддунҳои башариро низ дар худ фаро гирифтааст.

Пайдоиши давлат дар раванди ҳаёти ҷомеа заминаҳои воқеӣ дошта, талабот ва манфиатҳои ҷомеа онро ба миён овардааст. Ҷомеаи инсонӣ давлатро барои он ба вуҷуд овардааст, ки муносибатҳои онҳоро ба танзим дарорад ва кафили оромию амнияти онҳо бошад. Давлатҳо дар натиҷаи таҳаввулоти дуру дарози таърихӣ зуҳур намуда, инкишоф ёфта, рӯ ба таназзул хоҳанд овард. Яъне, таърих гувоҳ аст, ки қисме аз давлатҳо дар сиёсати кабир зуҳур намуда, ташаккулу инкишоф ёфтанд ва муқтадир гардиданду ба давлатҳои тавоно табдил ёфтанд. Ва ниҳоятан ин давлатҳои муқтадиру тавоно рӯ ба завол оварданду аз харитаи сиёсии ҷаҳон барканор шуданд. Дар ҳудуди он давлатҳои

абарқудрати таназзулёфта, давлатҳои кӯчак эҳё гардиданду рӯ ба истиқлолият овардаанд.

Мавҷудияту муқтадир гаштан ва ё заифу нотавон шудану рӯ ба таназзул овардани давлат аз ҳокимияти сиёсӣ вобаста мебошад. Зеро мақом ва нақши ҳокимияти сиёсӣ дар давлат хело бузург буда, он ба сифати муайянкунандаи самти инкишофи давлат баромад менамояд. Сиёсати оқилонаю созандаи субъектҳои сиёсӣ ҷойгоҳи давлатро дар сиёсати кабир муайян намуда, самти инкишофи онро таъмин месозанд.

Дар Аврупо ду табақаи бонуфуз вуҷуд дошт: а) элитаҳои динӣ; б) ритсарҳо; (табақаи ҳарбӣ-дворянӣ дар форматсияи феодалӣ).

Дар асрҳои XV-XVII раванди гузариш аз давлатҳои ҳудудӣ ба давлатҳои миллӣ ба вуҷуд меояд. Раванди муайянсозии сарҳадоти давлатҳо бо мушкилоти зиёд ба вуҷуд омада, баъди ин марҳилаи сиёсӣ, масъалаи таъсиси давлатҳои миллӣ ба миён меояд. Дар ин марҳила рақобати гурӯҳҳои этникӣ вуҷуд дошта, муттаҳид сохтану ба сулҳу созиш овардани онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб мерафт. Зеро рақобату парокандагии этникӣ имкон намедод, ки давлатҳои миллӣ таъсис дода шаванд. Дар ин раванди сиёсӣ сохти сулолавӣ нақши муҳим мебозид.

Фазои сиёсии Аврупо дар ин марҳила саропо аз тазодҳо иборат буд. Аз ҷумла, ҷангҳои сулолавӣ, динӣ, ҳаракатҳои реформатсионӣ ва зидди реформатсионӣ бо ҳам дар ҳоли бархӯрд қарор доштанд. Дар ин раванд калисои католикии Рим рӯ ба таназзул ва идеологияи масеҳӣ рӯ ба буҳрон меорад.

Фазои сиёсии Аврупоро буҳрони идеологӣ дар худ фаро гирифта, зарурати объективии ба вуҷуд омадани идеологияи миллӣ пеш меояд. Чунин вазъи сиёсӣ заминаи воқеии ба миён омадани идеологияи миллӣ гашта, дар андешаи мардум шинохтану қадр намудани арзишҳои миллӣ ба вуҷуд омада, ҳар як миллат барои таъсиси давлати миллии худ мубориза мебарад.

Бедоршавии ҳисси миллӣ дар фазои сиёсӣ ва ҳам дар фазои динӣ таъсири бузурги худро расонид. Дар баробари оне, ки мардум давлатҳои миллии худро месохтанд, аз лиҳози сиёсӣ мустақил буданро ҳадафи асосии худ медонистанд. Дар ин марҳилаи таърихӣ дар фазои динӣ низ таҳаввулоти бузург ба миён омад. Элитаҳои динӣ мубориза мебурданд, ки аз тобеияти калисои католикии Рим озод бошанд. Сарварони калисо аз намояндагони миллӣ таъин гашта, тадриҷан ба ҷо овардани ибодат бо забонҳои миллӣ ба роҳ монда мешавад, ки қаблан забони дину ибодат лотинӣ буд. Минбаъд тарҷумаи китоби Муқаддас – Библия бо забонҳои миллӣ сурат мегирад. Сарварони сиёсӣ барои мустаҳкам сохтани сарҳади давлати миллии хеш муборизаи истиқлолиятхоҳии калисоҳоро дастгирӣ менамуданд.

Дар заминаи ба вуҷуд омадани давлатҳои миллӣ масъалаи озодии эътиқод ба вуҷуд меояд. Зеро дар дохили як миллат чандин ақидаҳои динию мазҳабӣ ҳукмрон буд. Барои муттаҳид сохтани миллату ташаккули давлати миллӣ дар фазои динӣ ба вуҷуд овардани таҳаммулпазирӣ шарт ва зарур буду ҳукмрон будани сулҳу созиш нақши муҳим мебозид. Ихтилофи ақидаҳои динӣ дар дохили як миллат метавонад ба парокандагӣ ва заиф сохтани давлати миллӣ мусоидат намоянд. [11, с.335].

Сулҳи Вестфали соли 1648 сарҳадҳои давлатҳоро муайян сохт ва барои ташаккули давлатҳои миллӣ нақши ҳалкунанда бозид. Дар заминаи ба вуҷуд омадани давлатҳои миллӣ забону маданият ва иқтисоди миллӣ ташаккул ёфта, дар мардум ҳисси ватандӯстӣ бедор мегардад. Ташаккули давлатҳои миллӣ дар Аврупо марҳилаи дуру дарози таърихиро аз сар гузаронидааст. Дар раванди ташаккули давлатдории худ сиёсатмадорон аз таҷрибаи давлатдории империяи Рим самаранок истифода бурдаанд.

Аз сохти ҷумҳуриявии империяи Рим истифода бурда, институтҳои сиёсию демократии худро ташаккул додаанд.

Аз асрҳои XVII шурӯъ карда, мафҳуми «давлат» ба маънои ташкилот, аппарат-дастгоҳ, маъмурият, ҳукмрон ва умумият-давлати халқӣ (миллӣ) мавриди истифода қарор мегирад. Аз давраи револютсия дар Франсия мафҳуми миллат хосияти сиёсӣ пайдо намуда, давлат ҳамчун ташкилоти сиёсии миллӣ фаҳмида мешавад.

Бо бедор гаштани афкори сиёсӣ, боло рафтани маданияти сиёсии ҷомеа, фазои зулму зӯроварӣ дар давлатҳои олам тадриҷан маҳдуд гашта, принсипҳои гуманизм, адолат, озодии сухан, гуногунандешӣ, бисёрҳизбӣ ва таъмини озодиҳо дар фазои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар олами муосир ҷойгоҳи давлатҳоро дар сиёсати кабир устувор сохта, мақому манзалати онҳоро боло бардоштааст. Мавҷудияти давлат барои таъмини оромию амният ва ташаккулу инкишофи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеа шарт ва зарур аст. Давлатҳо таҷассумкунандаи манфиатҳои ҷомеа буда, ҳомии арзишҳои олии инсонӣ ва таъминкунандаи низоми муътадил дар фазои олам мебошанд.

Давлат ҳамчун институти сиёсӣ дорои сохтори мураккаб мебошад. Ҳамчуноне, ки қаблан зикр намудем, давлат гарчанде, ки дар марҳилаи зуҳуроти хеш хело содда буд, вале бо мурури замон ташаккулу инкишоф ёфта, мукаммалу мураккаб гардидааст. Барои шинохти моҳияти давлат бояд аз шакл ва сохти идоранамоии он воқиф буд. Давлат шаклҳои гуногун дошта, сохти идоранамоии он мухталиф мебошад. Аслан муассисаҳои давлатӣ ба се гурӯҳ ҷудо мегарданд: а) органи олии ҳокимияти давлатӣ ва идоранамоӣ; б) дастгоҳи давлат; в) механизми ҷазодиҳии давлат. Сохт ва салоҳияти ин муассисаҳои давлатӣ ва кору фаъолияти онҳоро аксаран режими сиёсӣ муайян мекунад. Барои он ки шаклҳои давлатро муайян намоем, бояд сохти идоранамоӣ ва сохтори давлатро мавриди омӯзиши худ қарор бидиҳем. Зеро маҳз тавассути ин ду унсур шакли давлат равшан мегардад. Шакли идоранамоӣ муайянкунандаи сохтори органҳои давлатӣ ва принсипи муносибати байни онҳо мебошад. Ду навъи асосии идоранамоӣ вуҷуд дорад: а) монархия; б) республика.

Монархия чунин шакли идоранамоие мебошад, ки дар он сарвари ҳокимият монарх (шоҳ, карол, император) буда, он хосияти меросӣ дошта, интихобӣ нест. Монархия дар навбати худ ба ду навъ ҷудо мегардад: а) монархияи мутлақ; б) монархияи конститутсионӣ. Дар монархияи мутлақ монарх соҳиби ҳокимияти мутлақ буда, дар монархияи конститутсионӣ салоҳиятҳои монархро конститутсия маҳдуд месозад.

Дар олами муосир монархия институти заифи сиёсӣ буда, монарх рамзи иттиҳоди миллат, ҳомии системаи сиёсӣ ва соҳиби анъана мебошад. Монархияи коститутсионӣ имрӯз дар як қатор кишварҳои олам аз ҷумла, дар Британияи Кабир, Нидерландия, Норвегия, Шветсия, Монако, Люксембург, Испания, Дания ва Белгия амал менамояд. Монархияи мутлақ хусусияти ғайридемократӣ дошта, монархияи парламентарӣ принсипҳои режими демократиро фаро гирифта, дар он диктатураи қонун вуҷуд дорад. Шакли идоранамоии республикавӣ дар навбати худ ба ду навъ ҷудо мегардад: а) президентӣ; б) парламентӣ.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти сиёсӣ ба даст оварда, бунёди ҷомеаи демократиро мақсади асосии хеш қарор додааст. Таназзул ёфтани як шакли давлатдорӣ ва дар заминаи он бунёд намудани шакли дигари давлатдорӣ марҳилаи муайяни гузаришро дар худ фарогир мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист дар як муддати кӯтоҳ худро бо ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд ва аз ҷониби субъектҳои бузурги муносибатҳои байналхалқӣ аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид ва давлатҳои бузурги ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мавриди эътироф қарор бигирад.

Баъд аз истиқлолияти сиёсӣ ба даст овардан Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-ноябри соли 1994 Конститутсияи хешро қабул намуда, дар он низоми сиёсӣ ва шакли давлатдории худро муайян намудааст. Аз ҷумла, дар моддаи аввали Конститутсия чунин омадааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад».

**Адабиёт**


1. Аристотель. Политика. Соч. в 4 – х томах – М., 1983.
2. Бердяев Н.А. Государство // Властӣ ин право. Из истории русской правовой мҷсли. – Л., 1990.
3. Боден Ж. Шест книг о государстве // Антология мировой философии: в 4 т. – М., 1970. Т. 2.
4. Гегель Г.Ф.В. Философия право. – М., 1990.
5. Гоббс Т. Избранные произведения. Т. II. – М., 1964.
6. Зокиров Г.Н. Давлат. Қисми 1. Монографияи илмӣ. – Душанбе, «Истеъдод». - 2012.
7. Ленин В.И. Асарҳо, ҷ. 25
8. Маркс К., Энгельс Ф. Соч. Т. 23.
9. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе, 1998.
10. Платон. Диалоги. – М., 2009.
11. Сафаров Б.С. Сарварӣ дар системаи мудирияти давлат. Маҷалаи илмию сиёсии Акдемияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - 2022/№1 (55). – 335с.
12. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций. – М., 2003.
13. Челлен Р. Государство как форма жизни / пер. Со швед. – М., 2008.
14. Цицерон М.Т. Диалоги. О государстве. О законах // О государстве, I, XXV. -М., 1966.
15. Энгельс Ф. Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат. // Маркс К., Энгелс Ф. Асарҳои мунтахаб, ҷ. II – Душанбе, 1965.
16. Якунин В.И. Формирование государственной политики в современной России: проблемҷ теории и практики. Ғ М., 2006.


## ГОСУДАРСТВО ЯВЛЯЕТСЯ ОСНОВНЫМ ЭЛЕМЕНТОМ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ ОБЩЕСТВА


**ДЖУМИШОЕВ ЗАФАРШО ДИЛОВАРШОЕВИЧ,**

кандидат политических наук, доцент
кафедры политических процессов в Республике Таджикистан
Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 939-28-10-28. E-mail: dabirjoni@bk.ru



*В данной статье рассматривается вопрос о происхождении, сущности и статусе государства в политической системе общества. В анализе данного вопроса использовались учения мыслителей Востока и Запада. Государство считается важным институтом в политической системе, его статус и роль в жизненном процессе общества весьма выдающиеся. Возникновение государства в процессе жизнедеятельности человеческого общества является объективной необходимостью, конфликт интересов усложняет отношения общества, человечество начинает нуждаться в существовании такого важного политического института.*

*Вопрос о происхождении государства считается одним из самых спорных вопросов среди мыслителей мира, часть его рассматривается как творение Бога, а часть-как продукт*

*человеческого сознания. Большинство мыслителей мира человечества приняли во внимание политический процесс и социальные возможности общества и на его основе высказали свои философские, политические и социальные мысли. Учитывая сущность и характер политического процесса и социальные возможности общества, большинство мыслителей мира в целях защиты безопасности и недопущения рисков и опасностей для личности, общества и государства.*

*Первоочередной задачей государства является обеспечение безопасности жизни человека от любых рисков и опасностей, обеспечение жизни и, наконец, защита прав и свобод, потребностей, интересов и счастья для человека. Можно сказать, что человеческий спрос создал государство, сформировал его и сохранил до сих пор и будет продолжать поддерживать его постоянство.*

***Ключевые слова:*** *государство, политическая система, политический процесс, доктрина, независимость, власть.*

## THE STATE IS THE MAIN ELEMENT OF THE POLITICAL SYSTEM OF SOCIETY

**JUMISHOEV ZAFARSHO DILOVARSHOEVICH**,
Candidate of Political Sciences, Associate Professor of the
Department of Political Processes in the Republic of Tajikistan of the
Tajikistan national University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki str.
Phone: (+992) 939-28-10-28. E-mail: dabirjoni@bk.ru

*This article examines the question of the origin, essence and status of the state in the political system of society. In the analysis of this issue, the teachings of thinkers of the East and West were used. The state is considered an important institution in the political system, its status and role in the life process of society are very outstanding. The emergence of the state in the process of human society is an objective necessity, the conflict of interests complicates the relations of society, humanity begins to need the existence of such an important political institution.*

*The question of the origin of the state is considered one of the most controversial issues among thinkers of the world, part of it is considered as a creation of God, and part-as a product of human consciousness. Most of the thinkers of the world of humanity took into account the political process and the social possibilities of society and expressed their philosophical, political and social thoughts on its basis. Taking into account the essence and nature of the political process and the social opportunities of society, most thinkers of the world in order to protect security and prevent risks and dangers for the individual, society and the state.*

*The primary task of the State is to ensure the safety of human life from any risks and dangers, to ensure life and, finally, to protect human rights and freedoms, needs, interests and happiness. It can be said that human demand created the state, formed it and has preserved it to this day and will continue to maintain its constancy.*

***Key words:*** *state, political system, political process, doctrine, independence, power.*

УДК: 327

# IMPACT OF UKRAINE SITUATION ON SRI LANKA ECONOMY

**LATHAPUDRA VIDANALAGE DILSHAN DEVAPRIYA PERERA,**
Master student, Peoples' Friendship University of Russia.
117198, Russian Federation, Moscow city, 6, Miklukho-Maklaya str.

*Conflict between Russia and Ukraine, that started on 24th February of 2022 affected not only these two countries. This article is about the consequences of this war for the economy of Sri Lanka, the country which located far from these countries. The author also tried to identify other causes of the economic recession in Sri Lanka, such as the COVID-19 pandemic. The study points to the rise in world prices for crude oil, its consequences in reducing the country's foreign exchange reserves, as well as a decrease in demand for tea from the main importer, Russia and Ukraine. This article also tried to show the possible impact of power politics decision, i.e. if the military conflict lasts a long time.*

***Key words:*** *International relations, foreign exchange crisis, export, import, crude oil, power politics, emerging tourism.*

After the start of Russia's special military operation in Ukraine, Western countries began to adopt a series of sanctions packages against Russia. Also, they began to help Ukraine in the fight against Russia, which in turn extended the duration of the war and increased the damage done to both sides. Russia, in turn, took retaliatory restrictive measures to those countries.

The consequences of these decisions were reflected not only in the economies of these countries, but also in countries far from the conflict. One of the countries economically and politically affected by the military conflict between Russia and Ukraine is Sri Lanka. Since Sri Lanka was dependent on the export and import of key goods, as well as the flow of tourists with the conflicting parties. A deeper analysis about the economic impact of this conflict is in this article.

The effect of Ukraine's invasion on Sri Lanka. Experts in international relations warn that this war will have both short- and long-term implications on Sri Lanka. How will this war influence Sri Lanka in reality? This inquiry pertains to this.

The war between Russia and Ukraine may have significant impacts on Sri Lanka, including:

> Foreign exchange crisis - the high price of crude oil may lead to increased spending in foreign exchange and potentially harm the economy.

> Impact on the export sector - with Russia and Ukraine being important markets for Sri Lanka's tea exports, a conflict may disrupt the trade and access to foreign currency.

> Increase in gold and crude oil prices - due to investor's demand for stability, the price of gold and crude oil may reach new highs.

> Impact of power politics - the involvement of China and Russia in the conflict may escalate and have power dynamics consequences for Sri Lanka.

Foreign Exchange Crisis. It is well knowledge that Sri Lanka is currently dealing with both a crisis in its foreign exchange market and a crisis in its energy sector.

Dr. Hasith Kandaudahewa, Senior Lecturer of the Department of International Relations of the University of Colombo, said that the foreign exchange crisis and the energy crisis that Sri Lanka is facing due to this war can have a big impact.

"As of today, we have an energy problem. Today, the price of a barrel of crude oil in the world market is $100. This will increase to $120 in a few days. It will increase to the highest price in history. Thus, Sri Lanka spends a large amount of foreign exchange to buy energy."[2]

Sri Lanka has reportedly taken out a loan for four hundred million dollars in order to obtain fuel stocks from India. Initially, it was anticipated that the country would obtain enough

oil stocks to last for one and a half months; however, as a result of an increase in the price of oil on the world market, it is not expected that this will be the case. However, experts say that this is the case because Sri Lanka does not have the foreign reserves that are required to obtain fuel stocks. It has been suggested that there is a circumstance in which the required quantity of oil stocks cannot be acquired.

Dr. Hasith Kandaudahewa warned that the existing fuel prices in the local market may have to be raised significantly in view of the current situation.

"This may affect the entire economic system of Sri Lanka. The central bank may not be able to bear this when we have to pay more dollars in the middle of the dollar crisis that Sri Lanka is facing." [3] he said.

The Crash of Emerging Tourism. According to figures provided by the Sri Lanka Tourism Development Authority, 73,314 tourists visited the country in December 2022. During the month of December, the nation of Russia was reported to have the largest number of tourist arrivals, with 15,681 arrivals; India was reported to have the second highest number, with 13,892 arrivals.

| Year | Number of tourists | Receipts | % of GNP | Receipts per tourist |
|---|---|---|---|---|
| 2020 | 540,000 | 1.08 bn $ | 1.3 % | 1,993 $ |
| 2019 | 2.03 m | 4.66 bn $ | 5.2 % | 2,300 $ |
| 2018 | 2.52 m | 5.61 bn $ | 5.9 % | 2,225 $ |

https://www.worlddata.info/asia/sri-lanka/tourism.php

There have been more than 6,000 tourists arriving from the United Kingdom, while more than 4,000 tourists arrive from Australia. Over three thousand tourists have arrived from the United States of America and Germany each, while over two thousand tourists have arrived from France, Canada, and the Maldives respectively. During this time period, a total of 1,312 tourists traveled all the way from Israel. [1]

Following the spread of the corona virus, the newly developing tourism industry is seeing a further decline. The same holds true for the turmoil in the currency markets. We are not receiving any dollars at this time. It's possible that fewer people will go all the way from Europe as well as Russia and Ukraine in order to visit our country. Because of the fact that this will result in a global conflict, the state of international politics is likely to be unstable for a while. The tourism industry is significantly impacted as a result of this.

Impact on Export Sector. Russia and Ukraine are the most important markets for Sri Lankan tea exports. During times of conflict, they might place a higher priority on the nation's security than on their own consumption requirements. Because of this, we will no longer have access to this method of acquiring foreign currency, both in the short term and the long term. Since Russia, Ukraine, and Europe are all potential export markets for Sri Lankan goods, we are forced to contend with this issue on their behalf as well.

The government officials of Sri Lanka and Russia have reached an agreement to raise the amount of money traded bilaterally between their countries to 700 million US dollars by the year 2020.

When former President Maithripala Sirisena traveled to Russia in 2017, the objective of 700 million dollars was established during that trip. The value of the two nations' commercial exchanges in 2019 was 373.56 million US dollars.

Russia ranks 15th among Sri Lanka's most important export markets and 17th among its most important import markets. Sri Lanka mainly exports tea to Russia, while the main import from Russia is wheat.

Impact on Gold and Crude Oil Prices. Following Russia's invasion of Ukraine, the price of a barrel of crude oil on the global market jumped to 105 dollars from its previous level of 80 dollars. After reaching a high of $105.79 a barrel, the price of Brent crude from Britain was trading at $103.45, up $6.61, or 6.8%.

The price of a barrel of US West Texas Intermediate (WTI) crude oil increased to $100.54. On the Brent and WTI markets, prices for a barrel of crude oil were at their highest after August and July 2014.

After about a year and a half, the price of gold on worldwide markets reached a new high, making it the highest price ever recorded. After Russia invaded Ukraine, investors sought the stability of gold and palladium as a safe haven investment. This led to the current situation.

The price of spot gold reached $2,070.05 per ounce, which was the highest it has been since September 2020. It then dropped to $1,926.51 per ounce.

Impact of Power Campism on Sri Lanka. This is a contentious issue from the standpoint of power dynamics, and it may easily escalate. Up to this point, China has made it clear that it agrees with Russia's conduct within the United Nations Security Council. Russia and China, the two countries who currently hold the two permanent seats on the United Nations Security Council, are on one side, while the other parties, including the United States, are on the other side.

That power camp-ism has the potential to impact Sri Lanka as well. Since we spend the most of our time negotiating with China, we are unable to comment on Russia's process. Because of the extensive connections we have with Russia. Therefore, Sri Lanka as a country is going to have to get involved in this power struggle, whether they want to or not. You will be required to deal with the repercussions. My presumption is that there will not be a great deal of criticism directed on Sri Lanka. At this time, we are leaning in favor of Russia.

According to a statement released by the Ministry of Foreign Affairs of Sri Lanka, the government of Sri Lanka is extremely worried about the recent increase in violent activity in Ukraine.

In an effort to preserve peace, security, and stability in the region, Sri Lanka has issued a plea to all relevant parties, demanding that they show the utmost caution possible and immediately cease all hostilities.

In a statement, Sri Lanka stressed how important it is for all relevant parties to make a serious effort to settle the problem via honest conversation and diplomatic negotiations.

Conclusion. The ongoing conflict in Sri Lanka is anticipated to have a number of short-term and long-term repercussions for the country, including the following:

Foreign Exchange Crisis - Sri Lanka is currently facing a crisis in its foreign exchange market and energy sector, and the war may exacerbate this. The country is spending a lot of foreign exchange to buy energy, and it may have to raise fuel prices in the local market, which may affect the entire economic system of Sri Lanka.

Decline in Tourism - The newly developing tourism industry in Sri Lanka may see a further decline due to the spread of the corona virus and the turmoil in the currency markets. This will result in fewer tourists visiting the country, which will significantly impact the tourism industry.

Impact on Export Sector - Russia and Ukraine are the most important markets for Sri Lankan tea exports, and the conflict may lead to a higher priority on the nation's security than on their consumption requirements. This may limit Sri Lanka's access to these markets, affecting its ability to acquire foreign currency.

Increase in Gold and Crude Oil Prices - The invasion of Ukraine by Russia led to an increase in the price of crude oil on the global market, and investors sought the stability of gold and palladium as a safe haven investment. This resulted in the price of gold reaching a new high.

Impact of Power Camp-ism on Sri Lanka - The issue of power dynamics may easily escalate and is a contentious issue, as China has agreed with Russia's conduct within the United Nations Security Council. This may have a significant impact on Sri Lanka.

## Literature

1. Tourist numbers increasing: Which countries visiting SL? // Newswire. URL: https://www.newswire.lk/ 05_03_
2. Sri Lanka Russia Trade Relations // Embassy of Sri Lanka in the Russian Federation. URL: http://www.srilankaembassy.ru/en/sri-lanka-russia-trade- relations
3. Sri Lanka Export Sector // World Integrated Trade Solution. URL: https: //wits. worldbank.org/CountryProfile/en/Country/LKA
4. How Ukraine's invasion affects Sri Lanka // BBC News Sinhala. URL: https://www.bbc.com/sinhala
5. Gold Prices // Trading Economics. URL:
6. https://tradingeconomics.com/commodity/gold

## ТАЪСИРИ ВАЗЪИЯТИ УКРАИНА БА ИҚТИСОДИЁТИ ШРИ-ЛАНКА

**ЛАТХАПУДРА ВИДАНАЛАГЕ ДИЛШАН ДЕВАПРИЯ ПЕРЕРА,**
магистранти Донишгоҳи дӯстии халқҳои Русия.
117198, Федератсияи Россия, шаҳри Москва, кӯчаи Миклухо Маклай 6.

*Муноқиша миёни Русия ва Украина, ки 24 феврали соли 2022 оғоз шуда буд, на танҳо ба ин ду кишвар таъсир расонд. Ин мақола дар бораи паёмадҳои ин ҷанг барои иқтисоди Шри-Ланка, кишваре, ки аз ин кишварҳо дур ҷойгир аст, мебошад. Муаллиф инчунин кӯшиш кардааст, ки сабабҳои дигари таназзули иқтисодӣ дар Шри-Ланка, ба монанди пандемияи COVID-19-ро муайян кунад. Дар мақола ба болоравии қимати нафти хом дар ҷаҳон, паёмадҳои он дар коҳиши захираи асъори кишвар ва ҳамчунин коҳиши тақозо ба чой аз кишварҳои воридкунандаи аслӣ, яъне Русия ва Украина ишора шудааст. Дар ин мақола инчунин кӯшиш шудааст, ки таъсири эҳтимолии тасмими сиёсати қудратро нишон диҳад, яъне агар муноқишаи низомӣ тӯлонӣ давом кунад.*

***Калидвожаҳо:*** *муносибатҳои байналмилалӣ, бӯҳронӣ асъорӣ, содирот, воридот, нафти коркарднашуда, сиёсати қувва, сайёҳии рушдкунанда.*

## ВЛИЯНИЕ СИТУАЦИИ В УКРАИНЕ НА ЭКОНОМИКУ ШРИ-ЛАНКИ

**ЛАТХАПУДРА ВИДАНАЛАГЕ ДИЛШАН ДЕВАПРИЯ ПЕРЕРА,**
магистрант, Российский университет дружбы народов
117198, Россиёская Федерация, г. Москва, ул. Миклухо-Маклая, 6.

*Конфликт между Россией и Украиной, начавшийся 24 февраля 2022 года, затронул не только эти две страны. Эта статья о последствиях этой войны для экономики Шри-Ланки, страны, которая находится далеко от этих стран. Автор также попытался выявить другие причины экономического спада в Шри-Ланке, такие как пандемия COVID-19. В исследовании указывается на рост мировых цен на сырую нефть, его последствия в виде сокращения*

*золотовалютных резервов страны, а также снижение спроса на чай со стороны основного импортера, России и Украины. В этой статье также была предпринята попытка показать возможное влияние силового политического решения, т.е. если военный конфликт будет длиться долго.*

***Ключевые слова:*** *международные отношения, валютный кризис, экспорт, импорт, сырая нефть, силовая политика, развивающийся туризм.*

УДК: 327

# ПУТИ СОХРАНЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ В ЭПОХУ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

**ХАНОВА ГУЛШИРИН КАКАЕВНА,**
преподаватель кафедры общественных наук
Академии государственной службы при Президенте Туркменистана.
744027, Туркменистан, Ашхабад, проспект Героя Туркменистана Атамырата Ниязова, 112.
Тел.: (+993) 61-74-84-84. E-mail:gulshirinhanova@gmail.com.

*Сегодня, когда мир переживает колоссальную глобализацию, культура наций находится под угрозой наряду с экономикой и политикой. Борьба с этим явлением, пагубно влияющим на воспитание, разум, восприятие и мировоззрение поколений, является одной из самых актуальных проблем современности. Лишение национальных духовных корней, понижение любви к духовным ценностям нации до очень низкого уровня или полное ее устранение составляют основу феномена глобализации.*

***Ключевые слова.*** *Гурбангулы Бердымухамедов «Культура – душа народа»; стремительное развитие нашего нынешнего общества; в лишении национальных духовных корней существует одно различие, и это заключается в том, кто-то вводит новшества; кто-то адаптирует появляющиеся инновации медленно или быстро.*

Человек воспитывается обществом. Без общества человек не может развиваться как личность. Развитие общества зависит от совершенствования сознания каждого человека, а развитое общество взращивает совершенных личностей. Стремительное развитие нашего нынешнего общества позволяет нам приблизиться к явлениям (природным, бытовым), считавшимся невозможными или странными во времена наших предков, которые раньше не мог принять наш национальный менталитет. Такая идея связана не только с развитием государства, нации, народа, но и с развитием общества в целом. Это верно во всех сферах - науке, образовании, культуре и политике. В общем, человечество всегда прогрессирует. Одно различие заключается в том, кто-то вводит новшества, а кто-то адаптирует появляющиеся инновации медленно или быстро, в зависимости от их способностей и возможностей.

Если вы обратите внимание, все страны, которые признали себя суверенными государствами и имеют высокую репутацию во всем мире, стремятся установить культурные связи друг с другом. Потому что культура – это мост, который сближает людей духовно. В результате обмена культурами возрастает духовное совершенство того или иного народа. Музыкальные шедевры, путешествующие по миру без границ, произведения искусства, не требующие перевода, произведения искусства, привлекающие к себе публику, независимо от того, к какому народу они принадлежат, ценятся во всем мире. В самом деле, хотя интеллект и понимание даны каждому человеку в отдельности, общее значение, придаваемое интеллектуальному уровню каждого его гражданина, служит главным определяющим фактором становления нации как нации и признания себя в мире.

Нация – это общность людей, сформированная на основе единства территории, традиций, образа жизни, языка, культуры и некоторых черт национальных особенностей. В основе национальных особенностей каждой нации лежат обычаи, традиции, религиозные верования и обычаи народа, составляющего ее большинство. Но сложная задача – сохранить чистоту и не потерять «голову» развивающейся и меняющейся нации, которая формируется и совершенствуется из поколения в поколение. В век современных технологий эта задача усложнилась. Из-за появления различных новых привычек, доступных всем везде и всегда, и стремления людей жить

легче, создается впечатление, что электроника пытается подавить человеческие эмоции. Одной из угроз принципам национальности является опасность принятия поколениями иных, более простых в соблюдении обязательств, поверхностных обычаев.

Сегодня, когда мир переживает колоссальную глобализацию, культура наций находится под угрозой наряду с экономикой и политикой. Борьба с этим явлением, пагубно влияющим на воспитание, разум, восприятие и мировоззрение поколений, является одной из самых актуальных проблем современности. Лишение национальных духовных корней, понижение любви к духовным ценностям нации до очень низкого уровня или полное ее устранение составляют основу феномена глобализации. Происхождение этого явления начинается как экономическое явление. Именно поэтому задача защиты от потрясений глобализации становится все более актуальным явлением.

В уникальности человеческого разума интерес к необычным вещам всегда на высоком уровне. Показывать молодежи, составляющей основную часть общества, пример неправильный или совершенно несовместимый с прежней национальной культурой, угрожает менталитету народа. Нравится нам это или нет, но многие из нашей молодежи действительно хотят идентифицировать себя с «передовой» культурой, вернее, с современностью. Традиция носить белое платье на свадьбе и приходить на церемонию бракосочетания под музыку Мендольсона, которая прочно вошла в нашу жизнь, также является традицией, привнесенной в результате глобализации. Снижение того или иного подобного явления в нашей жизни в настоящее время рассматривается на уровне государственной политики. Потому что эти воздействия, проявляющиеся в повседневной жизни молодых поколений, приводят к изменению их духовно-нравственного мира, отношения к нравственным нормам и ценностям. Это тревожная ситуация для людей, которые полагаются на свои национальные корни и передают свои обычаи и традиции из поколения в поколение как духовное богатство.

С этой точки зрения в нашей стране Туркменистан, ставшей сегодня центром внимания всего мира под мудрым руководством нашего Президента Туркменистана, нашего Аркадаглы Сердара, Председателя Халк Маслахаты Туркменистана, Национального лидера туркменского народа, нашего Героя Аркадага ведется образцовая работа по сохранению и развитию устоев предков, национальные обычаи, традиции и доведение их до сознания подрастающего поколения. Потому что, превратив поговорку «без старого нет нового» в постоянную школу своей жизни, туркменский народ стал обладателем многоцветного духовного наследия, которое возделывалось веками. Как призывал поэт: «Пусть твоя рукоделие, мое языковое мастерство, будет примером от народа к народу», наше духовное сокровище, которое передавалось из языка в язык, от учителя к ученику и передавалось как пример от людей к народа, ведя свое культурное наследие от эпохи Огуз-хана. Многим, наверное, известно, что материальная культура есть прежде всего продукт духовной культуры, формирующейся в сознании человека. Очень ответственно говорить о духовном богатстве нашего народа, который смог дать мировой цивилизации города и государства, отличающиеся своей высокоразвитой культурой, такие как Древняя Ниса, Куня-Ургенч, Мерв, Абыверт, Алтындепе, Гонурдепе, Джейтун. Вот почему в мечтах нашего народа живет надежда собрать и объединить все идеи, научные взгляды, определения и сведения о туркменской культуре и по сей день. Наш Герой Аркадаг, считающий понятия милосердия, щедрости и великодушия высшим уровнем человечества, способствует обогащению духовного мира нашего народа своими произведениями, достойными этого высокого уровня. В качестве примера можно привести труды нашего Уважаемого Гурбангулы Бердымухамедова «Культура – душа народа» [2014], «Туркменская культура» [2015],

«Бахши – предвестники народного счастья» [2015] не только для развития туркменской культуры, но и для любителей культуры и культурологов всего мира, она стала большим подарком ученым. Это духовное богатство характеризуется не только как дар, но и как образец наших национальных туркменских воззрений, что является самой актуальной проблемой современного мира. Хотим подчеркнуть, что во времена Президенства наш Герой Аркадаг уделял особое внимание сохранению, изучению, совершенствованию и передаче грядущим поколениям нашего национального культурного наследия и исторических корней. Наш Герой Аркадаг словами «В Мерве и других древних городах сформировалось поколение личностей, внесших свой вклад в мировую науку, образование и культуру. Мечты, заложенные в то время в области физики, математики, медицины, астрономии, литературы и искусства, не утратили своей актуальности и сегодня. Бируни, Фараби, Хорезми, Улугбек, Омар Хайям, Абу Али ибн Сина и другие – личности того времени [2.4] на сегодняшний день уделяет особое внимание защите, изучению и передаче богатых духовных и нравственных ресурсов наших личностей, ставших ярчайшими звездами восточного неба. Проблема культуры, которая в разное историческое время находилась в центре внимания выдающихся мыслителей, философов, писателей и поэтов, в настоящее время приобрела особую актуальность. В наши дни роль и место культуры в цивилизации, в организации общества по-новому, в познании и укреплении демократических и гуманистических основ общества еще более возросли. Обретение независимости страны с возрастающей ролью связано с решением важных экономических, политических, социально-духовно-культурных проблем туркменского общества. Стратегическое направление независимого Туркменистана состоит в проведении социально-экономических реформ, сохранении целостности и единства страны, вхождении в ряды развитых стран. Наш Герой Аркадаг упоминает об этом: “Много можно сказать о праздниках и традициях нашего народа, впитавшихся в национальное начало и восходящих к истокам древних верований. Они участвуют в формировании духовно-нравственной школы нашего народа. На мой взгляд, они заслуживают специального и глубокого изучения” [2.404].

Один из наших наставников вспоминал, что в годы обретения нашей страной своей независимости европейский ученый, приехавший на выставку в рамках культурного визита с одного из европейских стран, в течение нескольких часов не мог оставить ковра, являющегося изобразительным искусством туркменского народа. Он представитель передовой интеллигенции, житель очень продвинутого в науке региона, вроде Европы, и любуясь ковром сотканной наших матерей, живущих в отдаленном районе страны сказал: «Как вам повезло, у вас такие мудрые люди! Мы, европейцы, в погоне за технологиями и инновациями забыли о своих национальных аспектах. Даже нашу национальную одежду наши потомки считают чем-то необыкновенным. А вы... как гордо показываете миру свою национальность. Я очень завидую Вам!”. Ученый прав, и мы этому очень рады! Потому что наш народ тысячелетиями сохранял свою национальность. Укореняя эту истину, эту гордость, этот высокий статус в сознании поколений, мы можем бороться с явлением, называемым генерализацией культур. Потому что это средство сохранения духовных ценностей и норм культуры, фольклора, культурно-исторических памятников, нравственных норм, средство обмена смысловой силой людей между прошлыми и нынешними поколениями, сближение народов мира друг другу, способствуя лучшему знакомству друг с другом, выступая уполномоченным представителем добрососедских отношений, единства и мира во всем мире, подтверждает его большое значение и уважение в обществе. Национальный Лидер туркменского народа, Герой Аркадаг сказал: «Мой народ наделен духовным и

материальным богатством, как океан. Давайте преуспеем в строительстве фундамента его будущего процветания! [3.24]. Пусть его мудрые и мечтательные слова станут спутником каждого народа, заботящегося о защите своей национальной души!

**Литература**


1. Гурбангулы Бердымухамедов. «Смысл моей жизни». - Ашхабад. Туркменская государственная издательская служба, 2022. (стр. 407).
2. Гурбангулы Бердымухамедов. «Государство для человека» - Ашхабад. Туркменская государственная издательская служба, Ашхабад, 2014. (стр. 46).
3. Гурбангулы Бердымухамедов. «Духовный мир туркмен». - Ашхабад. Туркменская государственная издательская служба, 2020. (стр. 327).


## РОҲҲОИ НИГОҲ ДОШТАНИ ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМОНИ ҶАҲОНИШАВӢ


**ҲАНОВА ГУЛШИРИН КАКАЕВНА,**
муаллими кафедраи илмҳои ҷамъиятии
Академияи хизмати давлатии назди Президенти Туркманистон.
744027, Туркманистон, Ашқобод, хиёбони Қаҳрамони Туркманистон Отамурод Ниёзов, 112.
Тел.: (+993) 61-74-84-84. E-mail:gulshirinhanova@gmail.com.



*Имрӯз, ки ҷаҳонро падидаи навзуҳурёфтаи ҷаҳонишавӣ фаро гирифтааст, урфу одат ва фарҳанги миллатҳо дар баробари иқтисоду сиёсат ва тиҷорат зери хатари азим қарор гирифтаанд. Мубориза ба муқобили падидаи мазкур, ки ба тарбия, шуур, идрок ва ҷаҳонбинии наслҳо таъсири манфӣ мерасонад, яке аз мушкилоти муҳимтарини замони мо мебошад. Суст гардидани решаҳои маънавиёти миллат, ба сатҳи хеле паст поин рафтани муҳаббати аҳолӣ нисбат ба арзишҳои маънавӣ ва ё пурра аз байн рафтани он заминаи падидаи ҷаҳонишавиро ташкил медиҳад.*



***Калидвожаҳо:*** *маънавиёт, фарҳанг, Гурбонгули Бердимуҳаммедов, “Фарҳанг-руҳи миллат”, инкишофи ғайриоддии ҷомеаи муосири мо, решаҳои динии миллӣ, навгониҳо, инноватсия.*


## WAYS TO PRESERVE THE NATIONAL CULTURE IN THE AGE OF GLOBALIZATION


**HANOWA GULSHIRIN KAKAYEVNA,**
Lecturer of the Department of Social Sciences of the
Academy of Civil Service under the President of Turkmenistan.
744027, Turkmenistan, Ashgabat, 112 Hero of Turkmenistan Atamurat Niyazov Ave.
Phone: (+993) 61-74-84-84. E-mail:gulshirinhanova@gmail.com.



*Today, when the world experiences a tremendous globalization, culture of nations is under threat with economics and politics. Fighting this phenomenon harmfully affects to upbringing, mind, perception and world vision of generations and this issue is one of the vital issues of modernity. Deprivation of spiritual roots, reduction of love to the spiritual values of nation to a very low level or full elimination of the basis of phenomenon globalization.*



***Key words.*** *Gurbanguly Berdimuhamedov, “Culture – is the soul of people”; rapid development of our current society; in deprivation of national spiritual roots there is a distinction and it concludes that someone introduces innovations; someone adapts emerging innovations slowly or rapidly.*

УДК: 321.01

# ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА МУДИРИЯТИ САРҲАД

**МУЗАФФАРЗОДА ФАЗЛИДДИН,**
мудири кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 989-17-17-47. E-mail: muzafarzoda95@mail.ru
**ШАРИФЗОДА САМАНДАРИ УМЕД,**
муовини декан оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилоти
Донишгоҳи давлатии Данғара.
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара, кӯчаи Марказӣ 25.
Тел.: (+992) 888-83-88-09.

*Имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳонӣ бо дарназардошти он ҳама комёбиҳою пешравиҳояш боз ба як қатор мушкилиҳои гуногун рӯ ба рӯ гардидааст, ки онро таҳдидҳои низоми нави олам ном мебаранд. Таҳдидҳои мазкур имрӯзҳо бошиддат идома ёфта, таъсири зиёди худро бештар ба давлатҳои миллии рӯ ба инкишоф ва махсусан давлатҳои қафомонда мерасонад.*

*Муаллифон ишора менамоянд, ки омӯзиши масъалаҳои таҳдидҳои муосири ҷаҳонӣ ва таъмини амнияти миллӣ ҳамчун масъалаи актуалӣ ва рӯзмарра буда, он бояд ҳамеша дар зери омӯзиш ва диққати ҳамаҷонибаи аҳли зиё ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор гирад. Дар чунин шароит масъалаи таъмини амнияти миллӣ ва мудирияти сарҳад вазифаи авалиндараҷаи тамоми мо шаҳрвандон мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти миллӣ, глобализатсия, манфиатҳои миллӣ, истиқлолияти сиёсӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, ваҳдати миллӣ, низоми нави олам, омили фарҳангӣ, космополитизм, терроризми иттилоотӣ, мудирияти сарҳад, ватандӯстӣ, мутаҳиддӣ.*

Аз рӯзе, ки инсоният соҳибқалам гардид ва қишри иҷтимоие чун зиёӣ ба майдон омад, аксарияти онҳо ба муқобили ҷанг буданду сулҳу оромиро васф менамуданд. Агарчанде барои фазои ором, барои пешгири аз ҳама гуна зуҳуроти ҷангзо, сохторҳои қудратӣ масъул бошанд ҳам, вале ҳар як фарди ҷомеа бояд ба хотири оромии кишвараш зиракии сиёсиро аз даст надода, бар зидди арзишҳои ғайрихуддӣ мубориза барад.

Мусаллам аст, ки дар ҳар давру замон бо дарназардошти тағйирпазирии ҷаҳони муосир шахс, ҷомеа ва давлат ба амният ниёз дорад. Амният, суботу оромӣ ва осудагии зиндагист. Зери ин мафҳум имрӯзу оянда, идомаи зиндагӣ ва орзуву омоли башарият нуҳуфтааст.

Дар раванди мудирияти давлатдорӣ ва бунёди ҷомеа нақши амният, басо мубрам ва муҳим буда, дар рушди бошукуҳи ҷомеа саҳми ниҳоят аввалиндараҷаро соҳиб аст. Вожаи амниятро ҳар як шахс ба маънии хоссе дарк мекунад, аммо мафҳуми ин калима дар фарҳанги забони «тоҷикӣ  маънои осоиштагӣ, оромӣ, амонӣ, тинҷӣ, бехавфӣ»-ро ифода мекунад [4,64].

Зикр намудан ба маврид аст, ки вазъияти ҷаҳони имрӯза моро водор мекунад, ки фаъолияти самараноки тамоми сохторҳои давлатиро барои таъмини боэътимоди сулҳу субот ва амнияти кишварамон равона созем ва барои ҳар як сокини кишвар шароити арзандаи зиндагӣ ва ҳаёти осиштаро муҳайё кунем [6].

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки дар шароити ҳассоси асри ҷадид зиракии сиёсӣ ва мафкураи патриотии мо ҷавонон мудирияти сарҳад ва амнияту осоиштагии мо хоҳад буд. Мо ба таъмини амният, сулҳу субот, ҳифзи якпорчагии сарзамини аҷдодӣ, ки яке аз рукнҳои асосии сиёсати давлати Тоҷикистон мебошад, аҳамияти ҷиддӣ медиҳем [11,360]. Бояд гуфт, ки маҳз бо шарофати таъмини амнияти давлатӣ мо метавонем, ба

дастовардҳои гуногун ва муҳимми давлатӣ аз ҷумлаи ҳифзи амнмяти миллӣ ва мудирияти сарҳад сазовор шавем.

Бояд қайд намуд, ки барои нигоҳдории фазои солими ҷомеа, тинҷию оромии мамлакат ва осудаҳолии мардум ҳар як шаҳрванд ва сокини кишвар саҳмгузор аст. Амният, ин пеш аз ҳама арзиш аст, арзиши инсон, арзиши ҷомеа ва давлат. Аз ин хотир бояд гуфт, ки вазъияте, ки дар он хавфу хатар эҳсос намегардад, амният ном дорад. Амният ҳолати устувори шароити мусоид ва беҳтар намудани шароити зиндагии арзанда мебошад. Амният кафили рушди инсоният буда, аз ин хотир он дар ҳаёти инсон нақши асосӣ дорад. Манфиатҳои миллӣ дарки муҳиммияти ҳифзи бақо ва таъмини рушду инкишофи устувор, нигоҳдошти ягонагӣ ва симои фарҳангию таърихии худ, таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат ва ниҳоятан таъмини устувории ҷомеа мебошад [10,82].

Амният кафили устувории ҷомеаи солим ва ояндаи дурахшони ҳар халқу миллат ба ҳисоб рафта, дар таърихи давлатдории кишвар нақши басо муҳим мебозад. Масалан, он метавонад ба рушди мудирияти сарҳад ва ояндаи солими ҷомеа умед бахшад, дар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, махсусан, соҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, соҳаи сиёсат ва дигар соҳаҳои ҷамъиятӣ самараи некро ба вуҷуд оварад. Амният метавонад дасту дилу нияти поки инсонро ба ояндаи дурахшон ва ояндаи нек умед бахшад.

Амният ин мафҳуме мебошад, ки дар муносибат бо ҳамаи мавҷудоти зинда алоқамандӣ дорад. Амният дар бисёри адабиёти илмӣ ва махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», чунин шаҳр дода шудааст:- «Амният ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳими шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад. Манфиатҳои ҳайётан муҳим мавқеи эҳтиёҷотест, ки қонеъгардонии онҳо мавҷудият ва имконияти рушди тамоми шахс, ҷомеа ва давлатро таъмин мекунад».[3] Манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат дар таҳияи давлатдорӣ нақши калидӣ дошта, дигар навъҳои он аз ин маншаъ мегиранд.

Аз ин хотир бояд гуфт, ки воҳидҳои марзию маъмурии давлат ҳамчун манфиатҳои ҳаётан муҳимми миллӣ ба ҳисоб меравад, ки таҳкими ин навъи манфиатҳои миллӣ яъне ҳифзи мудирияти сарҳад натанҳо вазифаи сарбозону афсарон ва дигар мақомотҳои қудратӣ, балки яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, зеро мо дар як шароити ҳассосу тағйирёбанда қарор дорем, ки ҳамарӯза воқеаҳои сиёсӣ ба худ тобиши нав пайдо менамояд. Ҳар як кишвар кӯшиш дорад, ки дар ин вазъият бо тамоми қувваи зеҳниву иқтидори иқтисодиаш баҳри ҳимояи амнияти миллӣ, манфиати миллӣ, таъмини бехатарии миллӣ, таъмини озуқаворӣ миллӣ, таъмини ҳуқуқӣ шаҳрвандон, таъмини саломатии мардум, таъмини беҳбудии ҳаёти солими зиндагӣ ва амсоли инҳо талош намояд. Аз ҳама муҳим агар дар ҷомеа ва дар давлат таъмини суботи сиёсӣ ҷой надошта бошад, дигар манфиатҳои зикргардида ба даст оварданаш аз назари воқеъбинона дур мебошад.

Сиёсатшиноси тоҷик С.С.Ятимов дар осори хеш «илм ва амният» чунин мешуморад, ки «Вазъи имрӯзаи олам дар минтақа мураккаб аст, аз ин хотир масъалаи аслӣ – таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва худи давлат мебошад, ки дар маркази баҳс масъалаи ҳифзи сулҳу субот ва амният меистад. Ин мавзӯи дараҷаи аввал маҳсуб мешавад. Ҳар нафаре, ки қудрати фикри солимро дорад, намехоҳад чеҳра ба гиря бишуяд ва оҳанги рақс аз оҳу нола биҷӯяд» [12,8.]. Имрӯзҳо дар шароити пурихтилофи асри муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи сиёсати давлатӣ ва таҳкими мудирияти сарҳад муносибатҳои дипломатии худро бо давлатҳои ҳамҷавор, минтақа ва ҷаҳон дар асоси сиёсати дарҳои боз ва сиёсати инсонпарваронаю хирадмандона ба роҳ мондааст.

Маврид ба ёдоварист, ки ҷаҳони муосир пур аз ҳолатҳои тааҷҷубовар ва таҳдидҳои пай дар пай мебошад, ки он дар раванди мудирияти сарҳад басо мушкилиҳои гаронеро ба бор меоварад. Аз ин хотир, дар шароити кунунӣ ва дар Тоҷикистони соҳибистиқлол моро зарур меояд, ки махсусиятҳои олами атрофро ба инобат гирифта, дар муқовимат бо ҳар гуна хавфу хатар ва таҳдидҳои минтақавию глобалии ҷаҳони муосир истодагарӣ намоем. Барои ин пеш аз ҳама мо бояд шоҳсутуни давлатдорӣ ва устувории амнияти солимро дар ҷомеа мустаҳкам созем. Амният кафили устувории рушди босубот дар ҳамаи самтҳои ҷомеа мебошад. Маҳз он имконият медиҳад, ки умед ба фардои дурахшон ва умеду ормонҳои мардум озодона ва ихтиёрона дар ҷомеа амалӣ гардад.

Махсусан бояд қайд намуд, ки дар шароити муосири вазъи геополитикии ҷаҳонӣ баҳри таҳкими ваҳдату ягонагӣ, оромию осудагӣ, таъмини амнияти миллӣ ва мудирияти сарҳад муҳимтарин омил ин омили патриотизм (ватадӯсти) мебошад. Албатта барои давлатҳои миллӣ дар шароити муосир аз вазифаи ташаккули патриотизм дида, вазифаи муҳимтаре нест. Зеро яке аз роҳҳои асосӣ ва муҳимтарини посдории арзишҳои миллӣ дар шароити муосир ин мавҷудияти патриотизм ва баланд бардоштани бақои он мебошад. Маълум аст, ки имрӯз ҷаҳонӣ муосир бо равандҳои гуногуни муосири хеш ҳар лаҳза симои худро гуногун намуда истодааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯзҳо шидатёбии глобаликунонии сайёра ва рандҳои муосири сиёсии он, таҳдиди муҳимеро баҳри арзишҳо ва хусусан манфиатҳои давлатҳои миллӣ оварда истодааст.

Бо дарназардошти равандҳои мазкур зарурат ба он пеш меояд, ки чораҳои пурзур намудани муқовимат бар зидди ин навъи равандҳои хатарзо аз ҷониби давлатҳои миллӣ пешгирӣ карда шавад. Зеро таҳдидҳои муосир мафкураи миллиро аз байн бурда, дар самти инкишофи давлатҳои миллӣ монеаи бузург мебошад. Чун ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ тарзе намудор аст, ки ҳар лаҳза хатари бавуҷудоии низоми нави ҷаҳониро имконпазир мегардонад. Муҳандисони низоми нави ҷаҳонӣ бар он кӯшиш менамоянд, ки олами муосирро дар доираи арзишҳои худ сохта, давлатҳои миллиро баҳри ҳимоя ва рушди ҳадафҳои стратегии худ қурбон намоянд.

Бояд гуфт, ки сиёсатшиноси тоҷик Зокиров Г.Н. доир ба масъалаи низоми сиёсии олам ва шаклгирии давлати муосир чунин андеша менамояд, ки “Дар қатори масъалаҳои асосии олами глобалӣ ҷойи хосаро тадриҷан гум шудани ахлоқи ҳамидаи одамият (гуманизм) ишғол менамояд. Одамон бештар ба тарафҳои моддии масъалаҳо таваҷҷуҳ менамоянд. Аз инҷост, ки афзалият ёфтани арзишҳои худбинона бузургтарин хатари пешомади олам аст” [2,32].

Метавон гуфт, ки космополитизм, ки яке аз таълимотҳои муосири сиёсиест, ки баҳри ба вуҷуд омадани низоми нави ҷаҳонӣ шароит фароҳам меорад, таҳдиди муҳимест баҳри мудирияти сарҳад ва ҳимояи манофеи миллии давлатҳои рӯ ба инкишоф, аз ин хотир барои коҳиш додани мафкураи ҳар гуна хавфу хатарҳо дар ҷомеаи Тоҷикистон моро зарур аст, ки масъалаи патриотизми миллиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчи баланд бардорем. Патриотизм ҳамчун арзиши миллӣ бар зидди ҳама навъи таҳдидҳои муосир буда, муҳаббат ба Ватан ва арзишҳои миллиро устувортар мегардонад.

**Патриотизм** – ин як принсипи ахлоқию сиёсӣ, эҳсоси иҷтимоӣ ва муносибати махсусе мебошад, ки мундариҷаи онро муҳаббат ва садоқат ба Ватан, фарҳанг, забон ва табиати Ватан ташкил медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки барои бедор намудани ҳисси патриотизм дар вуҷуди миллат нақши муҳимро мураббиён ишғол менамоянд. Мураббиён бояд, ки ватандӯсти самимӣ ва боваринок бошад ва қодир бошад, ки муҳаббат ба Ватанро таблиғ намуда, бо амалҳои

худ, ки пур аз нерӯ ва садоқат аст, дар вуҷуди наврасону ҷавонон мафкураи патриотизмро бедор намоянд.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷуҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳои худ қайд менамоянд: «Муаллимон ҳаққи хато карданро надоранд, зеро дар тарбияи маънавии инсон нақши муҳим бозида, ояндаи давлату ҷомеа аз онҳо умеди калон дорад». Бояд гуфт, ки устодону омӯзгорон дар тарбияи насли наврас нақши муассир дошта, дар вуҷуди ҷавонон ҳувияти миллӣ, содиқ будан ба давлат ва ифтихор доштан аз ватану миллатро ба вуҷуд меоранд, ки ин амал метавонад, патриотизми миллиро дар ҷомеа рӯшд диҳад. Инро набояд сарфи назар кард, ки дар тафаккури наврасону ҷавонон ҷой намудани андешаҳои мусбӣ, патриотизми миллӣ ва пайваста хотиррасон кардани ғамхориҳои роҳбари давлат дар соҳаи ҷавонон, эҳтиром доштан ба муқаддасоти миллии худ ва монанди инҳо вазифаи муқаддаси муаллимону омӯзгорон, волидайн, роҳбарият ва дигар шахсони мутасаддӣ ба ҳисоб меравад. Чунки ватандӯсти ин омили меҳварии коҳиши мафкураи космополитизм ва дигар муқовиматҳои низоми сиёсии олам мебошад.

Чуноне ки академик Д.С. Лихачёв навиштааст: «Ватандӯсти эҳсоси олитарин аст. Ин ҳатто ҳиссиёт нест - ин ҷанбаи муҳимтарини ҳам фарҳанги шахсӣ ва ҳам иҷтимоию рӯҳӣ аст». Маълум аст, ки ин мулоҳизаҳо танҳо як риштаи маъмулӣ, идорие мебошанд, ки онҳоро ҳар як мураббӣ таҳия ва илова менамояд. Ғояи ватандӯстӣ бо муносибати эҳтиромона ба ватани худ алоқаманд аст. Ҳисси муҳаббат ба Ватан на танҳо ифтихор, балки раҳмдил, меҳрубон низ мебошад, ки тарбияи ватандӯстиро бузург мегардонад.

Тарбияи ватандӯстӣ фаъолияти муназзам ва мақсаднокест, ки ба ташаккули шуури баланди ватандӯстии шаҳрвандон, ҳисси садоқат ба Ватани худ, омодагӣ ба иҷрои вазифаи шаҳрвандӣ ва ӯҳдадориҳои конститутсионии худ оид ба ҳифзи манфиатҳои Ватан нигаронида шудааст. Тарбияи ватандӯстӣ ба ташаккули шахсе равона шудааст, ки дорои сифатҳои шаҳрванди ватандӯст буда, он қодир аст, ки вазифаҳои шаҳрвандиро дар шароити сулҳ ва замони ҷанг бомуваффақият иҷро кунад.

Бояд ишора намуд, ки хатарҳои ҷаҳонӣ пароканадагии иқтисодӣ, тафриқаи иҷтимоии ҷомеа ва беқурбшавии сарватҳои маънавиро ба шуури ҷамъиятии дар байни гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолии кишвар ба миён оварда, таъсири тарбияи фарҳангӣ ва маънавиро ҳамчун омилҳои муҳимтарини ташаккули ватандӯстӣ якбора коҳиш медиҳад. Аз ин хотир имрӯз зарурат пеш омадааст, ки барои коҳиш додани хатарҳои ҷаҳонӣ ва баланд бардоштани сарватҳои миллии маънавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон партриотизми миллиро баланд бардорем.

Патриотизм, ифтихорро аз дастовардҳо ва фарҳанги ватани худ, хоҳиши ҳифзи хусусиятҳои фарҳангии он ва худшиносӣ (таҷрибаи махсуси эҳсосии мансубият ба кишвар ва шаҳрвандӣ, забон, анъанаҳо) бо дигар намояндагони халқи худ, хоҳиши ҳимояи манфиатҳои Ватан ва шахсро пешбинӣ мекунад [8]. Ҳамчунин бояд гуфт, ки патриотизм ҳуввияти миллӣ, садоқатмандӣ ва эҳсоси миллиро дар шароити бавуҷудоии низоми сиёсии олам пурзур гардонида, ба муқобили равандҳои муосири сиёсии бавуҷудомада, ки ҳадафҳои нопокро ба вуҷуд овардан мехоҳад, истодагарӣ менамояд. Ҳамчунин бояд зикр намуд, ки яке аз чунин равандҳои муосири сиёсӣ ин космополитизм мебошад.

Космополитизм ҳамчун таҳдиди ҷаҳонӣ ватандӯстро аз лиҳози одоби универсалистӣ рад менамояд ва чунин мешуморад, ки инсон алоқамандии ахлоқӣ бо тамоми инсоният бидуни истисно ба андозаи баробар вобаста аст [1]. Муҳандисони ин соҳа бо таҷдиди афкори космополитикии хеш дар давлатҳои миллӣ мафкураи космополитикиро ба вуҷуд овардан мехоҳанд ва бо ин роҳ сарватҳои маънавии

инсонҳоро мағзшӯӣ намуда, мавҷудияти патриотизми миллиро коҳиш медиҳанд, ки ин хатари басо муҳимест барои давлатҳои миллӣ. Зеро ин амалҳо нишонаҳои бавуҷудоии низоми нави ҷаҳонӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки донишманд О. Уайлд эҳсоси ватандӯстиро чунини ишора менамояд: «Ватандӯстӣ маънои танҳо муҳаббат ба Ватанро надорад, ин хеле бештар аст. Ватандӯстӣ ин шуурнокии ҷудонашаванда аз Ватан ва таҷрибаи ҷудонашавандаи рӯзҳои некию бадии инсон аст».

Барои баланд бардоштани маърифати патриотизм дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон ба масъалаи ҳувияти миллӣ таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намуд. Аз ин хотир зарурат ба он пеш меояд, ки омӯзиши масъалаи ҳувияти миллӣ дар мадди назар қарор гирад. Ҳувияти миллӣ омилҳои муҳими давлатдорӣ ва унсури зарурии таъмини ваҳдати миллӣ ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки ҳувияти миллӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккули патриотизми миллӣ буда, он меҳвари муҳими амалишавии бедории миллӣ баромад менамояд.

Дар фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ мафҳуми калимаи ҳуввият ба шакли зерин тафсир карда шудааст. Ҳуввият калимаи арабӣ буда, маънии моҳияти шахсият маънидод карда шудааст. Аз ин хотир андеша намудан ба маврид аст, ки ҳуввият метавонад дарбаргирандаи ҳудшиносии шахсият бошад.

Ҳуввияти миллӣ ин худшиносӣ, бедорӣ ва арзишҳои муҳимтарини қавму миллат аст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҳуввияти миллии мо арзи сипос дошта, басо талоши пайгиронаро амалӣ менамояд, то меҳанпараст бишавем ва барои ин ҳатто арзишмандтарин китобҳоро ба миён овардаанд, ки «Аз Пешдодиён то Сомониён» ва «Чеҳраҳои мондагор» намунаи барҷастаи онҳо мебошад.

Ин миллат бисёр чизҳои омӯхтанӣ дошта, бегонагогонро шефта гардонидааст. Масалан яке аз бузургтарин академикҳои олам В.Н.Иванович хулосагирӣ кардааст: “Тоҷикон аз ҳама зиёд симои ориёна ва ахлоқи орифонаро ҳифз кардаанд ва мардуми хайрхоҳу меҳрубон ва меҳмоннавозанд” [5]. Фарҳангу тамаддуни миллати тоҷикро муҳаққиқони бурунмарзӣ низ эътироф намуда, ба он таҳсину арҷгузорӣ менамоянд. Тавре, ки сиёсатшиноси тоҷик Зокиров Г.Н менависад: «Хушбахтарин миллат ҳамонест, ки фарзандонаш ғами ӯро меҳӯрад». Воқеан ҳам ин гуфтаҳо арзиши баланд дошта, барои тафаккури насли солими кишвар чун гавҳари бебаҳо донистан мумкин аст. Ин гуфтаҳо ба монанди қутбнамо буда, ҷавонон метавонанд, тавассути он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бо нерӯи ақлии худ назар намуда, ояндаи неки онро таъмин намоянд.

Чуноне, ки аз суханҳои ҳикматомези Президенти кишвар бар меояд: “Бояд ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ дарки моҳияти давлатдории миллӣ бо тамоми рамзҳояш ҳанӯз бо шири модар дар ҷону хиради ҳар як фард маъво гирад ва аз насл ба насл гузарад” [9,81].

Бояд зикр намуд, ки муҳимтарин мундариҷаи ватандӯстиро муҳаббат ба Ватан, садоқат ба арзишҳои он, ифтихор аз гузашта ва имрӯза , хоҳиши ҳимояи манфиатҳои Ватан ва муҳимтарин ҷанбаи онро, ин эътимод ба зарурати ҳимояи ҳамаҷонибаи манфиатҳои миллӣ ташкил менамояд. Дар заминаи пос доштани чунин арзишҳо мо метавонем патриотизми миллиро ҳамчун арзиши гаронбаҳои миллӣ қарор дода, бо ин васила метавонем, мафкураи космополитикиро дар раванди низоми нави ҷаҳонӣ коҳиш диҳем.

**Адабиёт**

1. Гуманитарный ежегодник Архивная копия от 27 сентября 2007 на Wayйack Machine (недоступная ссылка) Проверено 21 июля 2014.

2. Зокиров Г.Н. Давлати тавано. (Масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ). Душанбе, 2018.- С. 32. 60 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амният (Ахбори Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, мод. 434; соли 2014, №11, мод. 646 .)
4. Шукуров М. Ш., Капранов В.А., Ҳошим Р., Маъсумӣ Н. А. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилдӣ I. – Масква 1963. 920 с.
5. Ориён Ш. Мароми пойтахт 13 – уми январи соли 2021. №2.
6. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 23.01.2015 12:37, шаҳри Душанбе. http://www.president.tj
7. Патриотизм https://ru.wikiquote.org/wiki/
8. Патриотизм / М. М. Скибицкий // Отоми - Пластырь. - М. : Советская энциклопедия, 1975. - (Большая советская энциклопедия : [в 30 т.] / гл. ред. А. М. Прохоров; 1969-1978, т. 19).
9. Саидзода З.Ш. Суханҳои ҳикматомӯзӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосгӯзорӣ сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душаебе 2019. – 410 с.
10. Сафарализода Х.Қ.. Баъзе хусусиятҳои таъмини амнияти миллӣ дар замони муосир. / Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон. Қисми VI - Душанбе, 2018. - С. 82-91
11. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол.- Душанбе: «Ганҷ нашриёт», 2018. – 460 с.
12. Ятимов С. Илм ва амният. – Душанбе 2019.- 160 с.

# ОБЕСПЕЧЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И ПОГРАНИЧНОГО РЕЖИМА

**МУЗАФФАРЗОДА ФАЗЛИДДИН,**
заведующий кафедры политологии и связей с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 989-17-17-47. E-mail: muzafarzoda95@mail.ru
**ШАРИФЗОДА САМАНДАРИ УМЕД,**
заместитель декана по образованию и управлению качеством
Дангаринского государственного университета.
735140, Республика Таджикистан, р. Дангара, улица Маркази 25.
Тел.: (+992) 888-83-88-09.

*Сегодня мировое сообществос учётом своих достижений сталкивается средом различных проблем, которые называется угрозами нового миропорядка. Угрозы маскарада продолжают усиливаться и оказывают большое влияние на развивающиеся страны, особенно на слаборазвитые.*

*Автоы указывает, что изучение современных глобальных угроз и обеспечение национальной безопасности является актуальным и повседневным вопросом, и он всегда должен находиться в центре изучения и внимания представителей интеллигенции и гражданского общества. В таких условиях вопрос обеспечения национальной безопасности и пограничного режима является первоочередной обязанностью всех нас, граждан.*

***Ключевые слова:*** *национальная безопасность, глобализация, национальные интересы, политическая независимость, права и свободы человека, национальное единство, новый мировой порядок, культурный фактор, космополитизм, информационный терроризм, управление границами, патриотизм, патриотизм, объединение.*

# ENSURING NATIONAL SECURITY AND BORDER CONTROL

**MUZAFFARZODA FAZLIDDIN,**
Head of the Department of Political Science and Public Relations of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33 S. Nosir str.
Phone: (+992) 989-17-17-47. E-mail: muzafarzoda95@mail.ru
**SHARIFZODA SAMANDARI UMED,**
Deputy Dean for Education and Quality Management
Dangara State University.
735140, Republic of Tajikistan, r. Dangara, 25 Markazi st.
Phone: (+992) 888-83-88-09.

*Today, the world community, taking into account all its achievements and achievements, faces a number of different problems that are called threats to the new world order. Masquerade threats continue to intensify and have a major impact on developing countries, especially underdeveloped ones.*

*The author points out that the study of modern global threats and ensuring national security is an urgent and everyday issue, and it should always be in the center of study and attention of representatives of the intelligentsia and civil society. In such circumstances, the issue of ensuring national security and border control is the primary responsibility of all of us, citizens.*

***Key words:*** *national security, globalization, national interests, political independence, human rights and freedoms, national unity, new world order, cultural factor, cosmopolitanism, information terrorism, border management, patriotism, patriotism, unification.*

УДК: 327

# МАВҚЕИ “НЕРУИ НАРМ” ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТУРКИЯ

**МАХФИРАТИ ДИЛОВАРШО,**
муаллими калони кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-80-31-32. E-mail: makhfirat.94@mail.ru

*Мақола ба яке аз маъалаҳои муҳимми муносибатҳои байналмилалӣ бахшида шуда, дар он муаллиф кӯшиши баррасии нақши “неруи нарм”-ро дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Туркия намудааст. Мафҳуми “неруи нарм” моҳияти сиёсӣ ва фарҳангиро ифода намуда, дар маҷмуъ ҳамчун неруи ба ҳам овардани халқҳо ва миллатҳо бо истифода аз арзишҳои фарҳангӣ дониста мешавад. Маънои “неру” асосан ба ҳокимият алоқаманд буда, “нарм” фарогири фарҳангу маънавиёт мебошад. Ба маънои дигар “неруи нарм” ин санъати баланди ҷалби чеҳраҳои фарҳангӣ барои боло бурдани имиҷи кишварҳо мебошад.*

*Туркия имрӯз иброз медорад, ки яке аз бозингари нав ба шумор рафта, тамоми роҳу усулҳои “неруи нарм”-ро истифода мебарад. Мафҳуми “неруи нарм” дар Туркия дар асоси равишҳои гуногуни сиёсати хориҷии муосир, зуҳури ақидаҳои гуногун ва ғояҳои муосир муайян мегардад, ки пурра ба манфиати миллии Туркия равона шудааст. Туркия кишварест, ки тавонистааст барои расидан ба мақсадҳои худ дар арсаи байналмилалӣ доктринаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои “неруи нарм”-ро истифода намояд.*

*Стратегияҳо ва консепсияҳои нави “неруи нарм”-и Туркия на танҳо сиёсати онро тағйир медиҳад, балки нақши давлатро ҳамчун роҳбари нави минтақавӣ таъмин менамояд.*

*Яке аз консепсияҳое, ки мавқеи Туркияро дар оянда дар арсаи ҷаҳон ва минтақа муайян менамояд, консепсияи неоусмония мебошад, ки аз тарафи президенти кунунии Туркия Раҷаб Таийб Эрдуғон дар амал татбиқ шуда истодааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Туркия, сиёсати хориҷӣ, “неруи нарм”, низоми муносибатҳои байналмилалӣ, консепсияи неоусмония, таъсир, стратегия, муносибатҳои байналмилалии муосир.*

Баъд аз тағйир ёфтани низоми муносибатҳои байналмилалӣ, аз байн рафтани “Ҷанги сард” ва ба вуҷуд омадани низоми бисёрқутбӣ давлатҳои абарқудрати нав дар арсаи ҷаҳон пайдо шудаанд, ки барои расидан ба мақсади муайян, баланд бардоштани равандҳои иқтисодӣ ва ёфтани мавқеи худ дар низоми нави ҷаҳонӣ аз роҳу воситаҳои “неруи нарм” ба таври фаъол истифода мебаранд.

Солҳои охир дар илми ҷомеашиносӣ ва фарҳангшиносӣ истилоҳи “неруи нарм” маъмул гардида, кишварҳои пешрафта, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Фаронса, Италия, Олмон, Ҷопон, Британияи Кабир, Кореяи Ҷанубӣ, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Туркия бо истифода аз “неруи нарм” ба арзишҳои иҷтимоӣ ва комёбиҳои назаррас ноил шудаанд. Истифодаи “неруи нарм” дар шароити муосири байналмилалӣ тавонист дар муддати кӯтоҳ вусъат ёфта, ба давлатдорӣ, сиёсат ва дипломатия таъсири амиқ расонида, давлатҳо муҳимтарин масъалаҳои консептуалии сиёсати хориҷии худро ба ин восита татбиқ намоянд.

Истилоҳи “неруи нарм”-ро профессор ва сиёсатшиноси донишгоҳи Гарварди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Ҷозеф Най бори нахуст дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX мавриди истифода қарор додааст. Худи истифодаи консепсияи “неруи нарм” аз асарҳои илмии чунин муаллифон, ба монанди Г.Моргентау, К.Кнор, Р.Клайн ва А.Грамшин сарчашма мегирад. Ҷозеф Най аввалин шахсе мебошад, ки маҷмуи қоидаҳои консепсияи “неруи нарм”-ро дар сиёсат ҷорӣ намуда аст[12].

Мафҳуми "неруи нарм" аз ду калима иборат буда, маънои сиёсӣ ва фарҳангиро дар худ ифода намуда, дар маҷмуъ ҳамчун абзори ба ҳам овардани халқҳо ва миллатҳо бо истифода аз арзишҳои фарҳангӣ донистa мешавад. Маънои "неру" асосан ба ҳокимият алоқаманд буда, "нарм" фарогири фарҳангу маънавиёт мебошад. Ба маънои дигар "неруи нарм" ин санъати баланди ҷалби чеҳраҳои фарҳангӣ барои боло бурдани имиҷи кишварҳо махсуб мегардад.

"Неруи нарм" падидаи нав набуда, татбиқи он дар ҷаҳони Ғарб истифода бурда мешуд. Ҷозеф Най ин истилоҳро барои тавсифи қобилияти кишварҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои муайян дар арсаи байналмилалӣ бар хилофи иқтидори ҳарбӣ ба кор бурдааст. Вижагии "неруи нарм" дар он аст, ки он ба кишварҳо имкон медиҳад, то манфиатҳоро дар арсаи байналмилалӣ бештар бидуни хароҷоти баланд ба даст оваранд.

Бисёре аз кишварҳои ҷаҳон дар мавриди татбиқи сиёсати "неруи нарм" самтҳои гуногунеро ҷудо менамоянд:

- паҳншавии забони онҳо;
- тарғиби фарҳанги анъанавӣ ва муосир;
- амиқу васеъ намудани робитаҳои таълимӣ;
- ҳамкории илмӣ- техникӣ;
- дастгирии рушди байналмилалӣ.

Имрӯз дар баробари давлатҳои бузург, ки дар истифодаи "неруи нарм" рейтинги баландро ишғол намудаанд, давлатҳои дигаре пайдо шудаанд, ки ба таври фаъол вобаста ба имкониятҳои дошта "неруи нарм"-ро нисбати давлатҳои муосир истифода менамоянд.

Яке аз ин давлатҳо, ки тавонистааст, дар радабандии истифодабарандагони "неруи нарм" дохил шуда, ҳамчун абарқудрати нави минтақавӣ шинохта шавад, ин Ҷумҳурии Туркия ба шумор меравад.

Сабабҳо ва омилҳои асосии истифодаи Туркия аз "неруи нарм" дар он ифода меёбад, ки дар давраи низоъҳои мусаллаҳона ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ мавқеи давлатҳои Ғарб бинобар сабаби истифодаи "неруи дурушт" коҳиш ёфт. Аз ин раванд Ҷумҳурии Туркия ба таври фаъол истифода бурда, барои ёфтани мавқеи худ дар минтақа тавассути истифодаи "неруи нарм", ки хароҷоти зиёдатиро ба бор намеорад, ба минтақаҳои Шарқи Миёна, Қафқози Ҷанубӣ, Осиёи Марказӣ ва Балкан ворид гардид [9].

Имрӯзҳо Туркия кӯшиш намуда истодааст, ки мавқеи пешвоии минтақаро ба даст оварда, пеш аз ба сари ҳокимият омадани ҳизбҳое, ки дар Туркия вуҷуд дорад, доираи таъсири худро тавассути иқтисодиёт ва демократия, ки давлатҳои Ғарб ба таври фаъол аз он истифода мебаранд, дар минтақаҳои номбурда расонад.

Дар Ҷумҳурии Туркия якчанд ҳизбҳое мавҷуданд, ки мехоҳанд ҳокимиятро дар минтақа ба даст оранд.

Яке аз ин ҳизбҳое, ки дар фаъолияти кориаш равандҳои демократия ва рушдро дар мадди аввал мегузорад, ин ҳизби Адолат ва Рушд бо роҳбарии Раҷаб Тайиб Эрдуғон буд, ки дар соли 2002 ба сари қудрат омада мехоҳад тавассути истифодаи "неруи нарм" ҳокимияти минтақаро ба даст дарорад.

Туркия барои дуруст ба роҳ мондани "неруи нарм" нисбати дигар давлатҳо якчанд роҳу воситаҳоеро пеш гирифтааст, ки ба онҳо асосан тағйиротҳо дар соҳаи қонунгузорӣ, навсозии низомҳои сохтори ҳуқуқӣ, муқаррар намудани шаффофият дар буҷетҳои ҳарбӣ, маҳдуд кардани шурои амнияти миллӣ ва судҳои давлатӣ, ки дар фаъолияти худ "неруи дурушт"-ро истифода мебурданд пеш гирифт. Ҳадафи охирини Мустафо Кемал Отатурк аз он иборат буд, ки Туркия бояд барои ёфтани мавқеи худ дар арсаи байналмилалӣ тавассути истифодаи роҳу воситаҳои "неруи нарм" дур шудан аз низоми

идоракуние, ки артиш мувофиқи Конститутсия тавассути ваколатҳо ва дахолат кардан ба ҳаёти сиёсии кишвар, инчунин вайрон намудани принсипи давлати дунявӣ даст кашида, табодулоти давлатӣ ба таври қонунӣ ба роҳ монда шавад[13]. Баъд аз ин равандҳо баланд бардоштан ва мустаҳкам намудани мавқеи ҳизбҳоро таъмин намуда, ҳизби Адолат ва Рушд мақоми ягона, неруи бонуфузи ҳокимиятро дар кишвар ба даст овард. Ҳамин тариқ дар Туркия суботи сиёсӣ ба даст омад.

Дар давраи гузариш аз соли 2002 то соли 2012 Туркия ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва ба давлати ба таври динамикӣ рушдёбанда дохил гардид [6]. Маҳз раванди модернизатсияе, ки аз ҷониби Ҳизби Адолат ва Рушд ба амал омад, ба таҳкими “неруи нарм”-и Туркия дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат кард.

Стратегияҳои муосири сиёсати хориҷии Туркияро асосан китоби “Стратегияи баланди муфид”-и сарвазири собиқи Туркия Аҳмад Довудоғлу муайян мекунад. Аҳмад Довудоғлу дар китоби худ дидгоҳи худро дар бораи ҷорӣ ва нақши Туркия дар ҷаҳони муосири тағйирёбанда баён намудааст. Ин доктрина ба истиқлолият ва манфиатҳои Туркия дар арсаи ҷаҳон таъсири мусбӣ мерасонад. Ба ақидаи муаллиф давлат ба равандҳои геополитикӣ давлатҳои минтақаро тавассути фазои геофарҳангӣ, геоиқтисодӣ, инчунин аз рӯйи захираҳое, ки Туркия доро мебошад барои таъсир расонидан тамаркуз кардан лозим аст, зеро ба ақидаи ӯ сиёсати хориҷии Туркия бар асоси решаҳои фарҳангӣ ва таърихӣ нисбати давлатҳои минтақа равона гардидааст [4, с.453].

Дар ибтидои асри XX Империяи Усмонӣ пош хӯрда, Ҷумҳурии Туркия мақоми “давлати миллӣ”-ро гирифт. Вале баъди “Ҷанги сард” масъалаи таърих ва фарҳанги Туркия, ки дар дигар давлатҳои минтақа вуҷуд дорад, миёни халқҳои Турк масъалаи назаррасро ба миён овард. Ба гуфтаи Аҳмад Довудоғлу дар баҳсҳои сарҳадӣ дар Балкан ва Қафқоз масъалаи асосии мероси таърихӣ дида мешавад [4, с.20]. Имрӯзҳо Туркия мекӯшад, ки тавассути истифодаи “неруи нарм” стратегияҳои нави муосири худро барои дубора барқарор намудани мероси Империяи Усмонӣ аз ҷиҳати геофарҳангӣ ва геостратегӣ тамоми кӯшишҳоро ба кор барад. Маълум аст, ки бо ин роҳ Туркия имконияти нав барои истифодаи стратегияҳои бештар дар арсаи байналмилалӣ пайдо намуд. Аҳмад Довудоғлу қайд намудааст, ки барои амалӣ шудани чунин стратегияҳо дар арсаи ҷаҳон ва минтақа рушди муносибатҳо бо бозингарони нав дар арсаи байналмилалӣ ва давлатҳои минтақае, ки бо онҳо гузаштаи ҷӯғрофӣ ва фарҳангӣ доранд, зарур ҳисобида мешавад. Ин раванд нақши Туркияро барои пешбарии манфиатҳои умумӣ тавассути ба вуҷуд омадани заминаҳои гуфтушунид ва ҳамкории судманд ба вуҷуд меорад. Туркия тавассути ба роҳандозии демократияи устувор, иқтисоди динамикӣ манфиатҳои стратегии худро ба амал мебарорад [8].

Муаллифон ва сиёсатмадорони Турк дар суханрониҳои худ истилоҳи “неруи нарм”-ро истифода накардаанд. Танҳо дар солҳои 2007-2008 дар осори Аҳмад Довудоғлу мафҳуми ифодакунандаи “неруи нарм”- ҳамчун қувваи ноайён истифода бурда шудааст[5, с.77]. Ин консепсия аз муваффақ будани дипломатияи Туркия шаҳодат медиҳад.

Роҳбарияти Туркия дар қиёс бо кишварҳои пешрафта истилоҳи “неруи нарм”-ро дертар дарк намудааст. Ин пеш аз ҳама аз сабаби раванди таҳаввули забони турк дар минтақаҳои гуногун вобаста мебошад. Ғайр аз ин дар бораи “неруи нарм” танҳо пас аз расидан ба вазъияти рушди иқтисодӣ ва афзоиши мавқеи нисбатан устувор дар минтақа имконияти истифода намудани мафҳуми “неруи нарм” пайдо гардид. Тарик Оғузулу, коршиноси Донишгоҳи Билкент дар Анқара бар ин назар аст, ки зуҳури “неруи нарм” табдил ба оқибатҳои таъмини равандҳои амниятӣ тавассути роҳу воситаҳои ғайриҳарбӣ

гаштааст[2]. Яъне дар натиҷаи роҳу воситаҳои усулҳои дипломатӣ барои барқарор намудани муносибатҳои байналмилалӣ, ки дар он “неруи ҳарбӣ” дида намешуд, обрӯю эътибори туркҳоро дар давлатҳои Ғарб ва Шарқи Наздик баланд бардошт. Ҳамин тавр, зарурати татбиқи истифодаи “неруи нарм” пайдо гардид. Дар баробари ин якчанд мушкилӣ дар татбиқ намудани “неруи нарм” дар Туркия вуҷуд дорад, ки имрӯзҳо масъалаи истифода бурдан аз роҳу усулҳои “ғайриҳарбӣ” дар Туркия хело баҳснок мебошад, чун дар амал дар сиёсати хориҷии худ Туркия аз иқтидори ҳарбию сиёсӣ ба таври фаъол истифода мебарад. Тибқи омори Global index Firepower (GFP) Туркия дар соли 2022 дар рейтинги иқтидори ҳарбии кишварҳои ҷаҳон ҷойи 13-умро ишғол менамояд[14].

Аз ин рӯ имрӯз стратегияи сиёсати хориҷии Туркия фарогирандаи иқтидори захираи “нарм” ва ҳам “дурушт”-ро доро мебошад.

Дар маҷмуъ, барои касби ҳадафҳои муайян барои давлатҳо доштани “неру”, ки стратегия ва мақсади муайян надошта бошад кифоягӣ намекунад. Барои ҳамин самаранокии истифодаи “неруи нарм” дар сиёсати хориҷии Туркия ба мақсадҳои муайян ва стратегияҳои самарабахш равона гардидааст[4, с.143]. Бо ибораи дигар, барои татбиқи “неруи нарм” барои расидан ба мақсадҳои муайян аз якчанд консепсияҳои идеологӣ ба таври фаъол истифода мегардад.

**Аввалан**, Туркия ба хусусиятҳои забонӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ бо давлатҳои туркзабон алоқаманд мебошад. Яке аз самтҳо ва стратегияҳои сиёсати хориҷии Туркия бо ҳам наздик шудани давлатҳо ва халқҳои турк мебошад. Бо ин мақсад созмонҳое ташкил шудаанд, ки барои наздик шудани халқҳои турк равона гардидааст. Масалан, соли 2008 Ассамблеяи парлумонии кишварҳои туркзабон (Туркпа) таъсис дода шуда, ҳамон сол Шӯрои ҳамкории давлатҳои туркзабон таъсис гардид.

**Дуюм,** Туркия яке аз давлатҳои ҷаҳони ислом буда, дар оянда низ боқӣ хоҳад монд. Солҳои 1920 мувофиқи идеологияи кемализм ҳокимияти дунявӣ барқарор гардид, ки яке аз аломатҳои асосии фарқкунандаи давлатдориро дар Ҷумҳурии Туркия эълон намуд. Аммо бо пайдоиши Ҳизби Адолат ва Рушд дар саҳнаи сиёсӣ дар солҳои 2000-ум давраи бозгашти дин ба ҳаёти ҷамъиятӣ оғоз гардид. Ин раванд бар он мусоидат намуд, ки дар доираи манфиатҳои Анқара ҳамон минтақаҳо ва давлатҳое, ки дорои аҳолии мусалмон мебошад, аз қабили давлатҳои Шарқи Миёна, Шарқи Наздик, Балкан, фазои давлатҳои пасошӯравӣ, ки аксари аҳолияшон мусалмон мебошад, инчунин давлатҳои қитъаи Африқо дохил мегардид. Дар баробари ин ба ин рӯйхат метавон мусалмононе, ки дар Федератсияи Россия зиндагӣ мекунанд, дохил намуд.

**Сеюм**, Туркия як давлате мебошад, ки дар баробари ҷаҳони ислом будан дорои низоми давлати демократӣ мебошад. Дар нимаи дуюми асри XX равандҳои демократия ба вай имкон дод, ки худро як қисми минтақаи Ғарб муайян намояд. Имрӯз мустаҳкам шудани равандҳои демократӣ дар Туркия ва эътирофи ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи давлатро дар арсаи байналмилалӣ муайян менамояд. Яъне метавон қайд намуд, ки Туркия барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ тавассути “неруи нарм” ба давлатҳои Шарқи мусалмонӣ аз ислом истифода бурда, бо давлатҳои Ғарб бошад аз равандҳои демократия ҳамкориро ба роҳ монда, муносибатҳои дипломатиро дар тамоми самтҳо ба амал мебарорад.

Бо вуҷуди ин мақомоти кишвари Туркия таъкид менамоянд, ки ягона мақсади асосии кишвар дар давлатҳои исломӣ ба амал баровардани ислоҳоти демократӣ мебошад[11]. Туркия модели ҳокимият ва идоракунии давлатро ба ҳадафҳои ҷаҳонӣ муайян намуда, нақши худро ҳамчун бозингари наве, ки тартиботи ҷаҳониро ба танзим медарорад муайян менамояд.

Ва ниҳоят нуқтаи **чаҳорум** ин дар амал татбиқ намудани консепсияи неоусмония мебошад, тавассути "неруи нарм", ки он пурра ба манфиатҳои миллии Туркия равона шудааст. Ҳамаи ин мафҳумҳо ва консепсияҳо дар суханрониҳои сиёсатмадорони турк ҷой доранд, вале одилона гуфтан мумкин аст, ки сиёсати хориҷии Туркия дар замони муосир танҳо ба идеология вобаста набуда, ба манфиатҳои миллии ҳар як давлат низ вобастагии калон дорад. Дар баробари ин ҳамаи мафҳумҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои манфиатдори Туркия дар асоси ба кор бурдани "неруи нарм" ба мақсади худ дар арсаи байналмилалӣ ноил мегардад.

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки мавқеи "неруи нарм" дар сиёсати хориҷии Туркия муҳиму муассир буда, дар самти фарҳангӣ, иқтисодӣ ва молиявии сиёсати хориҷии он ба таври васеъ истифода бурда мешавад, ки Ҷумҳурии Туркияро ба яке аз муваффақтарин бозингарони сиёсатӣ ҷаҳонӣ дар самти истифода бурдани "неруи нарм" табдил додааст. Туркия дар муддати муайян тавонист, дар соли 2022 дар радабандии кишварҳои истифодабарандаи "неруи нарм" ҷойи 22-юмро ишғол намояд[15].

"Неруи нарм"-и Туркия бештар дар самти фарҳанг, таърих ва мавқеи хуби ҷойгиршавии он дар минтақаи дохили ҳилол аз нигоҳи илми геополитика дида мешавад. Туркия "неруи нарм"-и худро бештар тавассути равандҳои ҳамгироӣ ташкил медиҳад.

Омили содатарине, ки туркҳо дар механизми истифодабарии "неруи нарм"-и худ истифода мебаранд мансубияти қавмӣ ба шумор меравад. Чун дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ як қатор давлатҳое буданд, ки мансубияти қавмиву фарҳангӣ бо Туркия доштанд, ба монанди Озарбойҷон, Қазоқистон, Арманистон, Туркманистон ва ниҳоят Ӯзбекистон. Бинобар ин Ҷумҳурии Туркия мехоҳад манфиатҳои миллии худро дар ин давлатҳо паҳн намоянд. Ҳадафи асосии Ҷумҳурии Туркия паҳн намудани "неруи нарм" барои мустаҳакам намудани мавқеи худ дар низоми нави ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба шумор меравад. Солҳои 90-уми асри XX Туркия дарк намуд, ки наметавонад ҳамчун таъсиррасони мустақими давлатҳои туркзабони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бошад, чун ин давлатҳо дар охири асри XX ба мустақилияти сиёсии худ нав ноил шуданд ва намехостанд, дубора дар тобеияти ягон давлат қарор дошта бошанд. Аммо туркҳо баъдан барои расидан ба ҳадафҳои худ истифодаи механизми роҳу воситаҳои гуногунро тавассути истифодаи "неруи нарм" шурӯъ намуданд.

Масалан дар замони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ шумораи зиёди мактабҳо ва литсейҳои туркӣ кушода шуд, ки мақсади асосиаш паҳн намудани экспансияҳои фарҳангӣ дар ин минтақаҳо ба шумор меравад. Хатмкунандагони ин муассисаҳо метавонанд, давоми таҳсилоти худро дар Туркия идома диҳанд. Ҳатто барои ҷалби донишомӯзон ва донишҷӯён аз ҷониби Туркия идрорпулиҳо ҷорӣ гардонида мешуд. Дар натиҷа донишҷӯёне, ки донишгоҳҳои Туркияро хатм менамуданд, баъзеашон ба ватани худ бар мегаштанду баъзеи дигарашон бошад абадӣ дар он ҷо боқӣ мемонданд, ки ин равандро метавон фирори мағзҳои ҷавонон тавассути "неруи нарм"-и Туркия номид. Хатмкунандагоне, ки ба ватани худ бар мегаштанд, дар тарғиби фарҳанги туркӣ нисбати давлатҳои миллӣ субъекти аввалиндараҷа ба шумор мерафтанд, ки ин раванд аз истифодаи роҳу воситаҳои "неруи нарм"-и Туркия дарак медиҳад[4, с.150].

Дар баробари ин Туркия на танҳо миқдори зиёди грантҳо, идрорпулиҳо ва барномаҳоро барои хатмкунандагони мактаби туркӣ, балки барои ҳамаи хатмкунандагони тамоми муассисаҳо пешбинӣ намудааст. Имрӯз барномаҳои зиёди додани идрорпулии кӯтоҳмаддат ва дарозмуддат ба донишҷӯён ва муҳаққиқони хориҷӣ (ба монанди Türkiye Bursları, Mevlana, Yunus Emre ва дигарон) вуҷуд дорад, ки барои ҷалби донишҷӯёни давлатҳои хориҷа равона гардидааст. Тамоми донишгоҳҳо ва умуман маорифи Туркия барои ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ ба таҳсил пурра сафарбар шудаанд.

Қобили қайд аст, ки дар рейтинги байналмилалии QS World University Rankings дар солҳои 2022-2023, ки ҳамасола аз ҷониби Британияи Кабир тартиб дода мешавад, QS 1000 донишгоҳҳои беҳтарини ҷаҳонро дар бар мегирад, ки аз ин миқдор 9 донишгоҳи беҳтарин дар Туркия ҷойгир аст, ки ин нишондиҳанда таъсирасонии Туркияро нисбати давлатҳои ҷаҳон тавассути истифодаи роҳу воситаҳои "неруи нарм" дар соҳаи таҳсил муайян менамояд[1].

Ғайр аз ин дар Ҷумҳурии Туркия як қатор созмонҳои байналмилалию минтақавӣ вуҷуд дорад, ки барои паҳн намудаи "неруи нарм"-и Туркия нисбати дигар давлатҳо хизмат мерасонад. Инҳо асосан Созмони байналмилалии фарҳанги туркӣ (Турксой), Агенти ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии туркӣ (ТИКА) ва як қатор созмонҳои дигар мебошанд. Дар баробари ин боз Туркия барои дуруст ба роҳ мондани "неруи нарм"-и худ бо як қатор ташкилотҳои ғайрирасмӣ низ равандҳои ҳамгироии худро дуруст ба роҳ мондааст. Шумораи зиёди ташкилотҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар ҳоли ҳозир барои паҳн намудани "неруи нарм"-и Туркия фаъолият менамояд. Масалан, литсейҳои туркӣ, муассисаҳои таълимии ҳамкориҳои дуҷониба, ба монанди муассисаҳои таълимӣ байни Туркияву Қазоқистон, ҳамкории кишварҳо бо Академияи илмҳои туркӣ, ки марказаш Анқара мебошад таъсис ёфтааст. Баъд аз он дар соҳаи сиёсат ва иқтисодиёт Туркия як қатор ташкилотҳо, ба монанди Ассамблеяи парлумонии кишварҳои туркзабон, барои баланд бардоштани иқтисодиёт ва таъсир расонидан дар низоми сиёсии ҷаҳон ташкил намуданд. Ин ҳама аз татбиқи дурусти амалии роҳу воситаҳои "неруи нарм"-и Туркия шаҳодат медиҳад. То ба ҳол ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ вуҷуд дорад, ки грантҳо барои омузиши урфу одат, маданият, забони туркӣ дар минтақаҳои гуногун ҷудо менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки тамоми созмонҳое, ки дар Туркия фаъолият менамоянд соли 2009 дар зери истилоҳи Шурои туркӣ як гӯруҳи ҳамгироии шумораи зиёди ташкилотҳои ҷамъиятиро ташкил намудаанд. Ин раванд ба ташаккули "неруи нарм" ва ёфтани мавқеи худ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар зери истилоҳи "туркҳои ҷаҳонӣ" мусоидат менамояд.

Яке аз самтҳои дигари таъсири Туркия нисбати давлатҳои муосир тавассути дипломатияи фарҳангӣ, ки нақши пешбарӣ ва амалӣ гардидани сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои иқтисодиву геополитикӣ тавассути паҳн намудани забон, тарғиби мероси арзишиву фарҳангӣ сурат мегирад. Дар ташаккули нақши Туркия дар арсаи байналмилалӣ нақши асосиро дар баробари татбиқ намудани "неруи нарм" барномаҳои хабарӣ, Васоити ахбори омма, радио, телевизион, чорабиниҳои варзишӣ, барномаҳои табодули фарҳангӣ мебозад.

Ҷумҳурии Туркия барои паҳн намудани мероси арзишиву фарҳангӣ нисбати давлатҳои муосир тавассути ба роҳ мондани "неруи нарм" аз сериалҳои туркӣ ба таври фаъол истифода мебарад. Аввалин бор падидаи сериалҳои туркӣ ҳамчун василаи дипломатияи фарҳангӣ дар минтақаҳои Шарқи Наздик истифода шуда, баъдан дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон паҳн шуданд, ки ин раванд ба муаррифии фарҳангу маданияти Туркия дар арсаи ҷаҳон мусоидат менамояд. Маҳсулоти истеҳсоли филмҳои туркӣ дар кинофестивалҳои маъруф ва бонуфӯз иштирок мекунад[2].

Аз аввалҳои солҳои 2000-ум истеҳсол ва пахши барномаҳои сериалҳои туркӣ дар давлатҳои хориҷа оғоз гардид. Дар соли 2008 тавассути истифодаи дурусти роҳу воситаҳои "неруи нарм" давраи "шукуфоии сериалҳои туркӣ" оғоз гардид, ки ин раванд ба сиёсат, густариши фарҳанг ва баланд бардошдани иқтисоди давлат кӯмак намуд. Туркия аз фурӯши сериалҳо дар хориҷа садҳо миллион доллар даромад ба даст меоварад. Тамошобинони сериалҳои туркӣ 75 давлати ҷаҳонро ташкил медиҳанд, ки ба онҳо асосан кишварҳои Мағриб, Осиёи Марказӣ, Шарқи Наздик, Балкан ва давлатҳои Африқо

дохил мешаванд. Дар баробари ин метавон қайд намуд, ки сериали телевизионии Асри боҳашамат (“Muhteşem yüzyıl”) тамошобинони худро ба ғайр аз давлатҳои номбурда дар Ҷумҳурии Мардумии Чин, Федератсияи Россия ва Италия ба даст оварданд[2].

Муваффақияти сериалҳои туркӣ дар асоси истифодаи “неруи нарм” дар он аст, ки на танҳо дар паҳн намудани фарҳанг, баланд бардоштани иқтисодиёт, балки ба ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба шаҳрҳои бонуфӯзи Туркия, аз он ҷумла ба шаҳрҳои Истамбул, Анқара ва ғайраҳо мусоидат менамояд.

Дар баробари ин сериали “Асри боҳашамат” (“Muhteşem yüzyıl”), ки нақши марказиро дар ин силсилафилм достони канизи аврупоӣ бо номи Роксалана бозида, дар охир зани расмии султон мешавад, ки сужаи асосии ин филм аз коҳиши мавқеи ҳокимияти падарсолорӣ дар замони Империяи Усмонӣ ва аз ҳукмронии Сулаймони қонунӣ дарак медиҳад, ки дар арсаи ҷаҳон мухлисони зиёде аз тамоми кишварҳои Аврупову Амрико, Осиёву Африқо пайдо намуд [7].

Дар шароити муосир, ки қариб дар тамоми давлатҳои дунё арзишҳои исломӣ паҳн мешаванд, Туркия аз ин раванд ба таври фаъол истифода бурда, силсилафилми худро бо номи “Усмон” ба вуҷуд овард, ки бинанда ҳангоми тамошои он, дар шахсияти Усмон қаҳрамони дини исломро мебинад, ки ин раванд аз фаъол будани “неруи нарм” ва таъсири Туркия нисбати давлатҳои исломӣ дарак медиҳад.

Ба ғайр аз ин ҳунармандони маъруфи турк (ба монанди Берен Соат, Киванч Татлитуғ, Туба Буюкусутун), ҳангоми нақш бозидан дар кинофилмҳо дар паҳн намудани фарҳангу маданият ва бренди либосҳои турк дар арсаи ҷаҳон хизмат мерасонанд.

Агар назар андозем, мо дарк менамоем, ки дар замони муосир бренди туркӣ дар тамоми ҷаҳон мавқеи назаррас пайдо намуда, дар асоси он тамоми одамон, аз он ҷумла занон, ки либосҳои аврупоӣ ба бар менамоянд, мехоҳанд аз бренди либосҳои туркӣ истифода намуда, ҳатто одамоне, ки дорои фарҳанги шарқӣ доранд, мехоҳанд низ аз либосҳо ва сатру ҳиҷоби мусалмонон аз бренди туркӣ истифода баранд, ки ин ба иқтисоди Туркия миллиардҳо доллар фоида меорад, ки сабаби асосии он дуруст ба роҳ мондани “неруи нарм” дар асоси ба роҳ мондани силсилафилмҳо мебошад. Аз ин ҷо метавон гуфт, ки Туркия тавонист “неруи нарм”-и худро нисбати давлатҳои Шарқу Ғарб дуруст ба роҳ монад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ аз лиҳози геополитикӣ муҳимтарин минтақа ба шумор меравад, ки пайвандгари се тамаддуни бузург - Россия, Чин ва Ислом мебошад. Дар шароити ташаккули ҷаҳони бисёрқутбӣ, аз он лиҳоз, ки минтақаи Осиёи Марказӣ пайвандгари Авруосиё буда, дорои зиёди захираҳои энергетикӣ мебошад, диққати бисёре аз фаъолони сиёсии ҷаҳонро ба худ ҷалб мекунад, ки яке аз ин онҳо ин Ҷумҳурии Туркия ба шумор меравад.

Омили асосии ҷалби Туркия дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз он иборат мебошад, ки аз панҷ давлати минтақа чортоаш туркзабон (Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон) мебошанд. Бинобар ин моҳи декабри соли 1991 Ҷумҳурии Туркия истиқлолияти ин давлатҳоро ба расмият шинохта дар пойтахти ин давлатҳо намояндагии дипломатии худро боз намуд.

Собиқ президенти Ҷумҳурии Туркия Тургут Озал дар моҳи апрели соли 1993 ҳангоми сафараш ба давлатҳои туркзабони собиқ ИҶШС гуфта буд: “Онҳо турканд! Мо вазифадорем, ки роҳе созем, ки моро ба онҳо, яъне кишварҳои туркзабони Осиёи Марказӣ пайваст намоянд, то тавонем ба онҳо роҳбари намоему онҳоро аз азобу машақате, ки аз сар гузаронидаанд, наҷот диҳем”[3, с.174]

Аз соли 1991 то ин ҷониб Ҷумҳурии Туркия тавонист, ки тавассути дуруст ба роҳ мондани “неруи нарм” дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъсиррасон бошад.

Дар Осиёи Марказӣ "неруи нарм"-и Туркия бештар ба ин давлатҳо дар асоси ҳамкориҳои илмию таълимӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ ба роҳ монда шудааст. Барои расидан ба ҳадаф Ҷумҳурии Туркия дар давлатҳои Осиёи Марказӣ шумораи зиёди литсейҳо, мактабҳо ва донишгоҳҳои туркӣ боз намудааст, ки ҳадафи асосиаш ташаккули элитаи нав дар минтақа ва тарбия намудани ҷавонон дар рӯҳияи арзишҳои туркӣ мебошад[3, с.177]. Аз он вақт инҷониб Осиёи Марказӣ ба минтақае табдил ёфт, ки Ҷумҳурии Туркия аз имкониятҳои "неруи нарм" тавассути равандҳои ҳамгироии туркӣ каму беш бомуваффақият истифода намуда, кӯшиш менамояд, ки худро ҳамчун пешвои минтақа муаррифӣ намояд.

Ҷумҳурии Туркия барои баланд бардоштани иқтидори равандҳои ҳамгироӣ тавассути "неруи нарм" нисбати Осиёи Марказӣ якчанд вазифаҳоро пеш гузоштааст:

- баррасии тафсири мафҳуми "неруи нарм"-и Туркия;
- муайян намудани хусусиятҳои истифодабарии "неруи нарм" дар Осиёи Марказӣ;
- муайян намудани нақши Агентии ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсози туркӣ (ТИКА) ва созмони байналмилалии фарҳанги туркӣ (ТУРКСОЙ) дар татбиқи сиёсати "неруи нарм" дар минтақаи Осиёи Марказӣ.

Имрӯзҳо дар тамоми Осиёи Марказӣ дар баробари ҳамкориҳои илмию таълимӣ, сиёсиву фарҳангӣ ҳамкориҳои иқтисодӣ низ дуруст ба роҳ монда шуда, тавассути "неруи нарм" бисёре аз ширкатҳои туркӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ фаъолият менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ "неруи нарм"-и Туркия дар асоси ҳамкориҳои дуҷониба, ҳамкориҳои илмиву сиёсӣ ва фарҳангӣ дуруст ба роҳ монда шуда, зимни ҳамкориҳои иқтисодӣ бисёре аз ширкатҳои туркӣ, аз ҷумла тарабхонаҳои машҳур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз шудаанд, ки машҳуртарини онҳо: SZN Burak, Мерве, Merhaba, Iskender, Citir Usta, Сафо, Сарай, Ozyurt, Istanbul, Masal Lazzat Resturant, Султанбей ва дигарон мебошад, ки зиёда аз 70%-и даромади иқтисодии он ба Ҷумҳурии Туркия ирсол мегардаду дар паҳн намудани фарҳанги туркӣ дар минтақа хизмат мерасонад.

Аз гуфтаҳои дар боло зикргардида метавон ба хулосае омад, ки дар замони ҷаҳонишавӣ таъсири Туркия нисбати давлатҳои муосир дар асоси истифодаи "неруи нарм" аз якчанд омилҳои айнӣ иборат мебошад, ки стратегияҳои ояндаи Туркияро дар ҷаҳон муайян менамояд:

Якум, барқарор намудани муносибатҳо дар арсаи байналмилалӣ байни давлатҳое, ки бо Ҷумҳурии Туркия робитаҳои таърихӣ, забон ва фарҳанги муштарак доранд;

Дуюм, барқарор намудани муносибатҳо на танҳо байни давлатҳои туркзабон, балки ба тамоми давлатҳои ҷаҳон дар тамоми самтҳо, аз ҷумла дар соҳаи фарҳанг, маориф ва иқтисодиёт мебошад.

Сеюм, паҳн намудани фарҳангу тамаддуни худ дар тамоми минтақаҳо дар асоси истифодаи "неруи нарм", баровардани сериалҳои туркӣ ва барқарор намудани равандҳои ҳамгироӣ бо мақсади назорати минтақаҳои геополитикӣ, аз он ҷумла минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

**Адабиёт**

1. 200 лучших университетов мира – 2023 [Электронный ресурс] // Риа Новости. – Режим доступа: https://na.ria.ru/20190618/1555290583.html. (Санаи муроҷиат: 18.01.2023).
2. Çevik Senem. Turkish Soap Opera Diplomacy: A Western Projection by a Muslim Source. URL: http://www.exchangediplomacy.com/wp-content/uploads/2012/05/Turkish-Soap-Opera-Diplomacy.pdf. (Санаи муроҷиат: 20.01.2023).

3. Culture and Politics in the New Middle East /Edited by Yasin Aktay, Pakinam El-Sharkawy, Ahmet Uysal. Ankara, 2012. С. 174.
4. Davutoğlu, A. Stratejik Derinlik: Türkiye’nin Uluslararası Konumu. – İstanbul: Küre Yayınları, 2001. С. 453.
5. Davutoğlu, A. Turkey’s Foreign Policy Vision: an Assessment of 2007 // Insight Turkey. – 2008. – № 1(10). P. 77-96.
6. Güzel H. C. Ekonomi’de ‘Türk Mûcizesi’. URL: http://www.sabah.com.tr/ yazarlar/guzel/2012/11/07/ekonomide-turk-mcizesi. (Санаи муроҷиат: 31.12.2022).
7. Hürrem Sultan’ın yüzüğü 1 milyon adetten fazla sattı / Milliyet. URL: http://www.milliyet.com.tr/ hurrem-sultan-in-yuzugu-1-milyon-adetten-fazla-satti-pembenar-detay-markalardanhaberler- 1458324. (Санаи муроҷиат: 25.01.2023).
8. Interview by Mr. Ahmet Davutoğlu Published in AUC Cairo Review (Egypt) [Электронный ресурс] // Ministry of Foreign Affairs of Turkey. URL: http://www.mfa.gov.tr/interview-by-mr_-ahmet-davuto%C4%9Flupublished-in-auc-cairo-review-_egypt_-on-12-march-2012.en.mfa. (Санаи муроҷиат: 3.01.2023).
9. Mufti M. A Little America: The Emergence of Turkish Hegemony Middle East Brief. URL: https://www.brandeis.edu/crown/publications/ meb/meb51.html. (Санаи муроҷиат: 30.12.2022).
10. Oguzlu T. Soft Power in Turkish Foreign Policy // Australian Journal of International Affairs. – 2007. – № 1(61). P. 81-97.
11. Taşpınar Ö. Turkey: The New Model? // The Brookings Institution. – Режим доступа: URL:http://www.brookings.edu/research/papers/2012/04/24-turkey-new-modeltaspinar. (Санаи муроҷиат: 12.01.2023).
12. Аҳмадов С. А. Консепсияи “қувваи нарм” ҳамчун омили сиёсати фаромарзии муосир.//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019, №5. С.37.
13. Конституция Турецкой Республики 1982 г. URL: http://worldconstitutions.ru/?p=84&page=5. (Санаи муроҷиат: 31.12.2022).
14. Рейтинг военной мощи стран мира [Электронный ресурс] // No News.–Режим доступа: URL: https://nonews.co/directory/lists/countries/global-firepower. (Санаи муроҷиат: 05.01.2023)
15. Турция наращивает мягкую силу –Brand Finance. URL: https:// www.aa.com/tr / ru. (Санаи муроҷиат: 18.01.2023)

# МЕСТО «МЯГКОЙ СИЛЫ» ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ТУРЦИИ

**МАХФИРАТИ ДИЛОВАРШО,**
старший преподаватель кафедры дипломатии и международных отношений Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Саид Носир 33.
Тел.: (+992) 918-80-31-32. E-mail: makhfirat.94@mail.ru

*Статья посвящена одному из важнейших вопросов современных международных отношений, в котором автор попытался рассмотреть роль «мягкой силы» во внешней политике Турецкой Республики. Понятие «мягкая сила» выражает политическую и культурную сущность и обычно рассматривается как сила сближения народов и наций с использованием культурных ценностей. Значение «силы» в основном связано с авторитетом, а «мягкость» включает в себя культуру и духовность. С другой точки зрения «мягкая сила» — это высокое искусство привлечения деятелей культуры для улучшения имиджа страны.*

*Сегодня Турция заявляет, что является одним из новых игроков современной системы международных отношений и использует все методы «мягкой силы». Концепция «мягкой силы» в Турции определяется на основе различных подходов современной внешней политики,*

*проявления различных мнений и современных идей, которые полностью направлены на защиту национальных интересов Турции. Турция – страна, которая смогла использовать доктрины, стратегии и концепции «мягкой силы» для достижения своих целей на международной арене.*

*Новые стратегии и концепции «мягкой силы» Турции не только изменят её политику, но и призваны обеспечить Турции роль одного из главных региональных игроков на современном этапе. Одной из проявлений «мягкой силы» Турции на современном этапе выражается в контексте «концепции неоосмонизма», реализация которой может упрочить положение Турции как в регионе, так и в мире в целом.*

***Ключевые слова:*** *Республика Турция, внешняя политика, система международных отношений, «мягкая сила», концепция неоосмонизма, Р.Т. Эрдоган, стратегия, современные международные отношения.*

## THE POSITION OF "SOFT POWER" IN TURKEY'S FOREIGN POLICY

**MAKHFIRATI DILOVARSHO,**
senior teacher of the Department of Diplomacy and International Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir Avenue 33.
Phone: (+992) 918-80-31-32. E-mail: makhfirat.94@mail.ru

*The article is devoted to one of the most important issues of modern international relations, in which the author tried to consider the role of "soft power" in the foreign policy of the Republic of Turkey. The concept of "soft power" expresses the political and cultural essence and is usually seen as the power to bring peoples and nations closer together using cultural values. The meaning of "force" is mainly related to authority, while "soft power" includes culture and spirituality. From another perspective, "soft power" is the high art of engaging cultural figures to improve a country's image.*

*Today, Turkey claims to be one of the new players in the modern system of international relations and uses all methods of "soft power". The concept of "soft power" in Turkey is defined on the basis of different approaches of modern foreign policy, the manifestation of different opinions and modern ideas, which are fully aimed at protecting the national interests of Turkey. Turkey is a country that was able to use doctrines, strategies and concepts of "soft power" to achieve its goals in the international arena.*

*New strategies and concepts of "soft power" of Turkey will not only change its policies, but are designed to ensure Turkey's role as one of the main regional players at the present stage. One of the manifestations of Turkey's "soft power" at the present stage is expressed in the context of the "concept of neo-Osmianism," the implementation of which could strengthen Turkey's position both in the region and in the world at large.*

***Key words:*** *Republic of Turkey, foreign policy, international relations system, "soft power", neo-Osmianism concept, strategy, R.T. Erdogan, modern international relations.*

УДК: 322.24

# ДАВЛАТДОРИИ ДУНЯВӢ ВА РУШДИ МАХСУСИЯТҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ЯҚУБЗОДА ФИРУЗ НУРМАТ,**
муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, к.С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 988-20-88-62. E-mail: firuz_politik@mail.ru

*Муаллиф дар мақолаи мазкур масъалаи хусусиятҳои ташаккули арзишҳои дунявӣ ва давлати дуняviро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳои дунё навъи давлати дунявиро ихтиёр намудааст, ки дунявияти он дар моддаи 1-и Конститутсия, ки онро соли 1994 қабул намудааст, нишон дода шудааст. Дар заминаи ин, қайд мегардад, ки принсипи дунявият муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои диниро муайян намуда, ҷойгоҳ ва нақши онҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ нишон медиҳад.*

*Инчунин дар мақола ташаккули давлати дунявӣ аз давраи барқароршавии ИҶШС, қабули аввалин Конститутсия соли 1925, ки дар он принсипи давлати дунявӣ, озодии виҷдон ба таври қонунӣ муқаррар карда шуд, оварда шудаст. Дар баробари ин дар мақола хусусиятҳои давлати дунявӣ аз нигоҳи донишмандони тоҷик оварда шудааст. Мувофиқи таҳлилҳои онҳо дар давлати дунявӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ на дар асоси меъёрҳои динӣ, балки дар асоси меъёрҳои шаҳрвандӣ танзим мегарданд. Дар давлати дунявӣ қарорҳои сиёсии қабулшуда низ асоси динӣ дошта наметавонанд.*

*Инчунин муаллиф дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти раванд ва хусусиятҳои мубориза байни нерӯҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони муосир дар атрофи ҷанбаҳои ғоявии ҳокимияти сиёсӣ ва кӯшишҳо оид ба сохтани модели хоси давлати дунявӣ дар Тоҷикистон ба таври махсус нишон медиҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *давлат, давлати дунявӣ, ҳокимият, ҷомеа, калисо, атеизм, идеология, конститутсия, озодии виҷдон, дин, иттиҳодияҳои динӣ.*

Дар замони муосир дар зери таъсири ташаккулёбии ҷаҳонбинии сиёсӣ ва маданияти сиёсии муосир шумораи кишварҳое, ки шакли давлатдории дунявиро ихтиёр кардаанд, зиёд шудааст. Бисёре аз онҳо дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии худ арзишҳои дунявиро расмӣ гардонидаанд ва рушди босуботи ҷомеаро дар шакли давлатдории дунявӣ медонанд. Дар ҷаҳони муосир мувофиқи таҳлилҳои коромӯзон зиёда аз панҷ ҳазор динҳо ва равияҳои гуногун ва зиёда аз 200 давлат мавҷуд аст, ки аз нисф зиёди онҳо давлатҳои дунявӣ мебошанд. Хусусияти дунявӣ барои бисёре аз онҳо принсипи асосӣ ва ҳатмии фаъолият ва рушди давлати демократии муосир ба ҳисоб меравад [1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори дигар кишварҳои дунё навъи давлати дунявиро ихтиёр намудааст, ки дар моддаи 1-и Конститутсия, ки соли 1994 қабул шудааст, нишон медиҳад. Тибқи моддаи 1 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар мазмуни қонуни асосӣ дар Тоҷикистон ягон дин наметавонад ҳамчун дини расмӣ (давлатӣ) ё ин ки дини ҳатмӣ баромад намояд, иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо карда шуда, дар назди қонун баробаранд. Тавсифи дар боло нишондодашуда имконият медиҳад, ки дар бораи дунявӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарф занем. Характери дунявӣ доштани давлат нишон медиҳад, ки ҳалли масъалаҳои ҳаёти давлатӣ, амалигардонии ӯҳдадориҳои органҳои давлатӣ, шахсони расмӣ, муассисаҳои таҳсилоти давлатӣ дар асоси қонунҳои дунявӣ ва ҷаҳонбинии дунявӣ сурат мегирад. Илова бар ин принсипи дунявият муносибатҳои байни давлат ва иттиҳодияҳои диниро муайян намуда, ҷойгоҳ ва накши онҳоро дар ҳаёти ҷамъиятӣ нишон медиҳад [6, мод.1].

Донишмандони тоҷик дар ташаккул ва инкишофи моҳияти давлати дунявӣ саҳми бисёр назарас доранд. Дар миёни онҳо Муҳаммад Абдураҳмон дар китобаш «Донишномаи мухтасари сиёсӣ» давлати дунявиро чунин тавсиф менамояд: «давлати дунявӣ сохтори сиёсие мебошад, ки дар он дин аз сиёсат ҷудо карда шудааст. Яъне дар давлати дунявӣ руҳониён наметавонанд дар ҳаёти сиёсӣ ширкат варзанд ва ҳизби динӣ таъсис диҳанд. Дар давлати дунявӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ на дар асоси меъёрҳои динӣ, балки дар асоси меъёрҳои шаҳрвандӣ танзим мегарданд. Дар давлати дунявӣ қарорҳои сиёсии қабулшуда низ асоси динӣ дошта наметавонанд» [9, с. 66].

Дар баробари Муҳаммад Абдураҳмон, ба андешаи муҳаққиқи дигари тоҷик Зокиров Г.Н. давлати дунявӣ ин: «умумияти сиёсие мебошад, ки дар он дин, арзишҳо ва догмаҳои динӣ, иттиҳодияҳои динӣ ба ҳокимияти сиёсӣ, ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори он, ба низоми маълумотгирӣ ва соҳаҳои дигари ҷамъиятӣ таъсири муайянкунанда намерасонанд» [2, с.213].

Ин ҳолат, аз рӯи бисёр омилҳо вобастагӣ дошта, анъанаҳои миллӣ, тарзи ҳаёти шаҳрвандон дар ҷомеа, ҳодисаҳои таърихӣ, пояҳои фарҳангию сиёсии давлат, андозаи муносибат миёни давлат бо иттиҳодияҳои диниро муқаррар менамояд.

Бояд қайд кард, ки дар Конститутсияи соли 1925 принсипи давлати дунявӣ ва озодии виҷдон ба таври қонунӣ муқаррар карда шуд, вале мутобиқи тағйиротҳои воридгардида ба моддаи 4 Конститутсия дар Анҷумани XIV Умумироссиягӣ 18 майи соли 1929 озодии тарғиботи динӣ бекор карда шуд: озодии эътиқод ва тарғиботи зиддидинӣ эътироф карда мешуд. Меъёри конститутсионии мазкур дар Конститутсияи ИҶШС соли 1936 нигоҳ дошта шуд [7, мод 124].

Меъёрҳои конститутсионии ишорагардида дар робита бо санадҳои ҳуқуқии қаблан қабулшудаи Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ ва Шурои Комиссарони Халқ (Декрети Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ «Дар бораи тартиби мусодира кардани сарватҳои калисо, ки дар истифодабарии гурӯҳи диндоронанд» аз 23 феврали соли 1923, Қарори Кумитаи Иҷроияи Марказии Умумироссиягӣ ва Шурои Комиссарони Халқи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Федератсияи Россия «Дар бораи иттиҳодияҳои динӣ» аз 8 апрели соли 1929) нишон медоданд, ки ҳокимияти давлатӣ фаъолияти мазҳабии иттиҳодияҳои ҷамъиятиро танҳо дар доираи биноҳои дуохонӣ маҳдуд мекард ва ҳамаи усулҳои тарғиботи динӣ, паҳнкунии таълимотҳои динӣ пешгирӣ карда мешуд.

Дар Конститутсияҳои қабулшудаи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки ба ҳайати Иттифоқи Шӯравӣ дохил мешуд, хусусияти дунявии давлат ба таври расмӣ ба атеистӣ наздик буд (24 феврал 1931, январ 1935, 1978).

Бо қабули Конститутсияи нави Иттифоқи Шӯравӣ дар соли 1977 ва Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар соли 1978, принсипҳои конститутсионии танзимкунандаи озодии динии шаҳрвандон умуман тағйир наёфтанд, истилоҳи «тарғиботи зиддидинӣ» ба истилоҳи «тарғиботи атеистӣ» иваз карда шуд (моддаи 52 Конститутсияи ИҶШС соли 1977) [8, мод 52].

Дигаргуниҳои воқеӣ дар сиёсати давлат нисбати озодии дин ва озодии виҷдон, принсипи дунявияти давлат дар давраи шӯравӣ дар замони «бозсозӣ» ва «ошкорбаёнӣ» аз соли 1985, қабули Қонун аз 1 октябри соли 1990, № 1689-1 «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» оғоз шуд.

Варианти тоҷикии дунявият пешниҳоди дилхоҳ имтиёзро барои ягон идеологияи динӣ ё ғайридинӣ истисно намекунад. Ин бетарафии принсипиалӣ дар назар дорад, ки давлат, ҷамоаи ҳуқуқбунёди шаҳрвандон, бе ягон ҳукмронии динӣ ё идеологии сиёсӣ мебошад. Ҳамин тариқ, масъалаи муносибати идеологӣ ба принсипи дунявияти

конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли мӯътадилро дар шакли инкори таъин кардани идеологияи давлатӣ ва ҳифзи бетарафии идеологии давлат меёбад. Вале таҳлили равандҳои сиёсии муосир дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ин масъала дарки амиқро ҳам дар сатҳи маданияти сиёсӣ ва психологии элитаи сиёсӣ, ки асосан муносибатҳои идеологии ҷойдоштаро нисбати масъалаи дунявият нигоҳ медорад, тақозо менамояд. Дур шудан аз ин нуқтаи назар дар сатҳи психологияи сиёсӣ метавонист мушкилиҳои нав ва мухолифатҳоро дар соҳаи муносибатҳои давлатӣ-динӣ пешгирӣ кунад.

Омили дигаре, ки имкон медиҳад ба вазъиятҳои бӯҳронӣ роҳ надиҳад, меъёри муътадил ва ратсионалии қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чунин масъалаи муҳим, чун ҷудо кардани дин аз давлат мебошад. Принсипи мазкур дар як қатор конститутсияҳои мамлакатҳои пасошуравӣ дар шакли мутлақи ҷудокунии дин аз давлат нигоҳ дошта шудааст. Вале дар раванди коркарди таркиби нави сиёсӣ-ҳуқуқии ҷомеаи навини тоҷик бозингарони асосии сиёсӣ онро ба инобат гирифтанд, ки ҳолатҳои рушди давлати миллӣ параметрҳои фаҳмиши таносуби давлат ва динро тағйир доданд, аммо мувофиқи таносуби онҳо «заминаи муҳим барои нигоҳ доштани ризоияти миллӣ ва тамомияти маънавии давлати нави тоҷикон, ҳамчунин суботи раванди ташаккули минбаъдаи он мебошад». Инро ба асос гирифта, дар модели тоҷикии давлати дунявӣ принсипи ҷудокунии дин аз давлат дар шакли бештар прагматикӣ, васеъ ва мӯътадил ҷудокунии «ташкилотҳои динӣ аз давлат» муқаррар шудааст. Дар ҳуҷҷати муштараки «Гуфтугӯи дунявӣ-исломӣ дар Тоҷикистон», ки ҳуҷҷати ғайрирасмии форуми сарварони дунявӣ ва динӣ мебошад, тарафҳо дар бораи аҳамияти моддаи мазкури Конститутсия чунин шарҳ медиҳанд: «Мувофиқати муносибатҳои ҳокимияти давлатӣ ва динро дар асоси Конситутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин кардан мумкин аст Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд» [6, мод 8]. Конститутсия барои он фазои лозимаро мекушояд, ки мӯътадилии ин муносибатҳоро таъмин кунад.

Таъин намудани меъёрҳои мазкур на танҳо дар раванди ба танзимдарории муносибатҳои давлат бо намояндагони иттиҳодияҳои динӣ аҳамияти муҳим дорад, балки пеш аз ҳама барои барқарор кардани ҳамкории қобили қабули давлат ва ташкилотҳои динӣ дар ҳал намудани вазифаҳои ҷомеаи муосири тоҷик, аз ҷумла дар нигоҳ доштани ризоияти миллӣ ва босуботӣ муҳим аст. Мисоли чунин ҳамкорӣ аъзогии намояндагони ташкилотҳои динӣ ва ҷамъиятҳо дар Шурои ҷамъиятии Тоҷикистон, ширкати рӯҳониёни ислом дар татбиқи сиёсати давлат дар чунин соҳаҳо, ба монанди банақшагирии оила, батартибдарории анъанаву маросимҳо, мубориза бо экстремизм ва радикализм ва ғайра мебошанд.

Дар бобати ҳалли масъалаҳои таъмини механизмҳои сиёсӣ-ҳуқуқии нигоҳдорӣ ва кафолат хусусияти дунявии давлат дар «модели давлати дунявии Тоҷикистон» бояд қайд кард, ки дар замони муосир кафолати ягонаи нигоҳдории он худи Конститутсияи Тоҷикистон мебошад. Моддаи 100 таъин мекунад, ки хусусияти дунявии давлат бетағйир мебошад. Муқаррар кардани меъёри конститутсионии мазкур то дараҷае тағйирнопазирии дунявияти давлатро таъмин менамояд, вале ин бо механизмҳои мушаххаси кафолат ва ҳифзи дунявияти давлат мустаҳкам карда нашудааст. Дар робита бо ин дар оянда яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва вазифаҳои дунявияти давлат дар Тоҷикистон ҷустуҷӯ ва коркарди механизмҳои ҳуқуқии демократии хусусияти давлати дунявӣ мебошад. Дарк кардани муҳимияти масъалаи мазкур ва ҷустуҷӯи роҳҳо ва механизмҳои мӯътадили муносибатҳои давлат ва дин дар солҳои охир боиси давом додани раванди маколамаву гуфтушунидҳои нерӯҳои гуногуни ҷамъиятӣ-сиёсии

Тоҷикистон шуданд. Дар баробари ин моделҳои идоракуние, ки ҳамбастагии ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро таъмин менамояд ба андешаи донишманд Зокиров Г.Н. ин модели ин идоракунии кооператсионӣ, кооператсияи плюралистӣ, худидоракунии шаҳрак ва деҳот буда метавонад, ки дар мустаҳкамии пояҳои давлати дунявӣ мусоидат менамояд [5, с. 239-240]. Дар робита бо ин, муколамаҳои давомкунанда ва мунтазам бамалоянда дар сатҳҳои гуногун бо мақсади коркарди заминаҳои идеявӣ-назариявӣ ва механизмҳои сиёсӣ-ҳуқуқии ҳамзистии қобили қабули мавқеъ ва элементҳои дунявӣ ва динӣ дар доираи низоми сиёсӣ-ҳуқуқии ягона имрӯз яке аз равандҳои ояндадори сиёсӣ мебошад. Маҷмӯи ин гуфтушунидҳо ва мубоҳисаҳо, ки хусусияти доимиро дар сатҳҳои гуногун гирифта истодааст, дар амал яке аз механизмҳои боэътимоди нигоҳ доштани муносибатҳои мӯътадили элементҳои дунявӣ ва динии ҷомеа мебошад.

Ҳамин тавр, институтсионализатсияи лоиҳаҳои дунявӣ-сиёсии муколама ҳамчун усул ва механизми нигоҳдории муносибатҳои доимӣ ва пешгирии низоъҳо яке аз хусусиятҳои асосии модели давлати дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар робита бо ин давом додани омӯзиши мукаммалсозии масъалаи мазкур дар Тоҷикистон на танҳо аҳамияти илмӣ-назариявӣ, балки аҳамияти сиёсӣ-амалиро касб карда истодааст.

Таҳлили раванди мубориза байни нерӯҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони муосир дар атрофи ҷанбаҳои ғоявии ҳокимияти сиёсӣ ва кӯшишҳо оид ба сохтани модели хоси давлати дунявӣ дар Тоҷикистон имкон медиҳад чунин хулосаҳо бароварда шаванд:

1. Мувофиқи рушди бӯҳрони сиёсӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон мухолифатҳои консепсияҳои дунявӣ ва динии ҳокимият ба ҷои аввал баромаданд ва заминаи мухолифатҳои асосии идеявиро ташкил доданд, ки дар маркази он масъалаи «давлати дунявӣ» меистод.

2. Барқарорсозии меъёрҳои конститутсионии тағйирнопазирии хусусияти давлатдорӣ дар Тоҷикистон то дараҷаи муайян тағйирнопазирии принсипи мазкурро дар доираи конститутсия таъмин мекунад, вале он бо механизмҳои мушаххаси кафолат ва ҳифзи дунявияти давлатро муқаррар накардааст. Дар робита бо ин дар оянда яке аз масъалаҳои муҳим ва вазифаи давлати дунявӣ дар Тоҷикистон ҷустуҷӯ ва коркарди механизмҳои демократию ҳуқуқии кафолати ҳифзи хусусияти дунявии давлат мебошад.

3. Муколамаи доимо давомкунанда дар сатҳҳои гуногун бо мақсади коркарди заминаҳои идеявӣ-назариявӣ ва механизмҳои ҳамзистии қобили қабули мавқеъҳои дунявӣ ва динӣ имрӯз яке аз таркибҳои ояндадори раванди сиёсӣ дар Тоҷикистон мебошад. Институтсионализатсияи чунин муколамаро чун метод ва механизми нигоҳдории муносибатҳои мӯътадили давлат ва дин, яке аз хусусиятҳои аввалини модели давлати дунявии Тоҷикистон ҳисобидан мумкин аст.

4. Таҷрибаи сулҳовар дар Тоҷикистон ва раванди коркарди модели давлати дунявӣ дар шароити муосир аҳамияти калони илмӣ-назариявӣ ва сиёсӣ-амалӣ доранд ва ҳангоми ҳалли низову ихтилофҳои дунявӣ-динӣ дар мамолики минтақаи Осиёи Марказӣ ва тамоми ҷаҳони ислом, ки чунин мухолифатҳо аксар вақт барои низоъҳои сиёсӣ ва бесуботӣ замина мегузоранд, метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

**Адабиёт**

1. Арутюнян Г.Г. Конститутсионное право: энциклопедический словарь / Г.Г. Арутюнян, М.В. Баглай. – М., 2006. – 180 с.
2. Зокиров Г.Н. Давлат. Китоби дарсӣ / Г.Н.Зокиров.- Душанбе, 2014. – 230 с.
3. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Ҷ. 1. Г.Н.Зокиров – Душанбе, 2016. – 519 с.

4. Зокиров Г.Н. Худидоракунии маҳаллӣ ва худфаъолияти ҷамъиятӣ: моҳият ва хусусиятҳои фаъолият // Маҷалаи илмию сиёсии АИНДПҶТ “Идоракунии давлатӣ”. 2022-№2 (56). С. 239-243;

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 26.03.2009 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 489;

6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016. – 64 с.

7. Конститутсияи ИҶШС аз 05.12.1936 [Маводи электронӣ]. URL: https://www.constitution.garant.ru>1936>red_1936;

8. Конститутсияи ИҶШС аз 7.10.1977 [маводи электронӣ]. URL: https://www.constitution.garant.ru>history>u-rsfsr;

9. Муҳаммад Абдураҳмон. Донишномаи мухтасари сиёсӣ / Абдураҳмон Муҳаммад. – Душанбе, 2016. – 377 с.

10. Рахмонов Э.Ш. Независимость Таджикистана и возрождение нации: В 4-х томах. – Душанбе: ЦСИ, 2004. – 1300 с.

11. Мунавварова З.И. Светскость и религия в мусульманских странах: поиск рационального соотношения. Монография / Под ред. Мунавварова З.И. и Крум Р.Й. – Ташкент: Картография, 2005. – 254 с.

12. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири академик Маҳмудов М.А. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 570 с.

# СВЕТСКАЯ ГОСУДАРСТВЕННОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ЕЕ СТАНОВЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ЯКУБЗОДА ФИРУЗ НУРМАТ,**
старший преподаватель кафедры политологии
Кулябского государственного университета имени А.Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 988-20-88-62. E-mail: firuz_politik@mail.ru

*Автор в данной статье рассматривает проблему особенности становления светские ценности и светского государства в Респуплике Таджикистан. Республика Таджикистан принимал особенности светского государства на ряду с другими странами мира и его светкость закреплено в 1 статьи Конституции, которая была принята в 1994 году. На основе этого отмечается, что принципы светкости, определяя отношения между государством и религиозных объединений, показывает место и их роли в общественной жизни.*

*А также в статье приводится становление светского государства с периода образования СССР, принятия первой конституции 1925 года, вкотором законно установлено принципы светкости и свобода совести. Наряду с этим в статье приведены особенности светского государсвта с точки зрения таджикских политологов. Согласно их анализов в светском государстве общественные отношения регулируются не на основе религиозных норм, а на основе гражданских. В светском государстве принятые политические постановления и порядки также не могут иметь религиозных основ.*

*А также автор на онове анализа процесса борьбы между политическими силами современного Таджикикстана показывает идеологические аспекты попытки создания особого моделя светкоского государства в Таджикистане.*

***Ключевые слова:*** *государсво, светское государство, власть, общество, церковь, атеизм, идеология, конституция, свобода совести, религия, религиозные объединения.*

# SECULAR STATEHOOD AND THE FORMATION OF ITS FEATURES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**YAQUBZODA FIRUZ NURMAT,**
Senior Lecturer of the department of political science of the
Kulob State University named after A. Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob town, 16, S.Safarova, str.
Phone: (+992) 988-20-88-62. E-mail: firuz_politik@mail.ru

*The author in this article examines the problem of the peculiarities of the formation of secular values and secular state in the Republic of Tajikistan. The Republic of Tajikistan adopted the features of a secular state along with other countries of the world and its lightness is enshrined in Article 1 of the Constitution, which was adopted in 1994. On the basis of this it is noted that the principles of lightness, defining the relationship between the state and religious associations, shows the place and their role in public life.*

*And also in the article is the formation of a secular state from the period of the formation of the USSR, the adoption of the first constitution of 1925, which legitimately establishes the principles of lightness and freedom of conscience. Along with this, the article presents features of the secular state from the point of view of Tajik political scientists. According to their analyzes in a secular state, social relations are regulated not on the basis of religious norms, but on the basis of civil ones. In a secular state, political decisions and orders that have been adopted also can not have religious foundations.*

*And also the author on the analysis of the process of struggle between the political forces of present-day Tajikistan reveals the ideological aspects of the attempt to create a special model of the secular state in Tajikistan.*

***Key words:*** *state, secular state, power, society, church, atheism, ideology, constitution, freedom of conscience, religion, religious associations.*

УДК: 327

# АНДЕШАҲОИ ТАЛБАК НАЗАРОВ ВОБАСТА БА РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ҶАҲОН ВА СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**РАҶАБЗОДА АЪЗАМҶОН НУРАЛӢ**,
унвонҷӯи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 917-60-40-67. E-mail: ran.13031996@mail.ru

*Дар мақола мавзӯи андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.*

*Муаллиф қайд намудааст, ки имрӯз қариб тамоми кормандони хизмати давлатӣ ва дипломатӣ дар хотир доранд ё медонанд, ки Талбак Назаров олими бузург, дипломат ва арбоби барҷастаи сиёсӣ, инчунин яке аз меъморони асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол мебошад. Ҳанӯз аз солҳои аввали вазирияш шуруъ карда, ақидаву назарияҳои худро вобаста ба рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ дар китобу мақолаҳо ва суханрониҳояш пешниҳод намуд, ки онҳо дар бунёд намудани сиёсати хориҷии муосири Тоҷикистон нақши калидӣ бозиданд.*

*Инчунин, дар мақолаи мазкур муаллиф андешаҳои Талбак Назаровро вобаста ба рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ ба панҷ самт ҷудо карда, ҳар кадоме соҳа ва паҳлӯҳои гуногуни онро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Масалан, фазои давлатҳои ҳамсоя, фазои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, фазои кишварҳои Шарқи мусулмоннишин, фазои кишварҳои манфиатдор ва созмонҳои байналмилалӣ аз ҷумлаи он самтҳо мебошанд. Дар охири мақола муаллиф дар асоси фикру ақидаҳои академик Талбак Назаров хулосабарорӣ намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати хориҷӣ, муносибат, кишварҳои ҷаҳон, созмонҳои байналмилалӣ, ҳамкорӣ, кишварҳои ҳамсоя, манфиатҳои миллӣ, рушд, шарикон.*

Имрӯз қариб тамоми кормандони хизмати давлатӣ ва дипломатӣ дар хотир доранд ё медонанд, ки Талбак Назаров олими бузург, дипломат ва арбоби барҷастаи сиёсӣ, инчунин яке аз меъморони асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол мебошад. Ӯ, роҳбарии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои ниҳоят душвор (1994-2006) бар ӯҳда дошта, бо сарпарастии Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асосҳои бунёдию назариявии сиёсати хориҷии муосири Тоҷикистонро замина гузошт.

Талбак Назаров замоне симмати Вазорати корҳои хориҷиро бар ӯҳда гирифт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ҷараён дошт. Дар натиҷаи ин ҷанг, ки панҷ сол давом кард, ба сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ва фаъолияти муассисаҳои он, ба робитаҳои дуҷонибаю бисёрҷонибаи мо бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ таъсири манфӣ расонида, сатҳи онҳоро ниҳоят паст намуд. Инчунин, тавре ки маълум аст, дар даврони шӯравӣ кишвари мо сиёсати хориҷии мустақили худро соҳиб набуд, ки ин боиси дар самти сиёсати хориҷӣ таҷрибаи кофии назариявию амалӣ надоштани мутахассисони мо дар солҳои аввали истиқлол гардид. Дар баробари шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ ва номуайян будани самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар сафоратхона ва намояндагиҳои баъзе кишварҳои хориҷӣ, ки дар шаҳри Душанбе амал мекарданд, фаъолияташонро қисман маҳдуд карда, баъзеи дигарашон пурра фаъолияташонро қатъ намуданд.

Барои аз нав барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо давлатҳои ҷаҳон, инкишофи босуръати робитаҳои дипломатию сиёсӣ, ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии давлати соҳибихтиёру соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо кишварҳои дуру наздик, зарурати ҳарчи зудтар ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ва ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ доштани Консепсияи сиёсати хориҷӣ ва муайян кардани самтҳои асосии сиёсати хориҷиро тақозо мекард. Чуноне ки, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 28 декабри соли 1993 ҳангоми суханронияш дар Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии ҶТ дар ин замина масъалагузорӣ намуда, гуфта буд: “... Моро дар аввал лозим аст, ки як консепсияи томи сиёсати беруниро дар даст дошта бошем, то равшан тасаввур карда тавонем, ки вазъи воқеӣ дар ҷаҳон чӣ гуна асту фаолияти давлатамон дар арсаи байналхалқӣ ба кадом тарафҳо ва ба чӣ тарзе ҷараён гирад” [19, с. 78].

Аз ин рӯ, дар назди Талбак Назаров бисёр кори мушкил гузошта шуда буд. Зеро ӯро мебоист, ки бунёди назариявию амалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз сифр оғоз намояд. Чуноне ки худи ӯ дар ин бора чунин қайд менамояд: “Он солҳо душвор буд: дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ давом дошт, бинобар ин барои фикр кардан вақт набуд. Вақте ки ман омадам, вазорат чунин низом надошт, мо онро худамон бунёд кардем. Вазорат ниҳоят хурд буд, дар хориҷа амалан сафоратхонаҳо вуҷуд надоштанд, ҳамаи инро таъсис додан лозим буд. Мо мутахассис надоштем, бояд одамонро ёфта, интихоб карда, ба хондан мефиристодем. Аммо муҳимтар аз ҳама, мо бояд муносибатҳоро бо кишварҳои шарик беҳтар мекардем. Ман як консепсия доштам, ки ба кушодани сафоратхонаҳо давлатро маҷбур накунам, зеро шароити молиявии кишвар бад буд. Сафоратҳоямонро танҳо дар он ҷойҳое, ки зарур буд, кушодем [7, с.34].

Ҳамин тавр, омодагӣ ба танзими Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 дар Вазорати корҳои хориҷӣ бо сарпарастии академик Талбак Назаров сар шуда, як тарҳеро бо номи “Самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба вуҷуд оварда, ба ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намуданд, ки он 24 сентябри соли 2002 аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Ҳарчанд ки консепсияи мазкур пойдевори асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро асос гузошта бошад ҳам, аммо пурра тамоми самтҳои сиёсати хориҷиро аз ҷиҳати назариявӣ ба танзим даровардa наметавонист.

Аз ин хотир, академик Талбак Назаров, ки симмати мақомоти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъулияти дар амал татбиқ намудани онро бар ӯҳда дошт, ҳанӯз аз солҳои аввали вазирияш шуруъ карда, ақидаву назарияҳои худро вобаста ба рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ дар китобу мақолаҳо ва суханрониҳояш пешниҳод намуд, ки онҳо дар бунёд намудани сиёсати хориҷии муосири Тоҷикистон нақши калидӣ бозиданд.

Исботи ин гуфтаҳо дар он дида мешавад, ки кишвари мо танҳо дар давраи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон будани академик Талбак Назаров (аз 28.12.1994 то 30) бо 39 кишвари ҷаҳон муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, аъзои 7 созмону ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ гардидааст [20, с.258].

Мо андешаҳои Талбак Назаровро вобаста ба рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ ба панҷ самт ҷудо кардем, ки дар ҳар кадоме соҳа ва паҳлӯҳои гуногун ба риштаи таҳқиқ кашида мешаванд.

Фазои давлатҳои ҳамсоя. Тоҷикистон бо эҷоди равобит бо ҳамсоягони худ саъй дорад ба ҳар иттиҳодияе шомил шавад, ки ба ҳамгироии минтақавӣ мусоидат мекунад. Масалан, ҳамкориҳои мо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба он асос ёфтааст, ки дар ҳоли ҳозир мо бисёр манфиатҳои муштарак ва вазифаву мушкилоти зиёде дорем, ки

ҳамоҳангсозии ҳадафмандонаи амалиёти сиёсии тамоми давлатҳои минтақаро тақозо мекунад [24].

Набудани дастрасӣ ба баҳр ва дур будан аз бозорҳои ҷаҳонӣ хароҷоти нақлиёти транзитиро ба таври назаррас афзоиш дода, иштироки кишварро дар тиҷорати байналмилалӣ мушкил мекунад ва ба сатҳи камбизоатӣ дар кишвар бевосита таъсир мерасонад. Дар ин замина омили асосие, ки метавонад барои расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола дар Тоҷикистон мусоидат кунад, ин фаъолсозии ҳамкориҳои минтақавӣ, пеш аз ҳама бо кишварҳои ҳамсоя мебошад [14, с.31].

Бо дарназардошти ин вазъ Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки пешрафти ҳадди аксарро дар расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола таъмин намояд. Дар солҳои охир кишвар дар роҳи иҷрои як қатор ҳадафҳо ба пешравиҳои воқеӣ ноил гардида, барои эҷоди талошҳои минбаъда дар ин самт замина гузошт. Дар ҳамин ҳол, мо бар ин назарем, ки дурнамои суботи дарозмуддат дар Осиёи Марказиро дар ҷудо аз рушди ҳамгироии минтақавӣ баррасӣ кардан ғайриимкон аст. [10, С.29] Аз ин рӯ, вазифаи афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки дар тамоми масири сарҳади ҷумҳурии мо як навъ камарбанди эътимод ва ҳамсоягии нек ба вуҷуд ояд [11, с.34].

Мо бовар дорем, ки ноил шудан ба ин ҳадаф метавонад Осиёи Марказиро ба як минтақаи аз ҷиҳати энергетикӣ, сӯзишворӣ ва озуқаворӣ амалан худкифокунанда ва минтақаи босуръат рушдёбандаи ҷаҳон табдил диҳад [10, с.32].

Тоҷикистон, ки ба ҳамкорӣ бо ҳамсоягони худ афзалияти муайян дода, ҳамзамон пайваста эълом мекунад, ки доктринаи сиёсати хориҷии худ бисёрҷониба буда, бо тамоми кишварҳое, ки барои рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди ду кишвар ва муносибатҳои дӯстона ҳавасманданд ва дар заминаи манфиатҳои тарафайн асос ёфтаанд, ба ҳамкории баробарҳуқуқ омода аст. Чунон ки қайд карда шуд, маҳз дар асоси ҳамин принсипҳо муносибатҳои мо бо аксарияти давлатҳо, пеш аз ҳама бо Ҷумҳурии Мардумии Чин инкишоф меёбанд. Дар ин шароит хеле муҳим аст, ки кишварҳои ҳамсоя механизмҳои боэътимоду мустаҳками байнидавлатиро дошта бошанд. Яке аз чунин механизмҳо бешубҳа шарикӣ дар сатҳи мақоми стратегӣ мебошад [13, с.11-12]. Дар ин замина, ба фаҳмиши ман, ҳамкорӣ бо Чин як ҳолати махсус, ҳатто табиист. Маҳз фарқияти Чин аз дигар кишварҳо дар он аст, ки муносибатҳои худро бо ҳамсояҳои худ, сарфи назар аз андозаи кишвар ва вазъи иқтисодии онҳо, дар асоси баробарҳуқуқӣ, эҳтироми мутақобила, бидуни ҳар гуна ҳавобаландӣ, такаббур, нафрат ва бартарият додан ба худ бунёд мекунад [18].

Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз аввалин кишварҳоест, ки истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва бо он муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, ба Тоҷикистон ҳамеша дастгирӣ ва кӯмаки бародарона мерасонад. Далели барҷастаи дӯстии ду кишвар он аст, ки Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси сарвари давлат нахустин сафари расмии хориҷии худро ба Чин анҷом дод [12, с.139].

Дар таърихи муосир муносибатҳои байни халқҳои Чин ва Тоҷикистон тарҳҳои мушаххасе доранд, ки ҳамкориҳоро дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ амиқтар мегардонанд...[1] Бо кӯмаки мутахассисони чинӣ ва сармоягузории Чин роҳҳои мошингард, нақбҳо, хатҳои барқӣ, заводҳои нави истеҳсолӣ бунёд ёфта, корхонаҳои кӯҳнаи истеҳсолӣ аз нав сохта ва ба истифода дода мешаванд... Албатта, ҳамаи ин олист (идеалӣ), вале алҳол Тоҷикистон омили дур будан аз бозорҳои ҷаҳониро ба таври ҷиддӣ ҳис карда, хароҷоти калони транзитию нақлиётиро ба душ гирифтааст, ки ба иштироки самарабахши он дар тиҷорати байналхалқӣ халал мерасонад. Бинобар ин мо ба ҳамкорӣ бо Чин афзалият ва хусусияти стратегӣ дода, бо назардошти он, ки ин кишвар ҳамсояи мост ва чунон ки худи дӯстони чиниамон мегӯянд, моро кӯҳҳои баланду дарёҳои тезу

тунд мепайванданд. Маҳз тавассути ҳамин кӯҳҳои баланд коршиносони тоҷику чинӣ роҳеро, ки шоҳроҳи асосии тиҷоративу иқтисодӣ гардид, «бурида» буданд [2].

Тоҷикистонро бо ҳамсояи ҷанубиаш омилҳои зиёде мепайвандад. Мо як гузаштаи таърихӣ дорем, марзи муштараки зиёда аз 1387 километр тӯлкашида ва миёни мо монеаи забонӣ нест. Таҷрибаи ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахше мавҷуд аст, ки дар давраи шӯравии таърихи мо ғанӣ гардидааст [8, с.20]. Мо ҳамсоя ҳастем, умумияти зиёде дорем, ки ин ба мо имкон медиҳад, ки дар соҳаи иқтисодиёт, фарҳанг, маориф ва тиб ҳамкории зич ва самарабахш ба роҳ монем. Набояд нодида гирифт, ки ҳамкориҳои Тоҷикистону Афғонистон бартариҳои худро дорад. Ба ин ҷо наздик будани масофа, забони умумӣ, набудани хароҷоти баланди нақлиётӣ барои моли ба Афғонистон овардашуда ва ғайра таъсир мерасонад. Мо дар Тоҷикистон итминон дорем, ки дар оянда имкони густариши ҳамкориҳои худро бо Афғонистони озоду бетараф ва мустақил хоҳем дошт [8, с.22-23].

Фазои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил. Сиёсати мо – сиёсати ошкорбаёнӣ мебошад. Мо ҳамеша таъкид менамоем, ки мо барои ҳар як давлат боз ҳастем ва барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар ҳама соҳаҳо омодаем. Аммо, мо аз касе пинҳон намедорем, ки Федератсияи Россия шарики стратегии Тоҷикистон буд ва боқӣ мемонад... Аз нигоҳи сиёсӣ муносибатҳои мо бо Россия махсусанд. Дар ягон санади сиёсие, ки Россия бо кишварҳои ИДМ (ба истиснои Беларус) имзо кардааст, шумо ба мафҳуми иттифоқчӣ во намехӯред. Одатан сухан дар бораи шарикӣ меравад. Дар санаде, ки роҳбарони Россия ва Тоҷикистон имзо кардаанд, маҳз “иттиҳод” эълом шудааст. Ин муқаррарот барои таҳкими равобити Россия ва Тоҷикистон дурнамои бузургро боз мекунад [25].

Ба ақидаи Талбак Назаров якчанд омилҳои таърихӣ вуҷуд доранд, ки моро бо Россия ҳам имрӯз ва ҳам дар оянда шарик мекунанд. Мо дар як давлат зиндагӣ мекардем, дар иқтисод, маориф, фарҳанг фазо ва тафаккури ягонаро ташаккул додем. Кӯшиши ҳама чизро аз сифр оғоз кардан, нарм карда гӯем, беақлона мебуд. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки истилоҳи «шарикии стратегӣ» тавсифи мувофиқтарини вазъи муносибатҳои мост. Тавассути ин консепсия мо на танҳо ҳамкориҳои муҳтавои ҳарбӣ-техникӣ ё ҳарбию сиёсӣ доштаро, балки мушкилоти башардӯстона, ҳамкориҳои иқтисодӣ ва ғайраро низ татбиқ мекунем [4, с.60].

Вазъияти низомию сиёсиеро, ки пас аз ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон ба вуҷуд омад, ба ёд оред. Ҷанги шаҳрвандӣ моро маҷбур кард, ки ҳамкории ҳарбию техникиро ба мадди аввал гузорем. Қаблан дар Тоҷикистон марзбонони рус буданд, ки дар таъмини амнияти берунии мо саҳми бузург гузошта, дар безарар гардонидани қочоқи моводи мухаддир саҳм гузоштаанд. Дар мо дивизияи 201-ум ҷойгир аст. Илова бар ин, дар қаламрави мо Россия аллакай як иншооти муҳими ҳарбӣ - истгоҳи “Окно” дар минтақаи Нерӯгоҳи барқи обии Норакро гирифтааст. Ин иншооти беназирест, ки истифодаи он ба шумо имкон медиҳад, ки фазои на танҳо дар ИДМ, балки аз он ҳам васеътарро назорат намоед. Ниҳоят, мо бо Россия дар чаҳорчӯби СПАД равобити бисёрҷониба дорем, ки ин имкон медиҳад ҳамкориҳоямонро боз ҳам фаъолтар созем. Чӣ дар рафти гуфтушуниди дутарафа ва чӣ дар доираи робитаҳои бисёртарафа мо ҳамеша забони умумӣ меёбем ва масъалаҳоро ба таври нек ва ба хубӣ ҳал мекунем [21].

Ҳамкории Тоҷикистону Қазоқистон дар сатҳи хеле пешрафта қарор дорад. Мо бо Қазоқистон гардиши молии калон дорем, ки аз он ҷо Тоҷикистон сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, ғалла ва дигар молҳоро мегирад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки равандҳои ҳамгироии байни кишварҳои мо, хусусан дар соҳаи иқтисодиёт боз ҳам фаъолтар бошанд. Ба фикрам, барои ин захираҳо бисёранд. Мо дар сатҳи вазоратҳои корҳои хориҷӣ робитаҳои зич ба роҳ мондаем, ки ба мо имкон медиҳанд, ки мавқеву

амалҳои худро дар доираи СММ, САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ба вақташ ҳамоҳанг созем. Фикр мекунам, ки дар роҳи рушди ҳамкориҳои Қазоқистону Тоҷикистон ҳеҷ монеа вуҷуд надорад. Мо метавонем дар соҳаи металлургияи ранга, энергетика, захираҳои об ҳамкорӣ кунем. Зиёда аз ин, мо системаи ягонаи энергетикӣ дорем [23].

Фазои кишварҳои Шарқи мусулмоннишин. Дар Тоҷикистон муносибати муайяни фарҳангӣ ва таърихӣ барои доштани равобити наздики дӯстона бо Эрон вуҷуд дорад. Гап дар бораи умумияти забон, маданият, адабиёт меравад, вале на дар бораи наздикии идеологӣ. Дар ин самт наздикшавӣ нест ва шуда ҳам наметавонад. Тоҷикистон давлати дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд аст. Аз ин рӯ, мо ва Теҳрон дар идоракунии давлатӣ бархӯрдҳои мухталиф ва ақидаҳои мухталиф дорем. Аммо ин чунин маъно надорад, ки мо имкониятҳои ҳамкориҳои фарҳангӣ, илмию техникӣ ва иқтисодиро васеъ накунем. Қадами аввал ва муҳим дар ин самт ширкати Эрон дар сохтмони нерӯгоҳи барқии обии Сангтӯда-2 буд. Ғайр аз ин, Эрон дар сохтмони нақби Анзоб кори ҳақиқатан бузургеро анҷом додааст, ки ин амалро истиқбол мекунем. Дар соҳаи иқтисодӣ набояд идеология вуҷуд дошта бошад ва дар ин замина кишвари мо ҳамкориро бо Эрон идома медиҳад ва аз он пуштибонӣ мекунад. Зимнан, Тоҷикистон ва Эрон узви як қатор созмонҳои минтақавӣ, ба монанди Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва Созмони Ҳамкории Исломӣ ҳастанд, [12, с.117-118] ки барои рушди минбаъдаи муносибатҳои тарафайн саҳми беандоза хоҳанд гузошт.

Фазои кишварҳои манфиатдор. Дар яке аз маводҳои таҳлилии худ, Талбак Назаров ҳамчун доктори илмҳои иқтисодӣ менависад, ки: «Ҷустуҷӯи роҳҳои вусъат додани ҳамкории иқтисодӣ бо мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо ва ИМА, минтақаи Осиё ва уқёнуси Ором ва хусусан бо Япония ба назар мувофиқ аст» [17, с.6]. Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки дар солҳои пешбурди сиёсати хориҷии кишвар низ ин фикрҳои худро баҳри пешбурди иқтисодиёти мамлакат ва некуаҳволии мардум амалӣ мекардааст.

Дар самти Осиёӣ чунин кишварҳо ба мисли Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва баъзеи дигар давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки дар рафти ба амал баровардани ислоҳоти иқтисодӣ ба дараҷаи баланди самарабахши идоракунӣ ноил гаштаанд, метавонанд шарикони афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон гарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст, ки бо ҳамаи кишварҳои хориҷи наздик ва дур, пеш аз ҳама, боназардошти манфиатҳои иқтисодӣ ва мақсаднокии сиёсӣ дошта, ҳамкориҳои судманд дошта бошад [16, с.29].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ дар доираи «Муколамаи Осиёи Марказӣ + Ҷопон» дар соҳаи амнияти минтақавӣ, ки унсури асосии он мубориза бо паҳншавии ғайриқонунии маводи мухаддир мебошад, ниҳоят муҳим ва саривақтӣ мебошад... Ин мушкилот махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Афғонистон дорои марзи тӯлонӣ мебошад, аҳамияти муҳим дорад» [3, с.120].

Миқёс, мураккабӣ ва ҳадафҳои дарозмуддат дар соҳаи таҳкими амнияту субот зарурати бархӯрди ҳамаҷониба ба татбиқи ҳамкориҳои гуногунҷанбаро барои безарар гардонидани таҳдиду хатарҳои нав дар ҷанбаи минтақавӣ бо нақши пешбарии худи давлатҳои Осиёи Марказӣ тақозо мекунад. Ҳамзамон, мехоҳам таъкид намоям, ки “Муколамаи Осиёи Марказӣ + Ҷопон” ба мо имкони беназир медиҳад, ки манфиатҳои миллиро бо ғамхории муштарак барои табдил додани минтақаи Осиёи Марказӣ ба қаламрави сулҳу субот ва шукуфоӣ муттаҳид созем [3, с.122].

Мо ҳама иқдомҳои Ҷопонро дар чаҳорчӯби “Муколама”-и имрӯза истиқбол ва дастгирӣ мекунем, аз он бармеояд, ки “захмҳои” иқтисоди мо (дар назар Тоҷикистон аст) хеле амиқанд, ки онҳоро танҳо бо “сузандоруҳои дохилӣ” табобат кардан ғайриимкон

аст. Имрӯз, беш аз пеш, сармоягузориҳо барои пурра кардани имкониятҳо ва захираҳои дохилӣ заруранд [12, с.163].

Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2001 дар Иттиҳоди Аврупо намояндагии дипломатии доимии худро надошта, сафорати кишвар дар он минтақа танҳо дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Австрия фаъолият мекарданд. Аз ин хотир, Талбак Назаров вазъи ҳамкориҳоро хуб дарк карда, дурнамои онро чунин шарҳ дода аст: «...ба раванди таҳкими муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (ИА) бояд аҳамияти аввалиндараҷа дод. Набудани намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Аврупо сатҳи ҳамкориҳои моро бо кишварҳои узви ин иттиҳодия ба таври қобили мулоҳиза коҳиш медиҳад. Мо набояд фаромӯш кунем, ки кишварҳои ИА донорҳои асосии созмонҳои байналмилалии башардӯстона мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имкониятҳоро бахри дар оянда васеътару амиқтар гардонидани ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои аврупоӣ дорад, ки онҳо метавонанд шарикони фаъол дар самти эҳё ва ташаккули минбаъдаи иқтисоди кишвар шаванд» [16, с.29]

Созмонҳои байналмилалӣ. Барои тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба системаи муҳимтарин созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ бо мақсади истифодаи иқтидори ҳамгироии онҳо барои суръат бахшидан ба таҳкими раванди рушди баъдиҷангӣ (манзур ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон аст), фароҳам овардани механизмҳои зарурии бозорӣ бо инфраструктураи муосири пешрафта дар кишвар аҳамияти бузург дорад. Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти худ дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё, Панҷгонаи Шанхай, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони Конфронси Исломӣ афзалияти бузург медиҳад. Ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби ин созмонҳои минтақавӣ ва зерминтақавӣ метавонад натанҳо робитаҳои бисёрҷонибаи ҷумҳуриро густариш бахшад, балки барои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварад. Аммо ин маънои онро надорад, ки Тоҷикистон ба рӯи тамоми ҷаҳон боз набошад [17, с.5-6].

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон узвият дар Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) аҳамияти бузург дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 ноябри соли 1992 узви ин созмони бонуфӯз гардид. Иштироки фаъолонаи кишвари мо дар фаъолияти СҲИ метавонад дар рушди иқтисодиёти миллӣ, ворид шудан ба системаи иқтисодии минтақа нақши назаррас бозад. Аҳамияти рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи СҲИ ҳамчунин аз он вобаста аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксарияти мутлақи давлатҳои аъзои Созмон ҳамсоя мебошад [11, с.34]. Ҳамкории Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Созмони ҳамкории иқтисодӣ метавонад дар рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамгироии он ба низоми иқтисодии минтақа нақши муҳим бозад [9, с.6].

Тавре ки маълум аст, солҳои охир коршиносон ва оилмони соҳаи сиёсат ва муносибатҳои байналмилалӣ фаъолияти ИДМ ва иқтидори онро бештар зери танқид гирифта, бесамар арзёбӣ мекунанд. Вале академик Талбак Назаров ИДМ-ро аз дигар паҳлу баҳогузорӣ карда, менависад, ки: «Сарфи назар аз баъзе тамоюлҳои бӯҳронӣ, иқтидори ИДМ ҳанӯз бузург аст. Гузашта аз ин, мавҷудияти Иттиҳод дар марҳилаи кунунӣ судманд боқӣ мемонад, зеро тавсеаи як қатор самтҳои ҳамгироӣ ба рушди дахлдори давлат, инчунин имкони мутобиқшавии бештари қобили қабул дар заминаи ҷаҳонишавӣ ба он такони муҳим медиҳад. Тавре ки шумо медонед, дар баробари Иттиҳод сохторҳои дигари ҳамгироӣ дар фазои пасошӯравӣ вуҷуд доранд, аммо онҳо дар баробари таъмини ҳамгироии амиқтар дар самтҳои интихобшуда, ба ҳеҷ ваҷҳ на аз лиҳози шумораи иштирокчиёни давлатҳо ё на ба соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ ба ИДМ

баробар шуда наметавонанд. Солҳои охир ҳамкориҳо вусъат ёфта, соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг ва ғайраро дар бар мегирад. Яке аз механизмҳои амалисозии ин вазифаҳо, албатта, Хазинаи байнидавлатии ҳамкориҳои башардӯстонаи кишварҳои узви ИДМ мебошад, ки ҳар сол дар кишварҳои ИДМ бештар чорабиниҳо баргузор намуда, ходимони фарҳанг, илм ва маорифро муттаҳид мекунанд» [7, с.34].

Вазири корҳои хориҷӣ Талбак Назаров дар ҳамоишу конференсияҳои гуногунсатҳи САҲА ҳамасола иштирок намуда, аз аҳамияти ҳамкориҳои ин созмон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо таъкид кардааст. Кӯшишҳои САҲА ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти Тоҷикистон ва атрофи он дар низоми авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвари мо мақоми хос дорад. Аз лаҳзаи таъсиёбӣ дар соли 1994, Намояндагӣ дар ҳама соҳаҳои инкишофи ҷомеаи мо - аз мусоидат ба дигаргуниҳои демократӣ то саҳмгузорӣ дар раванди ҳаллу фасли низои миёни тоҷикон фаъолона иштирок мекунад [22].

Мо ба ҳамкорӣ бо САҲА ва ниҳодҳои он аҳамияти хос қоилем ва бештар ниятҳои худро дар мавриди ҳалли вазифаҳои ҷорӣ дар соҳаи демократикунонии ҷомеа бо онҳо пайванд медиҳем [22].

Тоҷикистон ба таҳкиму густариши минбаъдаи ҳамкориҳо бо САҲА аҳамияти калон дода, онро ба сифати Созмони муҳиме, ки барои дастгирии сулҳ ва амният дар минтақа масъул аст, мешиносад [22].

Дар шароити ҳозираи ташаккули тартиботи нави ҷаҳонӣ, масъалаи афзалиятноки ташвиши Тоҷикистон на танҳо амният аз таҳдидҳои беруна, балки ҷустуҷӯи кафолати амнияти миллӣ аз катаклизмҳои ногаҳонӣ мебошанд. Мо ба хубӣ дарк мекунем, ки кафолати байналмилалии суботнокӣ хислати муҳимро дорост. Ин дарккуниҳо ба ҳадди имкон рӯзмарра будани рушд ва таҳкими ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ дар назар дорад [22].

Талбак Назаров ба ҳайси вазири корҳои хориҷӣ аз лаҳзаҳои аввал дар таъсисдиҳии Созмони ҳамкориҳои Шанхай фаъолона иштирок дошта, дар зинаҳои баъдии ташаккулёбии он низ бетараф набуд. Тоҷикистон яке аз муассисони Созмони ҳамкориҳои Шанхай аст. Ҳифзи сулҳу субот дар минтақа, мубориза муштарак бо терроризми байналмилалӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа, дурнамои ширкат дар ҳамкориҳои минтақавии тиҷоративу иқтисодӣ дар фазои васеи Авруосиё, ҷалби сармояи иловагии хориҷӣ ба бахши гидроэнергетикии кишвар, имкони азхудкунии муштараки сарватҳои табиии кишвар заминаи асосӣ барои иштироки фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ табдил ёфт.

Ҷузъи иқтисодии ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби СҲШ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр аҳамияти муҳим дорад. Бо таъсиси СҲШ назарияи эҳёи «Роҳи бузурги абрешим» воқеан ба ҷанбаи дар амалия татбиқ шуданаш гузашт... Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои ҷуғрофии СҲШ мақоми марказиро ишғол мекунад. То 60%-и муомилоти моли кишвар ба давлатҳои узви СҲШ рост меояд.

СҲШ як имконияти беназир барои ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҷоди соҳаҳои муосири иқтисодиёт ва истеҳсолот дар шароити бозоргонӣ, ташаккули қабати нави қувваи кории соҳибихтисос, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва инфрасохтори нақлиётӣ мебошад [12, с.177-179].

Як самти муҳими дигари ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби СҲШ метавонад рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон бошад, ки воситаи муассири тавсеаи заминаи мавҷудаи иқтисодӣ, фароҳам овардани шароит барои шуғли аҳолӣ ва афзоиши воридоти сармояи хориҷӣ мебошад. Таҷрибаи Чин ва Россия дар соҳаи сайёҳӣ метавонад ба кишвари мо дар беҳбудӣ ва рушди инфрасохтор, нақлиёти ҳавоӣ ва меҳмонхонаҳо, инчунин коммуникатсияҳои асосӣ, таъмини оби нӯшокӣ ва меъёрҳои санитарию беҳдоштӣ

мусоидат кунад. Тоҷикистон дар оянда метавонад ба яке аз марказҳои сайёҳии кӯҳӣ ва экологӣ дар фазои СҲШ табдил ёбад [5, с.40].

Яке аз шартҳои муҳими рушди иқтисодӣ густариш ва амиқтар кардани ҳамкориҳои минтақавӣ ва зерминтақавӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҳамгироии иқтисодӣ аҳамияти хоса дода, дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва зерминтақавӣ, аз қабили ИДМ, СҲШ, СҲИ ва СКИ (ҳоло СҲИ) ба мадори ҳамкориҳои байналмилалӣ шомил гардид. Ҳамаи ин ташкилотҳо ҳуҷҷатҳои оинномавию барномавии худро доранд, ки сатҳи ҳамкории бисёрсамтаи байналмилалиро танзим мекунанд. Ҳамзамон, тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ тавассути равишҳои минтақавӣ дар самти афзалиятнок бояд ба миён гузошта шавад [15, с.49].

Ҳамин тавр, академик Талбак Назаров нозукиҳои дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосирро таҳлилу баҳогузорӣ намуда, ҷиҳати дуруст ба роҳ мондан ва дар амал татбиқ намудани онро чунин пешниҳод кардааст: “Барои сиёсати хориҷии кишваре мисли Тоҷикистон чӣ муҳим аст? Кишвари мо вазифадор аст, ки тамоми қувваашро ба харҷ диҳад, то ки бо ҳама муносибати хуб дошта бошад. Ҳатто агар баъзе аз ин кишварҳо нисбат ба мо ягон кинаву адоват ҳам дошта бошанд. Барои тағйир додани нуқтаи назарашон бояд бо онҳо ҳамкорӣ кард. Дар мулоқоту гуфтушунидҳо ҳеҷ гоҳ набояд мавқеи кишвари сеюмро ба интиқод гирифт. Мо набояд манфиатҳои миллии худро қурбон кунем. Ин манфиатҳоро дағалона не, балки ба таври моҳирона ҳимоя кардан лозим аст [6, с.33].

Чуноне, ки Талбак Назаров дар натиҷаи таҳқиқоту таҷрибаи ғании худ менависанд: - Пас аз эълони истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи фаъоли сиёсати хориҷии худро пеш бурда истодааст, ки ба таҳкими нуфӯзи байналмилалии он, ташаккул ва густариши муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо даҳҳо кишварҳои хориҷи дуру наздик, инчунин бо бисёр давлатҳои ҷаҳон ва ташкилотҳои ғайриҳукуматии байналмилалӣ нигаронида шудааст. Дар маҷмӯи ин муносибатҳо ташаккул, рушд ва густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ бо тамоми шарикон дар асоси принсипҳои манфиати мутақобила ва ҳамдигарфаҳмиро ҳамчун авлавият пешбинӣ менамояд [11, с.34].

Аз фаъолияти пурсамар ва андешаҳои академик Талбак Назаров хулоса карда, бо чанд нукта ин қисмати рисоларо ҷамъбаст менамоем:

1. Ҳамкории кишварҳо дар доираи иттиҳодияҳои минтақавӣ ва зерминтақавӣ дар шароите аҳамияти бузург дорад, ки таъсири ба истилоҳ ҷаҳонишавӣ, ки пеш аз ҳама муносибатҳои иқтисодиро фаро мегирад, дар ҳама ҷо меафзояд.

2. Сарфи назар аз тамоми душвориҳое, ки ба тараққиёти мо халал мерасонанд, Тоҷикистон бояд кишваре бошад, ки барои ҳамкории иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ бо ҳамаи онҳое, ки таваҷҷуҳи самими зоҳир менамоянд, кушода бошад. Дар ҳамин ҳол Тоҷикистон мувазаф аст, ки дар баробари таҳдидҳои афзояндаи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таҳаммулпазирии кофӣ ва тавоноии назорати сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодиро дар дасти худ нигоҳ дорад. Дар ин ҷо ҳам дар заминаи ҳамкориҳои дуҷониба ва ҳам дар сатҳи созмонҳои минтақавӣ ва зерминтақавӣ пешбурди фаъолияти муваффақи сиёсию дипломатӣ низ хеле муҳим аст.

3. Ҳамкориҳои мо бо кишварҳои ҳамсоя ба он асос ёфтааст, ки дар ҳоли ҳозир мо бисёр манфиатҳои муштарак ва вазифаву мушкилоти зиёде дорем, ки ҳамоҳангсозии ҳадафмандонаи амалиёти сиёсии тамоми давлатҳои минтақаро тақозо мекунад.

4. Расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола сарҳадест, ки бояд онро гузарем, вале мо бояд пеш аз ҳама худамон ин вазифаҳоро ҳал намоем. Яке аз омилҳои муҳими рушди ҷумҳурии мо ҳамкориҳои густурдаи минтақавӣ ва ҳамчунин таҳкими шарикии мо бо

созмону сохторҳои байналмилалӣ ҷиҳати дарёфти имконияту кӯмакҳои муайян мебошад.

5. Баояндаи рушди муносибатҳои Тоҷикистону Хитой бо умеди калон ва некбинӣ нигарсита, бо вусъат додани сатҳи ҳамкориҳои бадастомада метавон боз натиҷаҳои зиёдеро соҳиб шуда, дар баробари ин шарикии стратегӣ бо Хитойро то ба сатҳи мақоми афзалиятноки стратегӣ расонем.

6. Ба раванди таҳкими муносибатҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо бояд аҳамияти аввалиндараҷа дод. Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми имкониятҳоро баҳри дар оянда васеътару амиқтар гардонидани ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои аврупоӣ дорад, ки онҳо метавонанд шарикони фаъол дар самти эҳё ва ташаккули минбаъдаи иқтисоди кишвар шаванд.

7. Чунин кишварҳо ба мисли Ҷопон, Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва баъзеи дигар давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ки дар рафти ба амал баровардани ислоҳоти иқтисодӣ ба дараҷаи баланди самарабахши идоракунӣ ноил гаштаанд, метавонанд шарикони афзалиятноки Ҷумҳурии Тоҷикистон гарданд.

**Адабиёт**


1. Академик Талбак Назаров: Опыт Китая может служить устойчивому развитию государств ЦА. // [Электронный ресурс]. URL: https://khovar.tj/rus/2010/11/akademik-talbak-nazarov-opyt-kitaya-mozhet-sluzhit-ustojchivomu-razvitiyu-gosudarstv-tsa/ (дата обращение: 08.12.2020).
2. Академик Талбак Назаров: Опыт Китая может служить устойчивому развитию государств Центральной Азии. // [Электронный ресурс]. URL: http://russian.people.com.cn/31518/7188632.html (дата обращение: 08.12.2020).
3. Дипломатия Таджикистана. [Текст] Изд. УИ МИД РТ, №15, 2006.
4. Интервью корреспондента В. Панфиловой с Министром иностранных дел Таджикистана Т. Назаровым под названием «Революции в Таджикистане не будет. Она уже была». [Текст] // Журнал «Евразия сегодня», Москва, 2006, (№3), - стр. 60.
5. Интервью Талбака Назарова собственному корреспонденту ИТАР-ТАСС в Таджикистане Г.Гридневой, опубликованное в журнале “Компас”. [Текст] // Москва, 2006, июнь, №24, - стр. 40.
6. Назаров, Т. Патриарх. Талбак Назаров о себе, о жизни и о тонкостях таджикской дипломатии. [Текст] / Т. Назаров // Журнал VIP-zone, №5, 2009 г. - стр. 30-35.
7. Назаров, Т. Талбак Назаров: Потенциал СНГ велик. [Текст] / Т.Назаров // Журнал Форум плюс, №4, 2015 г., - 104 стр.
8. Назаров, Т.Н. Афганистан: шанс на социально-экономическое возрождение [Текст] / Т.Н. Назаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2002, №1.
9. Назаров, Т.Н. Внешняя политика в системе факторов международного сотрудничества. [Текст] / Т.Н. Назаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 1998, №2.
10. Назаров, Т.Н. Региональная интеграция – мощный фактор устойчивого экономического роста [Текст] / Т.Н. Назаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2006, №4.
11. Назаров, Т.Н. Рынок в системе международного экономического сотрудничества. [Текст] / Т.Н. Назаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 1998, №1.
12. Назаров, Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество. [Текст] / Т.Н. Назаров // – Душанбе: “Ирфон”, 2007, - 204 с.

13. Назаров, Т.Н. Таджикистан и Китай: сотрудничество на уровне стратегического партнерства. [Текст] / Т.Н. Назаров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук. 2015, №1.

14. Назаров, Т.Н. Таджикистан: на пути достижения целей развития тысячелетия. [Текст] / Т.Н. Назаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2005, №4.

15. Назаров, Т.Н. Таджикистан: некоторые проблемы возрождения экономики в контексте реформ и международного сотрудничества [Текст] / Т.Н. Назаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2002, №2.

16. Назаров, Т.Н. Таджикистан: некоторые проблемы экономического развития и международного сотрудничества на пороге XXI века [Текст] / Т.Н. Назаров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – Душанбе, 2000, №1.

17. Назаров, Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. [Текст] / Т.Н. Назаров // – Душанбе: УИ МИД РТ, 2001. – 250 стр.

18. Назаров, Т.Н. Китайско-таджикское сотрудничество: от прошлого к настоящему и будущему. // [Электронный ресурс]. URL: http://russian.people.com.cn/31521/7670155.html (дата обращение: 03.02.2022); Газета “Женьминь жибао” онлайн, 2011, 8 декабря.; Известия Академии наук Республики Таджикистан. [Текст] Отделение общественных наук. 2012, №2.

19. Раҳмонов, Э. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлоли ҶТ ва худшиносӣ [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 1995, - саҳ. 78.

20. Раҷабзода А.Н., Ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ. [Матн] / А.Н. Раҷабзода // Идоракунии давлатӣ. 2021 - №4/1 (53), - саҳ. 258.

21. Революции в Таджикистане не будет. Она уже была. (Из интервью Министра иностранных дел Таджикистана Т.Назарова журналисту Т. Полянникову). // [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/revolyutsii-v-tadzhikistane-ne-budet-ona-uzhe-byla-iz-intervyu-ministra-inostrannyh-del-tadzhikistana-t-nazarova-zhurnalistu-t/pdf (дата обращение: 19.01.2023).

22. Суханронии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Талбак Назаров дар Ҷаласаи Шӯрои доимии САҲА ва Ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии САҲА. Вена, Осло. солҳои 1997, 1998, 1999, 2000.

23. Талбак Назаров о ШОС и таджикско-казахских отношениях (интервью). // [Электронный ресурс]. URL: https://centrasia.org/newsA.php?st=1074447480 (дата обращение: 14.05.2023).

24. Талбак Назаров. В мир с миром. // [Электронный ресурс]. URL: https://www.kommersant.ru/doc/2288427 (дата обращение: 18.12.2021).

25. Талбак Назаров. Наша политика – политика открытости. [Текст] / Т. Назаров // «Огонек», спецальный выпуск, ноябрь 1996.

# МНЕНИЕ ТАЛБАКА НАЗАРОВА О РАЗВИТИИ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН СО СТРАНАМИ МИРА И МЕЖДУНАРОДНЫМИ ОРГАНИЗАЦИЯМИ

**РАДЖАБЗОДА АЪЗАМДЖОН НУРАЛИ,**
соискатель кафедры дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 917-60-40-67. E-mail:ran.13031996@mail.ru

*В статье исследована и обсуждена мнение Талбака Назарова о развитии отношений Республики Таджикистан со странами мира и международными и региональными организациями.*

*Также, автор отмечает, что сегодня практически все работники государственной и дипломатической службы помнят или знают, что Талбак Назаров является крупным ученым, дипломатом и выдающимся политическим деятелем, а также одним из главных архитекторов внешней политики Республики Таджикистан в эпоха независимости. Начиная с первых лет своего служения, он излагал свои идеи и теории, связанные с развитием отношений Республики Таджикистан со странами мира и международными организациями в своих книгах, статьях и выступлениях, что сыграло ключевую роль в построение современной внешней политики Таджикистана.*

*Также в данной статье автор разделил мнения Талбака Назарова на пять направлений, связанных с развитием отношений Республики Таджикистан со странами мира и международными организациями, и исследовал каждое направлений и его разные аспекты. Например, к ним относятся пространство соседних стран, пространство стран Содружества Независимых Государств, пространство стран мусульманского Востока, пространство заинтересованных стран и международных организаций. В конце статьи автор подвел итоги темы, опираясь на мнение академика Талбака Назарова.*

***Ключевые слова:*** *внешняя политика, отношения, страны мира, международные организации, сотрудничество, соседние страны, национальные интересы, развитие, партнеры.*

# TALBAK NAZAROV'S OPINION ON THE DEVELOPMENT OF RELATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN WITH THE COUNTRIES OF THE WORLD AND INTERNATIONAL ORGANIZATIONS

**RAJABZODA AZAMJON NURALI,**
applicant for the Department of Diplomacy and International Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 917-60-40-67. E-mail:ran.13031996@mail.ru

*The article explored and discussed the opinion of Talbak Nazarov on the development of relations of the Republic of Tajikistan with the countries of the world and international and regional organizations.*

*Also, the author notes that today almost all employees of the state and diplomatic service remember or know that Talbak Nazarov is a prominent scientist, diplomat and prominent political figure, as well as one of the main architects of the foreign policy of the Republic of Tajikistan in the era of independence. Starting from the first years of his ministry, he expounded his ideas and theories related to the development of relations of the Republic of Tajikistan with the countries of the world and international organizations in his books, articles and speeches, which played a key role in building the modern foreign policy of Tajikistan.*

*Also in this article, the author divided the opinions of Talbak Nazarov into five areas related to the development of relations of the Republic of Tajikistan with the countries of the world and international organizations, and explored each direction and its different aspects. For example, these include the space of neighboring countries, the space of the countries of the Commonwealth of Independent States, the space of the countries of the Muslim East, the space of interested countries and international organizations. At the end of the article, the author summed up the topic, based on the opinion of Academician Talbak Nazarov.*

***Key words:*** *foreign policy, relations, world countries, international organizations, cooperation, neighboring countries, national interests, development, partners.*

УДК: 327

# ХАТАРҲОИ МУОСИРИ ҶАҲОНӢ ДАР СИМОИ МУБОРИЗАҲОИ ИТТИЛООТӢ

**ҲАМРОЗОДА МИРМУҲАММАД ФАРРУХ,**
ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 939-06-00-05. E-mail: hamroev.mirmuhammad@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муборизаҳои иттилоотӣ ҳамчун таҳдид ва ё хатари муосири ҷаҳонӣ мавриди таҳлилу тадқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф кӯшидааст то андозае хусусиятҳои муайяни муборизаҳои иттилоотиро ҳамчун хатари муосири ҷаҳонӣ нишон диҳад. Муборизаҳои иттилоотӣ метавонанд, ба зеҳну тафаккури инсонҳо таъсири манфӣ расонида, сабаби шакл гирифтани ҷангҳои иттилоотии мураккаб гарданд. Ҳамзамон барои пешбурди манфиатҳои худ ва фишор овардан ба манфиатҳои кишварҳои дигар дар фазои иттилоотӣ ҳизбу созмонҳо ва гурӯҳҳои алоҳида ба муқобили ҳамдигар муборизаи иттилоотиро торафт вусъат медиҳанд. Муаллиф дар мақола қайд менамояд, ки ин муборизаҳо бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ бо ҳадафҳои гуногун роҳандозӣ карда мешаванд, ки метавонанд дар ҷомеаи муосир ба сифати таҳдиди воқеӣ баромад намоянд. Муаллиф иброз медорад, ки дар замони муосир муборизаи иттилоотиро аксаран кишварҳои абарқудрат, бозингарони минтақавӣ ва ширкатҳои фаромиллии бузурги ҷаҳон барои амалисозии ҳадафҳои сиёсӣ ва иқтисодии худ истифода мебаранд.*

***Калидвожаҳо:*** *муборизаҳои иттилоотӣ, ҷомеаи иттилоотӣ, иртиботи маҷозӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ҷангҳои иттилоотӣ, иттилооти мақсаднок, амнияти иттилоотӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, истиқлоли технологӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ.*

Дар шароити инкишофи имрӯзаи ҷаҳон раванду ҳодисаҳое пайдо мегарданд, ки дар шаклу намудҳои нав зуҳур карда, моҳиятан аз равандҳои таърихи гузашта фарқ доранд. Ҳар як давраи рушди таърихӣ дар ҳаёти инсоният тағйиротҳоеро ба вуҷуд меорад, ки дар баробари беҳтар гардонидани ҳаёти иҷтимоии одамон боз дар навбати худ ҳамчун тағйироти хатарафзо дониста мешавад.

Раванди пайдоиш, ташаккул ва инкишофи воситаҳои алоқа миёни одамон низ ҳаёти инсониятро ба маҷрои нав ворид намуда, шаклҳои муосири иртиботро ба вуҷуд овард. Имрӯз сокинони сайёра дар иҳотаи ҷомеаи иттилоотӣ умр ба сар мебаранд ва тавассути иртиботи маҷозӣ алоқаҳои худро дар самтҳои гуногун ба роҳ мемонанд. Маълум аст, ки рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ қариб ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсир расонида, ба маҳаки асосии рушди онҳо табдил ёфтааст. Кашфи иртиботи нав дар ҳаёти инсоният бевосита ба қатори тағйироти бузурги сифатии олам ворид гаштааст, ки он дар давраҳои муосири рушд ҳамчун таҳаввулоти бузург номида мешавад.

Пайдоиши муборизаҳои иттилоотиро аксари коршиносон ҳамчун заминаи шаклгирии ҷангҳои иттилоотӣ медонанд. Чун замоне, ки иттилоот дар муқобили манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат истифода мешавад, бешубҳа муборизаеро шакл медиҳад, ки тарафҳои ба ҳам зид барои ҳифзи манфиатҳои худ тавассути иттилооти мақсаднок бештар кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ ба одамон дастрас намудани иттилоотро осон намуда, дар навбати худ барои шаклгирии муборизаҳои иттилоотӣ заминаҳои устувор мегузорад. Албатта ҳамагон хуб дарк кардаанд, ки пайдоиши воситаҳои муосири иттилоърасон фаъолият ва иртиботи инсонҳоро назар ба садсолаҳои гузашта ба куллӣ дигаргун намуда, ҳатто ба доираи муқовиматҳою муборизаҳои онҳо таъсир расонидааст. Истифодаи технологияҳои

иттилоотӣ, махсусан шабакаи умумиҷаҳонии интернет ба шуур ва ҷаҳонбинии одамон ворид гашта, шакли зиндагонии сифатан навро ба онҳо пешкаш кард. Агар дар солҳои аввали пайдоши шабакаи умумиҷаҳонии интернет инсоният онро танҳо бо мақсади беҳтар кардани робитаҳои худ истифода мебурд, ҳоло ин шабакаи умумиҷаҳонӣ ба пайдоиши муқовимату муборизаҳои иттилоотӣ сабаб шуда, дар шаклҳои мукаммал ҷангҳои иттилоотиро роҳандозӣ карда истодааст.

Бесабаб нест, ки асри XXI-ро асри технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва ё асри илму техника унвон кардаанд. Ҳоло дастрасӣ ба иттилоот бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотию коммуникатсионӣ ба яке аз қисматҳои ҷудонопазири ҳаёти инсоният мубаддал гаштааст, зеро иттилоот бо сиёсат, иқтисодиёт, тараққиёти илму техника, ҳифзи муҳити зист ва истеҳсолот робитаи ногусастанӣ дошта, ба пешрафти онҳо таъсири амиқ мегузорад.

Рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро ба доираи ҷомеаи иттилоотӣ ворид менамояд. Аз ин рӯ марҳилаи кунунии рушди инсоният пурра вобастаи иттилоот гардида, сатҳи таъмини амнияти иттилоотӣ низ дар ҷаҳон рӯз то рӯз мураккабу душвор мегардад. Воқеият аз он шаҳодат медиҳад, ки дар тӯли се даҳсолаи охир шумораи истифодабарандагони шабакаи умумиҷаҳонии интернет босуръат зиёд мешавад. Дар шароити муосир иттилоот беш аз пеш ба равандҳои сиёсӣ таъсир расонида, мушкилотҳои мураккабу печидаро ба миён меорад. Аксари муборизаҳои иттилоотӣ маҳз тавассути воситаҳои муосири иттилоърасон, махсусан шабакаи умумиҷаҳонии интернет ба роҳ монда шуда, фазои иттилоотии кишварҳоро ба маҷрои нави муборизаҳо ворид месозад. Бояд ёдовар шуд, ки равандҳои глобализатсионӣ дар олам бештар барои кишварҳои абарқудрати ҷаҳон муваффақият бахшида, дар навбати худ барои давлатҳои миллӣ ва рӯ ба инкишоф маҳдудиятҳои зиёдеро ба бор меоранд. Кишварҳои мухталифи ҷаҳон ҳарчанд барои таъмини амнияти иттилоотии худ кӯшиш намоянд ҳам, идоранашавандагии иттилоот ва торафт мураккаб гаштани системаи фазои иттилоотӣ раванди ҳимояи манфиатҳои миллии давлатҳоро рӯз аз рӯз душвор мегардонад.

Авзои сиёсии ҷаҳон кишварҳоро водор месозад, ки барои ҳимояи манфиатҳои миллию давлатии худ дар фазои иттилоотӣ иқтидори иттилоотиро таҳким бахшанд. Зеро ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар фазои иттилоотӣ аз иқтидори иттилоотии давлат сахт вобаста буда, усуворгардонии он дар навбати худ як қатор чорабиниҳои илмию амалиро тақозо менамояд. Бо роҳҳои гуногун таъмин намудани амнияти иттилоотӣ низ дар қатори вазифаҳои аввалиндараҷаи фаъолияти давлатҳо қарор гирифта, мавқеи онҳоро дар низоми ҷомеаи иттилоотӣ муайян месозад.

Таъмини амнияти иттилоотии давлат ва ҷомеа дар фаъолияти ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ дида мешавад. Аммо салоҳият ва самти фаъолияти онҳо аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд, ки чунин ҳолат аз мақсад ва вазифаҳои ин сохторҳо вобаста мебошад. Салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ омили муҳиме мебошад, ки дар заминаи онҳо низоми таъмини амнияти иттилоотӣ ташаккул дода мешавад. Системаҳои иттилоотӣ ва манбаъҳои иттилоотӣ аз ҷониби ҳамаи мақомоти давлатӣ ташкил ва истифода бурда мешаванд, аммо дар низоми таъмини амнияти иттилоотии давлату ҷомеа нақши марказиро он мақомоте соҳиб аст, ки вазифаҳои роҳбарикунанда ва мутобиқсозандаро иҷро мекунанд ва сатҳу сифати амнияти иттилоотии кишвар аз салоҳият ва ваколатҳои онҳо вобаста мебошад. [14, с.206]

Тоҷикистон ҳамчун як давлати воҳид дар ҷаҳон ба системаи ҷомеаи иттилоотии олам пайваст аст ва вобаста ба имкониятҳои мавҷуда зина ба зина воситаҳои таъмини амнияти иттилоотии хешро таҳким мебахшад. Аммо бояд таъкид намоем, ки дар

шароити торафт мураккаб гаштани фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва авҷ гирифтани муборизаҳои иттилоотӣ зарурате пеш омадааст, ки мутахассисонро дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ омода намоем. Албатта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи донишкадаву донишгоҳҳои олӣ ихтисосҳо вобаста ба таъмини амнияти иттилоотӣ мавҷуданд, вале дар ҳамин шароит диққати махсусро ба самти мазкур мукаммалан равона сохтан амри зарурӣ ва саривақтист.

Барои таъмини амнияти миллии худ, ҳар як давлати соҳибистиқлол бояд истиқлоли технологии худро таҳким бахшад. Яъне бояд дар назар дошт, ки барои муқовимат намудан ба таҳдидҳои рақамӣ ҳар як давлат бояд аз ҷиҳати технологӣ пурқувват бошад. Имрӯз танҳо давлатҳое, ки аз ҷиҳати технологияи иртиботӣ хуб муҷаҳҳаз ҳастанд, метавонанд манфиатҳои миллии худро дар фазои иттилоотии ҷаҳон ҳифз намоянд. Технологияҳои иртиботӣ имрӯз як унсури муҳими набардҳо ва ё ҷангҳои гибридӣ маҳсуб меёбанд. [12, с.31]

Бояд гуфт, ки яке аз воситаҳои асосии бе мушкилӣ паҳн гаштани равандҳои глобализатсиониро маҳз ҷаҳонишавии иттилоот ташкил медиҳад. Ҳамагон хуб дарк кардаанд, ки талабот ва эҳтиёҷоти инсоният ба иттилоот рӯз то рӯз афзуда боиси ҳар чи бештар рушд кардани ҷомеаи иттилоотӣ гаштааст.  Муборизаҳои иттилоотии кишварҳо бошад дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба назар расида, беш аз пеш қариб ҳамаи бахшҳои зиндагиро фаро мегиранд. Дар ҳамин замина мо метавонем муборизаҳои иттилоотиро дар қатори хатарҳои муосири ҷаҳонӣ ворид созем. Ҳамзамон дар ин радиф якчанд омилҳоеро номбар намудан мумкин аст, ки муборизаҳои иттилоотиро дар ҷаҳон ба сифати хатари нав муаррифӣ месозанд:

- муборизаҳои иттилоотӣ метавонанд, ба шуури инсонҳо таъсири манфӣ расонанд;
- муборизаҳои иттилоотӣ фазои иттилоотии давлатро маҳдуд намуда, боиси сар задани ҷангҳои иттилоотӣ мегарданд;
- муборизаҳои иттилоотӣ бо мақсади амалисозии мақсадҳои сиёсию идеологӣ роҳандозӣ мегарданд;
- муборизаҳои иттилоотӣ дар раванди ҳимояи манфиатҳои давлату миллатҳо монеаҳои мураккаб эҷод менамоянд;
- муборизаҳои иттилоотӣ мустақиман дар роҳи таъмини суботи сиёсии мамлакат таҳдиди воқеӣ мебошанд;
- муборизаҳои иттилоотӣ дар ноором ва ноустувор гардонидани ҷомеа саҳм мегиранд;
- муборизаҳои иттилоотӣ шуури ҷомеаро коҳиш дода, барои онҳо дарк ва шинохти иттилооти воқеиро душвор мегардонанд;

Дар шароити кунунӣ таъсири манфӣ ва таҳдиди раванди ҷаҳонишавӣ ба шуур ва маънавиёти ҷомеа тавассути расонаҳои гурӯҳӣ, ки нерӯи бузурги таъсиррасонӣ доранд, хеле зиёд эҳсос мегардад. Иттилоот ва расонаҳо имрӯзҳо на танҳо барои талқини сулҳу субот ва оромӣ истифода мешаванд, балки мутаассифона дар тарғибу ташвиқи гурӯҳу созмонҳои террористӣ ва ифротгаро низ саҳм мегиранд. Ҳизбу ҳаракатҳои гуногун зимни роҳандозии муборизаҳои иттилоотӣ барои тағйир додани зеҳну тафаккури корбарони шабакаи интернет ва таъсир расонидан ба шуури онҳо аз тамоми роҳу воситаҳо истифода мебаранд. Шумораи воситаҳои ҷалби одамон ба шабакаи умумиҷаҳонии интернет рӯз то рӯз афзуда, боис мегардад то шумораи истифодабарандагони он дар олам зиёд гардад. Масалан барои пахши иттилоот ва ташкили аудиторияи зиёди шунавандаю бинанда имтиёзҳо торафт хеле зиёд мегарданд, ки ин омил ҳам метавонад дар ояндаи наздик аҳолии зиёди курраи заминро ба шабакаи

умумиҷаҳонии интернет ҷалб намояд. Бояд таъкид кард, ки аксари муборизаҳои иттилоотии замони муосир назар ба навъҳои анъанавии ВАО маҳз тавассути шабакаи умумиҷаҳонии интернет сурат мегирад.

Муборизаҳои иттилоотиро метавон сарчашма ва заминаи асосии ҷангҳои иттилоотӣ номид. Шиддат гирифтани ҷангҳои иттилоотӣ шабоҳати он аст, ки имрӯз дар ҷаҳон муборизаҳои иттилоотӣ тамоми давлатҳои оламро фаро гирифтаанд. Ҳадаф аз роҳандозии ҷангҳои иттилоотӣ ҳамвор кардани роҳ барои дахолати амалии субъектҳои сиёсӣ дар қаламрави объектҳои сиёсӣ ва дастрасӣ ба сармояҳои табииву инсонӣ аст. Воқеаҳои охири Белорусу Қирғизистон бозгӯи онанд, ки то чӣ андоза зеҳниятсозӣ ва мағзшӯии ҳадафмандонаи коргардонҳои саҳнаи геополитикӣ метавонанд, таъсиргузор бошанд. Тазоҳуроту бархӯрдҳои иҷтимоию сиёсие, ки дар кишварҳои мазкур сурат гирифтаву ҳанӯз ҳам ҷараён доранд, бидуни шубҳа паёмади ҳуҷумҳои иттилоотие ҳастанд, ки давлатҳои муайян онҳоро ба хотири манфиатҳои худ роҳандозӣ мекунанд. [6, с.14]

Бояд гуфт, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ барои пешбурди манфиатҳои худ ва фишор овардан ба манфиатҳои кишварҳои дигар дар фазои иттилоотӣ ҳизбу созмонҳо ва гурӯҳҳои алоҳида ба муқобили ҳамдигар муборизаи иттилоотиро торафт вусъат медиҳанд. Ин муборизаҳо бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ бо ҳадафҳои гуногун роҳандозӣ карда мешаванд. Фазои иттилоотӣ барои гурӯҳҳои манфиатҷӯ ва ҳизбу ҳаракатҳои ҷиноятпеша ҳамчун майдони озоди фаъолият баромад менамояд. Маълум аст, ки ҷалби одамон ба андешаҳои иртиҷоӣ дар шароити муосир маҳз тавассути воситаҳои муосири иттилоотӣ ба роҳ монда мешаванд. Ташкил намудани пойгоҳҳои онлайнии махсус аз ҷониби гурӯҳҳои манфатҷӯ таваҷҷӯҳи доираи васеи одамонро ба худ ҷалб намуда, табақаҳои мухталифро ба доми фиреби худ мекашанд. Алакай маълум аст, ки дар давоми ду даҳсолаи охир гурӯҳҳои террористию экстремистӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфта, ба воситаи тарғибу ташвиқи иттилооти зарарнок ба шуури одамон ва рафтору фаъолияти онҳо таъсири манфӣ расонида истодаанд. Ҳамин аст, ки қисми зиёди нафароне, ки ба сафи гурӯҳҳои террористию ифротгаро мепайванданд, маҳз дар шабакаи иҷтимоӣ мағзшӯӣ мешаванд.

Вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар замони муосир муборизаи иттилоотиро аксаран кишварҳои абарқудрат, бозингарони минтақавӣ ва ширкатҳои фаромиллии бузурги ҷаҳон барои амалисозии ҳадафҳои сиёсӣ ва иқтисодии худ истифода мебаранд. Фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ба саҳнаи бархурди манфиатҳои сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангии марказҳои қудрати ҷаҳони муосир ва василаи муассири ташаккули афкори умум ва самт додани он ба манфиати доираҳои муайян табдил ёфтааст. Дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ дар баробари тамоюлҳои мусбати созанда, ки огоҳиро аз натиҷаҳои навтарини фаъолияти башарият таъмин мекунанд, равандҳои манфии хатарзо барои амнияти иттилотии кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон низ нуҳуфтаанд. [2, с.169]

Ҳар чи қадаре, ки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ рушд намоянд ва миқёси истифодабарии интернет васеъ гардад, ҳамон қадар хавфу хатари ба амал баровардани муборизаю ҷангҳои иттилоотӣ ва зиёд шудани хуҷумҳои иттилоотӣ меафзояд. Ҳамзамон имкони ба амал омадани муборизаҳои иттилоотӣ ҳамчун хатари муосири ҷаҳонӣ ба сабаби рушди пайвастаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ беш аз пеш зиёд мегардад. Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар тамоми минтақаҳои олам алакай ба доираи фазои иттилоотӣ кашида шудаанд ва маҳз ҳамин омил замина мегардад, то дар давраҳои минбаъдаи рушд муборизаҳои иттилоотӣ пурра дар роҳи ҳифзи манфиатҳои миллату давлатҳо роҳандозӣ гардад.

Дар шароити кунунӣ идоракунӣ ва зери ҳадафи муайян қарор додани ақидаи инсоният тавассути воситаҳои техникии паҳкунандаи иттилоот сурат мегирад. Бешубҳа онҳое, ки дар давраи технологияҳои рақамӣ таваллуд шудаанд, шабакаи умумиҷаҳонии интернет як қисмати муҳими ҳаёти онҳоро ташкил медиҳад. Маҳз бо дарназардошти ҳамин омил муҳите ташкил гардидааст, ки одамон бештар шабакаҳои иҷтимоиро дар ҳаёти худ ба таври васеъ истифода менамоянд. Пахши иттилооти ҳадафмандона низ аз ҷониби давлатҳо, ширкатҳо ва гурӯҳҳои гуногуни манфиатдор аксаран дар шабакаҳои иҷтимоӣ сурат мегирад, ки ин раванд метавонад барои кишварҳои алоҳида махсусан давлатҳои миллӣ таҳдиди бузург бошад.

Мутаассифона, шабакаҳои иҷтимоӣ ба як қувваи пуриқудрати идора кардани зеҳну рафтори ҷавонон табдил ёфтаанд, ки қодиранд ба афкори ҷомеа таъсири манфӣ расонанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ ба аъзоёни гурӯҳҳои динию ифротӣ имкониятҳои нав фароҳам меоранд, то ки ҷавонон тавассути онҳо корҳои тарғиботию ташвиқотии ифротии худро фаъолу густурда намоянд. Барои зери назорат гирифтани шуури оммаи зиёди одамон бо ёрии ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ гурӯҳҳои ифротгаро асосан омили тарсро ба намоиш гузошта, дар фазои ҷомеа бенизомию бесуботиро ҳукмфармо менамоянд. Яъне тарғибу ташвиқ ва ба намоиш гузоштани тарс мақсади асосии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва терроhistiро ташкил медиҳанд. [13, с.42]

Пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонӣ тавассути воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ амалӣ гардида, ин навовариҳо дар бахши рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ чунон сурат мегиранд, ки чизе дирӯз эҷод шуда буд алакай фардо куҳнашуда ба ҳисоб меравад. [2, с.172]

Чуноне дар боло зикр шуд, мутассифона на дар ҳама мавридҳо воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз рӯи таъиноташон дуруст истифода мегарданд. Махсусан содиршавии ҷиноятҳо тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар шароити кунунӣ яке аз роҳҳои паҳнгаштатарини ҷиноятҳо ба шумор меравад, ки ин ҷиноятҳо дар арафаи роҳандозии муборизаҳои иттилоотӣ хеле зиёд ба назар мерасанд. Тавре маълум аст, шумораи ҷиноятҳо аз қабили терроризм, экстремизм, ҷинотҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои махсусан вазнин, ки метавонанд амнияти кишварро халалдор созанд, зиёд шуда, гурӯҳҳои ҷиноятӣ мақсадҳои ғаразноки худро тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ менамоянд. [2, с.173] Ҷои нигаронист, ки дар қонунгузории ҷиноятии кишварҳои гуногуни олам ба ҳамин масъала камтар таваҷҷуҳ мешавад. Ин маънои онро надорад, ки барои содир кардани киберҷиноятҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ дар қонунгузории ягон мамлакат мавҷуд нест. Зеро терроризми иттилоотӣ мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба қатори ҷиноятҳои хавфнок дохил шудааст. Бар замми ин таъкид кардан бамаврид аст, ки ҷиноятҳои киберие, ки дар шакли нав зуҳур мекунанд боз ҳам давлатҳои ҷаҳонро муаззаф месозанд то дар ин самт чораҳои заруририро беш аз пеш амалӣ созанд.

Муборизаҳои иттилоотии замони муосир на танҳо ба даст овардан ва нигоҳ доштани иттилоотро дар худ нигоҳ медорад, балки интиқол додан ва паҳн намудани онро низ тақозо менамояд. Рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла тавсеаи шабакаи умумиҷаҳонии интернет, афзоиш ёфтани истифодабарандагони он, ба вуҷуд омадани шабакаҳои иҷтимоӣ ва видеопорталҳо муборизаҳои иттилоотиро тезу тунд намудаанд. Дар ин раванд мушоҳида намудан мумкин аст, ки афзалияти бештар насиби онҳое, мешавад, ки инфрасохтори иттилоотии рушдёфта доранд. Аз ин рӯ яке аз шартҳои асосии нигоҳ доштани мавқеи худ ва ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар ба амал баровардани рушди инфрасохтори иттилоотӣ ва ташаккул додани сиёсати давлатии иттилоотӣ мебошад. Дар раванди ба амал омадани муборизаҳои иттилоотӣ ҳуҷумҳои

киберӣ ва ҳуҷумҳои иттилоотиро баръало мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳатто як қатор давлатҳо барои анҷом додани чунин амалҳо "киберартиш" ташкил намудаанд. Бо дарназардошти чунин вазъ гуфтан мумкин аст, ки муборизаҳои иттилоотӣ унсури марказии ҷангҳои иттилоотиро ташкил медиҳанд. [11, с.18-19]

Муборизаҳои иттилоотии замони муосир барои пайгирӣ намудани мақсадҳои гуногун анҷом дода мешаванд. Яъне бе истифодаи силоҳу аслиҳа майдони муборизаеро дар фазои маҷозӣ шакл медиҳанд, ки дар зери он ҳатто мақсадҳои гуногуни хосияти иртиҷоидошта ҷой мегиранд. Низоъҳои мусаллаҳонаи замони муосир нишон медиҳанд, ки бурдани муборизаҳои иттилоотӣ ҳангоми амалиётҳои ҳарбӣ барои ғолиб омадан дар ҷанг заминаи мусоидеро фароҳам меорад.

Воқеияти олами муосир нишон медиҳад, ки муборизаҳои иттилоотӣ ба мақоми давлат дар сатҳи байналмилалӣ таъсири манфӣ расонида, доираи ҳамкориҳои байналмилалии онро коҳиш медиҳад. Зеро кишваре, ки мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор мегирад, ҳатман дар сурати мағлуб шудан дар муборизаи иттилотӣ дигар мақоми пешинаи худро дар муносибатҳои байналхалқӣ ба даст оварда наметавонад. Аз ин лиҳоз ҳамин омил боис мегардад, ки ҳамаи давлатҳои олам кӯшиши ғолиб омадан дар муборизаҳои иттилоотиро мекунанд. Дар баробари ба вуҷуд омадани чунин таҳдиду хатарҳо бояд давлатҳои гуногуни олам махсусан давлатҳои миллӣ сиёсати иттилоотиро ҳамчун воситаи муҳимтарини таъмини амнияти хеш пазиранд. Барои ин бояд моҳият ва ҷанбаҳои мушаххаси сиёсати иттилоотӣ мавриди тадқиқоти мукаммал қарор гирад. Зеро тақвият бахшидани иқтидори иттилоотии давлат тақозои замон буда, маҳз бо ин роҳ давлату миллатҳо устувории хешро дар муборизаҳои иттилоотии замони муосир таъмин карда метавонанд.

Мубориза дар муҳити иттилоотӣ аз мақсадҳои муайян иборат аст. Шикасти иттилоотии рақиб мақсади асосии ҳар як муборизаи иттилоотӣ ба шумор рафта, барои ноил гардидан ба он ҷонибҳои ба ҳам зид аз тамоми роҳу воситаҳо истифода менамоянд. Масалан тавассути пахши иттилоотҳои бардурӯғ, ки шаклан ба воқеаи баамаломада мувофиқ мебошанд ҷонибҳо кӯшиш менамоянд, ки мавқеи худро муайян намуда, нуфузи тарафи муқобилро пасттар нишон диҳанд.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти хусусиятҳои мухталифи муборизаҳои иттилоотӣ онро ба сифати яке аз хатарҳои муосири ҷаҳонӣ шинохтан мумкин аст. Майдони муборизаҳои иттилоотӣ метавонад ба саҳнаи ҷанги мудҳише монанди ҷангҳои иттилоотии мураккаб табдил ёбад, ки ҳазорҳову миллиардҳо талафотҳои моддиву маънавиро ба бор орад.

**Адабиёт**

1. Бухарин С.Н., Цыганков В.В. Информационные войны в бизнес и политике / С.Н. Бухарин, В.В. Цыганков. -М.: Академический проект, 2007. – 365с.
2. Бюллетени Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 №1-2 (26-27) / Душанбе: "Фархунда М", 2021, 232 с.
3. Зибарев М.В. Экономическая безопасность: учебное пособие / М.В. Зибарев. - Орск: Изд-во ОГТИ, 2010. -175 с.
4. Махмадов П.А. Информационная безопасность в системе политической коммуникации: состояние и приоритеты обеспечения (на материалах государств Центральной Азии): дис. … д-ра полит. наук: 23.00.04 / П.А. Махмадов. -Душанбе, 2018. – 323 с.
5. Маҳмадов А.Н., Сафарализода Х.Қ. Амнияти миллӣ: воситаи таълимӣ / А.Н. Маҳмадов, Х.Қ. Сафарализода. -Душанбе: Империал-груп, 2019. – 224 с.

6. Муҳаммад А.Н., Саидзода Д. Ҷангҳои иттилоотӣ – таҳдид ба амнияти миллӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 29 ноябри соли 2022).
7. Нуриддинов Р.Ш., Нуриддинов П.Р. Геополитика. -Душанбе: Эр-граф. 2016. – 236 с.
8. Панарин И.Н. Информационная война, PR и мировая политика / И.Н. Панарин. -М.:Горячая линия -Телеком, 2006. -352 с.
9. Почепцов Г.Г. Информационные войны / Г.Г. Почепцов. -М., 2000. – 280 с.
10. Таваров Д.С. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон): дисс. номзади илмҳои сиёсӣ: 23.00.02 / Д.С. Таваров. -Бохтар, 2020. – 180 с.
11. Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дисс. номзади илмҳои сиёсӣ: 23.00.02 / Ф.А. Холиқов. -Душанбе, 2022. - 192 с.
12. Ҳайдаров Р.Ҷ. Шабакаҳои иҷтимоӣ – ҷабҳаи нави набардҳо дар ҷангҳои иттилоотӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 29 ноябри соли 2022)
13. Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022).
14. Ятимов С.А., Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии таъмини он // Идоракунии давлатӣ. 2021 /№3 (52). С. 204-216.

## СОВРЕМЕННЫЕ ГЛОБАЛЬНЫЕ ОПАСНОСТИ В ОБРАЗЕ ИНФОРМАЦИОННОЙ БОРЬБЫ

**ХАМРОЗОДА МИРМУХАММАД ФАРРУХ,**
ассистент кафедры политологии и связи с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республики Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 939-06-00-05. E-mail: hamroev.mirmuhammad@mail.ru

*В статье анализируются и исследуются информационные борьбы как современная глобальная угроза. Автор попытался показать некоторые особенности информационной борьбы. Информационные конфликты могут оказывать негативное воздействие на сознание и мышление людей, становиться причиной формирования сложных информационных войн. При этом в целях продвижения своих интересов и давления на интересы других стран в информационном пространстве отдельные партии, организации и группы все больше расширяют информационную борьбу друг против друга. Автор отмечает в статье, что эти бои ведутся с применением современных информационных технологий различного назначения, что может выступать реальной угрозой в современном обществе. Автор указывает, что в современное время информационная война часто используется сверхдержавами, региональными игроками и крупными транснациональными организациями мира для реализации своих политических и экономических целей.*

***Ключевые слова:*** *информационное борьба, информационное общество, виртуальное общение, информационно-коммуникационные технологии, информационная война, целевая информация, информационная безопасность, защита национальных интересов, технологическая независимость, социальные сети.*

## MODERN GLOBAL RISKS IN THE FORM OF INFORMATIONAL WARFARE

**HAMROZODA MIRMUHAMMAD FARRUKH,**
Assistant of the Department of Political Science and Public Relations
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.

734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 939-06-00-05. E-mail: hamroev.mirmuhammad@mail.ru

*In this article, informational warfare as a modern global threat is analyzed and researched. The author tried to show certain features of informational warfare. Informational conflicts can have a negative impact on people's minds and thinking, and become the reason for the formation of complex information wars. At the same time, in order to advance their interests and put pressure on the interests of other countries in the informational space, individual parties, organizations and groups are increasingly expanding the informational warfare against each other. The author notes in the article that these struggles are conducted with the use of modern informational technologies for various purposes, which can act as a real threat in modern society. The author points out that in modern times informational warfare is often used by superpower countries, regional players and large multinational companies of the world to realize their political and economic goals.*

***Key words:*** *informational warfare, informational society, virtual communication, informational and communicational technologies, informational warfare, targeted information, informational security, protection of national interests, technological independence, social networks.*

УДК: 327 (575.3)

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҶАНБАҲОИ СИЁСИИ РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**СОДИҚЗОДА ХУШБАХТ НАСРЕДДИН,**
докторант (PhD)-и кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 918-24-39-00. E-mail: sodiqzoda-khushbakht@mail.ru

*Равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ дар сатҳи нави густариши ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодии кишварҳои минтақа ба роҳ монда шуда, муколамаи минтақавӣ барои дурнамои рушди устувор ҷараён дорад. Рушди равобити сиёсии давлатҳо имконияти фарохро барои ташаккул додани муносибатҳои минтақавӣ ба миён оварда, густариши равобити байни давлатҳо устувор менамояд. Давлатҳои минақаро зарур аст, ки аз тамоми роҳу воситаҳоро истифода намуда, ҳамкориҳои минтақавии худро таҳким бахшанд. Зеро дар ҷаҳони муосир давлатҳо дар алоҳидагӣ сулҳу суботи сиёсии худро таъмин карда наметавонанд ва аз ҷомеаи ҷаҳонӣ вобастагӣ доранд.*

*Кишварҳои Осиёи Марказӣ низ аз ҳамдигар тавъам мебошанд, чунки омилҳои марзиву ҳудудӣ, таърихиву фарҳангӣ, сиёсиву иқтисодӣ ва ҳамсоягиву ҳамҷаворӣ боис ба он мегарданд, ки давлатҳо равобити минтақавии худро ташаккул диҳанд.*

*Муаллиф чунин мешуморад, ки якчанд масъалаҳое мавҷуд ҳастанд, ки ҷиҳати ташаккул додани равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ таъсири худро мерасонанд ва мавзӯи мақолаи мазкур ба таҳқиқи ин падида нигаронида шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Авруосиё, Осиё, Осиёи Марказӣ, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, равандҳо, ҳамгироӣ, дурнамо, ҳамкорӣ, иттифоқ, дипломатия, муносибатҳои байниҳамдигарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, шарикии стратегӣ, сиёсати хориҷӣ.*

Равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз аҳди бостон то замони мо инкишоф ёфта, пайгириҳои нави равобити минтақавӣ ҷараён дорад. Давлатҳои ин минтақа пайвандии фарҳангиву тамаддунӣ дошта, муносибатҳои ҳамҷаворecho худро ташаккул дода истодаанд.

Густариши ҳамкориҳои минтақавӣ дар ин давра барои таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами на танҳо давлатҳои ин минтақа, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Баррасӣ намудани ин масъала имконият медиҳад, ки ҳамоҳангӣ ва ҳамгироии минтақавӣ дар арсаи байналмилалӣ аз нигоҳи нав мавриди муҳокима қарор дода шавад ва дар раванди ҳал намудани проблемаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷаҳон, мавзӯи ҳамгироии минтақавӣ афзалияти худро пайдо менамояд.

Муҳимияти ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии кишварҳои ин минтақа ба ҳисоб меравад. Зарурати ба роҳ мондани ҳамгироии минтақавӣ аз мушаххас намудани вазифа ва мақсадҳои сиёсии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити дигаргун шудани вазъи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷаҳон мебошад.

Ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ба равандҳои тавофуқи кишварҳо дар масъалаҳои мубрами ташаккул додани ҳамкориҳои минтақа ва ҷаҳон муосидат намуда, барои пешгирӣ намудани давлатҳои минтақа аз хатарҳои имконпазир ба амнияти миллӣ имкониятҳои навро фароҳам меоварад ва заминаи муосиди воқеиро барои татбиқи манфиатҳои миллӣ таъмин менамояд.

Заминаҳои ҳуқуқии ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказиро пеш аз ҳама санадҳои меъёрии ҳуқуқии муштараки давлатҳо, созишномаву шартномаҳо, эъломияҳо, паймонҳо, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудани давлатҳои минтақа ташкил медиҳанд [1.С.23].

Давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ равобити минтақавии худро дар асоси присипҳои: эътироф кардани баробарӣ, эҳтиром намудан ба истиқлолият ва тамомияти арзии давлатҳои минтақа ва ҷаҳон, риоя намудани меъёри дахлнопазирии марзҳо, истифода набурдан аз зӯрӣ ва ё таҳдид дар муносибатҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, ҷонибдорӣ намудан аз ҳалли осоиштаи ихтилофу низоъҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, ҳамзамон эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, иҷро намудани уҳдадориҳое, ки аз ҳуқуқи байналмилалӣ ва уҳдадориҳое, ки аз созиши минтақавии муштарак бармеоянд, риоя намудани волоияти ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, барқарор намудан ва густариш додани робитаҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, напазируфтани ҳама гуна шаклҳои поймол намудани ҳуқуқ дар муносибатҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ амалӣ менамоянд.

Равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ манфиатҳои миллии давлатҳои минтақаро дар самти ташаккул додани сиёсати хориҷӣ ифода намуда, ба устувор гардонидани муносибатҳои ҳамҷаворий минтақавӣ замина мегузорад [3.С.4].

Ҳамгироии минтақавии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар асоси муносибатҳои боваринок, дӯстона ва ҳусни ҳамҷаворӣ ба роҳ монда шуда, шароити муосид барои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳоро фароҳам меоварад. Дар навбати худ, марҳала ба марҳала сатҳи некуаҳволии мардуми минтақа баланд бардошта шуда, амнияти иқтисодии давлатҳо таъмин карда мешавад. Дар самти ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони кишварҳои минтақа раванди ягонаи танзимкунандаи меъёрии ҳуқуқӣ таъсис дода шуда, давлатҳои минтақаро ба ҳайси давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд муаррифӣ менамояд.

Ҷомеа ҷаҳонӣ ҳоло дар пасманзари тағйиротҳои ҷиддии муносибатҳои байналмилалӣ қарор дошта, давраи гузариш ва ташаккули низоми бисёрқутбиро паси сар намуда истодааст [3.С.4]. Дар шароити дигаргуншавии вазъи сиёсӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ равандҳои ҳамгироии минтақавӣ таҳдид гардида, равобити давлатҳои Осиёи Марказӣ аз сатҳи шарикии стратегӣ ба сатҳи иттифоқӣ расад.

Раванди ҷаҳонишавӣ аз умдаи масъалаҳои муҳими ташаккул гардидани ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Афзоиши хатару тадҳдидҳои сиёсӣ, ба амал омадани бухронҳои иқтисодӣ, авҷ гирифтани низоҳои байнисарҳадӣ, босуръати паст рушд ёфтани давлатҳои ақибмонда нисбат ба кишварҳои пешрафта, аз байн рафтани фарҳангу тамаддини халқу миллатҳо, баланд гардидани сатҳи камбизоатӣ, тағйирёбии иқлим, баланд гардидани ҳарорати ҳаво, обшавии пиряххо ва ғайра аз паёмадҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ мебошанд [12], ки давлатҳои минтақаи Осиёи Марказиро зарур аст то ин ки ҳамроҳ бо ҷомеаи мутамаддин низоми муайянеро барои истиодагарӣ намудан ва рушди устувори минтақа ва ҷаҳон ба роҳ монанд.

Аз ҷумлаи масъалаҳои ҳамгироии минтақавӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ин проблемаи рушди ноустувор ва нобаробарии иқтисодӣ нисбат ба давлатҳои ҷаҳони якум, ки дар ҳоли устуворӣ қарор доранд, маҳсуб меёбад [4.С.87]. Давлатҳои Осиёи Марказӣ ду даҳсолаи охир аст, ки ба гурӯҳи кишварҳои дар ҳолати рушди устувор қарор дошта шомил шудаанд. Дар давраи гузариш аз низоми аграрӣ - саноатӣ ба низоми саноатӣ – аграрӣ давлатҳои минтақаи Осиёи Марказиӣ барои дастёбӣ ба бозори ҷаҳонӣ

тамоми имкониятҳои худро истифода намоянд. Масъалаи пайвастан ба бозори ҷаҳонӣ яке аз сабабҳои ташаккул додани равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Дар ҳолати ба роҳ мондани равобити ҳамгироӣ давлатҳои Осиёи Марказӣ метавонанд, ки пайвандгари дигар давлатҳои қитъаи Авруосиё гарданд. Зери минтақаи Осиёи Марказӣ дар қалби ин қитъа ҷойгузин аст ва дар ҳолати ташаккули ҳамгироии минтақавӣ шароити зарурӣ барои рушди тиҷорати ҷаҳонӣ фароҳам оварда мешавад. Молу маҳсулот аз як гӯшаи ҷаҳон ба дигар гӯшаи ҷаҳон тавассути роҳҳои заминӣ интиқол меёбанд. Агар кишварҳои дур аз Осиёи Марказӣ барои тиҷорати худ аз роҳҳои обӣ ва ҳавоӣ истифода намоянд, хароҷот барои истифода аз роҳ бештар сарф мегардад. Дар ҳолати роҳандозӣ намудани ҳамгироии минтақавӣ равобити тиҷоратӣ тавассути роҳҳои ин минтақа, пеш аз ҳама роҳҳои нақлиётӣ ва роҳҳои оҳан сурат хоҳад гирифт. Аз сабаби надоштани роҳ ва ё сарҳад ба баҳру укёнус, давлатҳои Осиёи Марказӣ дар асри гузашта мушкилии иқтисодиро дар ин ҷода доштанд. Аммо дар замони ҳозира бошад, надоштани роҳҳои обӣ сабаби пешрафти иқтисодиёти ин минтақа мегардад. Зеро лоиҳаҳои нави иқтисодиву тиҷорати дар масири “Як камарбанд – як роҳ” ва пайвастани кишварҳои Аврупо бо Осиё дар масоили содироту воридоти молу маҳсулот амалӣ гардида истодаанд. Ин имконият барои минтақа афзалияти иқтидорӣ маҳсуб меёбад. Кишварҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки аз ин иқтидори худ самаранок истифода намуда, барои ҳарчи зудтар амалӣ гардидани ҳамгироии минтақавӣ дар самти роҳу коммуникатсия талош намоянд.

Омили дигаре, ки ба ташаккулёбии равандҳои ҳамгироии минтақавӣ метавонад, ки таъсирпазир бошад, ин истифодаи мақсадноки захираҳои стратегӣ, пеш аз ҳама захираҳои табиӣ барои минтақаи Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ дорои захираҳои бойи табиӣ мебошанд, аз ҷумла:

- **Ҷумҳурии Қазоқистон:** беш 99 элементҳои кимиёвии системаи Д.Менделев дар ин кишвар мавҷуд буда, 47% - и захираҳои табиӣ истифода нашаанд, 50% -и захираҳои табиӣ дар истеҳсолот ва саноат истифода мешавад, 1225 намуди сарватҳои табии минералӣ, синк, волфрам, нуқра, свинс, хромит, мед, флюррит, молибден, тилло, нефт, газ, уран, висмут, алюминий, оҳан, марганс, сарватҳои нодир ва ғайриметаллӣ, ангишт, фосфорит ва ғайра бештари захираҳои табии ин кишварро ташкил медиҳад;
- **Ҷумҳурии Қирғизистон:** бештари захираҳои ин давлатро об тақрибан 8000 пирях, металлҳои нодир ва ранга, ашёи ғайриметаллӣ, сӯзишворӣ, тилло, ртут, сурма, олов, волфрам, ангишт фаро мегирад;
- **Ҷумҳурии Тоҷикистон:** яке аз калонтарин конҳои нукра – Кони Мансур дар ин давлат ҷойгир буда, сангҳои қимматбаҳо, уран (мувофиқи маълумоти СММ 16% - и миқдори урани ҷаҳон дар ин кишвар мавҷуд аст), ангишт, алюминий, металлҳо ва полиметаллҳо ва ғайра;
- **Ҷумҳурии Туркманистон:** нефт, гази табиӣ, серу, свинетс, мирабилит, йод, бром, известянк, мергел, доломит, гранит, гипс, қуми кварсӣ, гравий, галенчик ва ғайра захираҳои табии ин кишварро ташкил медиҳанд, ки захираҳои нефт ва гази табии ин кишвар нисбат ба дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ бештар аст;
- **Ҷумҳурии Ӯзбекистон:** мед, тилло, уран, нефт, газ, сӯзишворӣ, ангишт ва ғайра захираҳои табии ин давлатро ташкил медиҳанд, ки тибқи маълумоти оморӣ ба ҳисоби миёна дар як сол 3,5 миллион тонна нефт дар ин кишвар истихроҷ карда мешавад [16], [17], [18].

Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар якҷоягӣ имконияти ташаккул намудани ҳамкориҳои минтақавӣ дар самти истифодаи оқилонаи захираҳои табииро доранд.

Содироту воридоти маҳсулотҳои табиӣ дар минтақа ба рушди иқтисодии давлатҳо дар соҳаҳои саноат ва истеҳсолотро устувор намояд. Монеаҳои минтақавӣ аз байн бурда шуда, иқтидори содиротӣ низ баланд бардошта шавад. Тавассути Қирғизистон ва Тоҷикистон кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ба Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Осиёи Шарқӣ, тавассути Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон ба Федератсияи Россия ва Оисиёи Шимоливу Аврупои Шарқӣ, тавассути Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба Осиёи Ҷанубиву Шарқи Наздик муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии худро ташаккул дода, аз роҳҳои транзитии ин давлатҳо истифода намоянд. Мавҷуд будани вобастагии сарҳадӣ пеш аз ҳама ба равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири аввалиндараҷа дорад ва танҳо бо истифода аз роҳҳои заминиву фазои ҳавоии ҳамдигар давлатҳои минтақа дар робита бо ҷомеаи ҷаҳонӣ бошанд [7.С.5]. Маҳз вобастагии сарҳадӣ омили асосии ташаккули равандҳои ҳамгироии минтақавӣ маҳсуб меёбад. Мамлакатҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки дар ин самт ҳамкориҳои минтақавии худро густариш диҳанд.

Дар замони муосир захираҳои табиӣ ба сифати сарвати асосии кишварҳо баромад мекунанд. Маҳз ба ҳамин хотир дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, ба мисоли Ҷумҳурии арабии Сурия, Яман, Либия, Ироқ, Венесуэла, Украина, баҳри Кариб, канали Суэтс, Афғонистон ва дигар кишварҳо ҷангҳои дохиливу шаҳрвандӣ сар зада, ҳоло таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин кишварҳо нигаронида шудааст. Ҳукуматҳои ин кишварҳо аз идоракунии давлатӣ наборамода, талабгори кӯмак аз созмону ниҳодҳои байналмилалӣ мебошанд. Захираҳои табиӣ, аз ҷумла нефт ва газ нақши калидиро дар ин низоҳо доранд. Зеро ҳадафҳои гурӯҳҳои дахлдор амиқан ба ҳамин масъала равона шуда, онҳо манфиатдоранд, ки захираҳои табиии ин кишварҳои ҷангзадаро барои эҳтиёҷоти моддии худ сарф намояд ва бо ин роҳ даромади зеёдро соҳиб гарданд.

Барои давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳодисаҳое, ки дар ҳар гӯшаи ҷаҳон рӯх дода истодаанд, бояд ки таҷриба шавад ва барои роҳ надодан ба чунин вазъият ҳаматарафа кӯшиш намоянд, ки захираҳои табиии худро оқилона истифода намоянд.

Ҳоло иқтидори захираҳои табиии минтақаи Осиёи Марказӣ нисбат ба дигар қисматҳои ҷаҳон кам истифода шуда истодааст [4.С.88]. Сабаб дар он аст, ки давлатҳои ин минтақа аксари маҳсулотҳои тайёршударо аз дигар гӯшаи ҷаҳон харидориву ворид менамоянд ва аз захираҳои табии худ маҳсулоти тайёру нимтайёр ба шумори кам истеҳсолу истифода менамояд ва онро низ на он қадар зиёд ба хориҷ содир менамоянд. Истифодаи оқилонаву самараноки захираҳои табиии минтақаи Осиёи Марказӣ аз сокинони ин минтақа вобастагӣ дорад. Танҳо дар ҳамбастагиву ҳамгироии муштаракона давлатҳои Осиёи Марказӣ имконият доранд, ки ба ин мақсадашон дастёб гарданд.

Бинобар ин, пешниҳод менамоем, ки дар самти ба роҳ мондани ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ вобаста ба масъалаҳои дуруст истифода бурдани сарвату захираҳои табиӣ муколамаи минтақавӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин самт бештар дар соҳаҳои захираҳои обӣ ва гидроэнергетикӣ ҳамгироии минтақавии Осиёи Марказӣ ташаккул ёфта истодааст. Аммо, ҳоло ҳам на он қадар қаноатбахш мебошад. Кишварҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки ба ғайр аз масъалаҳои обу гидроэнергетика, дар дигар самтҳои истифодаи дурусти захираҳои табиӣ ҳамкориҳои минтақавии худро ба роҳ монанд.

Масъалаи дигари раванди ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ ин иқлим мебошад. Иқлими Осиёи Марказӣ хушк аст ва тамоми давлатҳои он бошад офтобрӯя мебошанд. Ҳамаи фаслҳои сол мувофиқи вақт ва давраи муайян дар минтақа амалӣ мегарданд.

Дар Қазоқистон иқлими континенталӣ буда, ҳарорати ҳаво дар моҳи январ дар шимол ва шимолу шарқи мамлакат аз – 19 $^0$С ва дар ҷануб то + 1 $^0$С сард шуда, дар тобистон бошад ҳарорати миёнаи ҳаво аз + 17 $^0$С то + 31 $^0$С гарм мешавад. Дар шаҳри Туркистони вилояти Қазоқистони Ҷанубӣ ҳарорати ҳаво дар тобистон эҳтимол то + 50 $^0$С расад. Дар фасли зимистон дар ин давлат наонқадар барф меборад ва ҳавои камсард аст. Дар шаҳри Атбасари вилояти Акмолинск ва шаҳри Павлодари вилояти Павлодар ҳарорати ҳаво дар фасли зимистон то – 58 $^0$С сард шуданаш имконопазир мебошад.

Иқлими Қирғизистон низ континеталӣ мебошад ва аз сабаби мавҷуд будани кӯҳҳои бештар ва баланд дар ин давлат боришоти зиёд ба амал меояд. Омили ҷойгиршавӣ дар маркази Авруосиё ва дар ҳамсоягии давлатҳои камзамину баландкӯҳ ба ин кишвар таъсири калон расонида, дар фасли зимистон сарднокии зиёдеро ба бор меорад. Ба ҳисоби миёна дар фасли тобистон ҳарорати баланди ҳаво ба + 44 – 53,6 $^0$С ва дар фасли зимистон ҳарорати пасти ҳаво ба – 27 – 30 $^0$С дараҷа мерасад.

Дар Тоҷикистон иқлим субтропикӣ, тағйирёбанда, камбориш, хушкии ҳарорати ҳаво ва камабр мебошад. Сардии ҳаво аз + 2 то – 20 $^0$С дар зимистон гармии ҳаво аз + 30 то +48 $^0$С дар тобистон мерасад. Минтақаи Бадахшон сардатарин ва вилояти Хатлон, махсусан ноҳияи Шаҳритус қисмати гармтарини Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

Туркманистон иқлими континенталӣ, хушк, зимистони наонқадар сард, камбориш ва камабр дорад. Ҳарорати ҳаво ба ҳисоби миёна аз +3/5 то – 6 $^0$С дар зимистон сард ва дар тобистон бошад + 25 то +32 $^0$С гарм мегардад. Миқдори боришоти солона то 150 мм зиёд гардида, дар минтақаҳои кӯҳии назди Арал ва Қарабогазголе то 350 мм афзоиш меёбад.

Ӯзбекистон иқлими континенталӣ дорад, ки ба ҳисоби миёна ҳарорати ҳаво дар зимистон аз + 4 то – 10/32 $^0$С сард ва дар тобистон аз +27 то 37 $^0$С гарм мешавад. Аз сабаби қисмати зиёди Ӯзбекистонро биёбон ташкил доданаш, шаҳрҳову маҳалҳои аҳолинишини он дар наздикии дарёҳо ҷойгир шудаанд.

Давлатҳои минтақа аз ҳамдигар дар масъалаи иқлим низ вобаста мебошанд. Қирғизистон ва Тоҷикистон, ки бештари захираҳои оиву гидроэнергетикии минтақаи Осиёи Марказиро бо сабаби доштани кӯҳҳои баланд ва пиряххои зиёд, сарчашмаи обии минтақаро ташкил медиҳанд. Назар ба дигар гӯшаи ҷаҳон барои зихираҳои табиӣ ва масъалаҳои иқлимӣ дар Осиёи Марказӣ ҳеҷ як низои ҷиддие ба амал наомадааст. Дар ҷаҳон барои истифодаи захираҳои табиӣ ва масъалаҳои иқлим ҷангҳоди дохиливу минтақавӣ рӯх дода истодаанд. Чунин ҳолат дар давраи қадим низ ба амал меомаданд. Давлатҳое, ки дар минтақа соҳиби ками захираҳои фоиданоку даромаднок ҳастанд ба зидди кишварҳои дорои сарватҳои бойи табиӣ дар низои сиёсиву ҳарбӣ қарор мегиранд.

Дар гузашта давлатҳои Аврупо, ба монанди Португалия, Подшоҳии Испания, Британияи Кабир, Италия, Фаронса, Олмон, Австрия, Венгрия, Белгия ва Нидерландҳо ба мақсади истифодаи захираҳои табиии дигар минтақаҳои ҷаҳон, аз қабили Осиё, Африқо ва Амрико мубориза҅ҳо бурда, кӯшиш карданд, ки баъзе давлатҳои ҳамонвақтаи қитъаҳои номбаршударо ба зери мустамликаи худ даровранд ва мардумони онҳоро барои интиқоли захираҳои табиӣ ҳамчун қувваи корӣ истифода мебурданд. Ҳоло ҳам, новобаста аз тағйир ёфтани шароит ва дигаргуншавии низоми ҷаҳонӣ чунин кирдор аз ҷониби субъектҳои нави муносибатҳои байналмилалӣ, ки худро ҳамчун давлати абарқудрат пазируфтаанд, амалӣ гардида истодааст.

Дар вобаста ба гуфтаҳои дар боло зикршуда, зарур мешуморем, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамгироии минтақавии худро дар самтҳои истифодаи сарватҳои табиӣ ва иқлим густариш диҳанд.

Масъалаи дигаре, ки ба равандҳои ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсиррасон шуда метавонад, ин проблемаи ба амал омадани буҳронҳои молиявию иқтисодӣ мебошад. [4.С.88]. Дар шароити имрӯза ҳар як буҳрони молиявию иқтисодӣ, ки дар минтақае аз гӯшаи ҷаҳон ба амал меояд, таъсири худро ба аксарияти давлатҳои ҷаҳон, новобаста аз мавқеи ҷойгиршавӣ ва пешрафташон мерасонад. Мисоли равшан, масъалаи буҳрони на танҳо молиявию иқтисодӣ, балки буҳрони сиёсии давлати Украина мебошад, ки таъсири он ба давлатҳои дур, ба монанди Тунис, Ҷумҳурии Арабии Миср, Туркия, Ҳиндустон ва дигар кишварҳо, ки дар ин масъала ягон алоқаманд нестанд, расонид.

Барои минтақаи Осиёи Марказӣ масъалаи мазкур ҳамчун мушкилоти ҷиддӣ маҳсуб меёбад. Зеро давлатҳои ин минтақа ба наздикӣ соҳиситиқлол гаштаанд ва баъд аз ҷангҳои шаҳрвандӣ барои Тоҷикистон ва тезутундшавии вазъи сиёсӣ барои Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон роҳи рушди устуворро интихоб намуда, ба давлати саноатӣ табдил гардида истодаанд. Ҳамоҳангии кишварҳои минтақа дар масоили пешбинӣ намудани хатарҳо аз буҳронҳои молиявию иқтисодӣ мавқеи аввали сиёсати хориҷии онҳоро ташкил диҳад.

Ду даҳсолаи охир аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба муқобили шарики стратегии минтақаи Осиёи Марказӣ – Федератсияи Россия таҳримҳои вазнини молиявию иқтисодиро ҷорӣ намуда истодаанд. Чунин вазъият ба минтақаи Осиёи Марказӣ низ таъсири аввалиндараҷаи худро мерасонад. Дар натиҷаи вазъи молиявию иқтисодии кишварҳои минтақа бад гашта, проблемаи беқурбшавии пул ва камбизоатӣ сар мезанад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар навбати худ даҳсолаи аввал аст, ки барои пешбинӣ аз чунин хавфу хатарҳо бо ҳамсояи наздики худ – Ҷумҳурии Мардумии Чин равобити густурдаи худро дар алоҳидагӣ ва ба таври дастаҷамъона ба роҳ мондаанд. Ҷумҳурии Мардумии Чин метавонад ба сифати мамлакати таъсиррасон ба равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мавқеи намоёнро ишғол намояд.

Буҳронҳои молиявӣ дар бозори ҷаҳонӣ афзоиш ёфта истодаанд ва кишварҳо низ ба онҳо ворид шуда, дар маҷрои тағйиротҳои иқтисодӣ ва ислоҳотҳои нав қарор меёбанд [1.С.24]. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар алоҳида ягон амалро наметавонанд, ки ба муқобили паёмадҳои буҳрони иқтисодиву молиявӣ роҳандозӣ кунанд. Дар навбати худ, аъзогӣ дар созмонҳои минтақавӣ, аз қабили Созмони Ҳамкории Шанхай ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои давлатҳои Осиёи Марказӣ заминае мебошад, ки масъалаҳои аз байн бурдан ва ё амал намудан дар шароити буҳронҳои молиявию иқтисодиро баррасӣ ва бартараф намоянд.

Доир ба ин масъала ҳоло ягон назарияе пайдо нашудааст ва ягон фарзияе низ пешниҳод нашудааст, ки метавонад мушкилоти молияивю иқтисодии минтақаро аз байн барад. Ба монанди давлатҳои Иттиҳоди Аврупо, кишварҳои Осиёи Марказӣ низоми ягонаи асъориро наметавонанд ҷорӣ намоянд ва ҳоло омода нестанд. Зеро ягон замина барои ташкил намудани чунин равади ҳамгироӣ ба роҳ монда нашудааст. Ҳатто давлатҳои минтақа дар масоили анҷом додани амалиёти пулӣ танҳо бо асъори хориҷӣ – доллари ШМА ва еврои Иттиҳоди Аврупо муомила менамоянд. Истифодаи юани Ҷумҳурии Мардумии Чин ва рубли Федератсияи Россия низ дар муносибатҳои ҳамгироии минтақавӣ ҳоло аз имкон берун аст.

Шояд бехатарии молиявӣ ва амнияти иқтисодии давлатҳо ҳоло ба чунин сатҳ нарасидааст ва давлатҳо дар масъалаи мазкур талош накардаанд. Зеро тезутунд шудани вазъияти сиёсӣ, иқтисодиву молиявии ҷомеаи ҷаҳонӣ сабабгори чунин ҳолат шудааст. Давлатҳо самти аниқи суботи молияviву иқтисодии худро пешбинӣ карда наметавонанд. Мушкилоти мазкур яке аз монеаҳои асосии рушд нагардидани равандҳои

ҳамгироии минтақавӣ гардида истодааст. Бетарафӣ ва аҳамият надодан ба масъалаи марбут сабабгори таъсиррасонии зиёди бухронҳои молиявиву иқтисодии беруна ба минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

Вусъат ёфтани терроризми байналмиллаӣ ва ташаккулёбии ҳаракатҳои ифротгароӣ яке аз сабабҳои дигаре мебошад, ки давлатҳои минтақаи Осиёи Марказиро водор менамояд равандҳои ҳамгироии минтақавии худро ба сатҳи нав расонанд. Барои пешгирӣ аз таҳдиди гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ба монанди чун “Ҳизб – ут – таҳрир”, “Ал – Қоида”, “Ҳаракати исломии Туркистони шарқӣ”, “Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон”, “Ҳаракати исломии Ӯзбекистон”, “Толибон” – и Афғонистон, “Бародарони мусалмон”-и Миср, “Лашкари Тайиба” – и  Покистон, “Ҷомеаи исломии Покистон”, “Ҷамоати таблиғ”, ташкилоти динӣ – миссионерии “Созмони таблиғот”, “Тоҷикистони озод”, “Ҷамоати ансоруллоҳ”, “Салафия”, “Гурӯҳи 24”, “ДОИШ” ва “Ҷабҳат – ан – нусра” ва ғайра ба амнияти минтақа ва ҷаҳон хатарҳои ҷиддиеро ба бор дорад [1.С.23]. Дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай Маркази зиддитеррористӣ таъсис дода шуд, ки қароргоҳи он дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷойгир аст ва ин марказ барои мубориза бурдан ба муқобили гурӯҳҳои номбаршуда нақши худро расонида метавонад. Дар ин замина, давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар алоҳидагӣ ва дар доираи созмонҳои минтақавӣ барои мубориза бурдан ва пешгирӣ кардан аз хатару таҳдидҳо машқҳои низомии муштаракро гузаронида истодаанд, ки дар ҳолати зарурӣ амалиёти муштаракро метавонанд анҷом диҳанд. Инчунин дар ҳамоҳангӣ бо ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ равзана – махзани ягонаи иттилоотиро дар ин ҷода таъсис додаанд, ки мубодилаи таҷриба ва иттилоот ба таври доимӣ байни ниҳодҳои дахлдори давлатҳо сурат мегирад.

Дар замони муосир бо пешрафти илму технология, гурӯҳҳои ифротгароӯ террористӣ аз воситаҳои навини техникаҳо ва барномаҳои интернатӣ истифода намуда, кӯшиш доранд, ки амнияти минтақа ва ҷаҳонро вайрон намоянд [12]. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар гуна наворҳои мамнӯъ ва аксҳоои бофтаи худро паҳн намуда, мақсади дигаргун кардани мафкураи аҳли ҷомеаро доранд. Мехоҳанд, ки мардум, махсусан ҷавонон ба идеологияи онҳо боварӣ пайдо карда, ба гурӯҳҳои онҳо шомил шаванд. Чунин омил барои минтақаи Осиёи Марказӣ ба монанди тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари ҷиддии нором кардани вазъи минтақа ва ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ баръало ба муқобили чунин хавфу хатарҳо мубориза бурда истодаанд. Зеро дар ҳудуди минтақаи Осиёи Марказӣ (ба ғайр аз Туркманистон) чунин амалҳо бештар содир шуданд. Давлатҳои Осиёи Марказӣ пайваста кӯшиш менамоянд, ки дар масъалаи мазкур муносибатҳои ҳамгироии минтақавии худро ташаккул диҳанд [8, с.51]. Дар ҳар як ҷаласаву музокироти худ истифода намудан аз равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар самти мубориза ба муқобили ҳаракату гурӯҳҳои террористиву экстремистиро зарур мешуморанд.

Мушкилоти қочоқи воситаҳои нашъадор, силоҳ ва ҷинояткории муташаккили фаромилалӣ яке аз масъалаҳои дигар ва муҳими равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад. Аз сабаби доштани сарҳад бо кишварҳои Афғонистон ва Покистон, ки ба сифати давлатҳои пешрафтаи истеҳсолкунандаи ғайриқонунии маводҳои мухаддир пазируфта шудаанд, воситаҳои нашъадор ва прекурсорҳо ба таври ғайриқонунӣ интиқло мегардад. Бахусус барои кишварҳои минтақа, ки ҳамчун роҳи транзитӣ барои қочоқчиён ба ҳисоб меравад. Кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар масъалаи мазкур аз давраи ноил гардиданашон ба истиқлолият ва шарафёб шудан ба мустақилияти сиёсӣ раванди ҳамгироии минтақавии худро ба роҳ монда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро барои аз байн бурдани омили мазкур ҷалб намудаанд. Давлатҳо доимо дар талош ҳастанд, ки

проблемаи қочоқи маводи мухаддир манъ карда шавад ва дар сатҳои қонунгузории миллии худ ин амалро ҳамчун ҷиноят эълон намуда, содир намудани онро манъ намудаанд.

Фурӯши ғайриқонунии силоҳи ҳарбӣ низ ба сифати мушкилоти таъмини амнияти кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳисобида мешавад. Шахсони манфиатдор ва гурӯҳҳои дахлдор ба сифати қочоқчиёни аслии фурӯши ғайриқонунии силоҳ баромад намуда, даст ба амалҳои номатлуби ҷомеа мезананд. Мутассифона, кишварҳои минтақа бо сабаби доштани иқтидори коммуникатсионии худ дар маҷрои чунин амалҳо қарор мегиранд [1, с.23]. Барои муқовимат бо қочоқи ғайриқонунии силоҳ давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамгироии минтақавии худро амалӣ намуда, тадбирҳои муштаракро дар самти мубориза бо қочоқи ғайриқонунии силоҳи ҳарбӣ роҳандозӣ намуда истодаанд.

Ҷинояткории муташаккили фаромилалӣ на танҳо дар минтақаи Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми ҷаҳон хатари аввалиндараҷа маҳсуб меёбад. Давлатҳои минтақа барои аз байн бурдани чунин навъи ҷиноятҳо доимо дар тамоси сиёсӣ ва ҳарбиву амниятӣ қарор дошта, кӯшишҳои муштаракконаро ба муқобили чунин ҷиноятҳо дар минтақа ва ҷаҳон амалӣ менамоянд.

Густариши ифротгароии сиёсию мазҳабӣ, зиддиятҳои қавмиву нажодӣ проблемаи дигари равандҳои ҳамгироии минтақавиро ташкил медиҳанд. Аз сабаби оне ки бештари сокинони минтақаи Осиёи Марказӣ пайравӣ ба дини мубини Ислом ва мазҳабаи ҳанафия доранд, масъалаи ифротгароии мазҳабӣ дар минтақа мавҷуд надорад ва дошта бошад ҳам он наонқадар таъсиррасон мебошад. Ифротгароии сиёсӣ баръакс, яке аз омилҳои асоситарини таҳдидовар ба амнияти кишварҳои минтақа гардидааст. Тавре дар боло гфта гузаштем, ҳаракату гурӯҳҳое ҳастанд, ки мақсади нором кардани вазъи сиёсии минтақаро доранд. Чунин гурӯҳҳо чанд маротиба кӯшиш ғасби ҳкомиятро карда, мехостанд ва ҳоло ҳам мехоҳанд, ки сохтори конститутсиониро дар ҳар як кишвари минтақа вайрон намуда, низоми ифротагароёнаи худро ҷорӣ намоянд. Вале, мардуми бошарафу садоқатманди малакатҳои Осиёи Марказӣ ба дасисаҳои онҳо ҳамроҳ нашуда, нагузоштанд, ки чунин ақидаи манфии онҳо ба мақсад расад.

Ҳодисаҳое, ки дар Қирғизистон ба амал омаданд, бештар аз амалҳои ифротгароён сарчашма гирифта буданд. Баъд аз соҳибшудан ба истиқлолият дар Қирғизистон то ин давра чанд маротиба низоҳои дохилӣ сар зад. Роҳбарони давлат, ҳукумат, парлумон ва мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ дар натиҷаи чунин низоҳо пеш аз анҷомёбии ваколаташон иваз шуданд. Баъзеҳояшон зиндонӣ ва баъзеҳояшон аз давлат фирор намуданд. Аз ҷумла, Президентҳо Аскар Акаев Акаевич 11 апрели соли 2005, Қурманбек Бақиев Салиевичро 16 апрели соли 2010 барканор намуданд ва пас аз анҷоми ваколати президентӣ Алмазбек Атамбоев Шаршенович ва Сооронбой Жээнбеков Шарипович бухрони сиёсӣ сар зад. Охири соли 2020 ва аввали соли 2021 се маротиба президент ва иҷрокунандаи вазифаи президентро иваз намуданд. Садир Жапаров Нургожоевич (15 октябри соли 2020 – 14 ноябри соли 2020), Талант Мамитов Турдуматович (14 ноябри соли 2020 – 28 январи соли 2021), дуюм маротиба Садир Жапаров Нургожоевич.

Дар марҳалаи аввали соли 2022 дар Ҷумҳурии Қазоқистон Ӯзбекистон ва Тоҷикистон низ чунин ҳолатҳо аз ҷониби гурӯҳу ҳаракатҳои ифротгарои сиёсӣ ба амал омаданд, ки дар натиҷаи он амният ва суботи мардум зери хатар қарор гирифт. Кишварҳои Осиёи Марказӣ чунин марҳалаҳои ҳассосро паси сар намуда, ҳоло кӯшиш доранд, ки ҳамгироии минтақавиро дар самти мубориза бо гурӯҳҳои ифротагароии сиёсӣ ҷоннок намоянд.

Масъалаи зиддиятҳои қавмиву нажодӣ ба суботи тамоми кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири худро мерасонад. Зеро дар ҳар як кишвар бо сабаби доштани

гузштаи хело қадим халқу қавмҳое зиндагӣ менамоянд, ки шумораи онҳо наонқадар зиёд аст. Гурӯҳҳои тундгаро аз ин вазъият истифода намуда, кӯшиш менамоянд то ин ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҳаракатҳои ҷудоихоҳонаи халқу қавмҳои гуногун сар занад. Чунин вазъият бештар дар Тоҷикистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон рӯх медиҳанд. Дар Қазоқистону Қирғизистон қавмҳои гуногуни туркнажод умр ба сар мебранд ва онҳо ки дар гузашта шояд қувваи сиёсиро бар зимма доштанд ва бо сабабҳои тағйиротҳои сиёсӣ аз ин қувва маҳрум шудаанд, кӯшиш менамоянд, ки боз дубора соҳиби чунин қувва гарданд. Вале, қавмҳои ҳукумрон намегузоранд, ки чунин ҳолат ба амал биёяд. Дар Тоҷикистону Ӯзбекистон бошад, ду минтақаи автномӣ: Ҷумҳурии автномии Қарақалпокистон дар Ӯзбекистон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар Тоҷикистон мавҷуд ҳастанд, ки ҳаракатҳои ифротгаро аз хориҷи ин кишварҳо талош варзида истодаанд, ки мафкураи мардумони минтақаҳои автаномиро ба манфиати худ равона намуда, онҳоро ба муқобили ҳокимияти сиёсӣ ва асосҳои сохтори конститутсионӣ тарғиб намоянд. Мақсади онҳо ба даст овардани фоидаи молиявӣ аз натиҷаи чунин кирдорҳояшон мебошанд. Тоҷикистон дар асри гузашта чунин ҳодисаро кайҳо боз аз сар гузаронид, вале он ҳам кифяот накардааст, ки чунин гурӯҳҳои ифротгаро хоҳони ду бора ташкил кардани ҷанги шаҳрвандиро доранд.

Дар ин бобат, давлатҳои минтақаро зарур аст, ки дар якҷоягӣ стратегияи муайяну мушаххасеро бар зидди мубориза бо чунин амалҳо пешбинӣ намоянд. Дастаҷамъона ҳамкориҳои минтақавиии худро дар ин самти густариш диҳанд.

Зиёд гардидани шумораи аҳолӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, бахусус дар давлатҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон оянда ба мушкилоти демографӣ расонида, аз сабаби афзоиши аҳолӣ бекорӣ ва сатҳи камбизоатӣ зиёд мегарадад [1.С.23]. Давлатҳои минтақаро зарур аст, ки дар доираи ҳамгироии минтақавӣ масъалаи зиёд шудани аҳолӣ ва аз байн бурдан ва ё ба сатҳи паст расонидани камбизоатии аҳолии кишварҳои минтақаро баррасӣ намоянд. Давраи гузариши рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо таносуби ҳанӯз калон дар ҳиссаи умумии аҳолӣ, ҳиссаи аҳолии дорои даромади паст ё сатҳи баланди камбизоатӣ (ба ҳисоби миёна 35% барои минтақа) муайян карда мешавад [12, с.400]. Музокироти муштараки паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва балад бардоштани затҳи зиндагии сокинони минтақаро дар доираи сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ ба роҳ монда, бо шарикони стртагиву созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ атрофи ин масъала ҳамкориҳоро ташаккул диҳанд .

Проблемаи асосии соҳаи иҷтимоии минтақаи Осиёи Марказиро муҳоҷирати меҳнатии аҳолии минтақа ташкил медиҳад. Баъди соҳибистиқлол гардидани кишварҳои минтақа масъалаи мазкур ба миён омад ва сол ба сол афзоиш дорад. Агар даҳ даҳсолаи аввал танҳо мардон ба муҳоҷирати меҳнатӣ аз минтақаи Осиёи Марказӣ равона мешуданд, ҳоло теъдоди занон низ бештар гардидааст. Одатан сокинони Осиёи Марказӣ ба Федератсияи Россия барои муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд. Ҳоло бошад, сокинони Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба Қазоқистон барои муҳоҷирати меҳнатӣ раҳсипор мешаванд. Чунин ҷараён боиси ташаккул ёфтани ҳамкориҳои минтақавӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ шудаистодааст.

Масъалаи норасоии обу ғизо, ки ба сифати сарчашмаи асосии ниёзи аввалияи инсонӣ шинохта мешаванд, дар минтақаи Осиёи Марказӣ мушкилот иҷтимоиро ба бор меоварад [9, с.45]. Федератсияи Россия ва баъдан Қазоқистон аз ҷумлаи кишварҳое мебошанд, ки бештари маҳсулоти ғизоӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ аз ин кишварҳо ворид карда мешаванд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон панҷ соли охир ба кишвари содиркунадаи маҳсулоти ғизоӣ дар минтақа ҷойи намоёни худро ишғол намудааст. Қирғизистон ва Тоҷикистон ҳамчун кишвари содиркунандаи об дар минтақа ба ҳисоб мераванд.Дар

ояндаи наздик низ итмимнони комил аст, ки ҳамгироии минтақавӣ дар самти таъмини ғизо ва бехатарии озуқаворӣ ташаккул ёбад.

Пайдоиш ва паҳн шудани беморин сироятии COVID – 19 сабабгори муваққатан бозодштани роҳҳои заминиву ҳафоӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон гардид. Дар ин давра равандҳои ҳамгироии минтақавӣ новобаста ба ин ҷараён барҳам дода нашуд. Кишварҳо бештар кӯшиш намуданд, ки ба ҳамдигар кӯмакҳои иҷтимоиву гуманитарӣ намуда, тавозуни муносибатҳои минтақавии худро аз даст надиҳанд. Дар натиҷа, ба ғайр аз кӯмакҳои донорон ва шарикони стратегӣ, давлатҳои Осиёи Марказӣ ба ҳамдигар маводҳои тиббиву маҳсулотҳи ғизоӣ ирсол намуда, бо ин роҳ ба ҳамдигар изҳори ҳамҷаворӣ менамуданд.

Умедвор аз он ҳастем, ки тамоми масъалаҳои зикршуда дар ҷараёни таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ пурра ҳалли худро меёбанд ва равобити дӯстонаи кишварҳо дар ҷараёни ба роҳ мондани муносибатҳои иттифоқӣ амалӣ гардад.

Хулоса, равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ пас аз ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ба роҳ монда шуда, то ин давра ташаккул ёфта истодааст.

Масъалаҳои зиёде мавҷуданд ҳастанд, ки барои рушди устувори минтақаи Осиёи Марказӣ ва бунёди оянда дурахшони он заминаи худро гузошта метавонанд. Давлатҳои Осиёи Марказӣ марҳала ба марҳала равобити минтақавии худро густариш дода, ба сатҳи нави ҳамкорӣ расидаанд.

Итминони комил аст, ки ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ тамоми самтҳои муносибатҳои давлатҳоро фаро гирифта, раванди ягонаи ҳамгироӣ дар минтақа ба роҳ монда мешавад.

**Адабиёт**


1. Вызовы безопасности в Центральной Азии / рук. проекта: А.А. Дынкин, В.Г. Барановский.– М.: ИМЭМО РАН, 2013. – 150 с.
2. Вызовы безопасности в Центральной Азии [Текст] / Д.Б. Малышева // Россия и мусульманский мир. – 2014. – № 1 (259). – С. 76 – 94.
3. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2016. – 280 с.
4. Зиядуллаев Н., Зиядуллаев У. (2019) О стратегии развития государств Центральной Азии в условиях глобализации и регионализации мировой экономики // Общество и экономика. № 4. С. 87–100. DOI: 10.31857/S020736760004759-3
5. Ионова Е. (2018) Развитие отношений Казахстана и Узбекистана как фактор регионализации в Центральной Азии // Россия и новые государства Евразии. № 4(41). С. 132–145. DOI: 10.20542/2073-4786-2018-4-132-145
6. Салиев А. С., Файзуллаев М. Социально-экономическое развитие Республики Узбекистан за годы независимости // Социально-экономическая география. Вестник Ассоциации российских географов-обществоведов. — 2013. — № 1 (2). —137 с.
7. Темуров Ф.С., Сайидзода З.Ш. Нигоҳе ба таърихнигории равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ дар пасманзари ҳамкориҳои Тоҷикистон дар фазои ИДМ (солҳои 1991 – 2015). – Душанбе. Контраст, 2018. – 176 с.
8. Центральная Азия - 2020: четыре стратегических концепта. – Астана: КИСИ, 2015. 54 с.
9. Центральная Азия 2050. Раскрытие потенциала региона. Астана. Издательство LEM, 2018. – 345 с.
10. Шаймергенов Т.Т., Абишева М.А. (ред.) (2017) Центральная Азия 2027: меняющийся стратегический ландшафт. Астана: Библиотека Первого Президента РК – Елбасы.

11. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе. Ирфон, 2009. - 704 с.

12. Қосимова М.Н. Рушди ҳамгироии сайёҳӣ дар Осиёи Марказӣ. “Идоракунии давлатӣ” - Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2022 / №4/1 (58). – 455 с.

13. Центральная Азия и влияния глобализации [Маълумоти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил]. Тартиби дастрасӣ: https://e-cis.info/news/566/81567/ (санаи муроҷиат: 05.09.2022 с.).

14. Центральная Азия: борьба за новое будущее [Маълумоти Российский совет по международным делам]. Тартиби дастрасӣ: https://russiancouncil.ru/2019-centralasia (санаи муроҷиат: 05.09.2022 с.).

15. Центральная Азия: Первая экономическая рецессия за четверть века [Маълумоти Всемирный Банк] Тартиби дастрасӣ: https://blogs.worldbank.org/ru/europeandcentralasia/central-asia-first-economic-contraction-quarter-century (санаи муроҷиат: 30.08.2022 с.).

16. Центральная Азия:общие сведения [Маълумоти Межгосударственная координационная водохозяйственная комиссия Центральной Азии] Тартиби дастрасӣ: http://www.icwc-aral.uz/general_ru.htm (санаи муроҷиат: 30.08.2022 с.).

17.British Geological Survey. Тартиби дастрасӣ: https://www2.bgs.ac.uk/mineralsuk/commodity/world/home.html (санаи муроҷиат: 05.09.2022 с.).

18.European Nuclear Society. Тартиби дастрасӣ https://www.euronuclear.org/info/encyclopedia/u/uranium-reserves.htm (санаи муроҷиат: 05.09.2022 с.).

19.World Nuclear Association Тартиби дастрасӣ: https://www.world-nuclear.org/info/inf75.html (санаи муроҷиат: 05.09.2022 с.).

# ПОНЯТИЯ И СУЩНОСТЬ ИНТЕГРАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**САДЫКЗОДА ХУШБАХТ НАСРЕДДИН**,
докторант (PhD) кафедры политологии и связи с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 918-24-39-00. E-mail: sodiqzoda-khushbakht@mail.ru

*Процессы региональной интеграции в Центральной Азии вышли на новый уровень расширения политического и экономического сотрудничества между странами региона, идет региональный диалог на перспективу устойчивого развития. Развитие политических отношений государств создает большие возможности для формирования региональных отношений и стабилизирует расширение отношений между государствами. Соседним странам необходимо использовать все средства для укрепления своего регионального сотрудничества. Потому что в современном мире государства не могут обеспечить свой политический мир и стабильность в одиночку и зависят от международного сообщества.*

*Страны Центральной Азии также дополняют друг друга, поскольку пограничнотерриториальные, историко-культурные, политические и экономические факторы, а также соседство и добрососедство обуславливают формирование государствами своих региональных отношений.*

*Автор считает, что существует несколько вопросов, оказывающих влияние на формирование региональных интеграционных процессов в Центральной Азии, и тема данной статьи направлена на исследование этого явления.*

***Ключевые слова:*** *Евразия, Азия, Центральная Азия, Казахстан, Кыргызстан, Таджикистан, Туркменистан, Узбекистан, процессы, интеграция, перспектива, сотрудничество, союз, дипломатия, взаимоотношения, международные отношения, стратегическое партнерство, внешняя политика.*

## CONCEPTS AND ESSENCE OF INTEGRATION PROCESSES IN CENTRAL ASIA

**SODIQZODA KHUSHBAKHT NASREDDIN,**
Doctoral student (PhD) of the Department of Political Science and Public Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 918-24-39-00. E-mail: sodiqzoda-khushbakht@mail.ru

*The processes of regional integration in Central Asia have reached a new level of expansion of political and economic cooperation between the countries of the region, a regional dialogue is underway for the prospect of sustainable development. The development of political relations between states creates great opportunities for the formation of regional relations and stabilizes the expansion of relations between states. Neighboring countries need to use every means to strengthen their regional cooperation. Because in the modern world, states cannot ensure their political peace and stability alone and depend on the international community.*

*The countries of Central Asia also complement each other, since border-territorial, historical, cultural, political and economic factors, as well as neighborhood and good neighborliness, determine the formation of their regional relations by the states.*

*The author believes that there are several issues that influence the formation of regional integration processes in Central Asia, and the topic of this article is aimed at studying this phenomenon.*

***Key words:*** *Eurasia, Asia, Central Asia, Kazakhstan, Kyrgyzstan, Tajikistan, Turkmenistan, Uzbekistan, processes, integration, perspective, cooperation, alliance, diplomacy, mutual relations, international relations, strategic partnership, foreign policy.*

УДК: 327

# РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ИЛМӢ-ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ИДМ ДАР ҚАРИНАИ КОНСЕПСИЯИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ КИШВАР

**МИРЗОЗОДА УМЕДАХОНИ АМИРШО,**
унвонҷӯйи кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
E-mail:mirzozoda.umeda@mail.ru

*Рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, дар қаринаи консепсияи сиёсати хориҷии кишвар яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдорӣ ба шумор рафта, дар ин давра ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина рушд карда истодааст. Дар ин замина муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон мақоми хосса доранд, тақвият ёфта истодаанд. Сиёсати хориҷӣ яке аз муҳимтарин самтҳои сиёсати давлатӣ буда, дар ҳифзу таҳкими давлат ва ҳимояи манфиатҳои миллии он аҳамияти таъйинкунанда дорад. Нақши сиёсати хориҷӣ хусусан, дар ҳифзи истиқлолияти давлатии ҳар кишвар муҳим буда, умуман, доштани сиёсати хориҷӣ худ яке аз нишонаҳои асосии истиқлолияти ҳар давлат аст.*

***Калидвожаҳо:*** *рушд, ҳамкорӣ, илм, фарҳанг, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвар, қарина, консепсия, сиёсат.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми амалисозии сиёсати хориҷии худ ва шакли дигари иштирок дар муносибатҳои байналмилалӣ ба он такя дорад, ки ҳамаи давлатҳо аз нигоҳи ҳуқуқӣ дар байни худ ба сифати иштирокчиёни мустақил ва соҳибистиқлоли муносибатҳои байналмилалӣ дар масъалаи дохил шудан ба ин созмонҳо ва хориҷ шудан аз онҳо баромад намоянд. Дар айни замон ҳуқуқи худро барои иҷрои ӯҳдадориҳои ба зимма гирифтаи худ новобаста аз низоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба амал татбиқ месозад.

Дар Паёми худ Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юуми декабри соли 2022 таъкид намуданд, ки: «Давлати мо азм дорад, ки дар асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и хориҷии худ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманду созандаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон тавсеа бахшида, рушд диҳад»[2].

Бузургтарин дастоварди инсон фарҳанг буда, ин фарри яздонӣ қавму миллатҳо ва кишварҳоро ба ҳам мепайвандад, ба равобити маликҳо равнақ мебахшад, дар амали давлатдориҳо адолатро пойдор мегардонад. Тоҷикон баробари рушди фарҳангу адабиёт аз давраҳои бостон бо мардумони гуногун робитаҳои зичи дӯстона барқарор намуда, ҳамеша кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар фазои сулҳу салоҳ ва якдиливу бародарӣ умр ба сар баранд. Тавре маълум аст, ҳамкориҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ, анъанаҳои тарҷума ва таъсири мутақобилаи фарҳангӣ ба сатҳи нисбатан баланд расида буданд[10].

Роҳ ёфтани гуногунандешӣ дар ҷомеа, асосан, ба туфайли сиёсати бозсозӣ дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми асри сипаригашта оғоз гардида буд. Дар чунин шароити душвор шаҳрвандони тамоми манотиқи кишвар ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ ба воситаи вакилони халқ дар мақоми олии намояндагии мамлакат масъулияти бузург ва беназири давлатдории хешро ба воситаи Шӯрои Олӣ ифода сохта, ба он ноил гардиданд, ки баҳри барқарор намудани

асосҳои давлатдорӣ ва таъмини қонуният, сулҳ ва ризояти миллӣ, 16-уми ноябри соли 1992 дар Хуҷанди бостонӣ Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) баргузор гардад. Дар он вақт танҳо Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми масъулиятро дар назди таърих, халқу Ватан ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба дӯш гирифта, самти тараққиёти онро дар Иҷлосияи XVI-ум муайян кард. Дар давраи шадиди муқовиматҳои сиёсӣ Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум), 24-уми августи соли 1990 Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул намуд[7].

Эъломия аввалин санадест, ки аз наздик шудани Тоҷикистон ба истиқлолияти воқеиаш башорат медод. Тибқи Эъломия истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 14-и он гуфта мешавад, ки «эҳёи миллию мадании халқи тоҷик, анъана ва русумоти неки таърихии онро таъмин намуда, инчунин ба ҳамаи миллатҳои сокини республика ҳуқуқҳои гражданӣ сиёсӣ, иқтисодӣ ва инкишофи озодонаи миллию маданиро замонат медиҳад»[4].

Ҳамин тариқ Эъломия, аз як тараф масъалаҳои истиқлолияти Тоҷикистонро бо назардошти хусусиятҳои замон, аз ҷумла, мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ муайян намояд, аз ҷониби дигар як силсила масъалаҳои марбут ба ҳуқуқи инсонро, ки бе замонати онҳо эъмори давлати демократии ҳуқуқбунёд ғайриимкон мебошад, эълон намуд.

«Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар асри бистум аст, ки нахуст дар заминаи давлатҳои навтаъсиси Иттиҳоди Шуравӣ арзи ҳастӣ намуда, ҳамчун шакли давлатдории мутамаддину пешрафта сабзид, ба камол расид ва ташаккул ёфт»[6].

Сиёсати хориҷӣ ин ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар ба манфиати кишвари худ: самти умумии кишвар дар умури байналхалқӣ ба шумор меравад. Сиёсати хориҷӣ равобити кишвари мазкурро бо кишвар ва халқҳои дигар мутобиқи асл ва ҳадафҳои он танзим менамояд, ки тавассути истифодаи усул ва василаҳои мухталиф ба даст меояд. Воситаи муҳимтарини сиёсати хориҷӣ дипломатия маҳсуб мегардад[11,200-208].

Инкишофи босуръати робитаҳои дипломатӣ, сиёсӣ ва ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии давлати соҳибихтиёр ва соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷии дуру наздик ва ҳам зарурати ҳарчи зудтар ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва пайдо намудани ҷои муносиби худ дар радифи халқу кишварҳои ҷаҳон доштани Консепсияи сиёсати хориҷиро тақозо мекард. Бинобар ин Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 28-уми декабри соли 1993 ҳангоми суханрониаш дар Иҷлосияи XVIII-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин замина масъалагузорӣ карда, гуфта буд: «... Моро дар аввал лозим аст, ки як консепсияи томи сиёсати беруниро дар даст дошта бошем, то равшан тасаввур карда тавонем, ки вазъи воқеӣ дар ҷаҳон чӣ гуна асту фаъолияти давлатамон дар арсаи байналхалқӣ ба кадом тарафҳо ва ба чӣ тарзе ҷараён гирад»[5]. Роҳбари давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ дар суханрониаш на танҳо таъкид ба зарурати танзими консепсияи сиёсати хориҷӣ кардааст, балки ишора ба баъзе аз нуктаҳои умдаи он ҳам намудааст. Аз ҷумла, ӯ тавсия додааст, ки ҳангоми таҳияи консепсияи хориҷӣ ин нукта ба назар гирифта шавад, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад:

Ҳавзаи якум - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

Ҳавзаи дуюм - Осиёи Марказӣ;

Ҳавзаи сеюм -фазои зисту ама-ли давлатҳои ҳам-сояи форсизабон аст...;

Ҳавзаи чорум - доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст...;

Ниҳоят, ҳавзаи панҷум - ҷомеаи байналмилалист»[5].

Ҳамин аст, ки дар таърихи навини халқи тоҷик ба шарофати сиёсати хирадмандонаву фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари ташаккулу таҳаввул ёфтани давлатдории миллӣ, эҳёи дубораи арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати куҳанбунёду тамаддунофарамон, ки яке аз пурарзиштарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ маҳсуб мегардад, ва дар даврони истиқлолияти кишвари азизамон низоми ҳуқуқии милиамон марҳила ба марҳила дар ҳолати рушд қарор дорад.

Ҳамин тариқ рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ-ро ба давраҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1. Эъломия дар бораи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар Эъломия омадааст, «Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти мустақили ҳуқуқи байналмилалӣ буда, бо кишварҳои хориҷӣ робитаҳои дипломатӣ, консулӣ, иқтисодӣ ва ғ. барқарор менамояд, ба онҳо намояндагони мухтор табодул мекунад ва созишномаҳои байналмилалӣ мебандад».

2. Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Марҳилаи нав дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд сар шуд. Усули асосии сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр ва соҳибистиқлол 19-уми ноябри соли 1992 аз тарафи Раиси нави Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар «Муроҷиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон» эълон гардида буд, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хушӣ пазируфта шуд ва дастгирӣ ёфт.

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санади сиёсӣ-ҳуқуқи бада сиёсати хориҷии ҶТ-ро дар асоси меъёрҳои конститутсионии худ муаян менамояд. Аз чумла дар моддаи 11-ум оварда шудааст, ки: «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёри байналмилалӣ муайян мекунад»[1].

4. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бахшҳои «Нуктаҳои умда», фаслҳои «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми робитаҳои байналмилалӣ», «Авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон» ва «Танзим ва татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иборат мебошад». Асоси ҳуқуқии онро Конститутияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрию ҳуқуқии дигаре, ки фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ танзим мекунанд, усул ва меъёрҳои эътирофгардидаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд[7].

Маҳз дар тахти ҳамкориҳои ИДМ асосҳои муносибатҳои принсипан нави байнидавлатӣ ташаккул ёфтанд, ки ин аз як тараф ба мустахкам шудани сохибихтиёрии мамлакатҳои аъзои ИДМ мусоидат карда, аз тарафи дигар имкон дод, ки муносибатхои байни давлатҳо мустахкам карда шаванд[8].

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баҳри таъмини манфиатҳои миллӣ, ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон дар хориҷи кишвар ва муаррифии давлати тоҷикон дар саҳнаи байналхалқӣ равона гардидааст. Он расман аз 31 декабри соли 2002 номи сиёсати «дарҳои кушода»-ро гирифтааст. Вале бояд тазаккур дод, ки то эъломи расмии сиёсати «дарҳои кушода» сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи мураккаби ташаккулро сипарӣ намудааст[11,200-208]. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пойбандӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамуда сиёсати хориҷии худро дар асоси принсипҳои зерин амалӣ месозад:

- эътирофи баробарӣ, эҳтироми истиқлолият ва тамомияти арзии давлатҳо, дахлнопазирии марзҳо, истифода накардан аз зӯрӣ ё таҳдид ба зӯрӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҷонибдорӣ аз ҳалли осоиштаи ихтилофу низоъҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар;

- эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои бунёдии инсон;

- иҷрои уҳдадориҳое, ки аз ҳуқуқи байналмилалӣ бармеоянд;

- риояи принсипи волоияти ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ;

- орӣ будани муносибатҳои байнидавлатӣ аз идеология, барқарор намудан ва густариш додани робитаҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои ҷаҳон;

- напазируфтани ҳама гуна шаклҳои поймол намудани ҳуқуқ дар амалияи байналмилалӣ[3].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, дар нахустин муроҷиатномааш ба мардуми ҷумҳурӣ ҳангоми баршумурдани масъалаҳои ҳаётии муҳиме, ки дар назди ҳар як давлати соҳибистиқлол меистад, баъд аз зикри он, ки бояд «асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо назардошти стандартҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъсис дода, барои бунёди давлати нав-давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст,[5] ҳамчунин пас аз таъкиди зарурати «таъсис додани артиши миллӣ, пурзӯр кардани дифои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»,[5] аз чанд масъалаи муҳиме ёд овардааст, ки ҳама ба соҳаи сиёсати хориҷӣ дахл доранд. Он масъалаҳо аз рӯйи тартибе, ки дар Муроҷиатномаи номбурда омадаанд, чунинанд:

1. Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;
2. Барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд;
3. Аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;
4. Мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо Давлатҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама, бо Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон;
5. Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ[7].

Созмонҳои байналмилалӣ - ин иттиҳодияҳои доимии дорои хусусияти байниҳукуматӣ ва ғайридавлатӣ мебошанд, ки дар заминаи қарордодҳои байналмилалии бо мақсадҳои мусоидат дар ҳаллу фасли масъалаҳои гуногуни байналмилалӣ мувофиқ ба рушди ҳамаҷонибаи ҳамкории давлатҳо таъсис ёфтаанд[9].

Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии муносибатҳои дарозмуддату босуботро бо шарикони анъанавии худ – давлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҷавобгӯи манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии худ меҳисобад ва бо дарназардошти консепсияи ҳамгироии гуногунсуръату гуногунсатҳ дар доираи Иттиҳоди мазкур барои густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо онҳо саъй хоҳад намуд. Бо дарназардошти мавқеи Федератсияи Россия дар ҷаҳон ва минтақа, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон густариш ва таҳкими муносибатҳои анъанавии дӯстона ва шарокати стратегӣ бо ин кишвар аҳамияти хосса дорад[3].

Умуман ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ ду намуди шартномаҳои байналмилалӣ, асос меёбад:

1. Шартномаҳои байналмилалии дуҷониба;
2. Шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба.

3. Шартномаҳои байналмилалии дуҷониба ва ё шартномаҳое, ки оид ба илм, маориф ва ё фарҳанг байни ду давлат баста шудааст.

4. Шартномаҳои байналмилалии бисёрҷониба байни ду ё якчанд давлатҳо дар доираи ИДМ оид илм-фарҳанг баста шудааст.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр қайд намудан зарур аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро бо асосҳои зерин муаян менамояд:

а) ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон;

б)сиёсати сулҳҷӯёна;

в)эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳо;

г)ҳамкорӣ бо ҳамватанони берунмарзӣ;

д)ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ;

е)нақш дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ.

Ҳамин тариқ Ҷумҳурии Тоҷикистон инкишофи ҳамкории мутақобилан судмандро бо кишварҳои ИДМ дар соҳаҳои илм ва фарҳанг васъат мебахшад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти нақши кишварҳои минтақа ва ҷаҳон, равобити бисёрасраи таърихиву фарҳангии халқи тоҷик ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо ин кишварҳо густаришу таҳким хоҳад дод.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.10.2022). – 32 с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиѐсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 с. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:// http://prezident.tj/node/25005#panjakent. (санаи муроҷиат:05.01.2023 с.).
3. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст.
4. Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 24-уми августи соли 1990. моддаи 14.
5. Эмомалӣ Раҳмонов Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. - Д., 1995, с. 8.
6. Раҳмонов Э. Ш. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. – Душанбе, 2001.- Ҷ. 3.- С. 668.
7. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди II. - Душанбе: “Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, 2019. – 430 с.
8. Лебедев С. Н. Вступительная статья к сборнику: 20 лет Содружеству (культурно-цивилизационный очерк).
9. Тафсири илмию омавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. - Душанбе: Шарқи озод. 2009. -.417с.
10. Файзов Н.Н. Аз таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистону Ўзбекистон дар соҳаи адабиёт ва фарҳанг дар замони шӯравӣ. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2019. № 1. С.94-98.
11. Шарипов А.Н. Бобозода Ф.Т. Марҳилаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Идоракунии давлатӣ 2020 / №4/1 (48). С.200-208


## РАЗВИТИЕ НАУЧНО-КУЛЬТУРНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА СО СТРАНАМИ СНГ НА ОСНОВЕ ВНЕШНЕПОЛИТИЧЕСКОЙ КОНЦЕПЦИИ СТРАНЫ

**МИРЗОЗОДА УМЕДАХОНИ АМИРША,**
соискатель кафедри дипломатии и международные отношении
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
E-mail: mirzozoda.umeda@mail.ru

*Развитие научного и культурного сотрудничества Республики Таджикистан со странами Содружества Независимых Государств является одним из важнейших вопросов в контексте концепции внешней политики страны. Независимость считается высшим и ценнейшим достижением государственности, и в этот период шаг за шагом развивается международное сотрудничество Республики Таджикистан. В этом контексте укрепляются дружественные отношения и научно-культурное сотрудничество Республики Таджикистан, прежде всего, со странами Содружества Независимых Государств, которые имеют особый статус в системе межгосударственных отношений Таджикистана. Внешняя политика является одним из важнейших направлений государственной политики и имеет решающее значение в защите и укреплении государства, защите его национальных интересов. Роль внешней политики особенно важна в защите государственной независимости любой страны, и вообще наличие внешней политики является одним из основных признаков независимости любого государства.*

***Ключевые слова:*** *развитие, сотрудничество, наука, культура, Республика Таджикистан, страна, старость, концепция, политика.*

# DEVELOPMENT OF KEY SCIENTIFIC-CULTURAL COOPERATIONS OF TAJIKISTAN WITH CIS COUNTRIES IN THE BASE OF THE COUNTRY'S FOREIGN POLICY CONCEPT

**MIRZOZODA UMEDAKHONI AMIRSHA,**
Applicant of the department of diplomacy and international relations of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33 S. Nosir str.
E-mail: mirzozoda.umeda@mail.ru

*The development of scientific and cultural cooperation of the Republic of Tajikistan with the countries of the Commonwealth of Independent States is one of the most important issues in the context of the concept of the country's foreign policy. Independence is considered the highest and most valuable achievement of statehood, and during this period international cooperation of the Republic of Tajikistan is developing step by step. In this context, friendly relations and scientific-cultural cooperation of the Republic of Tajikistan are being strengthened, first of all, with the countries of the Commonwealth of Independent States, which have a special status in the system of interstate relations of Tajikistan. Foreign policy is one of the most important areas of state policy, and it is of decisive importance in the protection and strengthening of the state and the protection of its national interests. The role of foreign policy is especially important in protecting the state independence of any country, and in general, having a foreign policy is one of the main signs of the independence of any state.*

***Key words:*** *development, cooperation, science, culture, Republic of Tajikistan, country, old age, concept, politics.*

УДК:327.8

# ТЕРРОРИЗМИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ВА ШАКЛГИРИИ НАЗМИ НАВИНИ ОЛАМ

**УМАРОВ МУҚИМ АБДУКАРИМОВИЧ,**
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 907-88-44-66. E-mail: mukim.umarzoda@mail.ru

*Дар мақола масъалаи терроризми байналхалқӣ ва шаклгирии низоми нави ҷаҳонӣ мавриди таҳлилу тафсир қарор гирифтааст. Муаллиф бо истифода аз ҳуҷҷату далелҳои асоснокшуда ҳодисаи 11 сентябри соли 2001-ро зери заррабини тахассусӣ ба риштаи тафсир кашида, рози ин сенарияи сохташударо бармало намудааст. Даст доштани масонҳо ва ё ҳукумати "гурӯҳи махфӣ" дар Амрико (дар Амрико давлат дар дохили давлат амал мекунад) дар ҳодисаи мазкур, аз ҷониби муаллиф асоснок гардидааст. "Терроризми исломӣ", ки равандҳои сиёсии асри ҷадидро шакл дода истодааст, ҳосили амалиёти террористии ёздаҳуми сентябр мебошад. Иёлоти Муттаҳида баъд аз фурупошии ИҶШС душмани худро дар симои тамаддуни исломӣ дид. Аз ин хотир, бахри мубориза бо ин тамаддун терроризми исломиро расонаӣ сохт. Масонҳо версияи ғайривоқеии ҳодисаро бар ҷаҳониён намоиш дода, башарро шустушӯи мағзӣ доданд. Башар ба версияи сатанистӣ-амрикоии ҳодисаи ёздаҳуми сентябр эътимод баста, дар симои ислом дини террористӣ ва дар симои мусулмон террористро медид. Ғарб бо қудрати расонаиаш тавонист, ҳақиқати моҷароро то имрӯз пинҳон нигоҳ дорад. Аммо зимни таҳқиқоти ихтисосӣ доир ба масъалаҳои назми навини ҷаҳонӣ, лоиҳаҳои дастандаркорони ин "низоми бенизомӣ"-ро то ҳадде гиреҳкушоӣ намуда, барномаҳои шайтонии сатанистҳоро дар фазои сиёсии ҷомеаи ватанӣ ба намоиш мегузорем. Аксари кишварҳои аврупоиву амрикоӣ ва Исроил бо терроризм душманӣ надошта, балки терроризм манфиати муштараки кишварҳои мазкур ба ҳисоб меравад, зеро терроризм маҳсули тафаккури ҳамин давлатҳост. Бо эътимод бар таҳқиқоти анҷомдода сари масоили назми навини олам, ҷаҳони муосирро дар соли 2023 барномаҳои нави шайтонии сатанистҳо интизор аст. Ин фолбинӣ набуда, балки як пешбинии сиёсист.*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсат, терроризми байналхалқӣ, низоми нави ҷаҳонӣ, сатанистҳо, амнияти байналхалқӣ, нақшаҳои шайтонӣ, терроризми исломӣ, саҳюнистҳо, бархӯрди тамаддунҳо, замони зуҳур.*

Сиёсат падидаест, ки хосияти сиррӣ дорад. Аз ин рӯ, башар дар дарки ин падидаи сиррӣ оҷизу нотавон аст. Дар ҷаҳони муосир ҳеҷ падидае наметавонад, ба андозаи сиёсат дар муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсиргузор бошад. Ҳар ҳодиса ва моҷарое, ки дар олам рух медиҳад, офаридаи сиёсат махсуб меёбад. Дар ҳама давру замон, сиёсат дар ҳаёти инсоният накши бузургеро ифода намудааст. Дар асри ҷадид (XX1) таъсири сиёсат дар ҳаёти башар беш аз пеш ҳис мегардад. Аммо башар дар шинохти хайру шарри сиёсат мушкилӣ дорад. Падидаҳое чун терроризм, экстремизм, ҷангу низоъҳо, сулҳ ва амнияти байналхалқӣ, ки мудом ҷомеаи башариро ҳамроҳӣ менамоянд, офаридаи сиёсатанд. Вуҷуди ҷангу низоъ ва ё пойдории сулҳу амнияти олам аз мо вобастагие надорад [3, с.136]. Ин хостаи як гурӯҳест, ки ҳукумати ҷаҳониро дар ихтиёр дошта, ҷаҳонро мудирият мекунанд. Равандҳои сиёсии ҷаҳони муосир мувофиқ ба хостаҳои эшон шакл мегирад.

Ҳар аср дар сафҳаҳои таърихи худ ҳодисаеро сабт менамояд, агарчӣ он бо ғаразҳо тафсир шуда бошад. Асри ҷадид дар таърихи худ ҳодисаеро сабт намуд, ки таърих ин моҷароро то ба наслҳои оянда интиқол хоҳад дод. Гарчанде ин моҷаро фаротар аз дарку фаҳми башарият аст, вале набояд дар таърихи ин моҷаро ба таҳриф роҳ диҳем. Асри XX ду ҷанги ҷаҳониро дар таърих сабт намуд ва асри XXI бошад, терроризми байналхалқиро тавлид сохт. Миёни падидаи ҷангҳои ҷаҳонӣ ва терроризми байналхалқӣ пайвандие

вуҷуд дорад, ки оламиён натавонистаанд ин пайвандиро ташхис дода бошанд. Чӣ чиз ин ду падидаро ба ҳам пайванд месозад? Асли ин пайвандӣ як будани тарроҳони ин падидаҳост. Паси ҷангҳои ҷаҳонӣ саҳюнистҳо, фримасонҳо ва хонаводаҳои Рокфеллерҳову Ротшилдҳо қарор доштанд [1, с.187]. Ва зояндаи терроризми байналхалқӣ низ саҳюнистҳо, фримасонҳо ва хонаводаҳои зикршуда мебошанд. Зеро ҳаминҳо ҳастанд, ки даъвои мудирияти ҷаҳонро дар зеҳнҳо мепарваранд. Бо расонаӣ кардани ин падидаҳо афкори умумиро зери назорат қарор дода, лоиҳаҳои шайтонии хешро амалӣ месозанд. Саддаи XXI-ро аз ибтидо ҳодисаи террористии 11 сентябри соли 2001 ҳамроҳӣ намуд. Аз имрӯз ба баъд дар сиёсати ҷаҳонӣ ибораи терроризми байналхалқӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Ҷаҳони Ғарб пас аз моҷарои 11 сентябр бо терроризм ҷанг эълон намуда, вориди хоки Афғонистону Ироқ гардид. Ҷанг бо терроризм имконияттест, бахри амалӣ сохтани низоми нави ҷаҳонӣ ва ҳимояи манфиатҳои геополитикии Ғарб дар ҷаҳони ислом. Ин тарҳе буд, ки муҳандисини назми навини ҷаҳонӣ бо амалӣ кардани ин тарҳ тавонистанд, бисёре аз кишварҳоро дар “тори анкабут”-и хеш нигоҳ доранд. Ин лоиҳаи асрро то ҳол оламиён натавонистаанд, ки маърифат созанд. Башар, танҳо ба версияи амрикоӣ-саҳюнистии ин ҳодиса, ки расонаӣ гардидааст, эътимод дорад. Аммо эътимоди башар эътимоди ғалат ва беҷост, зеро ҳақиқат комилан чизи дигар аст. Барои расидан ба ҳақиқати масъала таҳқиқи илмӣ лозим аст, на расонаӣ. Он ҳам бошад, таҳқиқи сиёсӣ. Чунки падидаи терроризм падидаи сиёсист ва ҷуз тафсири сиёсӣ наметавон ба воқеияти таърихи сиёсӣ даст ёфт.

Амалиёти террористии 11 сентябри соли 2001 маҷмӯи чаҳор амали террористии ҳамоҳангшуда мебошад, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико анҷом дода шуд. Чаҳор гурӯҳи террористҳо (ҳудуди 19 нафар), ки бо “Ал-Қоида” робита доштанд, чаҳор ҳавопаймои мусофирбарро (2-то Боинг 767-200 ва 2-то Боинг 757-200) тасарруф карданд. Ҳавопайморабоҳо дуто аз ин ҳавопаймоҳоро ба самти Маркази савдои ҷаҳонӣ, ки дар қисмати ҷанубии Манхэттен дар Ню-Йорк ҷойгир буд, равона намуданд. Рейс 11 American Airlines дар бурҷи Маркази савдои ҷаҳонӣ-1 (шимолӣ) ва рейси 175 United Airlines дар бурҷи Маркази савдои ҷаҳонӣ-2 (ҷанубӣ) бархӯрд. Ҳавопаймои сеюм (рейси 77 American Airlines) ба самти бинои Пентагон, ки на он қадар дӯртар аз Вашингтон ҷойгир буд, равона карда шуд. Ҳавопаймои чаҳорум (рейси 93 United Airlines) дар иёлоти Пенсилвания ба замин афтид. Дар натиҷа бинои Маркази савдои ҷаҳонӣ хароб гардид. Бурҷи ҷанубӣ (МСҶ-2) баъди сӯхтор дар замони 9:56, бурҷи шимолӣ баъди 102 дақиқаи фоҷиа вайрон гардиданд. Иншооти сеюм, бурҷи Маркази савдои ҷаҳонӣ дар соати 17:20 дар натиҷаи таркиши газ ва пайомадҳои сӯхтор хароб гардид. Қурбониёни амалиёти террористӣ 2977 инсонро ташкил дод [5, с.6].

Ин амалиёти террористӣ суолотеро дар заҳнҳо гардиш медиҳад, ки ҳақиқат будани ин моҷароро зери шубҳа қарор медиҳад. Ва инро на ҳама метавонад, ки дарк намояд. Масъаларо танҳо зери заррабини тахассусӣ метавон ташхис дод. Амрико бо қудрати дифоъи ҳавоие, ки дорад чи гуна террористон тавонистаанд, ки ҳавопаймоҳоро рабоянд?! Ҷолибияти масъала дар ин ҷост, ки маҳз дар таърихи 11 сентябр ҳангоми рабуда шудани ҳавопаймоҳо ҳама радарҳо аз кор монда буданд. Дигар ин ки садои таркиши бомбаро мардуми Амрико қабл аз бархӯрди ҳавопаймоҳо ба бурҷҳои Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ шунидаанд [3, с.67]. Ҳамчунин, меъморони ин биноҳо кафолати онро дода буданд, ки ин биноҳо тобоварии бархурди на як ҳавопаймо, балки чаҳор-панҷ ҳавопайморо доранд. Пас чи гуна як ҳавопаймо тавонист сабаби фурӯравии ин биноҳо гардад?! Пажӯҳишгари масоили сиёсӣ Назриев Карим ин ҳодисаро чунин шарҳ медиҳанд: “Бурҷи 1 ва 2-и Маркази савдои ҷаҳонӣ ба тарзи таркиши идорашаванда бо

истифода аз моддаи таркандаи термит хароб карда шуд... Он тибқи амудӣ ва афтиши озод сурат мегирад”[5, с.6]. Далели дар поён овардашуда исботи далелҳои дар боло зикршуда мебошад. Мавриди дигаре, ки миф будани ин ҳодисаро қувват мебахшад ин аст, ки дар таърихи 11 сентябр 4-ҳазор коргарони яҳудитабори Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ ба рухсатӣ рафта буданд. Чаро маҳз яҳудиён..?

Ҳодисаи 11 сентябри соли 2001 диди аҳли башарро ба равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ комилан дигаргун сохт. Дар зеҳн ва тафаккури инсоният ба ҷуз терроризм, даҳшатафкании исломӣ, Ал-Қоида, Афғонистон чизи дигаре гардиш намехӯрд. Зеро ҷаҳони Ғарб ҷомеаи ҷаҳониро шустушӯи мағзӣ дода, дар зеҳни башарият падидаи “терроризми исломӣ”-ро шакл дод. Ба андешаи сиёсатшиноси ватанӣ Карим Назриев: “...версияе, ки ҳукумати амрикоӣ нисбат ба ин ҳодиса пешкаш намудааст, агар ягон иттилооти нав дурӯғ пиндорад, онро ҳукумати амрикоӣ дезинформатсия мехонад ва сарчашмаи иттилоотро дар халалдоркунии фазои иттилоотӣ гунаҳкор менамоянд. Саҳнаи 11 сентябр чунон ба намоиш гузошта шуд, ки то кунун дар доираҳои илмӣ онро тибқи версияи ҳукумати амрикоӣ қабул доранд. Амрико ҳариф, рақиб ва душмани худро дар симои “терроризми исломӣ” шакл дод”[5, с.6]. Ҷаҳон пас аз моҷарои 11 сентябр дигаргун гашт. Ин ба ин маъност, ки амалиёти террористии 11 сентябр воситае буд, баҳри ба намоиш гузоштани ваҳшонияти ислом ва амалӣ сохтани назми навини ҷаҳонӣ. Ҷанг бо терроризмро метавон як ҷанги тамаддунӣ (Ислом ва Ғарб) унвон кард. Зеро, пас аз ин ҳодиса, Амрико душмани худро дар симои тамаддуни исломӣ медид. Пас аз моҷарои ёздаҳуми сентябр “Бархӯрди тамаддунҳо”-е, ки С.Ҳантингтон - сиёсатшиноси амрикоӣ дар шакли назария пешниҳод сохта буд, хосияти амалиро касб кард [9, с.87].

Амалиёти террористии 11 сентябр сад сол қабл аз вуқуаш тарҳрезӣ шуда буд, гарчанде ки ин биноҳои “дугоник” дар миёни солҳои 1966-1977 сохта шудаанд. Муҳандиси аслии инфиҷори ин биноҳо Алистер Кроулии сатанист (бобобузурги Ҷорҷ Буш) мебошад. Ӯ дар китобаш “Шариат”, ки соли 1904 иншо шуда буд, дар “ояти 71-и шайтониаш” менависад: “Дуруд! Шумо ҷанговарони дугоники атрофи аркони ҷаҳон! Чароки, замони шумо наздик ва дар дастрас аст” ва дар ояти 73-и шайтониаш дар мавриди инфиҷори бурҷҳо чунин паём медиҳад “...баргаҳоро (долларро дар назар дорад- У. М.) аз рост ба чап ва аз боло ба поён бичаспон: сипас огоҳ бош![2, с.45]. Ҳамин тариқ, дар соли 1996 нақши пушти долларҳоро бо каме дигаргунсозӣ, монанд ба шакли инфиҷори бурҷҳои Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ, ки Алистер Кроули паём дода буд, ба тасвир кашиданд. Лоиҳаи инфиҷори бурҷҳо ё худ амалиёти террористии 11 сентябри соли 2001 дар соли 1904 тарҳрезӣ шуда буд. Пас аз интишори китоби “Шариат” муҳандисини ин амалиёт тавассути филмҳои ҳолливудӣ ва ҳам филмҳои тасвирии истеҳсоли амрикоӣ инфиҷори бурҷҳоро тариқи ВАО ба намоиш мегузоштанд. Масалан, дар филмҳои тасвирии Monsters on the Loose (1976), Mortadelo y Filemon (1993), Spider man (1991), Ironman (1994) ва монанди инҳо, дар даҳҳо филмҳои дигар ҳодисаи инфиҷори бурҷҳо ба намоиш гузошта шудааст.

Аз он ҷо, ки саҳюнистҳо ва фримасонҳо дар амалӣ сохтани лоиҳаҳояшон ҳамеша аз розу рамзҳои бароящон муқаддас кор мегиранд, ёдоварӣ кардаем. Вале, на ҳама қодир ба кушоиши рамзу рози онҳост. Моҷарои ёздаҳуми сентябр низ тариқи рамзӣ дар барномаи Word-и соли 1997 ҷойгир карда шудааст. Яъне, чаҳор сол қабл аз ҳодисаи 11 сентябр. Ҳангоми ворид кардани ин рамз **Q33NY** дар шрифти (font) Wingdings чеҳраи омилони ин моҷаро маълум хоҳад шуд. Натиҷаи ин рамз ин аст: Q33NY= □□□□□. Ҳарфи Q - нишонаи бомба ва NY бошад, шакли таҳфифшудаи иёлоти New-York (Ню-Йорк) дар назар дошта шудааст. Натиҷаи ҳосилшуда аз ин рамз ин аст, ки ҳавопаймо ба ду бинои Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ бархурд намуда, қурбониёни зиёде аз худ бар ҷой

хоҳад гузошт ва ин ситораи шашпар нишони парчами Исроил буда, собиткунандаи он аст, ки амалиёти террористии 11 сентябр таҳти фармони Исроил ба иҷро мерасад. Инак ҷаҳони Ғарб ва Исроил пас аз ин ҳодиса, бо баҳонаи мубориза алайҳи терроризм манфиатҳои геополитикиашонро дар ин ва ё он минтақа ҳимоят намуда, дар амалишавии низоми нави ҷаҳонӣ, ки арзиши муштараки ҳамин кишварҳост, мусоидат менамоянд.

Аз ҳодисаи 11-уми сентябри соли 2001 22-сол сипарӣ мешавад, вале башар то ҳол воқеияти ин моҷароро натавонистааст, ки маърифат кунад. Фримасонҳо ададҳои хосси муқаддас доранд (6,9,11,13 ва 33). Адади 11 ҳамчун адади муқаддаси масонҳо дар бисёре аз лоиҳаҳои сиёсиашон ба кор рафтааст. Амалиёти террористии 11 сентябри соли 2001 низ истисно нест. Инҷо якчанд далелеро доир ба адади 11 меоварем, ки сунъӣ будани ин моҷароро бароямон рӯшан сохта, асрори адади 11-ро ҳамчун рамзи муқаддас ошкор менамояд:

1. Бурҷҳои Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ дар шаҳри Ню-Йорк байни солҳои 1966 то 1977 сохта шудаанд, яъне 11 сол;
2. Шабоҳати бурҷҳои Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ ба адади 11;
3. Ҳодисаи инфиҷори бурҷҳои Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ дар таърихи 11.09.2001;
4. Моҷарои 11-уми сентябр маъруф ба 9/11 (9+1+1=11);
5. Ҳодисаи 11-уми сентябр 254 рӯз гузаштан аз оғози сол, яъне (2+5+4=11);
6. 11-уми сентябр 111-рӯз то поёни сол боқӣ монда буд=111;
7. Аввалин ҳавопаймое, ки ба Маркази тиҷорати ҷаҳонӣ бархӯрд намуд, парвози 11 буд;
8. Ню-Йорк 11-умин иёлот дар асосномаи Амрикост;
9. Дар 11-уми сентябри соли 1941, яъне 60-сол қабл аз моҷарои 11-уми сентябри 2001 бинои Пентагон пайрезӣ шудааст;
10. Дар 11.09.1990 дар соати 9:09, яъне 11-сол қабл аз ҳодисаи бурҷҳо Ҷорҷ Буш (падар) тайи як суханрониаш бо номи «Ба сӯи назми нави ҷаҳонӣ» парда аз чеҳраи худ ва арбобонаш канор зад;
11. 21.12.2012 соати 11:11 дигаргунии Замин тибқи пешгӯии моёҳо (иттифоқе, ки бар хилофи адёни илоҳӣ амал мекунанд) расонаӣ шуд;
12. 21.12 соли 2012 21/12/2012 (2+1+1+2+2+1+2=11);
13. Ҳодисаи 11-уми сентябри 2001 11-сол қабл аз ҳодисаи дигаргунии Замин дар соли 2012, яъне=11;
14. 11 дар ҳарами (пирамида) ададҳо: 11:11*11:11=1234321-(11,22,33...);
15. Аввалин маъмурияти НАСА бо фазопаймои Apollo 11.

Инчунин монади инҳо садҳо далеле вуҷуд дорад, ки чун рамз аз назари мо, пӯшида мондаанд. Истифода аз ин рамзҳои муқаддас ва таърих шудани ин ҳодиса охири кор набуда, дар ояндаи наздик ин аъдод (6,9,11,13,33) мавриди истифодаи фримасонҳо қарор хоҳанд гирифт ва ҷомеаи ҷаҳониро то замони зуҳур (охируззамон), яъне то омадани Антихрист ё худ Даҷҷол даргири масоили шайтонӣ хоҳанд намуд. Таърихи сиёсӣ ҳодисоти зиёдеро дар ояндаи наздик сабт менамояд, ки фримасонҳо омилони аслиашон хоҳанд буд[6, с.154].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун актори сиёсати байналмилалӣ аз таҳдид ва хатари терроризми байналхалқӣ дар канор буда наметавонад. Аз ҳамин хотир, Тоҷикистонро лозим аст, ки баҳри ҳифзи амнияти миллӣ ва амнияти байналмилалӣ бо кишварҳое, ки алайҳи терроризми байналхалқӣ барномаи амалӣ доранд, дар ҳамкории доимӣ қарор дошта бошад. Тоҷикистон, таҳти роҳбарии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун як кишваре, ки алайҳи терроризм дар мубориза қарор гирифтааст, шинохта мешавад.

Тоҷикистон як кишвари зидди ҷанг ва ҳомии сулҳу амният дар минтақа ва ҷаҳон эътироф гардидааст[10, с.187].

Масъалаи инкишофи давлатдории миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллиро дар он мебинем, ки низоми миллиро дар рушди давлатдории хеш мавриди амал қарор диҳем. Амалишавии низоми нави ҷаҳонӣ барои Тоҷикистон ҳамчун як давлати миллии дар ҳоли рушд як хатари воқеӣ маҳсуб мешавад. Аз нигоҳи сиёсатшиноси ватанӣ Музафарзода Ф. амалишавии низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллӣ чунин хатарро дар пай дорад: "...дар шароити имрӯза як қатор равандҳои сиёсие мавҷуданд, ки барои амалӣ шудани низоми нави ҷаҳонӣ ва таъсири сиёсии он ба манфиатҳои миллии давлатҳо дар ҳолати вусъатёбӣ қарор доранд. Равандҳои мазкур таъсири сиёсии низоми нави ҷаҳониро дар манфиатҳои давлатҳои миллӣ ба вуҷуд оварда, таъсири манфии худро дучанд мегардонад. Ҳолати мазкур аз ҷониби субъектони сиёсӣ ва акторҳои байналхалқӣ бахри татбиқи манфиатҳои ягонаи худ ба миён омада, вусъатёбии низоми нави ҷаҳониро метезонад..."[4, с.251].

Доир ба моҷарои 11-уми сентябр чандин асару мақолаҳо ба чоп расидаанд, вале навад дар сади ин мақолаҳо дур аз воқеияти сиёсӣ иншо шуда, дар натиҷаи фазосозии расонаҳои ғарбӣ рӯйи чоп омадаанд. Ифшои асрори бозиҳои сиёсӣ ҳамеша дар дасти сиёсатшиносон қарор хоҳад гирифт. Аз ҳамин хотир, бахри ифшои лоиҳаҳои дар пеш будаи дастандаркорони низоми нави ҷаҳонӣ ҳамеша пайи таҳқиқи сиёсӣ ва пажӯҳиш хоҳем буд. Ҷаҳоне, ки мо дар он қарор дорем, дарояндаи наздик ба майдони нави ҳодиса ва моҷароҳои сиёсии ҷадид мубаддал хоҳад шуд. Дар ҷаҳони муосир меъёри байналхалқие, ки падидаи терроризмро таъриф дода тавонад, то ҳол вуҷуд надорад. Имрӯз давлатҳое, ки гӯё бо терроризми байналхалқӣ мубориза мебаранд, дар амал ҳамин давлатҳо ҳастанд, ки ба ташкилоту созмонҳои террористӣ маблағгузорӣ менамоянд[8, с.55]. Аз ин ҷост, ки мубориза алайҳи терроризм моҳияташро гум намудааст. Ҳамин тариқ, терроризм тафсири решаӣ мехоҳад. Нахуст, бояд мубориза алайҳи давлатҳои маблағгузор ҷорӣ намуд, ки дар натиҷа терроризм худ нобуд хоҳад шуд. Терроризми байналхалқӣ маҳсули тафаккури ҷаҳони Ғарб буда, то замони муайян равандҳои сиёсии ҷаҳонро шакл хоҳад дод. Вале, дарояндаи наздик ҷаҳони Ғарб падидаҳоеро ба вуҷуд хоҳад овард, ки бадтар аз терроризм хоҳад буд. Вобаста ба таҳқиқоте, ки сари масоили низоми нави ҷаҳонӣ анҷом додем, дар соли 2023 лоиҳаҳои нави масонӣ-сатанистӣ насли башарро интизоранд. Ин як пешбинии сиёсист. Мо мунтазир мемонем ва замон инро муайян хоҳад намуд.

**Адабиёт**


1. Зокиров Г. Н. Донишномаи сиёсӣ. Душанбе, 2007. -602с.
2. Кроули А. Шариат. (чопи форсӣ). 2005, -32с.
3. Мубориза бо идеологияи терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир. Душанбе, 2019.-320с.
4. Музафарзода Фазлиддин. Таъсири сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии давлат.// Идоракунии давлатӣ.2021.-№1.300с.
5. Назриев К. 11 сентябри соли 2001: Воқеият ё миф.//Ба қуллаҳои дониш. №13, 15.09.2017.
6. Сайид Муҳаммад Хотамӣ. Гуфтугӯи тамаддунҳо ва фарҳанги эронӣ. Душанбе. 2002.-213с.
7. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат бо экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020. Душанбе, 2016. -79с.
8. Терроризм ва ифротгароӣ-роҳҳои пешгирии он. Душанбе, 2015. -250с.
9. Терроризм: моҳият, хосиятҳо ва раванди ташаккулу инкишоф. Душанбе, 2016. -170с.

10. Эмомалӣ Р. Дар бораи дин. Душанбе, 2006. -553с.

## МЕЖДУНАРОДНЫЙ ТЕРРОРИЗМ И ФОРМИРОВАНИЕ НОВОГО МИРОВОГО ПОРЯДКА

**УМАРОВ МУКИМ АБДУКАРИМОВИЧ,**
соискатель кафедры политологии кафедры политологии и связей с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, улица Саид Насира 33.
Тел.: (+992) 907-88-44-66. E-mail: mukim.umarzoda@mail.ru

*В статье анализируется и интерпретируется воррос международного терроризма и формирования нового мирового порядка. Используя подтвержденные документы и доказательства, автор интерпретировал события 11 сентября 2001 г. под экспертным углом зрения и опроверг этот сфабрикованный сценарий. Причастность к этому событию масонов или правительства «тайной группы» в Америке (в Америке государство действует внутри государства) автором обосновывается. «Исламский терроризм», формирующий политические процессы нового века, является продуктом терактов 11 сентября. После распада СССР, США увидели своего врага в лице исламской цивилизации. По этой причине, чтобы бороться с этой цивилизацией, СМИ создали исламский терроризм. Масоны промывали людям мозги, проецируя на мир нереальную версию событий. Люди поверили в сатанинско-американскую версию событий 11 сентября и увидели в исламе террористическую религию, а в мусульманах — террористов. Западу с его медийной властью удалось скрыть правду об инциденте до сегодняшнего дня. Однако в ходе специализированного исследования проблем современной мировой поэзии мы в какой-то мере разгадываем проекты виновников этой «беззаконной системы» и показываем сатанинские программы сатанистов в политическом пространстве отечественного общества. Большинство европейских и американских стран, а также Израиль не относятся к терроризму враждебно, но терроризм считается общим интересом этих стран, потому что терроризм является продуктом мышления этих стран. Опираясь на завершенное исследование вопросов новой мировой поэзии, современный мир в 2023 году ждет новых сатанинских программ сатанистов. Это не гадание, а политическое предсказание.*

***Ключевые слова:*** *политика, международный терроризм, 11 сентября, новый мировой порядок, сатанисты, международная безопасность, сатанинские планы, исламский терроризм, жестокость ислама, сионисты, столкновение цивилизаций, время откровения.*

## INTERNATIONAL TERRORISM AND THE FORMATION OF A NEW WORLD ORDER

**UMAROV MUKIM ABDUKARIMOVICH,**
Applicant of the Department of Political Science and Public Relations of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 907-88-44-66. E-mail: mukim.umarzoda@mail.ru

*The article analyzes and comprehends the problem of international terrorism and the formation of a new world order. Using corroborated documents and evidence, the author interpreted the events of September 11, 2001 from an expert angle and disproved this fabricated scenario. The involvement of Freemasons or the government of the "secret group" in America (in America, the state operates within the state) in this event is substantiated by the author. The "Islamic terrorism" shaping the political processes of the new century is a product of the 9/11 attacks. After the collapse of the USSR, the United States saw its enemy in the face of Islamic civilization. For this reason, in order to fight this civilization, the media created Islamic terrorism. Freemasons brainwashed people by projecting an unrealistic version of events onto the world. People believed in the satanic-American version of the events of 9/11 and saw Islam as a terrorist religion and Muslims as terrorists. The West, with its media*

*power, has managed to hide the truth about the incident until today. However, in the course of a specialized study of the problems of modern world poetry, we to some extent unravel the projects of the perpetrators of this "lawless system" and show the satanic programs of satanists in the political space of our society. Most European and American countries, as well as Israel, do not have a hostile attitude towards terrorism, but terrorism is considered a common interest of these countries, because terrorism is a product of the thinking of these countries. Based on the completed study of the issues of the new world poetry, the modern world in 2023 is waiting for new satanic programs of satanists. This is not fortune-telling, but a political prediction.*

***Key words:*** *politics, international terrorism, September 11, new world order, satanists, international security, satanic plans, Islamic terrorism, brutality of Islam, Zionists, clash of civilizations, time of revelation.*

УДК: 327.8

# ШАКЛҲОИ ИСТИФОДАБАРИИ “НЕРУИ НАРМ” ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТ

**ҒАФУРЗОДА БАҲОДУР САДИРДИН,**
унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи С.Носир, 33.
E-mail: bahodur5959@gmail.com

*Неруи нарм самтҳо ва шаклҳои истифодабарии худро дорад. Аммо аз ҳама бештар онро дар сиёсати хориҷии давлат мавриди истифода қарор медиҳанд. Неруи нарм маҷмӯи ресурсҳое мебошад, ки ба воситаи он дар сиёсати хориҷии давлат ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба роҳ монда мешавад. Дар раванди истифодабарии неруи нарм нақши иттилоот ва воситаҳои иртиботӣ хеле калон аст. Маҳз тавассути онҳо ба аудиторияи мушаххас таъсири иттилоотӣ расонида мешавад. Дар шароити имрӯза шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ барои муаррифии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатҳо ба таври васеъ истифода бурда мешаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *неруи нарм, сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои миллӣ, дипломатияи фарҳангӣ, афкори ҷамъиятӣ, сиёсати иттилоотӣ.*

Мафҳуми «неруи нарм» аз аввалин лаҳзаи пайдоиши худ дар амалияи сиёсати хориҷии давлатҳои олам мавриди истифода қарор дода шудааст. «Неруи нарм»-ро низ ғолибан ҳамчун маҷмуи ресурсҳое тасаввур менамоянд, ки ба воситаи он таваҷҷуҳи давлатҳои дигар ба ҷониби худ ҷалб карда мешавад. Дар доираи консепсияи «неруи нарм» муваффақият ва дастовардҳои давлат дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ сарчашмаи асосии ба даст овардани эътимоди давлатҳои дигар megониста мешавад. Чунин ҳолат ба давлатҳои муваффақ имконият медиҳад, ки бо аудиторияи хориҷӣ алоқаи зич барқарор намоянд. Албатта, дар навбати аввал зарур аст, ки давлат «неруи нарм» дошта бошад. Аммо агар дар ихтиёри давлат «неруи нарм» мавҷуд бошаду стратегияи самараноки иртиботӣ ва роҳу усулҳои ҷалби аудиторияи хориҷӣ мавҷуд набошад, вай наметавонад дар амалишавии мақсадҳо мусоидат намояд. Қайд намудан зарур аст, ки «неруи нарм», воситаҳои иртиботӣ ва таъсиррасонӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Зеро ресурсҳои «неруи нарм», пеш аз ҳама, унсурҳои таркибии таҷрибаҳои муваффақ мебошанд, ки тавассути стратегияҳои иртиботӣ намоиш дода мешаванд ва мавқеи сиёсии давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ мустаҳкам менамоянд. Агар ресурсҳои «неруи нарм» (яъне, таҷрибаҳои муваффақ) ба иттилооти эътимоднок табдил дода нашавад, давлат дар сиёсати хориҷии худ ба равандҳои минтақавию ҷаҳонӣ, ҳодисоту воқеоти беруна таъсир расонида наметавонад. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки давлатҳо кӯшиш менамоянд то ки дар ҷомеаҳои дигар аз таҷрибаҳои муваффақ ва дастовардҳои онҳо огоҳӣ пайдо намоянд ва аз ҳама муҳим ин аст, ки давлат кӯшиш менамояд, ки аудиторияи мавриди назарро барои пайравӣ намудан аз таҷрибаҳои онҳо бовар кунонад.

Дар асри XX олими шинохтаи амрикоӣ О.Тоффлер таъкид намуда буд, ки дар ҷомеаҳои замони муосир иттилоот неруи асосии ҳокимият мебошад. Ҷ.Най – муаллифи консепсияи «неруи нарм» низ дар охири асри XX пешгуӣ намуда буд, ки дар асри XXI технологияҳои иттилоотӣ ба ресурсҳои муҳимтарини ҳокимият табдил меёбанд. Ӯ ҳамаи иттилооти мавҷударо ба се гурӯҳ ҷудо намуда буд: Якум, иттилооти барои ҳама дастрас. Ҷ.Най иброз медорад, ки агар аудитория ба ин гуна иттилоот бовар намояд, пас чунин ҳолат ба манфиати интиқолдиҳандаи иттилоот анҷом меёбад. Дуюм, иттилооти корӣ. Як зумра ширкатҳо ва давлатҳо ба хотири ба фуруш баровардани иттилоот ва ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ чунин навъи иттилоотро истеҳсол менамоянд. Сеюм, иттилооти стратегӣ. Иттилооти махфие, ки барои мағлуб сохтани рақибон ва ҳарифон

истифода бурда мешавад. Ҷ.Най муътақид аст, ки таъсири «неруи нарм» дар аксар мавридҳо аз эътимоднокии иттилооти барои ҳамагон дастрас вобастагии зиёд дорад, зеро чунин навъи иттилоот тариқи ВАО ҳамарӯза паҳн карда мешавад [14].

Дар шароити афзоиш ёфтани суръати ҷаҳонишавӣ, бахусус ҷаҳонишавии технологияҳои иттилоотӣ давлатро зарур аст, ки барои мустаҳкам намудани мавқеи байналмилалии худ дастовардҳои худро ба аудиторияи хориҷӣ дар сатҳи зарурӣ муаррифӣ намояд. Анҷом додани чунин амал дар шароите, ки ВАО-и хориҷӣ, бахусус ВАО-и кишварҳои ғарбӣ афкори аксари ҷомеаҳои оламро зери таъсири худ дароварда истодаанд, хеле зарур мебошад. Як қатор агентиҳои иттилоотӣ ва телевизионҳои хориҷӣ дар саросари ҷаҳон ҳаводорони зиёд пайдо намудаанд. Аз ҷумла, CNN, BBC, Euronews, Russia Today, Al-Jazeera ва ғайра [5, с.20]. Дар робита бо таъсири иттилооти паҳншаванда ба афкори ҷомеаҳои алоҳида саволе пайдо мешавад, ки одамон аз ҳама бештар кадом навъи иттилоотро тамошо мекунанд? Нишондодҳои ин гуна омор барои муайян намудани таъсири «неруи нарм» ва ресурсҳои самараноки он хеле аҳамиятнок мебошад. Тибқи оморе, ки дар натиҷаи назарпурсии оммавӣ Форуми озоди ИМА таҳия кардааст, хабарҳо дар бораи дастовардҳои илму техника, хабарҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар ҷойи аввал меистанд. Аз мавқеи муаллифони ин мавод, дар тӯли сад соли сипаригардидаи асри XX ва дар байни бештар аз сад навъи хабарҳо 37% пурсидашудагон хабарҳои соҳаи илму техника, 30% хабарҳои сиёсӣ, 20% хабарҳои ҳарбӣ, 7% хабарҳои иқтисодию молиявӣ, 2% хабарҳои варзишӣ, 1% хабарҳои фарҳангию фароғатиро писанди худ шуморидаанд [16, с.158]. Бояд таъкид кард, ки ин назарпурсӣ дар байни шаҳрвандони ИМА гузаронида шудааст ва ин омор ифодагари афкори ҷамъиятии ин ҷомеаро ифода менамояд. Ба ҳар ҳол, аз омори мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар тақдири инсоният илм, техника ва сиёсат мавқеи аввалро ишғол менамоянд. Ғайр аз ин, омори мазкур гувоҳӣ аз он медиҳад, ки пахши хабарҳо дар бораи дастовардҳои сиёсат, илм ва техника бояд аз ҳама бештар бошад.

Аллакай як қатор олимон таъкид бар он менамоянд, ки васоити ахбори омма ба сиёсати ҷаҳонӣ таъсири амиқ расонида истодаанд. Барои мисол, А.Малик иброз медорад, ки «дар беҳтарсозии вазъи мақомоти давлатдории миллӣ ва имиҷи миллии мамлакат журналистика нақши муҳим мебозад. Ҳар як мамлакат тавассути зери назорати худ қарор додани ВАО симои мароқангези худро ташаккул медиҳад. Ғайр аз ин, барои оне ки симои мусбати мамлакат ташаккул дода шавад, давлатро зарур аст, ки дар низоми ВАО-и глобалӣ афзалият дошта бошад, тавассути дипломатияи журналистӣ ба рақибон ҳуҷум намояд ва ба симои мароқангези душманони худ таъсири манфӣ расонида тавонад» [15, с.150]. Аз ин рӯ, дар равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ, бахусус дар сиёсати хориҷии худ давлатҳо дар баробари оне, ки ба сиёсат ва дигар воситаҳо такя мекунанд, инчунин кӯшиш менамоянд, ки барои ба вуҷуд овардани иртиботи байналмилалӣ иқтидори ВАО ва технологияҳои иттилоотиро низ самаранок истифода баранд. Бе чуну чаро иттилооти хабарӣ воситаи асосии сафарбарнамоии одамон, зери назорати худ қарор додани афкори ҷамъиятӣ ва ба вуҷуд овардани афкори танқидӣ мебошад. Дар чунин шароит агар «неруи нарм» ҳамчун раванди интиқоли ресурсҳои гуманитарии кишвар дониста шавад, пас ташаккули симои мусбати мамлакат ва роҳу усулҳои расидан ба ин мақсад унсурҳои таркибии «неруи нарм» мебошанд [9, с.39].

Дар ҷаҳони имрӯза, ки ҳамаи ҷомеаҳо аз иттилооти босуръат паҳншаванда вобаста гардидаанд, «неруи нарм» ба дастгирии технологӣ ниёз дорад. Зеро рушди технологияҳои иттилоотӣ дар шароити имрӯза имкон додаанд, ки ҳодисаву воқеаҳои олам дар кутоҳтарин муддат пахш карда шаванд ва аз рафту равиши онҳо одамон огоҳӣ пайдо намоянд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши босуръати ҳаҷми иттилоот

боиси афзоиши шумораи истифодабарандагони он гардидаанд. Танҳо дар тӯли даҳ соли охир шумораи истифодабарандагони Интернет ду маротиба зиёд гардида, аз 2 млрд соли 2010 дар соли 2022 бештар аз 5,3 млрд нафарро ташкил медиҳад [6]. Таъсири ВАО-и замони муосир ба афкори ҷамъиятӣ бамаротиб бештар гардидааст. Аз ин рӯ, давлатҳои гуногуни олам дар пешбурди сиёсати хориҷии худ аз имкониятҳои мазкур самаранок истифода намуда истодаанд. Он давлатҳое, ки иқтидори манипулятивии ВАО-ро дар сиёсати хориҷӣ истифода карда наметавонанд, бештар кӯшиш менамоянд, ки тавассути ахбори омма тарбияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва иҷтимоикунонии сиёсиро роҳандозӣ кунанд. Ба ибораи дигар, чунин амалҳо барои ҳифзи имиҷи мусбати давлату мамлакат дар назари аҳолии кишвар анҷом дода мешавад. Зеро дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотии глобалӣ, ки дар фазои маҷозию иттилоотӣ сарҳадҳои миллиро аз байн бурдааст, афкори ҷамъиятии ҳар як кишвар зери таъсири иттилооти беруна қарор мегирад. Дар маҷмӯъ, олимону муҳаққиқон бар он боваранд, ки истифодаи ВАО барои амалӣ намудани мақсадҳои хориҷии давлат ва ташаккул додани симои мароқангези давлат яке аз унсурҳои муҳимтарини «неруи нарм» ба ҳисоб меравад.

Муовини котиби давлатии ИМА Ҷ.Макхейл соли 2011 дар яке аз форумҳои байналмилалие, ки ба масъалаи «Рушди дипломатияи ҷамъиятӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар Амрикои Лотинӣ» бахшида шуда буд, нақши шабакаҳои иҷтимоиро дар тавсеаи манфиатҳои миллии кишвари худ асоснок намудааст. Ба андешаи ӯ, шабакаҳои иҷтимоии Facebook, Twitter ва монанди инҳо имкон медиҳанд, ки рӯзномаи сиёсии ИМА дар минтақаи Амрикои Лотинӣ пешбарӣ гардад. Ӯ иброз намуда буд, ки «рушди технологияҳои ҷадид дар соҳаи алоқа ва воситаҳои ахбори омма моро ба аудиторияи худ наздиктар менамояд. Ин гуна шароит муҳимтарин дастоварди дипломатияи ҷамъиятии асри XXI мебошад» [17]. Соли 2012 мушовири котиби давлатии ИМА Бен Скотт дар яке аз конференсияҳои байналмилалие, ки дар шаҳри Гамбург оид ба рушди интернет баргузор шуда буд, иброз медорад, ки «дипломатияи амрикоӣ шабакаҳои иҷтимоиро яке аз воситаҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии ИМА медонад» [4].

Воқеан ҳам дар шароити имрӯза таъсири интернет ба афкори ҷамъиятӣ рӯз то рӯз бештар мешавад. Бинобар ин, шабакаи интернетро барои ташаккули имиҷи байналмилалии давлат ва баланд бардоштани иқтидори «неруи нарм» истифода намуда истодаанд. Имрӯзҳо бе ягон мушкилӣ мушоҳида мегардад, ки тавассути шабакаҳои интернетӣ давлатҳо чи гуна фарҳанги ҷомеаи худро тарғибу ташвиқ менамоянд ва дар фазои иттилоотӣ паҳн месозанд. Дар шароити рушди технологияҳои фазои маҷозӣ нақши дипломатияи анъанавӣ хеле коҳиш меёбад ва ба ҷойи онҳо шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мегарданд. Дар як қатор кишварҳо давлату ҳукумат аллакай шабакаҳои иҷтимоии «Facebook» ва «Twitter»-ро барои муошират намудан бо шаҳрвандон, барқарор намудани робита бо ҷомеа ва аз ҳама муҳим барои муайян кардани вазъи афкори ҷамъиятӣ истифода бурда истодаанд.

Айни замон ҳар як давлат барои ташаккули робитаҳои байналмилалии худ кӯшиш менамояд. Дар навбати худ иртиботи байналмилалӣ ба давлатҳои алоҳида имкон медиҳад, ки арзишҳои ҷомеаи худ, фарҳанг, модели иқтисодӣ, системаи сиёсӣ ва ғ. дар муҳити берунаи мамлакат муаррифӣ намояд. Чунин амалкард барои ба даст овардани дастгирию пуштибонии байналмилалӣ хеле зарур аст. Ғайр аз ин, дар ҳамаи кишвар табақаҳои алоҳидаи аҳолӣ ба шабакаҳои иттилоотии байналмилалӣ таваҷҷуҳи бештар медиҳанд. Онҳо кӯшиш менамоянд, ки дар бораи миллатҳои дигар маълумот пайдо намоянд. Аз ин рӯ, ба роҳ мондани иртиботи самараноки байналмилалии давлат боиси тақвият ёфтани якдигарфаҳмӣ, ба вуҷуд овардани муҳити берунаи мусолиҳатомез ва устувор мешавад.

Дар робита бо масъалаҳои дар боло баррасишуда инчунин тафовути «неруи нарм» ва тарғиботу ташвиқотро низ нишон додан зарур мебошад. Зеро онҳо аз рӯйи як қатор нишонаҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Тарғиботу ташвиқот ҳарчанд ба ҷолибияти ғояҳо ва арзишҳо такя намояд ҳам, дар бештари мавридҳо шаклҳои гуногуни манипулятсияи шуурро истифода мекунад. Аммо «неруи нарм» ҳеҷ гоҳ хусусияти манипулятивӣ надорад [7, с.214]. Тарғиботу ташвиқот ҳамчун шакли махсуси таъсиррасонии иттилоотӣ бинобар сабаби хусусияти манипулятсионӣ доштанаш давра ба давра ба бӯҳрон дучор мешавад. Дар чунин шароит роҳу усулҳои ба амал баровардани тарғибот низ тағйир меёбанд. Ба ҳамин монанд дар солҳои 1960-ум дипломатияи мардумӣ барои пешбурди тарғиботи байналмилалӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Ҳарчанд ин гуна воқеиятро баъзе муҳаққиқон эътироф намекунанд, аммо дипломатияи мардумӣ баъзан бевосита тавассути мақомоти давлатӣ ва баъзан ба воситаи ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, ВАО ва барномаҳои таълимии донишгоҳӣ ба амал бароварда мешавад [8, с.47]. Н.Й. Сулл масъалаҳои татбиқи амалии дипломатияи мардумиро таҳлилу баррасӣ намуда, панҷ унсури асосии онро нишон додааст:

1. Гӯш додан ба афкори ҷамъиятӣ. Ҷамъоварии иттилоот дар бораи афкори ҷамъиятии байналмилалӣ чӣ бо роҳи қонунӣ ва чӣ бо роҳи пинҳонӣ. Масалан, тавассути назарпурсӣ ва таҳқиқоти сотсиологӣ муайян намудани афкори ҷамъиятӣ роҳи қонунии он мебошад. Аммо баъзан вақт ба таври пинҳонӣ ва иктишофӣ дар ин бора иттилоот ҷамъоварӣ мегардад.

2. Таъминоти иттилоотӣ. Тавассути сафоратхонаҳо ва корпусҳои дипломатӣ пеш бурдани сиёсат, манфиат ва ғояҳои давлати худ дар мамлакатҳои дигар.

3. Дипломатияи фарҳангӣ. Паҳн намудани манбаҳои фарҳангии кишвари худ дар мамлакатҳои дигар ё ин ки мусоидат намудан ба интиқоли арзишҳои фарҳангӣ ба хориҷи кишвар.

4. Мубодилаи дипломатӣ. Мусоидат ба мубодилаи одамон, масалан мубодилаи донишҷӯён, сайёҳон, мубодилаи хизматрасонӣ ва ғ.

5. Иртиботи иттилоотии байналмилалӣ. Барқарор намудани иртибот бо афкори ҷамъиятии кишварҳои хориҷӣ тавассути агентиҳои иттилоотӣ, радио, телевизион ва шабакаҳои интернетӣ [13, с.32].

Қайд намудан зарур аст, ки дар бисёре аз мавридҳо дипломатияи мардумӣ ва тарғиботу ташвиқот баробарвазн буда наметавонанд. Як қатор муҳаққиқон дипломатияи мардумиро усули самаранок ва тарғиботро усули бесамар ва нохуб муаррифӣ кардаанд. Масалан, олими амрикоӣ Ҷ.Браун иброз медорад, ки дипломатияи мардумӣ ба аудиторияи хориҷӣ дар бораи сиёсати хориҷии давлат ва тарзи зиндагии миллат маълумоти саҳеҳ ва боэътимод пешкаш менамояд. Бо шарофати мавҷуд будани далелҳои раднопазир боварии одамон ба чунин иттилоот бештар мегардад. Аммо тарғибот бо такрор намудани шиорҳо, бадгуӣ кардану нохуб муаррифӣ намудани арзишҳои ҷаҳони беруна, содда намудани масъалаҳои мураккаб ва таҳрифи воқеаҳои таърихӣ, умуман бо паҳн намудани иттилооти дурӯғ ва нодуруст нишон додани ҳақиқат асос меёбад [12].

Масъалаи таносуби дипломатияи мардумӣ ва тарғиботу ташвиқотро аз назари дигар таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои аудиторияи мушаххас ҳардӯи онҳо метавонанд ҳам нохуб ва ҳам хуб бошанд. Масалан, агар дастовардҳои ҳақиқӣ ё умуман ҳақиқати ҳол тарғибу ташвиқ гардад, тарғибот хуб аст. Аммо агар дипломатияи мардумӣ барои фиреби афкори ҷамъиятӣ ё тағйир додани он тавассути иттилооти номақбул равона гардад, метавонад нохуб бошад. Бинобар ин, ба масъалаи мазкур аз мавқеи субъекти сиёсат бояд баҳогузорӣ намуд.

Ба андешаи баъзе олимон, агар усулҳои тарғиботу ташвиқот бинобар сабаби дағалона таҳия шуданашон ба муддати тӯлонӣ самаранокӣ нишон дода натавонад, дар чунин шароит иртиботи стратегӣ барои анҷом додани чунин вазифаҳо ба вуҷуд оварда мешавад [2, с.12]. Ба андешаи В.А. Бурлаков, мафҳуми «иртиботи стратегӣ» аз аввалин лаҳзаи пайдоиши худ ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокии сиёсати хориҷии давлат муаррифӣ мегардид [3, с.7]. Ба чунин анъанаҳо Е.Н. Пащенсев такя намуда, иртиботи стратегиро «ҳамчун лоиҳаи давлатӣ ва фаъолияти гуногунҷабҳаи иттилоотӣ оид ба интиқоли арзишҳо, манфиатҳо ва мавқсадҳои стратегӣ дар байни аудиторияи дохилӣ ва хориҷӣ» муайян кардааст [10, с.80].

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки «тарғиботи байналмилалӣ», «дипломатияи мардумӣ» ва «иртиботи стратегӣ» воситаҳое мебошанд, ки тавассути онҳо стратегияҳои миллии давлатҳо чӣ дар сиёсати дохилӣ ва чӣ дар сиёсати хориҷии онҳо амалӣ карда мешавад. Аммо «неруи нарм», пеш аз ҳама, назарияе мебошад, ки ба воситаи он қобилияти давлат барои таъсир расонидан ба рафтори дигарон ва ҳимояи манфиатҳои давлатҳои дигар тариқи фарҳанг, сиёсати хориҷӣ, идеология ва арзишҳои дигар шарҳу тавзеҳ дода мешаванд [11]. Аз ин рӯ, неруи нарм ҳамчун зуҳуроти боваркунонӣ ва ҷалбнамоӣ барои ба даст овардани самаранокии иртиботи хориҷӣ иқтидори зиёд дорад. Низоми пуриқтидори иртиботи хориҷӣ метавонад нақши давлатро дар рушди иқтисодиёт, фарҳанг ва низоми арзишҳои умумиҷаҳонӣ нишон диҳад. Дар натиҷаи чунин иртибот афкор ва рафтори аудиторияи мавриди назар нисбат ба ин мамлакат тағйир меёбад. Бинобар ин, ташаккул додани низоми пуриқтидори иртиботи хориҷӣ барои афзоиш ёфтани таъсири «неруи нарм»-и давлат мусоидат менамояд ва ҳамзамон барои давлату ҳукумат аҳамияти стратегӣ дорад.

Дар амалияи сиёсию ҷамъиятӣ ва ҳатто дар адабиёти илмӣ баъзан вақт мафҳумҳои «ҷанги иттилоотӣ» ва «неруи нарм»-ро ҳамвазн дониста, бо ҳам омехта менамоянд. Афзоиши неруи нарми як қатор давлатҳоро мушоҳида намуда, баъзе олимону таҳлилгарон онро ба ҷанги иттилоотӣ ҳамшабеҳ мегардонанд. Барои мисол, дар газетаи The Guardian директори хадамоти иттилоотии BBC П.Хоррокс ба роҳбарияти сиёсии Британияи Кабир ҳушдор медиҳад, ки вазъияти молиявии ин хадамоти хабаррасон агар бо вазъи молиявии шабакаҳои иттилоотии давлатии Россия ва Хитой муқоиса карда шавад, пас гуфтан мумкин аст, ки BBC дар ҳолати ногувор қарор дорад. Чунин ҳолат боиси он мегардад, ки Британияи Кабир дар ҷанги иттилоотии глобалӣ мағлуб шавад. Ба ҳамин монанд, директори Агентии мустақили хабарҳои телевизонии Британияи Кабир С.Первис иброз намуда буд, ки «ҷанги иттилоотӣ ҷангест, ки тавассути «неруи нарм» анҷом дода мешавад ва он идомаи ҷанги сард мебошад. Шабакаҳои телевизионии Россия ва Хитой агентҳои ҳукуматҳои худ мебошанд, аммо Британияи Кабир чунин имкониятҳоро доро нест» [18].

Дар посух ба муносибатҳои душманонаи ВАО-и ғарбӣ нисбат ба Россия, коршиносони рус низ «неруи нарм»-ро ҳамчун василаи ҷанги иттилоотӣ муаррифӣ намудаанд. Барои мисол, сармуҳаррири шабакаи телевизионии RT (Russia Today) М.Симоньян паҳн гардидани ҳама гуна иттилоотро ҳамчун унсури ҷангҳои иттилоотӣ медонад. Ба андешаи ӯ, «яроқи иттилоотӣ доимо дар ҳолатҳои ногувор истифода бурда мешавад, ҳолати ҷангӣ бошад доимо ҳолати ногувор аст. Аз ин рӯ, паҳншавии ҳама гуна иттилоот нишонаи ҷанги иттилоотӣ мебошад. Дар ҷангҳои имрӯза иттилоот низ яроқ аст» [1]. Агар ба ҳақиқати ҳол назар афканем, «неруи нарм» ҳамвазни ҷанги иттилоотӣ нест ва буда ҳам наметавонад, зеро пешбурди ҷанги иттилоотӣ самаранокии «неруи нарм»-ро коҳиш медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҳлили сарчашмаҳои илмӣ ва амалияи сиёсию ҷамъиятӣ нишон медиҳад, ки неруи нарм дар баробари василаҳои дигар дар сиёсати хориҷии давлат ба таври васеъ метавонад истифода бурда шавад. Аммо на ҳамаи давлатҳо имони истифодаи ин навъи неруро доранд. Бинобар ин, дар баробари ташаккули неруи нарм, инчунин ба масъалаи роҳу усулҳои истифодабарии он низ диққат додан зарур мебошад. Дар шароити рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию иртиботӣ як қатор давлатҳо муваффақияти сиёсати хориҷии худро тавассути неруи нарм ба даст меоваранд.

**Адабиёт**

1. Брук Д. Информационная война и борьба с «иностранными агентами» // VOA. URL: http://blogs.voanews.com/russian/russia-watch/category/brook/ (дата обращения 22.02.2019)

2. Бурлаков В.А. Проблема использования стратегической коммуникации во внешней политике // Журналистский ежегодник. – 2016. – № 5. – С.12.

3. Бурлаков В.А. Стратегическая коммуникация как метод современной геополитики // Ойкумена. Регионоведческие исследования. – 2016. – №2. – С.7.

4. Госдеп назвал соцсети одним из основных инструментов внешней политики США [Электронный ресурс]. http://vz.ru/news/2012/2/15/561728.html (Дата обращения: 18.09.2022 г.)

5. Зегонов О.В. Роль «глобальных» СМИ в мировой политике: автореф. дис. … канд. полит. наук: 23.00.04. –М., 2009. –30 с.

6. Количество пользователей интернета к концу 2022 года составит 5,3 миллиарда [Электронный ресурс]. –URL: https://rossaprimavera.ru/news/9c9c18fe (дата обращения: 25.12.2022 г.)

7. Лебедева М.М. «Мягкая сила»: понятие и подходы // Вестник МГИМО-Университета. – 2017. – № 3 (54). – С.214.

8. Лебедева М.М. Публичная дипломатия в урегулировании конфликтов // Международные процессы. – 2015. – Т.13. – № 4. – С.47.

9. Михайленко А.Н. Развитие российской «мягкой силы»: лидерский подход // Этносоциум. – 2015. – № 11 (89). – С.39.

10. Пашенцев Е.Н. Стратегическая коммуникация Китая в Латинской Америке и ее интерпретация в США // Государственное управление. Электронный вестник. – 2013. – №36. – С.80.

11. Сафарализода, Х.К. Мягкая сила как инструмент реализации интересов и способ нейтрализации угроз [Текст] / Х.К. Сафарализода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. –№ 7. –С. 288-300.

12. Brown J. Public diplomacy and propaganda: Their differences. URL: http://www.unc.edu/depts/diplomat/item/2008/0709/comm/brown_pudiplprop.html (accessed 12.11.2022)

13. Cull N.J. Public diplomacy: taxonomies and histories // The Annals of the American Academy of Politicaland Social Science. – 2008. – № 616 (1). – P.32-35.

14. Keohane R.O., Nye J.S. Power and Interdependence in the Information Age // Foreign Affairs. – 1998. –Vol. 77. – №5.

15. Malek A. News Media and Foreign Relations: A Multifaceted Perspective. Greenwood Publishing Group, 1997. P. 150.

16. Thussu D.K. International Communication: Continuity and Change, London: Arnold, 2000. P. 158.

17. Public Diplomacy and Social Media in Latin America. March 29, 2011. – URL: http://www.state.gov/r/remarks/2011/159355.htm (accessed 18.09.2022)
18. Josh Halliday. BBC World Service fears losing information war as Russia Today ramps up pressure // The Guardian. 21.12.2014. URL: https://www.theguardian.com/media/2014/dec/21/bbc-world-service-information-war-russia-today (available at 30.03.2019)

# СПОСОБЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ “МЯГКОЙ СИЛЫ” ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ГОСУДАРСТВА

**ГАФУРЗОДА БАХОДУР САДИРДИН,**
соискатель кафедры политология и связи с общественностью
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734025, Таджикистан, г.Душанбе, улица С.Носир, 33.
E-mail: bahodur5959@gmail.com

*Мягкая сила имеет свои направления и формы использования. Но больше всего его используют во внешней политике государства. «Мягкая сила» это совокупность ресурсов, с помощью которых осуществляется защита национальных интересов во внешней политике государства. В процессе использования мягкой силы очень важна роль информационных и коммуникативных инструментов. Именно через них осуществляется информационный эффект на конкретную аудиторию. В современных условиях социальные сети и информационные технологии широко используются для представления внутренней и внешней политики государств.*

***Ключевые слова:*** *мягкая сила, внешняя политика, национальные интересы, культурная дипломатия, общественное мнение, информационная политика.*

# TYPES OF USING “SOFT POWER” IN THE FOREIGN POLICY OF THE STATE

**GAFURZODA BAHODUR SADIRDIN,**
applicant for the Department of Political Science and Public Relations of the
Academy of public adminstration under the President of the Republic of Tajikistan.
734025, Tajikistan, Dushanbe, S. Nosir street, 33. E-mail: bahodur5959@gmail.com

*Soft power has its own directions and forms of use. But most of all it is used in the foreign policy of the state. "Soft power" is a set of resources with the help of which the protection of national interests in the foreign policy of the state is carried out. In the process of using soft power, the role of information and communication tools is very important. It is through them that the information effect on a specific audience is carried out. In modern conditions, social networks and information technologies are widely used to represent the domestic and foreign policies of states.*

***Key words:*** *soft power, foreign policy, national interests, cultural diplomacy, public opinion, information policy.*

# ТАРТИБИ ҚАБУЛ КАРДАНИ МАВОДҲО БАРОИ ЧОП ДАР МАҶАЛЛАИ ИЛМИЮ СИЁСИИ “ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ”-И АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба шуъбаи таҳрир ва табъу нашри Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар маҷаллаи илмӣ мақолаҳое нашр карда мешаванд, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмии мутобиқ ба ихтисосҳои илмӣ ва соҳаҳои илмии зерини мутобиқатдошта: **5.2. (08.00.00) - Иқтисод**; 5.2.3. - Иқтисоди минтақавӣ ва соҳавӣ; 5.2.4. - Молия; 5.2.5. - Иқтисоди ҷаҳонӣ; **5.1. (12.00.00) Ҳуқуқ**; 5.1.1.- Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ; 5.1.2. - Илмҳои ҳуқуқи умумӣ (ҳуқуқӣ-давлатӣ); 5.1.3. - Илмҳои хусусии ҳуқуқӣ (шаҳрвандӣ); **5.5. (23.00.00) - Сиёсатшиносӣ** 5.5.3.-Идоракунии давлатӣ ва сиёсати соҳавӣ; 5.5.4.- Муносибатҳои байналмилалӣ.

Муаллифони мақолаҳо бояд натиҷаҳои боэътимоди корҳои илмии анҷомдодашударо пешниҳод кунанд ва онҳо бояд аслӣ бошанд, инчунин қаблан дар дигар маҷаллаҳо нашр нашуда бошанд. Маълумоти дар тадқиқот инъикосёфта бояд дар шакли хаттӣ дақиқ баён гардида бошанд. Мақола бояд миқдори кофии маълумот оид ба масъалаи мавзӯи интихобшударо дар бар гирад. Муаллифи мақола пеш аз ба нашриёт фиристодани он бояд риояи имлои умумӣ, мутобиқати дурусти истилоҳот ва грамматикаи матнро бодиққат тафтиш кунад. Муаллифон бояд ба нусхабардории корҳои худ ва сохтакорӣ кардани матни мақолаи пешини хеш роҳ надиҳанд, онҳо метавонанд танҳо ҳамчун асос барои хулосаҳои нав истифода шаванд.

Ба ҳамаи мақолаҳои барои нашр пешниҳодгардида дар асоси қоида ва тартибе, ки мудирияти маҷалла муқаррар кардааст, аз ҷониби мутахассисони салоҳиятдори соҳа тақриз дода мешавад. Қарор дар бораи имконияти нашри дастнависи мақола ба тариқи истисно пас аз гирифтани натиҷаҳои тақриз қабул карда мешавад.

## 1. ТАЛАБОТ БА МАЗМУН ВА ҲАҶМИ МАҚОЛА:

1.1. Ҳаҷми мақола бояд аз 15 то 25 ҳазор аломат (бо фосила, бо назардошти иқтибосҳо) ё 10-15 саҳифа бошад. Нашр кардани ҳаҷми хурдтар ё калонтари мавод бояд бо мудирияти маҷалла мувофиқа карда шаванд;

1.2. Мақола бояд дар мавзӯи муҳим навишта шуда, ба мавзуъ/масъалаи тадқиқшаванда дорои навоварии муайян бошад;

1.3. Мақола бояд натиҷаҳои тадқиқоти илмии дар асоси таҳлили сохторҳои назариявӣ, санадҳои меъёрии маводи амалияи татбиқи ҳуқуқро инъикос намояд;

1.4. Мақола бояд индекси таснифоти даҳгонаи универсалӣ (УДК), ки нашрия аз рӯйи мавзӯи худ ба он тааллуқ дорад, дошта бошад. Барои ин муаллиф бояд ба шуъбаи иттилоотӣ-библиографии китобхонаи ҷойи кор (таҳсил) муроҷиат кунад ё бо истифода аз захираҳои интернетии дахлдор мустақилона онро муайян намояд;

1.5. Мақола бояд ба яке аз самтҳои (фаслҳо) маҷалла мувофиқ бошад;

1.6. Ҳамаи файлҳое, ки ба мудирияти маҷалла барои чоп фиристода мешаванд, бояд ҳамчун як файли бойгонӣ бо номи муаллифи мақола пешниҳод карда шаванд;

1.7. Дастнависҳои мақолаҳо ва дигар мавод ба муаллифон баргардонида намешаванд. Маводҳое, ки ба қоидаҳо мувофиқат надоранд, барои коркарди нави техникӣ ба муаллифон фиристода мешаванд. Мақолаҳое, ки ба муаллифон барои коркарди нави техникӣ фиристода шудаанд, бояд дар муҳлати тавсияшуда ба мудирияти маҷалла баргардонида шаванд. Дар сурати аз тарафи муаллиф такроран риоя накардани коидаҳои муқарраргардида аз ҷониби мудирияти маҷалла, онҳо ҳуқуқ доранд, ки масъалаи чопи онро ба назар нагиранд;

1.8. Мақолаҳои пешниҳодшуда дар барномаи «Антиплагиат» тафтиш карда мешаванд. Агар аслияти матни мақола на камтар аз 75% бошад, мақола аз рӯйи меъёри аслият натиҷаи мусбии санҷиш мегирад, ки дар натиҷа мудирияти маҷалла дар бораи ба чоп қабул кардани он қарор қабул мекунанд. Дар сурати аслияти камтар аз 75% матн, яъне ошкор намудани плагиат дар матни мақола, бе ҳуқуқи коркарди минбаъда ё таҷдиди назар кардан, рад карда мешавад;

1.9. Барои эътимоднокӣ ва саҳеҳии ҳама гуна маълумоти дар нашрия чопшуда муаллифи он (муаллифон) ҷавобгар мебошад;

1.10. Ҳангоми истифодаи маводи чоп дар маҷаллаи илмии «Идоракунии давлатӣ» истинод ба он ҳатмист;

1.11. Нуқтаи назари муҳаррирон на ҳамеша бо нуқтаи назари муаллифони мақолаҳо мувофиқ меояд. Муаллифон барои мундариҷаи мақолаҳо ва эътимоднокии далелҳо масъуланд.

## 2. ТАЛАБОТ БАРОИ ТАҲИЯИ МАТНИ МАҚОЛА:

2.1. Матни мақола дар файле, ки дар ҳама гуна шакли Word бо тамдиди .doc, .docx ё .rtf ҳифз шудааст, ба мудирияти маҷалла фиристода мешавад;

2.2. Сохтори мақола: унвони мақола, насаб, ном ва номи падари муаллиф/муаллифон (пурра нишон дода мешавад), маълумот дар бораи муаллиф, вазифаи ишғолкарда (категорияи омӯзандагон) (пурра нишон дода мешавад, аз ҷумла номи пурраи воҳиди сохторӣ), номи ташкилоте, ки муаллиф дар он кор (таҳсил) мекунад (номи пурраи расмиро нишон медиҳад), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ; суроғаи ҷойи кор (таҳсил) - индекси почта, номи давлат (номи пурраи расмӣ нишон дода мешавад), макони зист, кӯча, хона; рақами телефон; суроғаи почтаи электронии(e-mail)-и муаллиф. Агар мақола аз ҷониби якчанд муаллиф таҳия шуда бошад, ном ва маълумот барои ҳар як муаллиф алоҳида нишон дода мешавад;

2.3. Аннотатсияи мақола (на камтар аз 150 ва на бештар аз 250 калима), калимаҳои калидӣ (дар ҳаҷми на камтар аз 6 ва на бештар аз 10 калима), (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), матни асосии мақола (мазмуни асосӣ), рӯйхати адабиёт. Рӯйхати адабиёт бояд на камтар аз 10 сарчашмаи илмиро дар бар гирад, аз он ҷумла манбаъҳое, ки муаллиф дар қисми асосии мақола истинод кардааст. Рӯйхати адабиёт дар охири мақола бо тартиби алифбо оварда мешавад;

2.4. Матн бояд бо як шрифт - Times New Roman, андозаи шрифт - 14 пт, фосилаи сатр - якуним, сархат - 1,25 см бошад;

2.5. Калимаҳои «Аннотатсия», «Калидвожаҳо», «Адабиёт» бо ҳарфи нимсиёҳи ғафс дар сатри алоҳида, андозаи ҳуруф – 12 ст.

2.6. Ҷойгиркунии иқтибосҳо: истинодҳо дар қавсҳои мураббаъ ([19, с. 42]);

2.7. Рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 ва на зиёда аз 25 номгӯи адабиёти илмӣ) бошад. Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёт бояд ГОСТ 7.0.5-2008 библиографӣ ва ГОСТ 7.1-2003 библиографиро ба инобат гирифт. Муаллиф барои дурустии маълумоти дар рӯйхати библиографӣ овардашуда масъул аст.

## 3. БОЙГОНИИ МАҶАЛЛА

3.1. Бойгонии электронии ҳама маҷаллаҳоии нашршудаи «Идоракунии давлатӣ» дар шабакаи Интернет на камтар аз 5 (панҷ) соли тақвимӣ аз рӯзи нашрашон нигоҳ дошта мешаванд;

3.2. Сомонаи расмии маҷалла барои истинод (дар он рақами нашр ва мақола нишон дода шудааст): https://journal.apa.tj

## ПОРЯДОК ПРИНЯТИЯ МАТЕРИАЛОВ ДЛЯ ИЗДАНИЯ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ» АКАДЕМИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья представляется в редакционно-издательский отдел Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан в печатном и электроном вариантах. В научном журнале печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований, соответствующие по следующим научным специальностям и соответствующим им отраслям науки: **5.2. (08.00.00) Экономика** - 5.2.3. Региональная и отраслевая экономика; 5.2.4. Финансы; 5.2.5. Мировая экономика **5.1. (12.00.00) Право** - 5.1.1.Теоретико-исторические правовые науки; 5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки; 5.1.3. Частно-правовые (цивилистические) науки - **5.5. (23.00.00) Политология** 5.5.3. Государственное управление и отраслевые политики; 5.5.4. Международные отношения.

Авторы публикаций должны предоставлять достоверные результаты проделанной научной работы, и они должны быть оригинальными, также не опубликованными ранее в других печатных изданиях. Данные, положенные в основу исследований, должны быть четко изложены в письменном виде. Статья должна содержать достаточное количество информации по выбранной тематической проблеме. Перед отправкой публикации в редакцию журнала, ее автор должен тщательно проверить общую орфографию, а также правильность написания соответствующих терминов и грамматику. Авторы должны не допускать дословное копирование собственных работ и их перефразирование, они могут быть использованы только как основа для новых выводов.

Все представленные для публикации научные статьи подлежат рецензированию со стороны компетентных специалистов в порядке и на основе правил, установленных редакцией. Решение о возможности публикации рукописи принимается исключительно после получения результатов рецензирования.

### 1. ТРЕБОВАНИЯ К СОДЕРЖАНИЮ И ОБЪЕМУ СТАТЬИ:

1.1. Объем статьи должен составлять от 15 до 25 тыс. знаков (с пробелами, с учетом сносок) или 10-15 страниц. Опубликование меньшего или большего объема материалов должно согласовываться с редакцией журнала;

1.2. Статья должна быть написана на актуальную тему, отвечать критерию новизны, содержать определенное новаторство в подходе к изучаемой теме/проблеме;

1.3. В статье должны быть отражены результаты научного исследования, основанного на анализе теоретических конструкций, нормативных актов, материалов правоприменительной практики;

1.4. В статье должны быть индекс универсальной десятичной классификации (УДК), к которому публикация относится по своей тематике. Для этого автор должен обратиться в информационно-библиографический отдел библиотеки по месту работы (учебы) либо самостоятельно определить его с использованием соответствующих Интернет-ресурсов;

1.5. Статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

1.6. Все файлы, направляемые в редакцию журнала для опубликования, должны быть представлены одним заархивированным файлом формата с названием фамилии автора публикации;

1.7. Рукописи публикаций и иные материалы, не возвращаются авторам. Материалы, не соответствующие правилам, направляются авторам на техническую доработку. Публикации, направленные авторам на техническую доработку, подлежат возврату в редакцию журнала в рекомендованный срок. В случае повторного несоблюдения автором публикации правил редакции журнала оставляет за собой право не рассматривать его публикацию;

1.8. Представленные статьи проходят проверку в программе «Антиплагиат». При выявлении оригинальности текста статьи не менее чем на 75 %, статья получает положительный результат проверки по критерию оригинальности, по итогам чего редакция принимает решение

о допуске её к публикации. В случае оригинальности менее чем 75 % текста, т.е. выявления в тексте плагиата, статья отклоняется без права ее дальнейшей переработки или доработки;

1.9. За достоверность и точность любых данных, указанных в публикации, ответственность несет ее автор (авторы);

1.10. При использовании печатного материала в научном журнале «Государственное управление» ссылка на него обязательна;

1.11. Точка зрения редакции не всегда совпадает с точкой зрения авторов публикаций. Авторы несут ответственность за содержание публикаций и достоверность фактов приведенных в статье.

## 2. ТРЕБОВАНИЯ К ОФОРМЛЕНИЮ ТЕКСТА СТАТЬИ:

2.1. Текст статьи направляется в редакцию в виде файла, сохраненного в любой версии Word с расширением .doc, .docx или .rtf. ;

2.2. Структура статьи: название статьи, ФИО автора / авторов (указывается полностью), информацию об авторе, занимаемая должность (категория обучающегося) (указываются полностью, включая полное наименование структурного подразделения), название организации, в которой работает (обучается) автор (указывается полное официальное наименование), ученая степень и ученое звание; адрес места работы (учебы) – почтовый индекс, государство (указывается полное официальное наименование), населенный пункт, улица, дом; адрес электронной почты (e-mail) автора. Если публикация выполнена несколькими авторами, имя и информация об авторе указываются по каждому из авторов в отдельности;

2.3. Аннотация публикации (объеме не менее 150 и не более 250 слов), ключевые слова (в количестве не менее 6 и не более 10 слов), (на таджикском, русском и английском языках), основной текст публикации (основное содержание), библиография публикации. Библиография должна содержать не менее 10 источников научного характера, в том числе на которые автор ссылался в основной части публикации. Литература в библиографии указывается в алфавитном порядке;

2.4. Текст должен быть набран одним и тем же шрифтом – Times New Roman, размер шрифта – 14 пт, межстрочный интервал – полуторный, абзацный отступ – 1,5 см.;

2.5. Слова «Аннотация», «Ключевые слова», «Библиография» печатаются полужирным шрифтом отдельной строчкой размером шрифта – 12 пт.

2.6. Положение сносок: ссылки в квадратных ([19, с. 42]) скобках;

2.7. Список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). При оформлении библиографии следует руководствоваться библиографическим ГОСТом 7.0.5-2008 и библиографическим ГОСТом 7.1-2003. Ответственность за правильность данных, приведенных в пристатейном библиографическом списке, несет автор.

## 3. АРХИВЫ ПУБЛИКАЦИЙ

3.1 Электронные архивы всех изданных журнал «Государственное управление» хранятся в сети интернет не менее чем в течение 5 (пяти) календарных лет с даты их выхода;

3.2. Официальный сайт журнала по ссылке (где размещены номера и публикации): https://journal.apa.tj

## PROCEDURE FOR ACCEPTANCE OF MATERIALS FOR PUBLISHING IN THE SCIENTIFIC JOURNAL "PUBLIC ADMINISTRATION" OF THE ACADEMY OF PUBLIC ADMINISTRATION UNDER THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article should be accepted to the editorial and publishing department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan in printed and electronic versions. The scientific journal publishes articles containing the results of scientific research corresponding to the following scientific specialties and their respective branches of science: **5.2. (08.00.00) Economy** - 5.2.3. Regional and sectoral economy; 5.2.4. Finance; 5.2.5. International economy; **5.1. (12.00.00) Law** - 5.1.1. Theoretical and historical legal sciences; 5.1.2. Public law (state law) sciences; 5.1.3. Private legal (civilistic) sciences; **5.5. (23.00.00)** - **Political science** 5.5.3. Public administration and sectoral policies; 5.5.4. International Relationships.

The authors of publications must provide reliable results of the scientific completed work, and they must be original, also not previously published in other publications. The data underlying the research, and should be clearly stated in writing. Also the article should contain a sufficient amount of information on the selected thematic issue. Before submitting a publication to the editors of the journal, its author should carefully check the general spelling, as well as the correct spelling of the relevant terms and grammar. Authors should not allow verbatim copying of their own works and their actuality, they can only be used as a basis for new conclusions.

All scientific articles submitted for publication are subject to review by competent specialists in the manner and on the basis of the rules established by the editors. The decision on the possibility of publishing the manuscript is made only after receiving the results of the review.

### 1. REQUIREMENTS FOR THE CONTENT AND VOLUME OF THE ARTICLE:

1.1. The volume of the article should be from 15 to 25 thousand characters (with spaces, including footnotes) or 10-15 pages. The publication of a smaller or larger volume of materials should be agreed with the editors of the journal;

1.2. The article should be written on a current topic, meet the criterion of novelty, contain a certain innovation in the approach to the topic/problem under study;

1.3. The article should reflect the results of a scientific study based on the analysis of theoretical structures, regulations, materials of law enforcement practice;

1.4. The article should have a universal decimal classification index (UDC), to which the publication belongs in its subject matter. Doing it the author must contact the information and bibliographic department of the library at the place of work (study) or independently determine it using the appropriate Internet resources;

1.5. The article must correspond to one of the directions (sections) of the journal.

1.6. Sending all files to the editors of the journal for publication must be submitted as one archived file with the name of the author of the publication;

1.7. Manuscripts of publications and other materials are not returned to the authors. Materials that do not comply with the rules are sent to the authors for technical revision. Publications sent to the authors for technical revision are subject to return to the editors of the journal within the recommended period. In case of repeated non-observance by the author of the publication of the rules of the editorial board of the journal, it reserves the right not to consider its publication;

1.8. Submitted articles are checked in the program "Antiplagiarism". If the originality of the text of the article is not less than 75%, the article receives a positive result of the check according to the criterion of originality, as a result of which the editors decide on its admission to publication. In case of originality less than 75% of the text of the detection of plagiarism, the article is rejected without the right to further processing or revision;

1.9. For all of the reliability and accuracy of any data specified in the publication, the author should be carry responsibility;

1.10. Using printed material in the scientific journal "Public Administration", reference to it is required;

1.11. The point of view of the editors does not always coincide with the point of view of the authors of publications. The authors are responsible for the content of publications and the reliability of the facts given in the article.

## 2. REQUIREMENTS FOR FORMING THE TEXT OF THE ARTICLE:

2.1. The text of the article is sent to the editorial office as a file saved in any version of Word with the extension .doc, .docx or .rtf. ;

2.2. The structure of the article: title of the article, full name of the author / authors (indicated in full), information about the author, position held (category of student) (indicated in full, including the full name of the structural unit), name of the organization in which the author works (studies) (indicates the full official name), academic degree and academic title; address of the place of work (study) - postal code, state (full official name is indicated), settlement, street, house; e-mail address (E-mail) of the author. If the publication is made by several authors, the name and information about the author are indicated for each of the authors separately;

2.3. Abstract of the publication (not less than 150 and not more than 250 words), keywords (in the amount of not less than 6 and not more than 10 words), (in Tajik, Russian and English languages), the main text of the publication (main content), bibliography of the publication. The bibliography should contain at least 10 scientific sources, including those cited by the author in the main part of the publication. References in the bibliography are listed in alphabetical order;

2.4. The text should be typed in the same font - Times New Roman, font size - 14 pt, line spacing - one and a half, paragraph indentation - 1.5 cm;

2.5. The words “Abstract”, “Keywords”, “Bibliography” are printed in bold type on a separate line, font size - 12 pt.

2.6. Position of footnotes: references in square brackets, as well as ([19, p. 42]);

2.7. List of used literature (not less than 10 and not more than 25 titles of scientific literature). When preparing a bibliography they should be guided by the bibliographic GOST 7.0.5-2008 and the bibliographic GOST 7.1-2003. The author is responsible for the correctness of the data given in the bibliographic list.

## 3. ARCHIVES OF PUBLICATIONS

3.1 Electronic archives of all published journal “Public Administration” are saved on the Internet for at least 5 (five) calendar years from the date of their release;

3.2. The official website of the journal is at the link (where the issues and publications are posted): https://journal.apa.tj

**ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ**
**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ**
**PUBLIC ADMINISTRATION**
**2023 / №2 (61) 393 с.**

**Муҳаррири масъул:** Х. Мавлонов
**Муҳаррири русӣ:** М. Назирова
**Муҳаррири англисӣ:** М. Назирова
**Муҳаррири техникӣ:** А. Холмуродов

**Ответственный редактор:** Х. Мавлонов
**Редактор русского текста:** М. Назирова
**Редактор английского текста:** М. Назирова
**Технический редактор:** А. Холмуродов

**Executiye editor:** Kh. Mavlonov
**Russian text editor:** M. Nazirova
**English text editor:** M. Nazirova
**Technical editor:** A. Kholmurodov

**МУАССИС ВА НОШИР**
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Нишонии идора:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com. Сомонаи маҷалла: https://journal.apa.tj

**УЧРЕДИТЕЛЬ И ИЗДАТЕЛЬ**
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
**Адрес редакции:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com. Сайт издания: https://journal.apa.tj

**FOUNDER AND PUBLISHER**
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
**The editorial office address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Said Nosir str.
Tel.: +992 (37) 224-17-86. Fax: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com. Edition website: https://journal.apa.tj

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 42,37, усл. п.л. 8.
Отпечатано в типографии АГУППРТ
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саид Носира, 33.